ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 1(091) **Ба ҳуқуқи дастнавис**

НАСРИДДИНОВ ҲУКМИДДИН НАҶМИДДИНОВИЧ

# КОНСЕПСИЯИ ФАЗИЛАТИ ИНСОН ДАР ОСОРИ АХЛОҚИИ МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ

**Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

Роҳбари илмӣ: Зиёев Идибек Ғозиевич доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Душанбе - 2025

# МУНДАРИҶА

**Муқаддима** ........................................................................................3-13

**БОБИ I. ТАЪЛИМОТИ УМУМИАХЛОҚИИ МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ ВА ҶОЙГОҲИ ИЛМИ АХЛОҚ ДАР ТАСНИФОТИ ИЛМҲОИ Ӯ**................14-83

1.1 Тавсифи мухтасари асарҳои ахлоқӣ ва асосҳои таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ......................................................................................14-33

1.2 Таснифоти илмҳои Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар он..........................................................................................................34-49

1.3 Табақабандии фазилатҳо дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ.......................................................................................... 50-83

**БОБИ II. ФАЗИЛАТИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚӢ-ИРФОНИИ МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ**........................................................................ **84-158**

2.1 Фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон.......................................................................................... 84-98

2.2 Фазилатҳои ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидаткунанда............. 99-114

2.3 Фазилатҳои марказии ахлоқӣ-ирфонӣ дар консепсияи Муҳаммад Ғазолӣ..........................................................................................115-151

**Хулоса...**...........................................................................................152-157

**Рӯйхати адабиёт** .......................................................................158-177

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити густаришёбӣ ва пешрафти илму техника вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии инсон тағйир пазируфта, ахлоқи одамон зери таъсири омилҳои гуногун ба буҳрон рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин рӯ, барои бартараф сохтани ин буҳрони маънавӣ омӯзиши амиқи арзишҳои ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккирони гузашта ва истифодаи амалии онҳо тақозо карда мешавад. Ин амал дар замони муосир танҳо дар он сурате самаранок буда метавонад, ки агар консепсияҳои гуногуни ахлоқӣ мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифта, сифатҳои ахлоқи ҳамида ҷиҳати ислоҳи нуқсонҳои тарбиявӣ ва самаранокии онҳо барои инсони муосир аз нигоҳи илмӣ асоснок ва арзишҳои ахлоқии мусбат дар амалия татбиқ ёбанд. Яке аз чунин сарчашмаҳои асримиёнагӣ барои мардуми кишвари мо андешаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ, умуман ва махсусан, таълимоти ахлоқии яке аз намояндагони он - Муҳаммад Ғазолӣ мебошад, ки дар тули асрҳо аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии худро гум накардааст.

Аз ҷониби дигар, агарчи ин мутафаккир дар рукуди ҷаҳонбинии фалсафӣ, махсусан фалсафаи машшоияи шарқӣ саҳмгузор будааст, аммо нақш ва мақоми илмии осори ахлоқии ӯ дар рушди минбаъдаи илми ахлоқ зиёд мебошанд. Маҳз ҳаминро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асари Ғазолӣ «Кимиёи саодат»-ро дар қатори «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Қобуснома»-и Кайковус ва асарҳои дигари мутафаккирони тоҷик гузошта, таъкид доштаанд, ки дар онҳо «марҳалаҳои мухталифи таҷрибаи ахлоқии миллати тоҷик ҷамъбаст гардида, нақши падару модар дар тарбия, таълим ва ташаккули фарзанд, киояндаи ҷомеаро муайян менамояд, бо далелҳои муътамад ба исбот расидаанд» [248]. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, агарчи шахсият, ҷаҳонбинӣ ва осори Муҳаммади Ғазолӣ дар Шарқу Ғарб мактаби ғазолишиносиро ташаккул дода, паҳлӯҳои гуногуни ҷаҳонбинии ӯ мавриди омӯзиши муҳаққиқони зиёд қарор гирифтаанд, аммо маҳз ҷузъиёти

таълимоти ахлоқӣ-ирфонии ӯ, ки арзиши баландтар доранд, ба ҳадди камтар таҳқиқ ёфта, боз ҳам дақиқтар ва амиқтар омӯхтани ин ҷанбаҳои таълимоти мутафаккир ва аз нигоҳи аксиологӣ арзёбӣ намуда, ба даврони муосир мутобиқ карда истифода бурдани онҳо мубрам гаштааст.

Масъалаи муҳим ва мубрам будани омӯзиши арзишҳои ахлоқиро бо он низ муайян кардан мумкин аст, ки баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани кишвари мо, дар ҳақиқат ҳам, таваҷҷуҳи хосса ба осори ниёгон ба яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳими илми ватанӣ табдил ёфт, зеро аз як ҷониб, он на танҳо дорои аҳамияти бузурги илмӣ-амалӣ аст, балки аз ҷониби дигар, таҳқиқи ин осор имкони воқеӣ фароҳам меорад, ки ҷанбаҳои мусбати онҳо дар ташаккули худшиносии миллӣ, ватану ватандорӣ, ҳифз ва ба мерос мондани сарвати маънавии гузаштагонамон барои наслҳои минбаъда нақши муҳим бозанд. Дар ин самт низ аксарияти осори ахлоқии Ғазолӣ барои тарбияи шаҳрванди муосири дорои ахлоқи ҳамида метавонанд судманд бошанд.

Аз ҷониби дигар, ҳар як асари Ғазолӣ дар марҳалаҳои гуногуни ҳаёти ӯ навишта шуда, ташаккулёбии ҷустуҷӯи «ҳақиқат»-ро дар таълимоти мутафаккир аз дидгоҳҳои мухталиф ташкил менамоянд, ки камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, ташаккул ва таҳаввули афкори ин мутафаккир аз фалсафаи калом то ирфон, махсусан дар самти бунёди консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ, арёзбии аксиологии ин ақидаҳои ӯ то ҳол ҳам дар илми ватанӣ мубрам боқӣ мемонад. Барои таҳқиқ намудани масъалаҳои ахлоқӣ дар таълимоти Ғазолӣ зарур аст, ки ҷанбаҳои гуногуни он дар асоси усулҳои арзишшиносӣ таҳқиқ карда шуда, аҳамияти онҳо барои даврони муосир муайян гардад. Дар баробари ин, таҳқиқи муқоисавии масъалаҳои ахлоқӣ, ки дар ин таҳқиқот сурат гирифтааст, яке аз чунин воситаҳои муҳим мебошад, ки метавонад дар баҳогузорӣ ва муайян намудани арзиши воқеии осори Ғазолӣ бо мақсади инкишоф додани маънавиёти инсони муосир мусоидат намояд.

Имрӯз дар ҷаҳон таҳаввулоту тағйиротҳо ҷараён доранд, ки бо номи

ҷаҳонишавӣ аксари мутлақи халқҳою кишварҳоро фаро гирифта, қисмате аз ҷавононро бо чолишҳои равонӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии фаровону афзоишёбанда рӯ ба рӯ қарор додааст. Дар чунин вазъ ҳифзи нишонаҳои миллӣ, ҳувияти таърихӣ ва ахлоқи солиму созандаи миллӣ аз вазифаҳои муқаддастарини ҳар як шахси солимфикру ватандӯст дар самти бақову пойдории ватан ва забону фарҳанги оламшумули тоҷикон бо истифода аз арзишҳои ахлоқию маънавии ниёгон, аз ҷумла паҳлӯҳои мусбати консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Ғазолӣ, махсусан таълимоти умумиахлоқии ӯ оид ба фазилатҳо, ки ба шароити имрӯза созгоранд, ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Андешаҳои ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ солҳои тулонӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дошта, таҳқиқоти зиёде оид ба ин ё он ҷанбаи таълимоти Ғазолӣ аз нигоҳи илми муосир (педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, ахлоқӣ, марксистӣ ва ғ.) бурда шудаанд. Аз ҷумла, дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таҳқиқоти Наумкин В. В. [163; 164; 165], Керимов Г.М. [136; 137; 138], Григорян С.Н. [112; 113; 114; 115], Игнатенко А.А. [132; 214], Кирабаев Н.С. [142; 217], Насиров И.Р. [162; 223], Ал-Ҷанабӣ [93; 206] ва дигарон анҷом ёфтаанд.

Дар таҳқиқоти Ал-Ҷанабӣ масоили гуногун, аз қабили навоварӣ, мустақилияти ақлӣ ва ислоҳотчигии Ғазолӣ, марҳалаҳои синтези таълимоташ бо ақидаҳоои тасаввуф, асосҳои нави системаи ғоявӣ, таҷрибаи шахсии гузариш ба тасаввуф, асолати ғояҳо ва хусусиятҳои системаи нави ғоявии мутафаккир ва илоҳиёти фалсафии ӯ таҳқиқ шудаанд. Муҳаққиқи мазкур тавсифи системаи ахлоқӣ, мақоми ахлоқ тавассути синтези суфиёна, ақлоният ва ахлоқи суфиёна, асосҳои гуногунии саъю талошҳои ахлоқиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, осори Ғаззолиро ҳамчун қисми таркибии олами маънавии олами ислом нишон медиҳад [93].

Як қатор муҳаққиқони дигар ба таснифи осори илмии Ғазолӣ  машғул шуда, онҳоро ба тасаввуфӣ,  фалсафӣ, илоҳиётӣ, мантиқӣ ва ғ. ҷудо намудаанд [195, с. 240-269.]

Дар адабиёти ватанӣ академик Диноршоев М. [120; 211, с. 55-56; 212, с.56-68.] баъзе масъалаҳои таснифоти илмҳо, консепсияҳои гносеологӣ ва ҳастишиносии ӯро бори аввал мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додааст. Саҳми ӯ дар омӯзиши масъалаи муносибати Ғазолӣ ба фалсафа чашмрас буда, дар таҳқиқоти худ «Аз таърихи фалсафаи тоҷик», «Фалсафаи Насриддин Тусӣ», «Маърифатшиносии Ғазолӣ ва моҳияти ҷаҳонбинии ӯ» таҳлили муқоисавии назарияи таснифоти «Ихвону-с-сафо», Ғазолӣ ва Тусиро пешниҳод намуда, моҳияти интиқоди Ғазолиро аз илмҳои фалсафӣ равшан ва самти ҷаҳонбинии ӯро ҳамчун намояндаи калом ва мухолифи фалсафаи машшоияи шарқӣ ва исмоилия муайян кардааст.

Муҳаққиқи дигари ватанӣ профессор Шамолов А.А. [198; 199; 200; 201; 202; 219; 227, с.80-91] андешаҳои ахлоқии мутафаккирро бо Насриддини Тусӣ муқоиса намуда, андешаҳои динӣ-фалсафӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ, ахлоқӣ, мансубият, робита ва гироиши ӯро бо тасаввуф дар заминаи таҳқиқи осор ва таҳқиқоти ниҳоят зиёди аз ҷониби муҳаққиқони гуногуни олам анҷомёфта мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муҳаққиқи фалсафаи Ғазолӣ профессор Диноршоева З.М. [121; 122; 230] ба таҳқиқи андешаҳои дар муқобили машшоиён гуфтаи ӯ дар асоси «Таҳофуту-л-фалосифа», ки яке аз асарҳои асосии муаллиф ба ҳисоб меравад, машғул гардида, онро тарҷума ва ба нашр расонидааст. Муҳаққиқони зиёди ватанӣ, аз қабили Зиёев И.Ғ. [125; 126; 129], Хоҷаев Қ.Т. [189], Алиев М.Т. [90], Гулов И.Ф. [231], Алиризо Мирараб Розӣ [91] ва дигарон ба саҳми мутафаккир дар рушди илми педагогика ва андешҳои тарбиявии мутафаккир оид ба масъалаҳои дониш ва маърифат дар таълимоти ӯ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни афкору андешаҳои педагогӣ, тарбиявӣ, дидактикӣ, ахлоқӣ ва фалсафии мутафаккирро баррасӣ ва таҳлил намудаанд. Инчунин таҳқиқоти зикршуда ба омӯзиши муқоисавии асарҳои педагогии Ғазолӣ ва Насриддини Тусӣ, тарбияи ахлоқӣ, накши одат дар таълиму тарбия ва ғайра бахшида шудаанд.

Муҳаққиқони тоҷик [14; 19; 64] дар таҳқиқ ва ба нашр омода сохтани

чоряки аввали китоби «Эҳё улуми-д-дин» ва китоби «Кимиёи саодат», ки бо ҳуруфи кириллӣ ба табъ расидааст, саҳм гузоштаанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёт, осор ва инкишофи афкор ва ақоиди Ғазолӣ мавриди назари муҳаққиқони ғарбӣ ва шарқӣ низ қарор дорад. Афкору ҷаҳонбинии ӯ аз ҷониби муҳаққиқони муосири араб, аз қабили З. Муборак [153], А. ал-Осам[82], А. Бадавӣ [101; 102; 103], Ҷ. Салибӣ [175], А.К. ал-Усмон [83], Х.Д. ал-Олусӣ, Й. Аш-Шаърунӣ [205], Ф. Афифӣ [98] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки дар онҳо ба масъалаҳои робитаи Ғазолӣ бо фалсафа, синтези андешаҳои онтологӣ, гносеологӣ, мантиқӣ, суфиёна, педагогӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва метафизикии ӯ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Илова бар ин, бояд таъкид кард, ки ба истиснои таҳқиқоти Шамолов А.А. аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ҳанӯз таҳқиқи амиқи илмии таълимоти ахлоқии Ғазолӣ ва махсусан, консепсияи фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонии ӯ анҷом наёфтааст. Аз ҷониби дигар, дар таҳқиқотҳои анҷомёфта низ ҷанбаҳои ташаккулёбӣ, рушд ва таҳаввули низоми ахлоқии Ғазолӣ, мақулаҳои ахлоқӣ, робитаи байни онҳо ва қоидаи «васати тиллоӣ» дар таълимоти мутафаккир ошкор нагардидаанд.

Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳқиқи маводи тавзеҳшуда собит менамояд, ки бо вуҷуди баррасӣ шудани як қатор ҷанбаҳои таълимоти Муҳаммади Ғазолӣ то ҳол таҳқиқоти ҷудогона дар мавзуи консепсияи фазилатҳои умумиахлоқӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ-ирфонии мутафаккир рӯйи кор наомадааст, ки он дар диссертатсияи пешниҳодшуда ба анҷом расонида мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ барои солҳои 2021-2025, ки ба омӯзиши арзишҳои фалсафӣ-фарҳангии халқи тоҷик ва нақши онҳо дар таҳкими худшиносии миллӣ бахшида шудааст, таҳия ва иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот таҳлили консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ва таҳаввули андешаҳои ахлоқии ӯ аз фалсафаи калом ба сӯи ирфон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин муҳим шуморида шуд:

- ошкор сохтани моҳияти осори ахлоқӣ ва асосҳои таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ дар муқоиса бо унсурҳои илми ахлоқ, ки дар фалсафаи то замони мутафаккир вуҷуд доштаанд;
- муайян намудани моҳияти таснифоти илмҳои Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар он ва саҳми мутафаккир дар коркард ва рушди минбаъдаи илми ахлоқ;
- равшан намудани асосҳои методологию назариявии табақабандии фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ дар муқоиса бо раддабандиҳои дигаре, ки дар таърихи фалсафаи асрҳои миёнаи Шарқ сурат гирифтаанд;
- муайян кардани моҳияти консепсияи фазилати инсон дар таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Муҳаммад Ғазолӣ, аз ҷумла фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон;
- ошкор кардани саҳми шахсии Ғазолӣ дар коркард ва синтези фазилатҳои ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидаткунанда;
- муайян кардани фазилатҳои марказии ахлоқӣ-ирфонӣ дар консепсияи Муҳаммад Ғазолӣ, ки дар осори ӯ оид ба ахлоқ тасниф карда шудаанд ва муқоисаи ин фазилатҳо.

**Объекти таҳқиқот** ташаккулёбӣ, инкишоф ва таҳаввули фаҳмиши фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти ахлоқии мутафаккирони асримиёнагӣ ва Ғазолӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқотро** фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ ҳамчун қисми таркибии консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 2019 то инҷониб сурат гирифта, объекти он давраҳои бостонӣ ва асримиёнагии таърихи фалсафаи тоҷикро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро, қабл аз ҳама, асарҳои ба таълимоти ахлоқӣ бахшидаи мутафаккирони Юнони Қадим, фалсафаи калом, машшоияи шарқӣ, тасаввуф ва таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанию хориҷии муосир оид ба ин мавзуъҳо ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро пажуҳиш бо истифода аз методҳои назариявӣ ва амалии бадастории донишҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои гуногуни мантиқӣ ва илмӣ, ба монанди усули таърихӣ-фалсафӣ, усули аксиологӣ ва интиқодӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, таҳлил ва таркиби мавод, баъзе унусурҳои герменевтика ва ғайра ташкил додааст.

**Сарчашмаҳои маълумот**. Сарчашмаҳои асосии маълумоти илмӣ дар таҳқиқот асарҳои бевосита ба илми ахлоқ ва дину ирфон бахшидаи Муҳаммад Ғаззолӣ, аз ҷумла, «Меъёру-л-илм», «Мизону-л-амал», «Эҳёу улуми-д-дин», «Кимиёи саодат» ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ доир ба таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ мебошанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Далелҳои илман ва аз нигоҳи мантиқ асоснокшуда, натиҷаҳои таҳқиқи илмии масъалаҳои ахлоқӣ ва фазилатҳои ахлоқӣ дар таърихи фалсафаи ватанию хориҷӣ ба ҳайси заминаҳои эмпирикии таҳқиқот хизмат кардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, инчунин шуъбаҳои дахлдори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ,

қабл аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар таърихи фалсафаи ватанӣ консепсияи фазилати инсон дар шакли маҷмуӣ - оид ба фазилатҳои умумиахлоқӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ-ирфонӣ дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ мавриди таҳқиқи алоҳида қарор гирифтааст. Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар он ифода меёбад, ки дар он бори аввал:

- дар асоси таҳлили маводи дастрас моҳияти консепсияи фазилати ахлоқӣ, ки он дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ мақоми асосӣ дорад, равшан карда шуда, қаробат ва тафовути мавқеи ӯ дар муқоиса бо файласуфон, суфиён ва руҳониён дар ин мавзуъ муайян гардидааст;

- ошкор карда шудааст, ки мутафаккирони Юнони Қадим, намояндагони фалсафа ва ирфон нисбати фазилатҳои ахлоқӣ мавқеъҳои гуногунро ишғол намуда, умумият, ихтилоф ва қаробату дурии андешаҳо байни онҳо чашмрас мебошанд;

- собит гардидааст, ки фазилатҳои ахлоқӣ, аз нигоҳи Ғазолӣ, маърифати ахлоқии олам ва инсон буда, аз ҷониби ӯ ба таври омехта - дар пояи дин, фалсафа ва ирфон тавзеҳ ёфтаанд ва ин гуна фаҳмиши моҳияти фазилатҳо ба таълимоти ахлоқии мутафаккирони баъдӣ таъсири бузург расонидааст;

- робитаҳои ботинӣ ва зоҳирии фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ мушаххас ва равшан гардида, онҳо аз ҷиҳати ҳадаф ирфонӣ ва аз ҷиҳати моҳият умумиахлоқӣ арзёбӣ шудаанд;

- дар заминаи омӯзиши осори ахлоқии Ғазолӣ фазилатҳо ба умумиахлоқӣ ва ахлоқӣ-ирфонӣ тақсимбандӣ шуда, таъсири мутафаккир дар рушди минбаъдаи консепсияи аз нав коркардшуда ва таҳаввулёфта оид ба фазилати инсон муайян гардидааст;

- дар асоси таҳлили аксиологӣ ва интиқодӣ арзишмандӣ ва ё баръакс, созгор набудани баъзе паҳлӯҳои таълимоти умумиахлоқӣ ва ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ, хусусан консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ, ба талаботи даврони муосир муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Таҳқиқи масъалаи фазилатҳои ахлоқӣ моро ба натиҷае расонид, ки

намояндагони машшоияи шарқӣ аз аввалин мутафаккироне мебошанд, ки илми ахлоқро дар минтақаи мусулмоннишин дар заминаи илми ахлоқи қадимаи ориёӣ ва юнонӣ тарҳрезӣ карда, онро ба муҳити худ созгор намуданд ва ҳамчун як қисми таркибии фалсафаи амалӣ мавриди баррасӣ қарор доданд. Абуалӣ Мискавайҳ аввалин донишмандест, ки дар Шарқ китоби алоҳидаеро дар илми ахлоқ бо номи «Таҳзибу-л-ахлоқ ва татҳиру-л-аъроқ» («Тарбияи ахлоқӣ ва пок кардани решаҳо») таълиф намуда, дар он фазилатҳои ахлоқиро тасниф намудааст ва минбаъд тамоми мутафаккирони шарқӣ, аз ҷумла Ғазолӣ, аз ин таҷриба истифода кардаанд.

2. Баррасии фазилатҳои ахлоқӣ нишон медиҳад, ки онҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи мутафаккирони гузашта қарор доштаанд. Муқоисаи онҳо дар осори мутафаккирони алоҳида, аз ҷумла, дар таълимоти Ғазолӣ ошкор сохт, ки онҳо таҳти таъсири таълимоти гуногун ба вуҷуд омада, мутафаккирон ба консепсияҳои гузаштагони худ такя кардаанд ва ҳадаф аз фазилатҳоро аз нигоҳи динӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ муайян кардаанд.

3. Дар таҳқиқот ошкор карда шуд, ки умумияти фазилатҳо дар он шакле, ки онро машшоиёни шарқӣ пешниҳод намудаанд, аз ҷониби Ғазолӣ қабул шуда, аз ҷиҳати маъно ва мазмун ин фазилатҳо дар таълимоти ӯ хусусияти умумиахлоқӣ гирифтаанд ва аз рӯи ҳадафи ниҳоӣ дар самти ирфонӣ шарҳу баён ёфтаанд.

4. Муносибати Ғазолӣ ба фазилатҳои ахлоқӣ дар тули марҳалаҳои зиндагиаш якхела набудааст ва ақидаҳои ӯ дар осори ахлоқиаш тадриҷан ба сӯи ирфон рушд карда, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Илова бар ин, Ғазолӣ тавассути методи хоси худ ба фаҳмиши моҳияти тамоми фазилатҳои ахлоқӣ тағйирот ва иловаҳо ворид намудааст.

5. Таҳқиқ нишон дод, ки таснифоти илмҳо дар таълимоти Ғазолӣ аз таснифоти тамоми мутафаккирони гузашта, машшоиёни шарқӣ ва суфиён ва ҳамзамононаш фарқ мекунад ва дар он илми ахлоқ ҷойгоҳи махсус дорад. Консепсияи фазилати инсон, ки аз нигоҳи Ғазолӣ дар ду маънӣ - камол ёфтани ақлу зеҳни инсон ва хуб гаштани хулқи инсон фаҳмида мешавад,

барои ин мутафаккир қисми ҷудонопазир ва асосии илми ахлоқ ба ҳисоб меравад.

6. Дар раванди таҳқиқ муайян карда шуд, ки таснифоти фазилатҳои ахлоқӣ ва робитаи байниҳамдигарии онҳо, ки Ғазолӣ ба анҷом расонидааст, аз таснифоти қаблӣ фарқ дошта, фазилатҳо дар тобеъ будан ба расму оинҳо, ҳисси масъулият барои наҷоти инфиродӣ, риояи комил ва бечуну чарои аҳкоми ахлоқӣ маънидод мешаванд ва дар ҳама муомилот байни қишрҳои ҷомеа ба дарёфти хайру саодат равона гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба даст омада ба ақидаҳои фалсафию ахлоқии мутафаккирони тоҷик, махсусан Муҳаммад Ғазолӣ равшанӣ андохта, дар оянда барои таҳқиқи консепсияи фазилати инсон дар таълимоти файласуфони дигар метавонанд аз ҷониби муҳаққиқон мавриди истифода қарор гиранд. Маводи диссертатсия метавонад барои таҳқиқи ҷамъбастӣ оид ба таърихи фалсафа ва таҳияи маводи таълимӣ барои фанҳои фалсафа, таърихи фалсафа ва ахлоқ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ истифода карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дақиқ будани маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот заминаи таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсионии «Консепсияи фазилати инсонӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ» бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олиии атестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии унвонҷӯ аз мустақилона гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, пайдо кардани иттилоот, инчунин муайян намудани объект ва мавзуи таҳқиқот,

матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз дар натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ исбот ва асоснок карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ (суратҷаласаи №4 аз 13 ноябри соли 2024) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст. Мундариҷаи асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ, инчунин дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявию донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба 30 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» дар мавзуи «Мафҳуми «хулқи неку» аз назари Муҳаммад Ғазолӣ» (24.04.2024), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ДИТ ба номи Имоми Аъзам дар мавзуи «Масъалаи таҳаммулпазирӣ дар осори Муҳаммад Ғазолӣ» (05.09.2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар 9 мақолаи муаллиф, ки аз онҳо 6 тояш дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйидшуда нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт дар ҳаҷми 177 саҳифаи компютерӣ иборат аст.

# БОБИ I. ТАЪЛИМОТИ УМУМИАХЛОҚИИ МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ ВА ҶОЙГОҲИ ИЛМИ АХЛОҚ ДАР ТАСНИФОТИ ИЛМҲОИ Ӯ

## 1.1. Тавсифи мухтасари асарҳои ахлоқӣ ва асосҳои таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ

Абуҳомид Аҳмад ибни Муҳаммади Ғазолии Тӯсӣ (1058-1111) аз зумраи мутафаккирони тоҷику форс аст, ки ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар таърихи фалсафаи ин халқҳо ба таври зиддиятнок арзёбӣ карда мешавад. Агар аз як ҷониб, осори Ғазолӣ сабабгори рукуди ҷаҳонбинии фалсафӣ дар минтақа, хусусан мактаби машшоияи шарқӣ гашта бошад, аз дигар ҷониб, асарҳои динӣ ва ахлоқии ин мутафаккир дар олами ислом то ҳанӯз ҳам маъруфият дошта, ақидаҳои зиёди динии ӯро дар кишварҳои гуногун истифода мебаранд. Барои кишвари муосири мо бошад, метавон баъзе ҷанбаҳои ахлоқии таълимоти Ғазолиро коршоям донист, ки баъд аз таҳлили аксиологӣ ва интиқодии комили баъзе ақидаҳои ӯ ва мутобиқаташон ба даврони муосир метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Суханони болозикр гувоҳи онанд, ки маҳз осори ахлоқии Ғазолӣ ва таълимоти ахлоқии ӯ метавонад дар даврони муосир аҳаммияти бештари назариявию амалӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, тавсифи мухтасари асарҳои ахлоқӣ ва асосҳои таълимоти умумиахлоқии мутафаккир метавонад, ки ҳамчун заминаи нахустин барои равшан сохтани моҳияти консепсияи фазилати инсон дар осори ӯ, ки ҷавҳари таълимоти Ғазолӣ аст, хизмат кунад.

Ғазолӣ яке аз мутафаккирони сермаҳсули асримиёнагӣ ба ҳисоб меравад. Тавре, ки муҳаққиқи россиягӣ А.А. Хисматулин менависад, «Тибқи баъзе арзёбиҳо ва мувофиқи таъкиди шахсии худи ӯ, Ғазолӣ қариб 70 асари ҳаҷмҳои гуногун ва дар мавзуъҳои мухталиф, аз асарҳои хурд дар мавзуи фармоиш додашуда дар жанри рисола сар карда, то асарҳои бунёдии калонҳаҷм таълиф намудааст. Тахминан ҳамин миқдор асарҳо ва баъзан ҳатто зиёдтар ба ӯ нисбат дода шудаанд» [188, с.5-6.].

Осори Ғазолӣ дар маҷмуъ, «ал-Ваҷиз фи-л-фуруъ», «ал-Иқтисод фи-л-

эътиқод», «Илҳому-л-аъвом ан илми-л-калом»,»Кимиёи саодат», »Мақосиду-л-фалосифа», «ал-Мунқиз мина-з-залол», «ал-Мустасфо», «ал-Мустазҳирӣ», «Насиҳату-л-мулук», «Таҳофуту-л-фалосифа», «Эҳёу улуми-д-дин», «Меъёру-л-илм», «Мизону-л-амал» ё «Меъёру-л-амал»ва ғайраро дар бар мегирад. Аз байни онҳо бештар чор китоби охирӣ ва «Кимиёи саодат» ба мавзуъҳои ахлоқӣ бахшида шудаанд.

Асари машҳури худ «Эҳёу улуми-д-дин»-ро Ғазолӣ шояд тули чандин солҳо таълиф карда бошад. Чунин ба назар мерасад, ки мутафаккир онро баъди навиштани «ал-Рисола ал-қудсия» замони ба Байтулмуқаддас омаданаш навиштааст, зеро ин рисола ба китоби дуюми қисми аввали «Эҳёу улуми-д-дин», ки дар он Ғазолӣ қоидаҳои рамзҳои диниро мавриди баҳс қарор додааст, дохил карда шудааст: «Биёед қонеъ шавем, ки мо китобро барои сокинони Байтулмуқаддас навишта, онро «Рисолаи байтулмуқадас роҷеъ ба рамзҳо» номидаем» [51, с.180] .

Ба андешаи муҳаққиқи мисрӣ А. Бадавӣ, дар «Ал-Мунқиз мин аз-зилол» Ғазолӣ гуфтааст, ки ӯ соли 488/1096 аз Бағдод ба Димашқ рафтааст ва баъди ду соли иқомат дар он ҷо ба Байтулмуқаддас сафар кардааст [12]. Аз ин рӯ, «Эҳёу улуми-д-дин» наметавонист, ки то соли 491/1049 ва ё зимни сафари Ғазолӣ ба Макка ва Мадина ва баръакс ба Хуросон рафтанаш таълиф шуда бошад [102, с. 98-125].

Теъдоди зиёди дастнависҳои «Эҳёу улуми-д-дин» ва инчунин зиёд будани китобҳои дар ҳимояи он навишташуда, тафсирҳо ба ин асар аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин китоб ба афкори исломӣ таъсири зиёд расонидааст [102, с. 100-122].

Муайян намудани таърихи дақиқи таълифи  асари дигари Ғазолӣ «Меъёру-л-илм» низ ниҳоят душвор аст ва ҳама чизе, ки дар асоси далелҳои ботинӣ ва зоҳирӣ гуфтан метавон он аст, ки ин китоб дар замони гузаришие таълиф ёфтааст, ки Ғазолӣ баъди омӯзиши фалсафа ба таҳқиқи масъалаҳои ирфон, тасаввуф оғоз намудааст. Ба ҳар сурате набошад, шубҳае нест, ки «Меъёру-л-илм» аз рӯи тартиби хронологӣ баъд аз «Мизону-л-амал» таълиф

гардидааст [102, с. 79-81].

Китоби «Меъёру-л-илм» (номи пурааш Меъёр-ал-илм фи фанн ал-мантиқ) аз сӣ қисми дорои ҳаҷмҳои гуногун иборат буда, он бо «Эҳёу улуми-д-дин», аз як тараф ва бо китоби «Ад-дарва ила макорим аш-шарва»-и Роҳиби Исфаҳонӣ шабоҳати зиёде дорад, ки мансубияташро ба Ғазолӣ зери шубҳа қарор медиҳад [57, с.3]. Сарфи назар аз он, ки тақсимкунии возеҳи ин асар ба фаслҳо, ки бобҳоро дар бар гирифта бошанд, вуҷуд надорад, вале баъзе аз ин фаслҳоро метавон калидӣ номид ва онҳо барои тақсимкунии китоб ба қисмҳои бузургтар хизмат мекунанд. Аз миёни онҳо чунин нуктаҳоро таъкид кардан мумкин аст:

1. Баёни он ки сустӣ дар талаби саодат ҳамоқат аст.
2. Баёни он ки сустӣ дар талаби имон ба рӯзи растохез низ ҳамоқат аст.
3. Баёни он ки тариқи саодат илму амал аст.
4. Баёни тазкияи нафс ва қуввои он ва ахлоқи он бар сабили мисол ва иҷмол.
5. Баёни иртиботи қуввои нафс бо ҳамдигар.
6. Баёни нисбати илм ва амал ва натиҷабахшии он барои саодат, ки муҳаққиқони суфия ҳамагӣ дар он иттифоқи ақида доранд ва соҳибназароне аз дигар гурӯҳҳо бо онон ҳамроҳӣ кардаанд.
7. Баёни фарқ миёни тариқи суфия дар ҷониби илм ва тариқи дигарон.
8. Баёни бартарии яке аз ду тариқ.
9. Баёни ҷинси он улум ва амал, ки инсонро ба ҷаннати моварой мерасонанд.

«Мизону-л-амал» низ аз осори ахлоқии Ғазолӣ буда, муаллиф дар он дар бораи камию зиёдии кӯшишҳо барои саодат, барои ёфтани эътиқоду таҳкими он, тарс аз марг ва ғайра баҳс мекунад. Китоби «Мизону-л-амал» дар кишварҳои зиёд маъруфият дошта, соли 1839 дар шаҳри Лейпсиги Олмон ва баъдан дар Миср ба нашр расидааст. Соли 2007 он ба забони русӣ тарҷума ва нашр шудааст.

«Мизону-л-амал» ҳамчун асари алоҳида аз мероси Ғазолӣ буда, ба

масъалаҳои амалии илми ахлоқ бахшида шудааст. Аммо аз замони таълифи ин китоб то муҳаққиқони имрӯз ихтилофи ин китобро бо асари дигари мутафаккир «Таҳофут-ул-фалосифа зикр кардаанд. Инро М.М. Ал-Ҷанабӣ чунин баён доштааст, ки «зиддиятнокии ӯро (Ғазолиро - Ҳ.Н.) таъкид кардаанд. Чунин таъкидҳо ва амиқшавии минбаъдаи онҳо ба намояндагони афкори фалсафӣ хоссанд, аз зумраи онҳо Ибн Туфайлро (1110-1185) зикр кардан зарур аст, ки ҳукм дар бораи зиддиятнокии Ғазолиро бо чунин суханон гуфтааст: китобҳои муаллими мо Абуҳомиди Ғазолӣ бошад, вобаста ба мурочиат ба халқи одӣ дар як ҷое бунёд месозанд, дар дигар ҷо харобкорӣ мекунанд, ин ё он касро ба бединӣ гунаҳгор мекунад, вале чунин гуноҳро ба худ раво намебинад. Тавре, ки Ибн Туфайл таъкид мекунад, барои тасдиқи ин таҳлили муқоисавии «Таҳофутул фалосифа» ва «Мизону-л-амал» хизмат мекунад» [206, с.197-198] .

Китоби «Кимиёи саодат» бошад, бо забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шуда, дар он ақидаҳои дар «Эҳёу улуми-д-дин» омадаи Ғазолӣ ба таври мухтасар дода шудаанд. Ин асари мутафаккир тахминан солҳои 1102-1106 таълиф шудааст. Дар он муаллиф ба масъалаҳои худшиносӣ, тасфия (покшавӣ), роҳҳои расидан ба саодат, тарбияи кӯдак ва масъалаҳои дигари ахлоқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки баҳодиҳии ҷаҳонбинии умумии Ғазолӣ, аз ҷумла таълимоти ахлоқии ӯ дар асоси асарҳои дар боло зикршуда ва осори дигари мутафаккир, баъзе мушкилотро ба пеш меорад, зеро тафаккури фалсафии ӯ марҳала ба марҳала таҳаввул карда, аз каломи фалсафӣ ва танқиди исмоилия ва машшоияи шарқӣ ба сӯи ирфон, тасаввуф рушд кардааст [230, с.10]. Аз ин рӯ, таълимоти ахлоқии ӯро дар ин таҳқиқот мо ба ду қисм табақабандӣ кардаем: 1) таълимоти умумиахлоқӣ, ки ба калом ва дин (теология) такя мекунад; 2) таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ, ки аз синтези дин, фалсафа ва хусусан, тасаввуф иборат аст. Ҳамзамон, тибқи ин табақабандӣ консепсияи мутафаккир низ оид ба фазилати инсон дар осори ахлоқияш, ки маҷмуи ақидаҳои Ғазолӣ, тарзи фаҳмиш, идеяи роҳнамоикунанда, низоми ақидаҳо,

усули констурктивии баррасии фазилатҳоро аз ҷониби мутафаккир дар бар мегирад, ба ду табақа ҷудо гардидааст: консепсияи умумиахлоқии Ғазолӣ оид ба фазилати инсонӣ ва консепсияи ахлоқӣ-ирфонии мутафаккир оид ба ин мавзуъ.

Ба ҳамин тариқ, Ғазолӣ асосгузори каломи фалсафӣ ва яке аз илоҳиётшиносони маъруфи даврони худ буд, аммо дар ниҳояти кор ба тасаввуф ва ирфон гаравид. Тасаввуфи ӯ, ки охирин марҳилаи ақоиди мутафаккир аст, сарчашма аз он мегирад, ки падар, бародар ва мураббии нахустини ӯ Аҳмад Радконӣ суфӣ буданд. Бузургтарин роҳнамоёни ин мутафаккир низ - Абуалии Формадӣ ва Абубакри Нассоҷ аз аҳли тасаввуф буданд. Дар қатори тасаввуф ва калому иллоҳиётшиносӣ ба афкори Ғазолӣ, аз ҷумла ба ақидаҳои ахлоқияш фалсафаи Юнони Қадим ва пайравони шарқии он низ таъсир расонидаанд.

Ҳангоме ки дар бораи таълимоти умумиахлоқии Ғазолӣ сухан меравад, бояд ба эътибор гирифт, ки заминаи асосии онро маҳз консепсияи ӯ оид ба фазилати инсон ташкил медиҳад. Ғазолӣ дар асарҳои худ оид ба ахлоқ - «Мизону-л-амал», «Меъёру-л-илм» ва «Эҳёу улуми-д-дин» ва ғ. ба баҳс дар бораи фазилатҳо оғоз карда, онҳоро «материя» (уммаҳот) ва ё фазоили марказӣ меномад. «Модарони характер» (уммаҳот ал-ахлоқ) ба худи ҳамон фазоили марказӣ мансубанд: [56, с.69-83; 18, с.107-123] чун дониста шавад, ки саодат бо тазкияи нафс ва такмили он ба даст меояд ва такмили он бо иктисоби ҳама фазоил аст, пас ногузир бояд фазилатҳоро ба иҷмол ва тафсил шинохт, таъкид намудааст ӯ.

Фазилатҳо, аз нигоҳи Ғазолӣ, ҳама дар ду маънӣ фаҳмида мешаванд, яке ҷудати зеҳн ва тамйиз (камолоти ақл, интеллект ва тафовут гузоштан миёни ашёву зуҳурот) ва дигар ҳусни хулқ (хислатҳои хуб). Ҷудати зеҳн барои он аст, ки роҳи хушбахтӣ ва бадбахтиро одамон аз ҳам фарқ карда, тибқи он амал намоянд ва ба Ҳақ чунон ки ҳаст, бо бурҳонҳои қотеъ эътиқод кунанд, на бо тақлидкорӣ ва пиндорҳои заъиф. «Аммо ҳусни хулқ ин ё зоил сохтани ҷамиъи аз одатҳои баде аст, ки шаръ тафсили онҳоро равшан карда ва

онҳоро чунон макруҳ қарор додааст, ки  онҳо бояд ҳамчун иҷтиноб (дурӣ) аз касофот парҳез кард. Низ бо хӯй гирифтан ба одатҳои некӯ ва иштиёқ ба онҳо ва бартари додани онҳо ва бархурдорӣ аз онҳост, ки ҳусни хулқ ба даст меояд» [57, с. 69].

Ғазолӣ дар ин мавзуъ андеша ронда, таъкид мекунад, ки «Ғояти разолат низ ин аст, ки разоил аз шахс, бидуни такаллуф ва тааммул, мутарашшеҳ (пошхуранда) шаванд, бидон ки ин фазоил маҳсур дар фанни назарӣ ва фанни амалӣ, ҳар як ба ду ваҷҳ ҳосил гардад: якум бо таҳсили башарӣ ва такаллуфи ихтиёрӣ, ки ниёзманди замон ва тамрин ва муморасат аст. Ва бо нопайдо тақвияти тадриҷии шахсӣ аст, ҳосил мешавад ва агар касонеро камтарин муморасат кофӣ бошад, ин бар ҳасби мизони ҳӯш ва беҳӯшӣ аст. Дуввум бо базл ва бахшиши илоҳӣ ба даст меояд бад он гуна, ки инсон зода шавад ва бемуаллим, олим гардад монанди Исо ибни Марям ва Яҳё ибни Закариё ва ҳоказо соири анбиё, ки дар иҳота ба ҳақоиқи умур, он чӣ ба даст оварданд, ҳосили туллоби илм ё тааъллум нашуд» [57, с.70.]. Албатта, дар ин ҷо Ғазолӣ, ба андешаи мо, ба эътирофи табиӣ, модарзод будани хулқи инсон майл дорад, ки аз нигоҳи илми мусоир чандон дуруст нест.

Фазилатҳои умумиахлоқӣ, аз дидгоҳи Ғазолӣ, чаҳор адад мебошанд: ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адолат [18, с.107]. Ӯ нафсро тавлидкунандаи онҳо дониста, вобаста аз қувваҳояшон фазилатҳоро аз ҳам фарқ мекунонад. Ин фазилатҳо ва асоси равонии онҳо ба мафҳумҳои шабеҳ, аналогҳои худ дар фалсафаи юнонӣ ва махсусан, дар осори Афлотун ва Арасту наздик мебошанд [71, с.55]. Аз ин рӯ, бояд муайян карда шавад, ки Ғазолӣ чӣ гуна ин фазилатҳоро зимни баррасии онҳо дар робита бо анъанаи фалсафӣ муқаррар, баҳогузорӣ, таҳлил ва ҳамчун заминаи таълимоти умумиахлоқии худ қарор медиҳад.

Барои қиёс баъзе андешаҳои Ибни Мискавайҳро ёдовар мешавем, ки дар «Китобу-л-таҳзиб» аз онҳо сухан рафтааст. Мискавайҳ дар «Таҳзибу-л-ахлоқ»-и худ танҳо аз Арасту ва равоқиён, инчунин аз Афлотун, Суқрот, Буқрот ва Ҷолинус ном мебарад, аммо аз пешиниёни ҳамкеши худ ҷуз аз

Абуусмони Димашқӣ - мутарҷими Абуисҳоқ ал-Киндӣ, аз каси дигаре ном набурдааст. Масалан, баҳс аз фазоили арбаъа (фазилатҳои чаҳоргона) ва разоили ҳаштгонаро, ки бо тафсили бештар ёд кардааст, ба Арасту нисбат медиҳад. Аммо дар «Ахлоқи Никомах» вазъ ба ин сурат нест, балки ин аввалин бор дар китоби чоруми «Ҷумҳур»-и Афлотун [41] ба чашм мехӯрад, аммо баҳси «Васат» ё «васати заррин» дар ахлоқи Никомах (китоби дуюм) матраҳ гардидааст.

Ин фазилатҳои чоргона ва фазилатҳои дигареро, ки дар зери онҳо қарор мегиранд, баъдтар нависандагон ва мутафаккирони румӣ, ба вижа, Ситсерон аз Афлотун гирифта, васеъ намудаанд ва дар адабиёти фалсафии лотинизабони асрҳои миёна низ онҳо ба таври умум пазируфта шуда буданд. Аммо аз назари Афлотун ва румиён, ин фазилатҳои чаҳоргона яъне ҳикмат, иффат, шуҷоат ва адолат дар инсони табиӣ вуҷуд доранд. Валекин бо пешрафт ва нуфузи масеҳият, се фазилати дигар - имон, умед ва ишқ низ бар онҳо афзуда шуда, шумораи фазилатҳо ба ҳафт расид.

Аз сабаби он ки мақоми фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ хеле баланд аст, ба масъалаи муҳим дар ин самт - асоси равонӣ, фазилат ва хуй (характер) ва пайдоиши фазилатҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунем. Асоси равонии фазилатҳоро тавзеҳ дода, Ғазолӣ чунин меҳисобад, ки нафс аз ҷисм бо он фарқ мекунад, ки аввалӣ махлуқ ва ҷовидонист, яъне бо марги ҷисм ба охир намерасад. Ӯ чунин шарҳ додааст, ки нисбат ба нафс чаҳор истилоҳ истифода мешавад: дил (қалб), нафс (ва ё «ман»), руҳ ва интеллект (ақл). Ҳар кадоми онҳо дорои ду маъно - яке моддӣ (материалӣ) ва дигаре маънавӣ (руҳонӣ) мебошанд. Маънои маънавии ин чор истилоҳ ба ҳамон як зоти руҳонӣ (ал-латифа ар-руҳония) мансуб аст, аммо онҳо ҳолатҳо (аҳвол)-и гуногуни онро ифода мекунанд. Дар ин маъно нафс нисбат ба ҷисм ва аъзоҳои он муҳимтар аст, зеро асли аввалӣ илоҳӣ буда, аммо ҷисм бошад, аз моддаи паст офарида шудааст. Дар ин ҷо мо теологӣ кунонидани мафҳумҳо ё фидеимзми Ғазолӣ, яъне бартарият додани эътиқоди диниро нисбат ба донишҳои илмӣ-ахлоқӣ мушоҳида мекунем.

Бо сабабҳои дар боло зикршуда, нафс моҳияти ҳамон чизест, ки зери мафҳуми «инсон» дар назар дошта шудааст ва онро танҳо тавассути ақл ва муроқибаи амалҳое метавон шинохт, ки аз ӯ маншаъ мегиранд [76, с.27-28]. Ҷиҳати ягонаи шинохти нафс, ки барои ахлоқ зарур мебошад, ин шинохти аҳвол ва амали он аст. Шинохти «моҳият»-и нафс ба илми олии назарӣ мансуб аст, ки Ғазолӣ онро илми мукошифа (илм ал-мукошафа) меномад ва баррасии муфассали он аз доираи илми ахлоқ берун аст. Дар ин росто бояд зикр кард, ки Ғазолӣ ва файласуфони дигари шарқӣ - Ибн Сино, ал-Киндӣ, Мискавайҳ ва дигарон дар таълимоти худ оид ба нафс аз Афлотун ва Арасту пайравӣ мекунанд, ба истисной он лаҳзаҳое, ки бо таълимоти исломӣ (масалан, азалияти нафс) мутобиқат надоранд. Истисно танҳо Абубакр ар-Розӣ шуда метавонад, ки ӯ аз нигоҳи илмӣ азалӣ будани нафсро дар китоби «Ал-қавл фи ан-нафс ва ал-олам» қоил шудааст.

Барои шарҳ додани амали нафс, Ғазолӣ тавсифи се қувва ва ё қобилиятҳоро (қувва) меоварад, ки ба он мансубанд ва онҳоро ҳамчунин «нафсҳо» (нуфус) низ меномад: ан-наботия, ал-ҳайвония ва ал-инсония. Ӯ ба дутои охирӣ ба сабаби муносибати қавиашон ба ахлоқ таваҷҷуҳи хосса медиҳад. Ӯ нафси ҳайвониро дар «Меъёру-л-илм» дорои ду қобилият - муҳаррика (ҳаракатдиҳанда) ва мудрика (дарккунанда) шарҳ медиҳад. Қобилияти муҳаррика ду хел мешавад: ё он ҳаракатдиҳанда мебошад, зеро набз (импулс) медиҳад, ё барои он ки он фаъол мебошад. Дар қобилияти ҳаракатдиҳандандаи фаъоли худ он қувваест, ки тавассути асабҳо ва мушакҳо интишор меёбад ва вазифаи он иборат аз он аст, ки мушакҳоро кӯтоҳ намуда, рагҳо ва пайвандҳоро ба нуқтаи аввалаи ҳаракат бикашонад ва ё суст гардонад ва ё онҳоро чунон бикашад, ки аз нуқтаи аввалия дур шаванд. Дар сатҳе, ки он импулсро таъмин менамояд, қобилияти муҳаррика баъди он қобилияти шавқия (ал-қувва ан-нуфусия аш-шавқия) мебошад. Ҳангоме, ки оид ба образи марғуб ва манфур дар бораи ваҳдат ва касрати нафси инсон сухан меравад, Ғазолӣ ва аксари файласуфони мусулмон андешаҳои Арастуро оид ба вазифаҳо ва қувваҳои нафс қабул намуда, онҳоро тавсеа бахшидаанд

[17, с.121].

Бояд ба назар гирифт, ки сурат ба тахайюлот таъсир мерасонад, он қувваи мутаҳаррикаро ба ҳаракат водор менамояд. Ин қобилияти водоркунанда, дар навбати худ, аз ду қисм иборат буда, барои фазилатҳо аҳамияти ҳалкунанда дорад: якеро қобилияти хоҳиш (ирода) ва ё шаҳвония меноманд, ки аъзои баданро ба ҳаракат водор карда, инсонро ба ашёе наздик мегардонад, ки ӯ онҳоро зарурӣ ва ё барои лаззат бурдан манфиатовар тасаввур менамояд, дигареро қувваи ғазабия меноманд, ки субъектро барои ҳаракати аъзоҳои бадан барои рад кардан (агар зараровар ва бад тасаввур шаванд) ва бартараф кардан, маҷбур мекунад. Қувваи идрокро, ки қувваи дуюми нафси ҳайвонӣ мебошад, метавон ба ду қисм ҷудо кард: ҳиссиёти зоҳирӣ ва ҳиссиёти ботинӣ. Ғазолӣ дар ин ҷо панҷ ҳисси зоҳириро шарҳ надода, ба панҷ ҳисси ботинӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ин қувваи хаёлия, ҳофиза, ваҳмия (баҳодиҳанда), зокира ва ахиран, мутахайила нисбат нафси ҳайвонӣ ва муфаккира нисбат ба нафси инсонӣ мебошанд [57, с.23-26; 64, с.40; 60, с.73]. Бояд тазаккур дод, ки ин аз қисса дар бораи қувваҳои нафси ҳайвонӣ буда, бозтакрори ҳикояи Ибн Сино бо каме тағйирот аст, ки дар тартиби ҷойгирии ин қувватҳо ва бидуни муҳокимаи ҳиссиёт шарҳ ёфтаанд.

Нафси ҳайвонӣ дар инсон ҳам вуҷуд дорад, аз ин рӯ, Ғазолӣ зимни тавсифи муфассали он муҳим будани шаҳвоният ва қаҳру ғазабро дар ҳама фазилатҳои инсонӣ ошкор месозад. Аммо фазилатҳои инсонӣ наметавонанд бидуни ворид сохтани нафси инсонӣ амалӣ шаванд, ки дар навбати худ, дорои ду қувва мебошад - «олима», донанда ё назариявӣ ва ё «омила», амалӣ ё амалкунанда. Ҳарчанд ки онҳо ба ду маъно бошанд ҳам, ҳар дуи онҳо «ақл» - интеллект, зеҳн мебошанд. Қувваи амалӣ принсипи ҳаракати ҷисми инсон мебошад, ки баъди андеша дар бораи он, ки оё онҳо бо қоидаҳое, ки қувваи назариявӣ муайян кардааст, мувофиқат доранд, ӯро ба амалҳои алоҳида равона месозад, ҳарчанд, ки ин ду маъно дорад. Қувваи амалӣ бояд тамоми қувваҳои тобеъро идора намояд, то ки дар вай тамоюлоти ғайрифаъол (пассив), ки аз ҷисм ва аз ашёи моддӣ бармеоянд, пайдо нашаванд. Ин

тамоюлоти ғайрифаъол сифатҳои аҳмақонаи характер, яъне нуқсонҳо номида мешаванд. Аммо, агар ин қувва дигар қувваҳои ҷисмониро идора кунад, он ҳоли мусбат касб мекунад, ки онро фазилат ё сифати хуби характер (хулқ ҳасан) меноманд [57, с.26-27]. Қувваи назариявӣ, баръакс, дорои вазифаи идроки табиати воқеии бо ақл даркшаванда мебошад, зеро онҳо аз материя, макон ва вазъ абстраксия (таҷрид) шудаанд. Пас, қувваи амалӣ барои инсон масъалаҳои ахлоқиро муайян мекунад. Сабабе, ки аз рӯи он ахлоқ ба ин қувва мансуб дониста мешавад, он аст, ки нафси инсон ҷавҳари ягонаест, ки ба ду самт - яке олӣ ва дигаре сифлӣ мансуб мебошад. Он дорои қувваҳои хосаест, ки муносибатҳоро дар байни худ ва ҳар ду самт барқарор менамояд: қувваи амалӣ, ки нафси инсонӣ нисбати самти сифлӣ, яъне ҷисм ва ҳамчунин назорат аз болои он ва идора кардани он дорад ва қувваи назариявӣ дар нисбати самти олӣ, ки аз он ғайрифаъолона (пассив) идрокшавандаро қабул ва аз худ мекунад. Нафси инсонӣ гӯё ки дорои ду чеҳра аст: яке ба сӯи ҷисм равон аст, ки онро бояд идора намоянд ва дигарӣ ба мабодии олӣ нигаронида шудааст, зеро илмро аз онҳо ба даст меоварад [57, с.27-28; 8, с.334-444]. Чунонки мебинем, дар ин масъала Ғазолӣ такя ба дин мекунад, на ба илм.

Қувваҳои нафси ҳайвонӣ ҳам дар «Эҳёу улуми-д-дин» ва ҳам дар «Меъёру-л-илм» ба таври мушоббеҳ баррасӣ шудаанд. Аммо дар «Эҳёу улуми-д-дин» Ғазолӣ онҳоро «аскарони дил» (ҷунуд ал-қалб) номидааст, зеро ӯ дар ин китоб умуман хоҳиши истифода кардани истилоҳоти фалсафиро надоштааст, дар ҳоле, ки дар «Меъёру-л-илм» ду қувваи нафси инсонӣ, дақиқтараш қобилиятҳои назариявӣ ва амалӣ, мувофиқан илм ва ирода номида шудаанд.  Сарфи назар аз ин, «мундариҷаи» китоби Эҳёу улуми-д-дин» дар ин нуқта бо мазмуни «Меъёру-л-илм» мувофиқат менамояд ва ҳар дуи онҳо бо тавсифи ин қувваҳо бо ақидаи Абуалӣ ибн Сино комилан мувофиқанд [8, с.158-65].

Ин дидгоҳ оид ба қувваҳои нафс мустақим ва ғайримустақим ба анъанаи фалсафӣ рафта мерасад. Дар ин масъала Ғазолӣ ба анъанаҳои динии исломӣ ва анъанаҳои дигари хоси ислом такя накарда, бо овардани иқтибос аз

Қуръон қаноат карда, чизи дигаре дар бораи нафс ва дар бораи он, ки бо чӣ инсон бояд нафси худро шинохта гирад, сухан накардааст [57, с. 27; 74, 41:53; 74, 59:19]. Ин оятҳо «Ва дар замин барои яқинкунандагон нишонаҳое ҳаст ва низ дар худи шумо, оё намебинед?»; «Нишонаҳои Худро дар атрофи олам ва дар нафсҳои онҳо (низ) ба онҳо хоҳем намоёнид, то бар онҳо равшан шавад, ки ин сухан рост аст»; «Ва монанди касе набошед, ки Худоро фаромӯш карданд, пас, Худо (аз хотири онҳо) худашонро фаромӯш гардонид» ва ғайра мебошанд.

Ғазолӣ дар ин масъала пофишорӣ мекунад, ки шинохти нафс асоси дин мебошад [19, с.30], аммо ин тасдиқ муҳтавои ин шинохтро намекушояд, зеро ин масъала дар анъанаи динии исломӣ, зоҳиран, кушода боқӣ мемонад. Бо ҳамин сабаб, Ғазолӣ ба таҳлили фалсафии нафс шуруъ мекунад, то ки муҳтавои ин шинохтро таъмин гардонад. Ӯ дар бораи анъанаҳои фалсафӣ ва динӣ оид ба ин масъала огоҳӣ дошта, даъво мекунад, ки тавсифи қувваҳои нафс моли файласуфон мебошад [63, с. 297-303]. Ҳеҷ чизеро аз он чӣ мо зикр намудем бо дарназардошти мулоҳизоти динӣ набояд инкор кард, зеро ҳамаи ин фактҳо, далелҳои мушоҳида мебошанд, ки сайри оддии онро Ҳақ пешбинӣ намудааст [63, с. 303].

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ, фаҳмиши моҳияти фалсафии нафсро қабул дорад ва чунин меҳисобад, ки он хилофи таълимоти динӣ нест [83, с. 7]. Ӯ онро ҳамчун нуктаи «табиии» аввалия баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки онро бояд берун аз доираи усулҳои сахтгиронаи фалсафӣ инкишоф дод.

Вобаста ба масъалаи болозикр бояд таъкид намуд, ки мафҳуми нафс дар Қуръон «қатъан ба маънои руҳи инсонӣ истифода шудааст, на ҳаргиз ба маънои руҳи илоҳӣ» [207, с. 150-158], тибқи фаҳмиши фалсафӣ бошад, «ду ҳолат вуҷуд дорад, ки нафси инсонӣ дар он қарор мегирад - потенсиалӣ (би-лқувва) ва актуалӣ (би-лфеъл). Дар ҳолати дуюмӣ, одатан онро руҳи оқила (нафси оқила) номбар мекунанд. Он ду неру (қувва) дорад. Якуми онҳо назарӣ (назариявӣ) буда, мутаносибан онро ақли назарӣ (ақли назариявӣ) меноманд, дуюмӣ амалӣ (амалкунанда) буда, он ақли амалӣ ном дорад (ақли

амалкунанда). Ба шарофати қувваи назарӣ фаъолияти маърифатии инсон сурат мегирад. Татбиқи натиҷаҳо дар амалия (сохтани ин ё он олоти меҳнат, ашёи санъат ва маишӣ) ба соҳаи неруи амалӣ мансуб аст, ки он низ қобилияти ақлонӣ мебошад» [207, с. 155]. Чунонки мебинем, фаҳмиши Ғазолӣ, файласуфон ва дини ислом бо ҳам чандон мухолифате надоранд.

Таносуби дигар - фазилат ва хӯй (характер) ё хулқи хуб (хулқ хасан) бошад, барои Ғазолӣ ҳолатеро ифода мекунад, ки қувваҳои ҷисмонӣ ба қувваҳои амалии нафси инсонӣ тобеъ бошанд. Ин ҳолати муътадил аст ва дур рафтан аз он нуқсонҳо ва хулқи бадро тавлид менамояд. Дар «Меъёру-л-илм» Ғазолӣ оид ба ин қувваҳо чунин хулоса мекунад, ки агар мо хоҳиши касб кардани хулқи хубро дошта бошем, бояд онҳоро инкишоф диҳем. Вақте ки қувваи тафаккур (қувват ат-тафаккур), тамрин дода мешавад, қувваи ҳикматро дарк мекунад, қувваи шаҳвонӣ эътидолро эҷод мекунад, қаҳру ғазаб шуҷоатро тавлид мекунанд. Замоне, ки дуи охир, ки қувваҳои нафси ҳайвонӣ мебошанд, таълим дода шуда, ба қувваи тафаккур тобеъ мешаванд, фазилати адл (адолат) ба даст меояд [57, с. 52-56; 17, с. 101-107].

Дар «Эҳёу улуми-д-дин» Ғазолӣ бо мисолу истиораҳо робитаҳо байни ин се қувваро шарҳ дода, нишон медиҳад, ки онҳоро чӣ гуна бояд риёзат (тамрин) дод. Ӯ қувваи тафаккурро «ҳӯш» ва «ақл» (интеллект, зеҳн) ва ду қобилияти дигарро «завқ» (ҳаво) меномад. Завқ ва ҳӯш пайваста дар мухолифат бо якдигар қарор доранд. Барои ба даст овардани фазилат, онҳо бояд ба ҳӯш тобеъ шаванд. Аммо мушкилот дар он аст, ки инсон бояд амалҳои нисбатан дардоварро анҷом диҳад, зеро чунин амалҳоро одатан «ҳӯш» ба вуҷуд меоварад [57, с. 64]. Сарфи назар аз ин, Ғазолӣ бо чунин мавқеи фалсафӣ қаноатманд нашуда, боз ҳам ба теология мегузарад ва мусоидати илоҳиро ҳамчун воситаи боэътимоди фарқ кунонидани ангезаҳои «ҳӯш» ва «завқ» меҳисобад. Илова бар ин, ҳангоме ки инсон шубҳа мекунад, ки кадоме аз ин ду ангеза нияти ӯро ташаккул дода истодаанд, маслиҳат медиҳад, ки барои ҳидояти илоҳӣ бояд ба ибодати Ҳақ бипардозад [57, с. 66]. Ин яке аз аввалин тавзеҳотест, ки Ғазолӣ барои интегратсияи фазилатҳои

фалсафӣ ба системаи ахлоқи худ аз нигоҳи теология ворид кардааст.

Вақте ки савол дар бораи аз кадом ангеза пайравӣ кардан ҳалли хешро пайдо мекунад, муайян намудани навъи амалҳое боқӣ мемонад, ки ба хулқ алоқамананд. Ғазолӣ таърифи фалсафии хулқро мепазирад: хулқ ҳолати собиту устувори нафс аст, ки зимни он нафс амалҳои худро зуд ва сабук, бидуни андеша анҷом медиҳад. Агар чунон бошад, ки рафтори хайр аз ҷониби ҳӯш ва шариат маҳмуд (ситоишшуда) бошад, пас чунин ҳолатро хулқи хуб ва баръакси онро хулқи бад меноманд [17, с. 113; 57, с.71; 77, с.31]. Чунин таърифи характер, сиришт дар таълимоти Мискавайҳ ва Ибн Сино низ омадааст. Ин гуна фаҳмиш ба таърифҳои характер дар илми муосир каме шабоҳат дорад, зеро муҳаққиқони соҳа ин мафҳумро ҳамчун хосияти фардӣ-психологӣ (яъне руҳӣ, нафсонӣ) донистаанд, ки илова ба тарзи амали шахс, инчунин хусусиятҳо, эътиқодҳо, талаботу манфиатҳо, ирода ва унсурҳои дигарро фаро мегирад [221, с. 50-58].

Хулқи хуб, аз диди Ғазолӣ, маънои рушди се қобилият, дақиқтараш қувваи муҳокима, шаҳвоният ва қаҳру ғазабро дорад. Хулқ бо рафтор, қобилият ва дониш айният дода намешавад, ғолибан ин ҳолати нафс аст, ки амалҳо аз он бармеоянд [57, с.55-57]. Хулқ дар нафс ҷойгир аст, он муваққатӣ ва лаҳзагӣ набуда, балки доимист. Пас, масалан инсоне, ки зери таъсири талаботи лаҳзавӣ маблағи калони пулро тақсим мекунад, ӯ он қадар сахӣ нест [17, с.123]. Ин тавсифи хулқ айнан бо тавсифи фазилат мувофиқ аст ва Ғазолӣ ҳатто истилоҳи «фазилат» ва «хулқ»-ро ҳамчун муродиф истифода мебарад, масалан, «хулқи саховат» [57, с.71]. Инчунин, Ғазолӣ хулқҳоро барои ифода намудани як паҳлӯи характер, ки ягон фазилат (ва ё як разилат)-ро истифода мекунад, аммо ахлоқро барои ифода намудани чандин самтҳои характер, фазоил ё разоил мавриди истифода қарор медиҳад.

Тамрин додани қувваҳои нафс, ба ақидаи Ғазолӣ, решакан кардан ва ё комилан пахш кардани қувваи нафси ҳайвониро ба дунбол намеоварад, ин метавонад танҳо баъди фарорасии марг анҷом ёбад. Аммо ин маънои тобеъ будан ба қувваи тафаккури амалиро дорад, то ки нафс ба сӯи ҳадафи саҳеҳ -

саодат равона карда шавад [57, с.68]. Дар асоси ин идея Ғазолӣ тафовути пешакии байни ду мақулаи фазилатро овардааст: камолоти зеҳн (ҷиддат аз-зеҳн) ва (тамйиз), аз як ҷониб, ва хулқи хуб, аз ҷониби дигар. Дар ҷои дигари «Меъёру-л-илм» Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки фазилатҳо аз санъати назариявӣ ва амалӣ иборат мебошанд. Ҳамин тариқ, на фазилати оддӣ, балки фазилати ахлоқиро метавон бо хулқи хуб айният дод (аз ҷумла, муродифҳои он фазилат - бартарӣ, болотарӣ, афзалият, хубӣ, некӣ; бартарӣ дар фазл, илм ва камол; олимӣ, донишмандӣ, боилму бодонишӣ, инчунин мафҳумҳои аз он сохташуда: фазилатгустар, фазилатнок, фазилатоин, фазилатомез, бо фазилат, пурфазилат ва ғ.).

Аз вожаҳои фазилат ва хулқ истифода бурдани Ғазолӣ барои ифода кардани чандин паҳлӯҳои характер, хислат фаҳмиши предмети фазилатро возеҳ намегардонад ва ғолибан, ин тибқи нияти мақсаднок истифода бурдани вожаи хулқ дар адабиёт оид ба анъанаи ахлоқи исломӣ барои ифода кардани фазилат, муродифи фазилат ҳамчунон ки дар анъанаи фалсафаи юнонӣ вуҷуд дорад, истифода мешавад [57, с.74-76]. Ҳамин тариқ, Ғазолӣ ният дорад, ки ҳар нофаҳмоии фазилатро, ки дар натиҷаи тафовути истилоҳот дар байни ду фан (адабиёт ва фалсафа) пайдо мешаванд, ҳаллу фасл намояд [8, с.152-154].

Оид ба пайдоиши фазилатҳо андешаи Ғазолӣ чунин аст, ки онҳоро метавон бо се усул ба даст овард: одат кардан, таълим гирифтан ва ҳамчун саховати илоҳӣ - ҳадяи Ҳақ қабул кардан. Ду усули аввал дар асоси худ якхела мебошанд, зеро омӯхтани амалҳои фазилат, дар ҳақиқат ҳам, як шакли одат кардан мебошад, аммо Ғазолӣ дар миёни онҳо тафоввут мебинад. Одат кардан, барои ӯ, муносибати мусбатро

аз ҷониби шахс дар саъю талош барои ба даст овардани фазилат дар назар дорад, дар ҳоле, ки омӯхтан аз обрӯи устод вобаста аст, ки чӣ гуна фозилона рафтор карданро ба ӯ таълим медиҳад, ҳарчанд ки ӯ бо тамоми қалб саъй намекунад, ки чунин ҳолатро ба даст оварад. Ғазолӣ ба сифати чунин одамони бонуфуз падар ва устоди маънавӣ (шайх)-ро ёдовар шудааст [57, с.76]. Ба ин мавзуъ Ғазолӣ ҳам аз дидгоҳи динӣ ва ҳам илмӣ муносибат

мекунад, ки таълимоти ӯро оид ба фазилатҳо зиддиятнок мегардонад.

Усули сеюми ба даст овардани фазилат, яъне саховати илоҳӣ замоне таҳаққуқ меёбад, ки Ҳақ аз рӯзи таваллуд ба инсон ато мекунад, ҳамчунон ки бо Исо ва дигар пайёмбарон чунин ҳолат рух дода буд. Ҳамин тариқ, инсон метавонад бидуни одат ва таълим гирифтан соҳиби саховати илоҳӣ гардад. Ғазолӣ авлиёро низ сазовори атои худовандӣ медонад (бо базл ва бахшиши илоҳӣ). Аз ҷумла, тибқи анъанаи қуръонӣ Исо ҳангоми таваллудшавӣ ва хурдсолӣ дар бораи ашёи илоҳӣ, марг, зиндагӣ, характери хуб, муносибати хуб ба модар, масъулиятҳои динӣ, намоз ва ғ. сухан мегуфтааст [57, с.76-77]. Ғазолӣ чунин меҳисобад, ки фазилате, ки тавассути раҳмати илоҳӣ интиқол меёбад, дар миёни он се намуд нисбатан комилтар аст, аммо агар инсоне, ки дар як вақт бо ҳар се усул соҳиби фазилат гаштааст, фозилтарини инсонҳо мешавад [17, с.118]. Ин баҳсҳои Ғазолӣ оид ба «атои худовандӣ», ки боз каме поёнтар ҳам идомаи онҳоро таҳлил мекунем, то ҳол ҳам дар илм ҳалли ниҳоии худро наёфта, олимони муосир дар бораи табиатан дода шудани баъзе ҷавҳар ё пояҳои хислатҳо, фитрӣ будан ва ё иктисобӣ, дар раванди ҳаёт касбшуда будани худи хислатҳо ба як созише расидаанд [226, с.140-145].

Тавре, ки маълум аст, Афлотун чор фазилатро ҷудо карда буд: ҳикмат, шуҷоат, адолат ва эътидол. Ба андешаи ин мутафаккири юнонӣ, фазилатҳо ба хусусиятҳои нафс такя мекунанд: ҳикмат ба ҳӯш (ақл), шуҷоат ба ирода, эътидол ба бартараф кардани ҳиссиёт. Аммо адолат бошад, ҳосили ҷамъ омадани он се фазилати қаблӣ мебошад. Афлотун чунин меҳисобид, ки чор табақаи мардумон ба чор фазилат мувофиқат менамоянд: файласуфон ба ҳикмат, ҳокимон ба адолат, ҳарбиён ба шуҷоат ва ҳунармандону заминдорон ба эътидол.

Мутафаккири дигари Юнони Қадим Арасту бунёдгузори таълимоти «ҳадди васат» буда, фазилатро чун маҳорат ва иродаи пайдо кардани ҳадди васат дар миёни ду ҳадди канорӣ - нуқсон дар ягон сифат ва ё аз ҳад зиёд будани ин сифат медонад. Ӯ байни фазилатҳои ирода (ахлоқӣ) ва ақлӣ фарқ гузошта, онҳоро мустақиман бо саодат алоқаманд медонист. Арасту на танҳо

роҳро ба сӯи саодат, балки ба худи саодат нишон додааст, зеро ӯ чунин меҳисобид, ки қисми беақл ё ҳиссии нафс ба қисми боақли нафс тобеъ аст, ба мисли он ки писар аз падар итоат мекунад.

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ консепсияи фалсафии пайдошавии фазилатро тағйир додааст, зеро Арасту тасдиқ кардааст, ки инсон табиатан (аз рӯи фитрат) фазилат доштан наметавонад, фазилатро танҳо ба фазли одат соҳиб мегардад. Ба қавли Арасту, табиат ҳам касб намудани фазилат ва ҳам зидмаънои он - разилатро иҷоза медиҳад. Ғазолӣ дар муқобили Арасту тасдиқ мекунад, ки фазилатро метавон (би-т-табъ) табиатан низ ба даст овард. Аз ин рӯ, Ғазолӣ ба имкони бофазилат таваллуд шудан таваҷҷуҳ намуда, имконеро, ки таълимоти динии исломӣ, чӣ дар Қуръон ва чӣ дар суннати набавӣ вуҷуд дорад, ворид намудааст. Аммо ӯ илова менамояд, ки барои аксарият ин усули ба даст овардани фазилат кори саҳлу оддӣ нест, зеро фазилат истилоҳи динӣ-ахлоқиест, ки маънояш сифатҳои хуб ва ҳасанаи характери шахси алоҳида аст, ки бо ирода ва рафтори ӯ муайян карда мешаванд; он самти фаъолияти доимии ирода барои анҷом додани қонуни ахлоқист, ки зидмаънои он «гуноҳ» (маъсият) ва «нуқсон» мебошад.

Ба ҳар ҳол, инсон метавонад аз рӯзи таваллуд дорои фазилати модарзодӣ бошад ва дар бораи он бештар аз ин сухан гуфтан номумкин аст, аммо фазилатҳоро тарбия низ кардан мумкин аст. Ғазолӣ дар ин маврид фармудааст: «Пас бигӯем: агар ахлоқ қобили тағйир набошад, васиятҳо ва пандҳо ва таъдибҳо ботил бувад. Пайёмбар (с) мефармояд: Ҳассану ахлоқакум - ахлоқи худро беҳтар гардонед (Беҳтарини шумо он аст, ки ахлоқаш некӯ бошад). Ва чӣ гуна инро дар ҳаққи одамӣ мункир тавон шуд, ки тағйири хӯй ба баҳоим мумкин аст, чи бози шикориро аз ваҳшат ба унс, сагро аз хӯрдан ба таъдиб доштан ва аспро аз саркашӣ ба фармонбардорӣ метавон овард ва он ҳама тағйири хӯйҳост. Ва сухане, ки парда аз он бардорад он аст, ки гӯем: мавҷудот ду қисманд - яке, ки ихтиёри одамиро дар асл ва тафсили он мадхале нест, чун осмон ва ситорагон, бал андомҳои зоҳир ва ботини одамӣ ва дигар аҷзои ҳайвонот ва дар ҷумла, ҳар чӣ бо камол ҳосил шудааст

ва вуҷуди камоли он ба итмом расида. Дуввум он ки ноқис дар вуҷуд омадааст ва дар вай қуввати он ҳаст, ки пас аз он камолро қабул кунад, агар шарти он мавҷуд шавад. Ва шарти ӯ раво, ки ба ихтиёри банда мунаввит (равшанкунанда) (вобаста - Ҳ.Н.) бошад...» [17, с.118].

Ғазолӣ фазилатҳои иктисобиро, ки табиатан ба инсон дода нашудаанд, баррасӣ намуда, муҳим будани одатро таъкид мекунад, ки оид ба он дар ҳадиси пайёмбар гуфта шудааст: Ҳар касе бо фитрати муайян зода мешавад, «пас, ҳар мавлуде муътадил ва саҳеҳ зояд бар асли фитрат, пас модару падар вайро ҷуҳуд ва тарсо ва муғ гардонанд: ай (яъне) ба одат ва таъаллум разилатҳо касб кунад» [51, с.77-78].

Ҳамчунон ки мушоҳида мекунем, Ғазолӣ андешаи онро, ки хулқ сифати табиии тағйирнаёбанда мебошад, дар он асос инкор менамояд, ки агар он рост мебуд, таълимот, насиҳатҳо ва ҳатто рисолати тамоми паёмбарон бефоида мебуданд. Асоси дигари инкор намудани андешаи тағйирнаёбанда будани хулқ он далел аст, ки ҳайвонотро метавон хонагӣ кард [57, с.78; 17, с. 128]. Зиёда аз ин, Ғазолӣ одатро дар касб намудани фазилат ҳамчун омили ҳалкунанда баррасӣ мекунад, зеро аксарият тасдиқ мекунанд, ки фазилат одати хубест, ки мисли ваҳй таҳти таъсири зеҳн қарор дорад [57, с.68-69]. Таҳлил кардани одат ба он нигаронида шудааст, ки оё он ягон омилро писанд меёбад ё не. Ба қавли Ғазолӣ, одат қариб, ки метавонад табиати дуюми инсон бошад. Ин, ба андешаи ӯ, дар нуқсонҳои муқарраршуда ба онҳое шодӣ меоварад, ки онҳоро дар амал татбиқ менамоянд, масалан, одами бозингар дар бозӣ, ҳаннотро дар ҳаннотӣ ва анусатро (занмонанд, занмизоҷ) дар латофату нозукӣ [57, с.69-70; 17, с.125]. Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки агар нафсро ба корҳои бад одат кунонидан тавонем, ки ба табиати он, зоти он бегона бошанд, пас нафсро ба омӯхтани фазилат одат кунонидан беҳтар аст, ки табиӣ мебошад. Аз сабаби он ки нафс аз ҷисм бо он фарқ мекунад, ки асли он илоҳӣ ва руҳонӣ аст ва ҷисм бошад, моддӣ аст ва аз сабаби он ки фазилат маънои онро дорад, ки қувваҳои ҷисм тобеи қувваҳои машваратӣ мебошанд, табиист, ки фазилат барои нафс дар он маъно табиист, ки он нафсро аз

назорат кардан аз болои қувваҳои ҷисмонӣ озод мегардонад, то он табиати маънавии руҳонии худро дарк карда тавонад. Нуқсонҳо, баръакс ба вай таъсир мерасонанд. Ғазолӣ ба даст овардани нуқсонҳоро бо хӯрдани қалъагӣ муқоиса мекунад, ки барои организм хӯрдани он «табиӣ» намебошад. Дар муқоиса нуқсон барои нафс «ғайритабиӣ» нест, дар ҳоле, ки фазилати касбшуда бо истифодаи ғизо муқоиса карда мешавад [17, с.131; 71, с. 149].

Барои ба даст овардани фазилат, инсон бояд амалҳои хуб анҷом диҳад, то ин амал барояш одат шавад. Одати хуби азхуд кардаро бояд бо роҳи пайваста анҷом додани амалҳои хуб тақвият бахшид. Чунин нуқтаи назар муҳим будани амалро дар гирифтан ва ҳифз кардани фазилат таъкид менамояд. Масалан, барои одил будан, қабл аз ҳама бояд боадолатона рафтор кард [57, с.65; 17, с.123].

Дар «Баёни тафсили тариқ дар таҳзиби ахлоқ» [17, с.128] ва дар «Баёни тариқ дар риёзати кӯдакон дар аввал би-л-бадан ва ваҷҳи таъдиб ва таҳсини хубиҳои эшон» [17, с.149] Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки агар кӯдак ба хайр таълим дода шуда бошад, аз ӯ одами бофазилат ба воя мерасад, аммо агар ба нуқсон одат карда бошад, ӯ шахси золим хоҳад шуд: «Бидон, ки кӯдак амонате аст наздики модар ва падари худ. Ва дили поки ӯ гавҳари нафис аст ва содда ва холӣ аст аз ҳама нақшҳо ва суратҳо ва қобил аст ба ҳама нақшҳо ва моил аст ба ҳар ҷониб, ки гардонанд. Пас агар бар хайр одат фармуда шавад ва таълим дода ояд, нашви ӯ бар он бошад ва дар дунё ва охират некбахт шавад ва модару падар ва муаллим ва муаддаб дар савоби ӯ шарик бошанд ва агар бар бадӣ одат фармуда ояд ва чун сутурон маҳмил гузошта ояд, бадбахт ва ҳалоки абад гардад ва базҳ дар гардани қиямии ӯ бошад (Қуръон, Таҳрим, 6/66). Яъне, нафси худро ва аҳли худро аз оташ нигаҳ доред бад-он ҷо аз маъосӣ дур гардонед ва ба тоатҳо оред. Ва чун падари ӯро аз оташи дунё нигоҳ дорад, аз оташи охират нигоҳ доштани ӯ авло ва нигоҳ доштан ба таъдиб ва таҳзиб бошад ва таълими маҳосини ахлоқ (беҳтарин сифатҳои ахлоқӣ - Ҳ.Н.) ва сиёнат аз қаринони бад ва бад-он чӣ бар танаъум одат нафармоед ва ороиш ва асбоби таносулиро наздики вай дӯст

нагардонад; чӣ дар ҳоли  бузургии умри ӯ дар талаби он зоеъ шавад ва ҳалоки абад гардад. Бал бояд, ки ӯро аз аввали кори ӯ муроқибат намояд. Ва доягӣ ва шир додани ӯ ҷуз зани порсои мутадайини ҳалолхор нафармоед; чӣ шире, ки аз ҳаром ҳосил ояд ло буд (ноилоҷ - Ҳ.Н.) дар ӯ таъсир кунад ва дар он баракате намонад ва чун нашви кудак бар он иттифоқ афтад, тиннати ӯ аз палидӣ сиришта шавад; пас табъи ӯ майл кунад бар чизҳое, ки муносиби палидиҳо бошад» [17, с.150].

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ фазилатро бо одати хуб айният дода, зимни он имкони бофазилат таваллуд шуданро эътироф мекунад. Ба қавли дигар, ҳарчанд мумкин аст, ки инсони бофазилат модарзод, табиӣ ба дунё омада бошад, усули оддии касби фазилат ин доштани одати хуб аст. Барои он ки одати хуб фазилат ҳисобида шавад, он бояд, ки дар нафс устувор карда шавад, зеро он наметавонад танҳо бо анҷом додани як амали хуб пайдо шавад ва наметавон онро бо як инҳирофи тасоддуфӣ аз байн бурду вайрон кард. Аммо танҳо як ҳодисаи вайрон кардан ҳам метавонад дигар тамоюлотро барангезонида, ахиран, фазилатро халалдор созад. Ба фазилати пешрафт як амали хайр метавонад амалҳои хайри дигарро ба вуҷуд оварад ва ҳамин тариқ, ба фазилат оварда расонад. Барои бофазилат будан ба ғайр аз касб кардани одатҳои хуб ва амалҳои ҳамешагӣ тибқи онҳо рафтори бофазилат зарур аст, аммо рафтори бад (ба қавли Ғазолӣ - мазамматшуда) беморкунанда аст. Шодие, ки инсон ҳангоми амали бофазилат эҳсос мекунад, маънои онро дорад, ки ӯ аз аҳли фазилат аст ва ё худро зоҳиран бофазилат нишон додан инсонро маҷбур мекунад, ки дардро эҳсос кунад [57, с.72-74].

Мақсад аз овардани маълумоти болоӣ - асоси равонӣ, пайдоиш ва робитаи фазилат ва хӯйи (характери) инсон, аз як тараф, нишон додани заминаҳои таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ва аз дигар тараф, ҳамвор кардани роҳ барои идроки таҳлили чор фазилати асосӣ дар таълимоти ӯст, ки метавон онҳоро бо сабаби аз фалсафа (Арасту, Афлотун ва пайравони машшоияи шарқӣ) гирифта шуданашон фазилатҳои фалсафӣ номид.

Хулоса, таълимоти умумиахлоқии Газолӣ ба аҳкоми динӣ ва фалсафа такя намуда, дар осори гуногуни ӯ, махсусан дар «Эҳёу улуми-д-дин», «Меъёру-л-илм», «Мизону-л-амал» ва қисман дар «Кимиёи саодат» инъикос ёфтааст. Ҷавҳари ин таълимоти ӯро консепсияи фазилати инсон ё андешаҳо дар бораи фазилатҳои ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, таҳлили осори ахлоқӣ ва таълимоти умумиахлоқии Ғазолӣ собит месозад, ки ӯ ҷойгоҳи илми ахлоқро дар миёни илмҳои дигар баланд медонад ва ин дар таснифоти илмҳои ӯ бараъло ҳувайдо буда, бо ҳамин сабаб, дар фасли оянда моҳияти онро равшан месозем.

## 1.2 Таснифоти илмҳои Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар он

Таснифоти илмҳо, ки ҳамчун систематизатсияи донишҳо ҳисобида мешавад, таърихи тулонӣ дорад. Тавре, ки маълум аст, чунин таснифот ҳанӯз аз мактаби фалсафаи Арасту оғоз ёфта буд, ки мутобиқ ба он илмҳо ба ду қисми асосӣ - назарӣ ва амалӣ, ҷудо гардида, илмҳои назарӣ ба се қисми асосӣ - табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт тақсим шудаанд. Айнан бо ҳамин тарз илмҳои амалӣ низ ба се қисм - таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун тақсимбандӣ шудаанд. Ин якумин модели таснифоти илмҳо дар таърихи фарҳанги инсонӣ буд, ки аз таснифоти Ксенократ (339-314 то мелод) ба куллӣ фарқ мекард, зеро ӯ фалсафаро танҳо иборат аз се қисм медонист - мантиқ, физика ва ахлоқ (этика). Худи Арасту бошад, мантиқро на илм, балки арғунун ё олати методию методологии ҳама илмҳо шумурдааст. Дар баробари ин, дар таснифоти Арасту сухан дар бораи илмҳои эҷодӣ низ меравад, ки на дониш медиҳанд, балки малакаҳоро барои истеҳсоли ягон объект ташаккул медиҳанд ва ба ин гуна илмҳо ӯ риторика (илме, ки санъати суханварӣ, қоидаҳои бунёди нутқи бадеиро меомӯзад) ва поэтикаро (илме, ки тарзи бунёди асарҳои бадеӣ ва системаи воситаҳои эстетикии дар онҳо истифодашударо меомӯзад) ворид сохтааст.

Дар таърихи илм минбаъд моделҳои дигари таснифоти илм низ пайдо гардиданд: «Модели дуюми таснифоти илмҳо ба аломатҳои генезиси онҳо ва мутобиқат ба ин ё он қобилияти маърифатии инсон такя мекунад, Ин модели таснифот якчанд гуна дорад, ки ба  Ф. Бэкон ва И. Кант тааллуқ доранд» [210, с.60-64]. Ҳамзамон, тибқи моделҳои дигар илмро аз рӯйи объекту предмети он, тибқи методҳои истифодашаванда, аломатҳои таърихӣ, сохтори дониши илмӣ ва ғайра тасниф намуданд. Таснифоти илмҳои Ғазолӣ ва мутафаккирони пешгузаштаву минбаъдаи ӯ тибқи модели якум - модели арастуӣ сурат гирифтааст.

Ҳамзамон, дар тасаввуф низ баъзе кӯшишҳо барои таснифоти донишҳо ё илмҳо карда шудаанд. Аз ҷумла, натиҷаи онро дар тариқати тасаввуфии

мавлавия, дар таълимоти яке аз пирони маънавии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ - Бурҳониддини Муҳаққиқ мушоҳида кардан мумкин аст, ки «дониши тавассути ақл ҳосилшударо ба се навъ тақсим мекунад. Аввалӣ дониши аҳком аст, ки масалан, бигӯянд, бикун ё накун ва ғайра. Дуюм, дониши иқон (яқин), ки он дилро яқин мешавад. Масалан, касе аз даруни хона садо мекунад, вале шахс ӯро надида, медонад, ки кист. Сеюм, дониш ё худ илми тақлид - чунонки дар хона касе бошад ва ӯро надида, аз гуфтаи каси дигаре бидонӣ, ки ӯ кист. Вале баъзан мутафаккир навъи чаҳоруми донишро - илми аёнро, ҳақоиқи ҳадсан қабулшавандаро ҳам зикр мекунад» [130,с.68-69]. Чунин таснифотҳоро тақсимбандии ирфонии илмҳо номбар кардан мумкин аст, ки дар баробари таснифоти арастуӣ, ки таснифоти фалсафӣ мебошад, баъзе хусусиятҳои он низ дар таълимоти Ғазолӣ дар ин соҳа мушоҳида мешаванд.

Оид ба масъалаи таснифи илмҳои Ғазолӣ сухан ронда, бояд таъкид кард, ки ин масъала мавриди тавяҷҷуҳи муҳаққиқони муосир қарор доштааст [166], аз ин рӯ танҳо нуктаҳои марказии андешаи ӯро дар ин самт таҳқиқ мекунем. Таснифи илмҳо дар таълимоти мутафаккирони шарқӣ - аз Яъқуб ибни Исҳоқ ал-Киндӣ шуруъ шуда, баъдтар дар осори Абунасри Форобӣ («Эҳсоу-л-улум»), Ибни Сино («Ақсому-л-улуми-л-ақлия») ва дигарон мақоми хоса пайдо кардааст [120].

Таснифоти илмҳои Форобӣ ба принсипҳои гуногун такя мекунад, агарчи асоси онро ҳамон таснифоти арастуӣ ташкил додааст. Ӯ илмҳоро ба навъҳои алоҳида, ки бо ҳисҳо ба даст меоянд (мушаххас, конкретӣ) ва тавассути ақл дониш медиҳанд (таҷридӣ, абстрактӣ), тавассути истифодаи мантиқ - ба илмҳои силлогистӣ (фалсафа ва ҷадал ё диалектика, поэтика ва риторика) ва ғайрисиллогистӣ (тиб, кишоварзӣ, косибӣ ва ғ.) тасниф мекунад. Аҳаммияти таърихии таснифоти ин мутафакирро муҳаққиқон барҳақ чунин арзёбӣ намудаанд: «Таснифоти илмҳои Форобӣ нақши прогрессивӣ бозида, ба муҳлати дароз аҳаммияти худро нигоҳ дошт. Он як қатор пайравони худро дар Шарқ ва Аврупо пайдо кард. Масалан, таснифоти илмҳо, ки дар рисолаи «Ихвонус-сафо» дар асри Х ва олими осиёимиёнагӣ Абдуллои Хоразмӣ

(с.ваф. 997) пешниҳод шудаанд, ба таълимоти Форобӣ такя мекунанд» [209, с. 84].

Дар таснифоти мутафаккири тоҷик Ибни Сино дар қатори илмҳои назарӣ ва амалӣ бо қисматҳои онҳо, инчунин зиёда аз 35 соҳаи илми даврони ӯ зикр шудааст, ки дар асоси объекти таҳқиқи онҳо раддабандӣ шудаанд. Таснифоти ин мутафаккир низ аҳаммияти ҷаҳонӣ касб карда буд. Таснифоти Ибни Сино ба омӯзиши амиқи илмҳои табиӣ мусоидат намуда, нақши онҳоро ба дараҷаи якум боло бурд. Дар умум таснифоти илмҳои Ибни Сино бо принсипҳои худ ба тақсимоти фалсафа, ки Хоразмӣ пешниҳод намудааст, мувофиқат мекунад... таснифоти илмҳои пешниҳоднамудаи Ибни Сино ба шарофати барвақт ба забони лотинӣ тарҷума шудани осори ӯ, ба файласуфони аврупоӣ дастрас гардида, ба назарияҳои онҳо, ки коркард мешуданд, ҳамчун як қисмати ҷудонашаванда ворид шуданд.

Дар баробари фалсафа, хусусан машшоияи шарқӣ, дар илоҳиётшиносӣ низ ба хотири ташаккули улуми ин самт, дифоъ аз мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат ва пок нигоҳ доштани он аз олоишҳои машшоиёни шарқӣ, ки боиси таъсиси мактаби калом гаштааст, аввалин иқдомҳо дар таснифоти илмҳо дар низоми илмҳои исломӣ ба вуҷуд омадааст. Аммо, ба андешаи А. Шамолов, пайравони мактаби калом ва тасаввуф, ки дар осори худ ба Қуръону суннат ва тариқаи пешгузаштагони солеҳ рӯй оварда буданд, маҳз таснифоти машшоияи шарқиро асосу сарчашмаи аслӣ қарор дода, аз таъсири таснифоти ин мактаби фалсафӣ озод шуда натавонистанд. Бо ташаккулёбии мазҳабҳои фиқҳӣ ва ба расмият даромадани мазҳаби ашъарӣ [92, с.31-32] ва аҳли ҳадис шакли такоммулёфтаи ин таснифот дар асрҳои XI-XII (V ва VI ҳиҷрӣ) зуҳур намуд ва намунаи барҷастаи он таснифоти илмҳои Ғазолӣ мебошад, ки дар нахустин китоб ё қисми «Рубъи ибодот»-и «Эҳёу улуми-д-дин», ки «Китоби илм» номида мешавад, инъикос ёфтааст. Ин таснифоти Ғазолӣ ба тақсимбандии суфиён шабоҳати зиёд дошта, андешаҳои ӯ, қабл аз ҳама, бо такя бо мақсадҳои тарбиявӣ ба хотири тазкияи нафс ва сулук равона гардидаанд. Ба қавли Шамолов А., дар ин таснифоти Ғазолӣ назарияи

маъмул ва матолиби он, ки дар фарҳанги исломӣ ҷой дошт, илм, аз як тараф, ба имон ва аз тарафи дигар, ба амал марбут дониста мешуд, ки ба Ғазолӣ низ таъсири амиқе дошт. Ба андешаи муҳаққиқи мазкур, ин робитаи устувори илм бо имону амал, ки ба хусус дар тавсифу мавқею манзалати хосса дошт, асоси назарияи ирфониро доир ба илмҳо ташкил медиҳад [200, с.56-59].

Таҳлили андешаҳои Ғазолӣ дар «Эҳёу улуми-д-дин» нишон медиҳад, ки поя ва мояи таснифоти илмҳои ӯ дар доираи мероси тасаввуфи исломӣ сурат гирифтааст. Дар табақабандии Ғазолӣ, илм аввалан ба «фарзи айн» ва «фарзи кифоят» тақсим шуда, мутафаккир онро дар боби дуюми «Рубъи ибодот» ҷо додааст. Ғазолӣ «Дар баёне, ки фарзи айн аст» бо такя бар ҳадиси «Талабу-л-илми фаризатун ало кулли муслимин» (Талаб кардани илм барои тамоми мусулмонон фарз мебошад) ва бо овардани мисолҳо аз мутакаллимон, фақеҳон, муфассирон, суфиён ва мутафаккирони дигар дар бораи он баҳс мекунад, ки кадоме аз ин илмҳо барои мусулмонон фарз, кадоме фарзи айн ва кадоме фарзи кифоя мебошад. Хулосаи таҳлили суханони намояндаҳои зикршуда ин аст: «он чӣ аҷаб аст, ки муҳассил бад-он қатъ кунад ва дар он бе райбат (шакку шубҳа - Ҳ.Н.) бошад, он аст, ки дар хутбаи ин боб гуфта шудааст, ки илм ду аст: илми муомила ва илми мукошифа ва мурод аз илми воҷиб илми муомила аст» [18, с.47].

Аз ин гуфтаҳои Ғазолӣ маълум мегардад, ки илм ба ду қисм - муомила ва мукошифа тақсим мешавад ва ба қавли ӯ, ҳама илмҳое, ки ба ақли инсонҳои маъмулӣ сару кор доранд, танҳо ба илми муомила дохил мебошанд. Илми мукошифа (ваҳй) марбут ба анбиё мебошад, ки онҳо бо халқ танҳо дар баёни роҳ ва роҳнамои намудани онҳо ба он сухан гуфтаанд. Тавре, ки мушоҳида мегардад, чунин таснифоти илм пурра теологӣ буда, ба воқеияти дар табиату олам буда, мутобиқат надорад.

Илми муомила, тибқи таснифоти Ғазолӣ, ба ду қисм ҷудо мешавад: илми зоҳир ва илми ботин. Илми зоҳир илми амалҳои бадани инсон, ё ибодат ё одат аст. Илми ботин бошад, илмест, ки марбут ба амалҳои дил буда, «ба ҳукми нодидани ҳавос (ҳиссиёт) онро аз олами малакут аст» ва ин илм «ё

сутуда бувад ё носутуда» мебошад. Дар асоси хуб ва бад будани илм Ғазолӣ онро боз ба ду қисм тақсим менамояд, зоҳир ва ботин. Мутобиқи ин тақсимот илми зоҳир, ки «тааллуқ ба ҷаворех дорад» боз ба ду қисм - ибодат ва одат гурӯҳбандӣ мегардад (дар ин ҷо ҷаворех шакли ҷамъи ҷориҳа дар маъноҳои гуногун истифода мешавад, аз ҷумла, узви бадан ҳамчу дасту пой, забон, ҳайвоноти даранда, аспи мода ва ғ., аммо дар истилоҳи суфиён ба маънои дигар меояд). Илми ботин, ки «нисбати он ба аҳволи дил ва ахлоқи нафс аст, низ ду қисм аст: мазмум ва маҳмуд. Ва дар илми муомила назар аз ин чаҳор қисм берун намешавад» [18, с.21].

Ҳамин тариқ, тибқи суханони Ғазолӣ, фақат илм ба амалҳо воҷиб буда, талаби он фарз айни аст, ба ҷуз он, ҳама чизи дигар фарзи кифоя мебошанд. Тамоми илмҳое, ки дар таснифоти Ғазолӣ ҷузъи илми «фарзи кифоят» маҳсуб мешаванд, ба ду даста - шаръӣ ва ғайришаръӣ тақсим шудаанд. Табақабандии илмҳо аз нигоҳи Ғазолӣ, дар ду гурӯҳ бино шудааст: 1) ба меъёрҳои ахлоқӣ (маҳмуд ва мазмум, хубу бад); 2) ба меъёрҳои мактабӣ (ҳаққу ботил). Ба андешаи мутафаккир, илмҳое, ки шаръӣ нестанд, ба се гурух, яъне «маҳмуд», «мазмум» ва «мубоҳ» ҷудо мешаванд.

Илмҳои ғайришаръии маҳмуд, яъне хуб, тибқи андешаи Ғазолӣ, илмҳое мебошанд, ки «масоили дунё бад-он боз баста аст» [14, с.47], аз қабили тиббу ҳисоб, ки онҳо ҳам ба фарзи кифоят ва фазилат тақсим гардидаанд. Аммо илмҳои шаръӣ дар тақсимбандии Ғазолӣ ба ду қисм ҷудо шудаанд: хуб (маҳмуд) ва бад (мазмум). Илмҳои хуб (маҳмуд), ба қавли Ғазолӣ, чор навъ мебошанд: усул, фуруъ (шоха), муқаддимот (асос, аввал), мутаммимот (изофаҳо, замимаҳо). Усул Қуръон, суннат, иҷмои уммат, қиёсро фаро мегирад. Ба фуруъ (шохаҳо) - фиқҳ, илми аҳволи дил ва ахлоқи хуб дохиланд. Муқаддимот иборат аз илми наҳв, луғат буда, мутаммимот (такмилдиҳандаҳо) ин илми таҷвид, қироат, илми усули фиқҳ ва илми риҷолро дар бар мегиранд.

Сазовори таъкид аст, ки чунин анъанаи таснифоти илмҳо дар олами исломӣ ҳанӯз дар асри IX (III ҳиҷрӣ) пайдо шуда буд, ки илмҳоро ба ақлӣ

(донишҳо тавассути ақл дастрас карда мешаванд) ва нақлӣ (маълумот аз сарчашмаҳои исломӣ дастрас карда мешавад) тасниф намуда буданд. Илмҳои ақлӣ метафизика, физика, астрономия, математика, мусиқӣ ва тибро фаро мегирифтанд. Ба илмҳои нақлӣ бошад, Қуръон (илми қуръонӣ) ва қуръоншиносӣ, яъне тафсири он, ҳадисшиносӣ ва худи шариат ҳамчун догматикаи исломӣ ворид буданд. Ин таснифоти илмҳо, хусусан, эътирофи навъҳои аввали онҳо, яъне улуми ақлӣ сабабгори баъзе муваффақиятҳо низ аз ҷониби мусулмонони он даврон гардида буд: «Илоҳиётшиносони мусулмон ба он таваҷҷуҳи бузург доранд, ки ислом метавонад ба таври ҷудонашаванда дастовардҳои таърихии фарҳанг, илм ва прогресси илмӣ-техникии башариятро бо фарҳанги муосир ва комёбиҳои илмӣ пайванд созад. Намунаи возеҳи ин муваффақиятҳои кишварҳои мусулмонӣ дар ибтидои асрҳои миёна дар аксарияти соҳаҳои илм - математика, тиб, фалсафа ва ғайра мебошад. Сабаби хеле муҳимми ин комёбӣ эҳтиром ба дастовардҳои халқу фарҳангҳои дигар буд, ки аз ҷониби ҷомеаи мусулмонон зоҳир гардид. Дар асрҳои 1X-X1 ба забони арабӣ аз забонҳои юнонӣ, форсӣ, ҳиндӣ асарҳои пурарзиш дар соҳаи математика, физика, астрономия, фалсафа, география тарҷума шуданд» [251].

Дар бораи ҷойгоҳи илми ахлоқ дар таснифоти илмҳои Ғазолӣ сухан гуфта, бояд зикр намуд, ки ба ғайр аз ҳидоятҳои муқаддимавии мутафаккир дар бораи фиқҳ, «Мақосиду-л-фалосифа» аввалин асари ӯ мебошад, ки дар он дар бораи ахлоқ ақидаҳо баён шудаанд [12, с. 69-70; 102, с. 53-63]. Ӯ дар шакли мухтасар дар бораи се илми файласуфон, мушаххасан - мантиқ, табииёт (физика) ва илоҳиёт (метафизика) баҳс кардааст. Ҳадафи ӯ дар ин асар бидуни шарҳу баёни иловагӣ дар бораи илмҳои фалсафӣ ҳисоботи аниқу объективӣ додан буд. Инкор намудани ин илмҳо, навиштааст ӯ, дар китоби баъдӣ анҷом оварда хоҳад шуд [55, с. 3-32].

Ғазолӣ се илми файласуфон - мантиқ, илоҳиёт (метафизика) ва табииёт (физика)-ро маҳз дар ҳамин пайдарпаӣ шарҳ дода, қабл аз муҳокимарониҳо оид ба метафизика ду мулоҳизаи муқаддимавиро пешниҳод кардааст.

Мулоҳизаи аввал ба қисмҳои илм дахл дошта, зимни он илми ҳикмат (ал-илм ал-ҳикмат) ба ду қисм ҷудо карда шудааст. Аввали он ба омӯзиши фаъолиятҳои инсон машғул аст ва он илми амалӣ номида мешавад ва он ба ошкор намудани амалҳое равона шудааст, ки ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират ба хайрияти инсон мусоидат менамоянд. Дуюм, ин илм ҳолатҳои мавҷудотро ҳамчунон ки ҳастанд, дониста мегирад ва он илми назарӣ номида мешавад. Илми амалӣ низ, дар навбати худ, боз ба се қисм тақсим мешавад. Яке аз онҳо илм дар бораи муносибати инсон бо дигарон мебошад, ки нуқтаи олии онро сиёсату-л-мудун (илми сиёсат) ташкил медиҳад. Дуюм, илм дар бораи идоракунии хоҷагидорӣ, хонадорӣ, яъне «Тадбири манзил» буда, дар бораи чӣ гуна бо зан, фарзандон ва хидматгорон зиндагӣ кардан ва корҳои хоҷагидориро пеш бурданро меомӯзонад. Илми амалии сеюм «Таҳзибу-л-ахлоқ» (илми ахлоқ) мебошад, ки ба хотири табиати хуб доштан ва накӯкор боқӣ мондани инсон чӣ гуна рафтор карданро таълим медиҳад» [55, с. 134-135].

Бояд тазаккур дод, ки таснифоти илмҳо, ки Арасту пешниҳод карда, машшоиёни шарқӣ ва Ғазолӣ онро асосан қабул кардаанд, дар асоси объект ва предмети омӯзиши илмҳо сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, то ҳол ҳам аксарияти унсурҳои чунин таснифот аҳаммияти худро гум накардаанд. Дар ин бора муҳаққиқи россиягӣ Н.П. Волкова барҳақ қайд кардааст: «Илмҳои назарӣ (ё назариявӣ - Ҳ.Н.) на бо воситаҳои асосноккунии худ, зеро воситаи исботкунӣ ҳамон силлогизми дуруст аст, балки бо предмети омӯзишашон фарқ мекунанд... Ҳар як илм ҳамчун предмет ягон навъи мавҷудотро меомӯзад. Физика ба омӯзиши моҳиятҳои бо ҳисҳо даркшавандае машғул аст, ки ҳамчун мабдаъ дар худ ҳаракат ё оромӣ доранд, математика - моҳиятҳои математикиеро меомӯзад, ки беҳаракатанд, вале мустақилона вуҷуд надоранд ва дар ниҳоят, теология бо моҳияте сару кор дорад, ки беҳаракат аст, вале моҳиятан мустақил мебошад» [254].

Илмҳои амалӣ бошанд, дар таснифоти мазкур ба ҳайси воситае ҳисобида шудаанд, ки фаъолияти ғайриистеҳсолии одамонро танзим менамоянд ва ба

рафтор, накӯкории инсони алоҳида ё ҷомеа дахл мекунанд. Ин гуна тасниф дар асоси фаҳмиши «эпистема» ҳамчун дониши назариявӣ, илмӣ ва «техне» (фалсафаи қадим ё ҳунар) ба ҳайси дониши амалӣ ё косибӣ сурат гирифтааст, ки имрӯз ба таснифи илмҳо ба назариявӣ ва татбиқӣ таъсир гузоштааст.

Чунонки болотар ҳам таъкид шуд, Ғазолӣ дар китоби «Таҳофуту-л-фалосифа» ба муқобили дидгоҳи файласуфон оид ба табииёт (физика) ва илоҳиёт (метафизика) баромадааст, аммо ҷоиз донистааст, ки мантиқ бидуни шак аз илмҳои бебаҳс ҳисобида шавад. Ғазолӣ таснифоти илмро, ки ҳанӯз дар «Мақосид ул-фалосифа» дода буд, ҳифз кардааст, аммо дар айни замон сарчашмаҳои фалсафӣ - осори Ибни Сино ва Форобиро низ зикр кардааст, ки ба ақидаи ӯ, беҳтарин асарҳои файласуфони шарқиянд, ки дар ҳақиқат ҳам фалсафаи Арастуро фаҳмидаанд. Дар таснифоти илмҳои Ғазолӣ, зоҳиран таъсири осори Ибни Сино, ки ӯ ҳам илми амалиро ба се қисм тақсим намуда ва Ғазолӣ онҳоро дар «Мақосид ул-фалосифа» зикр кардааст, ба назар мерасад.

Дар сарсухан ба китоби «Аш-Шифо» Ибни Сино чунин тафовутро байни илмҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронида, баъдан ҳамон се қисми илмҳои амалӣ - сиёсат, тадбири манзил (хоҷагидорӣ) ва таҳзибу-л-ахлоқ (илми ахлоқ)-ро ҷудо намудааст [85, с.54]. Ин таснифот аз таснифоти Форобӣ дар «Таснифи илмҳо» фарқ мекунад, зеро дар он илми ахлоқ мустақил зикр наёфтааст, аммо бе ном бурдани ахлоқ ба илми сиёсат дохил карда шудааст [42]. Дар баробари таснифоти илмҳо Ибни Сино рӯйхати илмҳои замонаашро низ додааст, ки астрономия, химия, физика, математика, тиб, ботаника, зоология, геология, мусиқӣ, адабиёт, кимиё,  илми нуҷум, физиогномика, тафсири хоб, сеҳр ва ғайраро фаро мегирад [224, с.91]. Аммо Ғазолӣ ба таснифоти Ибни Сино ва аз рӯйхати илмҳои пешниҳоднамудаи ӯ пайравӣ мекунад ва ба он розӣ аст, зеро ба андешаи Ғазолӣ, илми ахлоқ илми амалӣ буда, аз сиёсату-л-мудун (илми сиёсӣ) мустақил мебошад.

Аввалин тасдиқи Ғазолӣ дар бораи илми ахлоқ дар матне пешниҳод шудааст, ки шояд аз осори файласуфон - намояндагони машшоияи шарқӣ

гирифта шуда бошад. Тасдиқоти мушаххастар ва нисбатан мусбаттарро метавон дар ду асари ӯ - «Меъёру-л-илм» ва «Мизону-л-амал» пайдо намуд [102, с.90-91]. Дар он Ғазолӣ исбот менамояд, ки мусулмонҳои бомаърифат метавонанд мантиқи арастуиро бидуни мурочиат ба таълимоти дигари фалсафӣ, пайравӣ намоянд. Ғазолӣ мақоми муқаддимоти исботнашавандаи таҳлили Ибни Синоро чонибдорӣ намудааст, ки асосан ба «ал-Ишорот ва ат-танбеҳот»-и Ибни Сино такя мекунанд. Аммо чонибдори махсуси таълимоти ахлоқии Ибни Сино будан ё набудани ӯ дақиқ нест. Ғазолӣ муқаддамоти ахлоқиро ба ислом мутобиқ гардонида, онҳоро бо илоҳиёт омезиш дода, аз ин роҳ нақши муҳим доштани онҳоро барои таълимоти исломӣ шарҳу баён намудааст [62, с.193-98].

Дар «Меъёру-л-илм» [102, с.90-91] Ғазолӣ навишта буд, ки ин муқаддамоти ахлоқиро дар нисбати донишҳо ва амалҳое, ки ба сӯи саодати мутлақ бурда мерасонанд, истифода хоҳад бурд. Усулу методи ӯ, ҳамчунон ки худаш тасдиқ мекунад, аз доираи тақлиди кӯр-кӯрона берун мебарояд, зеро зимни истифодаи идеалии он, мутафаккир тавонистааст ба сатҳи намоиши он дар мувофиқат бо шарту муқарраротии дар «Мизону-л-амал» нишондода бирасад [57, с.3].

Аз номгузории фаслҳояш маълум аст, ки «Мизону-л-амал» бо «амал», амалия сару кор дорад. Мақсади Ғазолӣ кушода додани он аст, ки воситаҳои фарққунанда ва анчом додани «амали хуб» ба саодат мебаранд. Ҳамин тариқ, ин китоб таҳқиқест дар бораи навъҳои илм ва амалҳое, ки ба ҳадафҳои олии инсон алоқаманд мебошанд.

Ғазолӣ таснифоти илмҳо ва андешаеро тасдиқ мекунад, ки ахлоқ илми амалӣ мебошад ва ин ақидаҳои ӯ дар «Мақосиду-л-фалосифа» оварда шудаанд. Мутафаккир дар бораи донишҳои амалӣ ва назариявӣ ба мисли он ки дар «Мақосиду-л-фалосифа» нисбати файласуфон навишта буд, гуфтааст: илми амалӣ аз се навъи илм иборат аст: илм дар бораи нафс дар нисбати сифатҳо ва характер (ахлоқ), илме ки чи гуна бо зан, фарзандон, хидматкорон ва ғуломон рафтор кардани мардҳоро меомӯзонад (тадбири манзил -

идоракунии манзил ё хоҷагидорӣ). Сиёсати мудун - илм дар бораи идора кардани одамони шаҳр ва соҳаи сиёсат аст.

Аҳамияти ин суханон дар он аст, ки дар ин ҷо Ғазолӣ тақсимоти фалсафии илмҳои Ибни Синоро ҳамчун тақсимоти шахсии худ қабул дорад. Аммо муҳимтар чунин таъкиди Ғазолӣ аст: илми аввалин илми сегонаи амалӣ, яъне таҳзибу-л-ахлоқ (ахлоқ) аст, ки илми олитарин ва муҳимтарин илми амалӣ ба ҳисоб меравад [57, с.54]. Илова бар ин, Ғазолӣ даъвои он мекунад, ки ахлоқ дар ин ҷо ҳамчун «ҳадафи олии ин китоб» («Меъёру-л-илм») фаҳмида мешавад. Дар ҷои дигари «Меъёру-л-илм» низ Ғазолӣ ба такрор тасдиқ мекунад, ки ахлоқ илми амалӣ мебошад ва ҳамин гуфтаҳоро аз нав таъкид месозад [57, с.160-161].

Вобаста ба ин таъкид месозем, ки ахлоқ, чунонки маълум аст, ҷамъи хулқ аст ва бештар ба сурати ҷамъ ба кор меравад, ки дар тоҷикию форсӣ муодили он хӯй аст [87] ва дар забони арабӣ дар маъноҳои одат, табиат, саҷия (сиришт, табиат, хислат, хулқ), дин ва мурувват меоянд. Ба истилоҳи ҳакимон он «иборат аз малакае аст, ки ба воситаи он феъл аз нафс ба осонӣ ва бидуни ба кор бурдани андеша содир мешавад» [182, с.201].

Ахлоқ, аз ҷониби дигар, ҳама рафтореро мегӯянд, ки ҳам аз нафси писандида ва ҳам аз нафси нописандида бармеоянд. Чунончи мегӯянд: фалон кас «кариму-л-ахлоқ» (хушахлоқ) аст ва ё «сайъу-л-ахлоқ» (бадахлоқ) мебошад. Ва ҳар гоҳ, ки дар нисбати корҳои писандида истифода шавад, ба адаб далолат мекунад, зеро адаб танҳо нисбат ба хислатҳои писандида истифода мешавад. Дар ҳадисҳо низ омадааст: «Аддабанӣ раббӣ фааҳсана таъдибӣ» - Парвардигорам маро фарҳехта кард ва некӯ фарҳехта кард. Аз ин рӯ, вақте ки мегӯянд «Адабу-л-қозӣ» мақсуд он чизе аст, ки анҷом додани он барои қозӣ шоиста аст. Дар таъбироти дигаре, чун дар китобҳои «Одобу-л-вузаро» (Адаби шоистаи вазирон) ва «Одобу-л-муаллимин ва-л-мутааллимин» (Адаби муаллимон ва илмомӯзон) ҳамин маънӣ дар назар дошта мешавад. Аз ин рӯ, ба қавли Фахриддини Розӣ, «мақсуд аз илми ахлоқ низ маърифати фазоил ва касби онҳост, то ки нафс ба онҳо ороста шавад ва

низ шинохти разоил то нафс аз онҳо дурӣ ҷуяд ва покиза гардад» [194, с.66-67].

Муаллифи пешгуфтор, мусаҳҳеҳ ва мутарҷими китоби «Таҳзибу-л-ахлоқ»-и Алӣ Асғари Ҳалабӣ таъкид намудааст, ки «Аммо мушкили бузурги илми ахлоқ дар ҷаҳони исломӣ ин буда аст, ки ин илм низ монанди фанни таърих дар садаҳои нахустини ҳиҷрӣ каму беш мавриди таваҷҷуҳи муслимин қарор нагирифт ва дар садаҳои баъдӣ низ вазъ бар ҳамин минвол будааст. Зеро мусулмонон ба ғайр аз Қуръон ва ҳадис ба чизи дигаре ба ҳайси роҳнамои сулук ва рафтори ахлоқии худашон чандон эътиное надоштанд: «ва илми ахлоқ тулонӣ асту шариат дар тафсили он муболиға кардааст ва таҳзиби ахлоқ роҳе ҷуз мурооти қонуни шаръ дар амал надорад, то инсон аз ҳавои нафс пайравӣ накунад ва чунон нашавад, ки ҳавои нафсро маъбуди худ гуфта бошад, балки шаръ тақлид намояду ба ишорати он ба корҳо иқдом намояд ё даст боз дорад. Ва нафсро ба ихтиёри хеш вонагузорад, то бад-ин тариқ ахлоқи ӯ покиза шавад. Ва он кас, ки аз ин фазилати илмӣ ва ахлоқӣ бебаҳра бошад, албатта «ҳолик» (кушанда, ҳалоккунанда - Ҳ.Н.) аст ва бад-ин сабаб бувад, ки Худои таъоло фармуд: «растагор шуд ҳар кас, ки худро пок сохт ва зиёнкор шуд он кас, ки худро олуда сохт» (Шамс, 91/ 9-15) [29, с.261].

Бояд тазаккур дод, ки дар шакли тарҷума аз сарчашма ба забони арабӣ суханони болозикр чунин садо медиҳанд, ки ба андешаи мо, ба асли матлаб наздиктар аст: «Илми ахлоқ дуру дароз аст ва дар шариат тамоми қоидаҳои рафтор муфассал баён шудаанд, роҳи дигаре барои таҳзиби сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ ба ҷуз риояи қонуни шариат вуҷуд надорад, то кас ба ҳавою ҳаваси худ гирифтор нашуда, ҳавои худро ба олиҳа табдил надиҳад. Баръакс, ӯ бояд ба шариат тақлид намояд ва тибқи фармудаҳои он рафтор кунад, на бо ҳавои худ, то сифатҳои ахлоқии худро таҳзиб намояд. Он гоҳ сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ дар ӯ дуруст инкишоф хоҳанд ёфт. Ҳар касе арзишҳои ахлоқии худро маҳв мегардонад, ҳалок хоҳад шуд. Барои ҳамин фармудаанд: «Ва ба дурустӣ, ҳар ки нафсро пок сохт, растагор шуд. Ва ба дурустӣ ҳар ки

онро бо гуноҳ пушонид, зиёнкор шуд (91: 9-10) [63, с.261]. Дар ин андешаҳо таъсири улуми динӣ хеле назаррас аст. Дар умум бошад, сарфи назар аз он ки андешаи муҳаққиқи эронӣ Алӣ Асғари Ҳалабӣ оид ба сабабҳои рушд наёфтани илми ахлоқ каме баҳснок бошад ҳам, то андозае ҳақиқати ҳолро оид ба пешрафту камолоти илми ахлоқ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ дар олами ислом ифода мекунад.

Асосан худи илми ахлоқ, ба андешаи Алӣ Асғар, «бо навъи ба лотаклифӣ (номуайянӣ) мувоҷеҳ буда аст ва иллати он ба лотаклифӣ, иборат аз ин шубҳа буд, ки мегуфтанд: фоидаи илми ахлоқ замоне таҳаққуқ меёбад, ки ахлоқ қобили тағйир бошад ва зоҳир хилофи ин аст. Чӣ маъсуроти (корнамоиҳои) зиёде дар кутуби ахлоқ ва ҳадис ва оёти мутаадиде дар китоби карим мушоҳида мешавад, ки нишон медиҳад тағйир додани ахлоқ имкон надорад. Аз оёт яке ин аст, ки Бақара, 2/6-7: «Ҳароина барои онҳое кофир шудаанд, баробар аст: онҳоро хоҳ битарсонӣ, хоҳ натарсонӣ - имон намеоранд. Худо ба дилҳояшон мухр ниҳод ва бар чашмонашон пардае ҳаст ва барои онҳо азоби бузург (дар пеш) аст» [77, с.11].

Ба чунин муносибат ба ахлоқ, яъне ақидаҳо дар бораи табиӣ будани он ва тағйирнопазир будани нафсу хислатҳои инсонӣ, чунонки дар фасли гузашта низ баъзе паҳлӯҳои онро равшан сохтем, андешаҳои паёмбари ислом низ таъсир гузоштаанд:»Агар бишнавед, ки кӯҳе аз ҷои худ канда шуд, онро бипазиред, вале агар бишнавед, ки марде хӯи худро раҳо кард, бовар макунед, зеро зуд бошад, ки ба ахлоқе, ки бад он мафтур аст, боз гардад» [77, с.12].

Дар бораи чунин муносибат ба илми ахлоқ, муҳаққиқи мазкур Алӣ Асғар таъкид доштааст, ки «гуфтаанд, ахлоқ тобеи мизоҷ аст ва мизоҷ қобили табдил нест ва ин низ хилофи мақсуд аз таълим ва тааллум аст, чӣ ҳадаф аз ахлоқ табдили хӯй аст ва таҳсини он дар вуҷуди одамӣ. Ҳамин тавр, сират муқобили сурат аст, ки он низ номутағаййир аст» [77, с.48].

Алӣ Асғар чунин меҳисобад, ки аввалан, хулқ малакае аст, ки ба сабаби он феълҳо, амалҳо аз нафси одамӣ ба осонӣ ва бидуни фикр содир мегарданд

ва малака сифати нафс аст, ки ба суръат гум намешавад ва он аз ду қисм иборат аст, ки яке табиӣ ва дигаре оддӣ (одатӣ) мебошад. Малакаи табиӣ онест, ки мизоҷи шахс дар асли ӯ фитран, ба таври табиӣ ҳамчун сифати хосе ниҳон буда, монанди мизоҷи гармӣ хушк аст, ки бо хашм гирифтан рабт дорад. «Мизоҷи гарми мартуб (рутубатнок - Ҳ.Н.), ки бо шаҳват рондан ва мизоҷи сарди мартуб, ки бо насён ва фаромӯш кардан ва мизоҷи сарди хушк, ки бо билодат ва кавдан будан. Аммо мизоҷи оддӣ (ё касбӣ - Ҳ.Н.) ин аст, ки шахс дар оғоз феълеро ба ихтиёри хеш музоваллат (таҷриба ҳосил кардан дар коре - Ҳ.Н.) кунад ва аз роҳи такрор ва тамрин он феъл малакааш гардад, чунончи феъле аз ӯ ба суҳулат ва бе равият содир гардад. Ва фоидаи ин илм бо қиёс бо аввалӣ зоҳир кардани он чизе аст, ки  дар нафс макнун (пӯшида - Ҳ.Н.) аст ва бо қиёс бо дуввумӣ таҳсили он аст. Ва ба ин маънӣ ишорат дорад сухане, ки аз пайёмбар ривоят кардаанд: «буъисту лиутамима макорима ал-ахлоқ» (ман фиристода шудам ба хотири ба камол расонидан макорими ахлоқ - Ҳ.Н.). Ва аз ин ҷост ки гуфтаанд: шариати мустафавӣ беруни худро аз ақсоми ҳикмати амалӣ ба беҳтарин ваҷҳе ва тамомтарин тафсиле бениёз мекунад» [77, с.55].

Алӣ Асғари Ҳалабӣ дар асоси баҳсҳо оид ба фитрӣ ва ё иктисобӣ будани ахлоқ, аз ҷумла дар асоси таълимоти Ғазолӣ, ба чунин натиҷаи мусбат мерасад, ки аз нигоҳи илми муосир қобили қабул аст: «Бинобар ин агар бигӯем, ки чун чизе аз ахлоқ аст, ки қобили тағйир додан нест ва ҳамин мояи бутлони илми ахлоқ аст, монанди ин аст, ки бигӯем чун бархе аз амроз (бемориҳо - Ҳ.Н.) сиҳат намепазирад, лизо (барои ҳамин - Ҳ.Н.) ҳама илми тиб ботил аст, ин ки ба бадоҳати ақл медонем, бархе аз бемориҳо илоҷпазиранд» [49]. Дар ҳақиқат ҳам, баъзе бемориҳо табобат намешаванд ва тиб дар назди онҳо оҷиз аст, аммо табибон садҳо ва ҳазорон бемориҳои дигарро табобат мекунанд. Аз ин рӯ, инсоният ба рушди илмҳои тиббӣ эҳтиёҷ дорад. Таълиму тарбия низ дар аксари ҳолатҳо натиҷаи мусбат медиҳанд, бо ҳамин сабаб талабот ба илми ахлоқ низ ҳамеша боқӣ мемонад.

Бояд тазаккур дод, ки дар тасаввуф низ аксари намояндагони он фитрӣ

будани хулқро эътироф доранд, аммо онҳо нақши тарбияро низ дар такомули инсон эътироф мекунанд. Дар баробари ин этика ё илми ахлоқ, аз нигоҳи суфиён, моҳияти мураккаб дошта, онро дар мисоли таълимоти Мавлоно Ҷаллолиддини Балхӣ чунин тавзеҳ додаанд: «Афкори ахлоқии Ҷалолиддини Румӣ дар маҷрои тасаввуфӣ баён шудаанд, агарчи хулқу ахлоқи ҷомеаи инсонӣ ва мафҳумҳои бо он пайваста, принсип ва категорияҳо аз ҷониби ӯ ба таври хеле васеъ баррасӣ шудаанд. Ҳатто метавон гуфт, ки низоми ақидаҳои худро оид ба арзишҳои умумибашарии ахлоқӣ ӯ дар ду низом ифода мекунад: ахлоқи ҷомеаи инсонӣ дар умум, яъне назария, арзишҳо, принсип, этикети ахлоқӣ, инчунин низоми ахлоқии тасаввуф. Зимни он ду ҷанба ё ду нигоҳ ба ахлоқ ба ҳамдигар мухолифат намекунанд, балки тибқи назари Румӣ, робитаи мутақобила доранд ва ҳамчун унсурҳои низоми умумиисломии ахлоқӣ аз ҳамдигар вобастаанд» [151, с.134]. Дар баробари ин, дар тасаввуф категорияҳои зиёди ифодакунандаи ахлоқ вуҷуд доранд, ки мардонагӣ, шарафмандӣ, хирадмандӣ, адолат ва амсоли он намунае аз онҳо буда, ба фазилатҳо дар таълимоти Ғазолӣ ҳаммаъноянд.

Барои дақиқ кардани таснифи илмҳо ва тағйир ёфтани мавқеи Ғазолӣ оид ба ин мавзуъ тасдиқоти дигар низ, ки дар «Меъёру-л-илм» омадаанд, хизмат мекунанд. Дар «Меъёру-л-амал» бошад, ӯ таҳлили равонии нафсро пешниҳод мекунад, ки дар «Мақосиду-л-фалосифа» ва «Таҳофуту-л-фалосифа» низ вуҷуд дорад. Дар асоси ин таҳлил, мутафаккир фазилатҳоро мавриди баҳс қарор дода, роҳҳои чӣ гуна ба саодати олӣ расиданро шарҳ медиҳад. Зеро саодати ниҳоӣ, ба андешаи Ғазолӣ, танҳо дар охират метавонад амалӣ гардад. Ӯ дар муайянсозии фазилатҳо чизи нав - ирфон, яъне фанни тарбияи характерро ворид месозад, то ки бештар барои расидан ба ҳадафҳои ахлоқӣ хизмат кунад. Дар бобе, ки тафовути усулҳои ақлӣ ва ирфониро нисбат ба илм нишон медиҳад, Ғазолӣ тасдиқ менамояд, ки дар байни ақлу ирфон мувофиқат нисбати амал (ҷониб ал-амал муттафақ алайҳ) вуҷуд дорад, аммо онҳо дар нисбати илм фарқ мекунанд [62, с.43]. Истилоҳи «амал» дар ин ҷо шояд, маънои васеътари ахлоқ - «таҳзиби нафс» ва

«ибодат»-ро низ дар бар мегирад [62, с.48,52].

Дар ҷои дигари «Меъёру-л-илм» Ғазолӣ гунаи дигарро пешкаш мекунад, ки тибқи он илмҳо ба илмҳои шариатӣ ва ақлия тақсим карда шудаанд ва муаллиф тасдиқ мекунад, ки онҳо якдигарро пурра карда, бо ҳам мухолифат надоранд. [62, с.146.] Аммо дар худи ҳамон боб, Ғазолӣ илмҳоро ба илмҳои иктисобӣ (аз ҷониби ақл қабулшуда), илмҳои «дунявӣ» (дунявия) ва «охиратӣ» (ухравия) тақсим мекунад, ки ба андешаи ӯ, онҳо дар муқобили якдигар қарор доранд. «Амали хуб» дар чунин фаҳмиш танҳо бо истифода аз илмҳои ухравӣ содир мешавад [62, с.147-148].

Ҳамин тариқ, андешаи Ғазолӣ дар «Меъёру-л-илм» оид ба ахлоқ бо ақлгароӣ ва аз дидгоҳи фалсафӣ оғоз шуда ва баъдан тавсеа ёфта, як қатор унсурҳои ирфонӣ ва диниро дар бар мегирад. Тахминан онро метавон чунин тавсиф кард: 1) ахлоқ аз илми сиёсат вобаста набуда, қабл аз ҳама ба камолоти ахлоқии шахсият машғул аст. Ин, албатта, андешаҳои собиқи Ғазолиро, ки аз Абуалӣ ибни Сино дар бораи ахлоқ ҳамчун илми мустақили амалӣ гирифта буд, тасдиқ менамояд; 2) ахлоқ илми бунёдӣ буда, хидматгори ҳама илмҳост. Ин муфассалан дар «Эҳёу улуми-д-дин» тавсиф ёфтааст, ки аз ҷониби ҳама муҳаққиқони афкори фалсафӣ асари муҳимтарини Ғазолӣ эътироф шудааст. Худи Ғазолӣ низ «Эҳёу улуми-д-дин»-ро дар дигар асараш ҳимоя намудааст ва онро маҳз ба хотири ҳадафи ягона - посух гуфтан ба эътирозҳо нисбати асари мазкур таълиф намудааст. Ӯ ҳамчунин ду шакли мухтасари ин асарро низ, яке ба забони арабӣ ва дигаре ба забони тоҷикӣ-форсӣ таълиф намудааст. Ин китоб, ки барои ҳимояи «Эҳёу улуми-д-дин» таълиф шудааст, «Имло» ном дошта, хулосаи «Китоб ал-арбаъин фи усули-д-дин» ва «Кимиёи саодат» мебошад.

Дар асари дигараш «Кимиёи саодат» низ Ғазолӣ номгӯи чандин илмҳоро ёд кардааст: илми динӣ, илмҳои шариат, илми шоҳмот, илмҳои ақлӣ, илм дар бораи ахлоқ, илм дар бораи ихтилофҳо (хилоф), илми закот ва ғайра. Аммо дар ниҳояти кор худшиносиро ҳамчун роҳи ягонаи расидан ба ҳақиқат донистааст, ки рӯ овардани ӯро ба ирфон, тасаввуф бараъло нишон медиҳад:

«Пас туро лозим аст, ки дар бораи худ илми ирфонӣ ҷустуҷӯ кунӣ; ту худ чӣ ҳастӣ, аз куҷо омадаӣ ва ба куҷо меравӣ, барои чӣ ту омадаӣ, барои чӣ ба макони кунунӣ омадаӣ, саодати ту чист ва он дар чӣ аст, бадбахтии ту чист ва сабабаш чист» [1, с.26-27].

Хулоса, тавсифи мухтасари мақоми илми ахлоқ дар таснифоти илмҳои Муҳаммад Ғазолӣ нишон медиҳад, ки он аз табақабандиҳои илмҳое маншаъ мегирад, ки ҳанӯз аз мактаби фалсафаи Арасту оғоз ёфта буданд. Дар ин мактаб илмҳо ба ду қисми асосӣ - назарӣ ва амалӣ ҷудо гардида, илмҳои назарӣ ба табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт ва илмҳои амалӣ ба ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун (дар осори ал-Киндӣ, Форобӣ ва Ибни Сино) тақсимбандӣ шудаанд. Аммо дар таснифоти худ Ғазолӣ ба табақабандиҳои болозикр каме тафовутҳо низ ворид намудааст. Ғазолӣ бо такя ба илоҳиётшиносӣ ва ирфон инчунин илмҳоро ба илми муомила ва мукошифа тақсим карда ва аз машшоиёни шарқӣ мантиқи арастуӣ, ҳама илмҳои амалӣ (ахлоқ, сиёсат ва тадбири манзил)-ро қабул намуда, таҳти таъсири Ибни Сино илми ахлоқро аз сиёсату-л-мудун мустақил донистааст. Ахлоқро Ғазолӣ чун амалҳое медонад, ки ба ҳадафҳои олии инсон алоқаманданд, он рафтореро фаро мегирад, ки аз нафси ҳам писандида ва ҳам нописандида бармеояд ва хулқ хусусияти фитрӣ дошта бошад ҳам, нақши тарбия низ дар такомули инсон баланд аст. Ҳамзамон, дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ инчунин нақши фазилатҳо муҳим дониста шудааст, ки моҳияти умумии онҳоро дар фасли оянда шарҳ медиҳем.

## 1.3 Табақабандии фазилатҳо дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ

Ғазолӣ дар «Эҳёу улуми-д-дин», вале равшантару аниқтар дар «Меъёру-л-илм» андешаҳои мухтасари худро дар бораи фазилатҳо баён намуда ва оид ба ҳар кадоми онҳо баҳс карда, баъдан ҳар яке аз онҳоро муфассалан шарҳу тавзеҳ додааст [17, с.144; 57, с.83-101]. Ба андешаи Ғазолӣ, фазилатҳо бисёранд, вале дар чаҳор чиз ҷамъ омада, шомили навъҳои гуногун мешаванд, ки ба қавли ӯ, «муштамил ба шуъбаҳо ва анвои он аст: ҳикмат (фазилати неруи ақлӣ), шуҷоат (фазилати неруи ғазабӣ), иффат (фазилати неруи шаҳвонӣ) ва адолат (иборат аз ҷойгирии ҳамаи ин неруҳо) ба тартиби лозим аст, бо ин фазилат аст, ки ҳама умур ба шакли том ва тамом дармеоянд» [57, с.76].

Ғазолӣ чунин меҳисобад, ки аз чаҳор фазилати асосӣ сетои он - ҳикмат, шуҷоат ва иффат (эътидол) ба қувваҳои зеҳнӣ (ақлӣ), ғазабӣ ва шаҳвоният мутаносибанд. Вазифаи фазилати асосии чаҳорум, яъне адолат дуруст ҷойгир кунонидани ин қувваҳо дар муносибат ба якдигар мебошад. Тамоми фазилатҳои боқимондае, ки Ғазолӣ аз онҳо сухан мегӯяд, ба адолат тобеъ мебошанд. Дар зери ҳар кадоме аз фазилатҳои асосӣ дар асоси он нақше, ки онро дар табақандии умумии фазилатҳо бояд иҷро кунанд, барои ҳар як фазилат ҷойҳои махсус ҷудо гардидааст. Барои фаҳмидани моҳияти ин тақсимбандӣ бояд рӯйхати фазилатҳо тартиб дода шуда, дар он шаклҳои фазилатҳои асосӣ ва зерфазилатҳо тибқи раддабандии Ғазолӣ оварда шаванд.

Ғазолӣ дар «Баёни паёмадҳои фазилати ҳикмат ва разилатҳои он, ки фиреб ва балоҳат аст» чунин фазилатҳои ҳикматро ҷудо намудааст: 1) ҳусни тадбир - ба таври некӯ тааммул кардан; 2) ҷудати зеҳн - қудрат доштан барои баровардани ҳукми дуруст; 3) гузиниши роъй - иборат аз андеша кардан дар бораи иллату сабабҳо ва тасмим гирифтан аст, ки инсонро дар умури зиндагӣ ба саранҷоми некӯ мерасонад; 4) савоби занн - пиндошти дуруст, ки он дар

муқоиса ба шиори «пиндори нек»-и зардуштия рост меояд. Аммо ҳикмат разилатҳо низ дорад, ки онҳо фиреб (даҳо, ҷарбуза) ва балоҳат (хомӣ, бетаҷрибагӣ, ҳумқ ва ҷунун) мебошанд.

Дар фасли «Баёни он чи дар пайи фазилати шуҷоат меояд», Ғазолӣ сифатҳоеро аз қабили карам (бахшиш), наҷдат (ёрӣ додан ба касе), кибру-н-нафс (бузургдилӣ), эҳмол (бурдборӣ), ҳилм (шикебоӣ), шаҳомат (далерӣ), нубл (бузургворӣ), виқор (сангинӣ)-ро ҳамчун пайомадҳои фазилати шуҷоат ва ду разилати дигари зид бо шуҷоат - таҳаввур (шуҷоати аз ҳад зиёд, ҷасорати бефикру мулоҳиза) ва ҷубн (хавф, тарс)-ро шарҳу тавзеҳ додааст, ки сабаби пайдошавии сифатҳои зайл мешаванд: велхарҷӣ (сарф кардани маблағ барои корҳои нолозим, бо хотири худнамоӣ), бахшишнамоӣ (дар зарурат сарф накардани маблағ ва ифтихор бо корҳои ночиз), ҷасорат (ночиз шумоfunction мардани марг дар ҷое, ки чунин кор набояд кард), нукул (худдорие, ки аз тарси ҳалокат маншаъ гирифта, дар мавриде карда мешавад, ки худдорӣ шоиста нест), баландпардозӣ (худро баланд гирифтан), сиғари нафс (худро кӯчак гирифтан, худро барои корҳои камтар аз шоистагӣ омода нишон додан), бетобӣ (сӯитаҳаммули аламҳо ва ранҷҳо), такаббур, пастигароӣ, уҷб (худписандӣ) [17, с.280; 57, с.82-97]. Ғазолӣ таъкид намудааст, ки таҳаввур сабаби афзоиш ва ҷубн сабаби коҳиш ёфтани шуҷоат (ҷасорат) мегардад.

Фазилатҳои худи шуҷоат инҳоянд: 1. Карам (бахшиш). 2. Наҷдат (ёри додан ба касе). 3. Кибру-н-нафс (бузургдилӣ). 4.Эҳмол (бурдборӣ). 5. Ҳилм (шикебоӣ, хоксорӣ). 6. Шаҳомат (далерӣ). 7. Нубл (бузургворӣ), 8. Виқор (сангинӣ);

Дар боби «Баёни он чи дар пайи фазилати иффат меояд» Ғазолӣ чунин сифатҳои иффатро овардааст: ҳаё (шармгинӣ), хиҷолат (шармандагӣ), мусомаҳа (гузашт кардан), сабр (бурдборӣ), сахо (бахшандагӣ, кушоддастӣ), ҳусни тақдир (андоза нигаҳ доштан), дамосат (нармхӯӣ), интизом, ҳусни ҳайат (оростагӣ), қаноат (ризоят ба кам), ҳудуъ (оромиш), вараъ (парҳезгорӣ), талоқат (хушгӯӣ), зарофат (хушсуханӣ) ва тасаххут (сарзаниши мулоим ё сахт).

Рӯйхатҳои боло нишон медиҳанд, ки тавсифи ин фазилатҳо аз ҷониби Ғазолӣ дар умум, ба андешаи файласуфон ва махсусан, машшоияи шарқӣ, комилан мувофиқат менамояд. Масалан, чаҳор фазилати афлотунӣ асоси дигар фазилатҳоро таъмин мегардонад [41]. Ин рӯйхат ба рӯйхати Мискавайҳ, ба истиснои он ки ӯ баъзе фазилатҳои дуюмдараҷаро ба саховат дохил карда, ба шумора, тартиби якчанд фазилатҳои дуюмдараҷа мувофиқ нест. Масалан, Ғазолӣ, кибру-н-нафс (бузургдилӣ) ва нубл (бузургворӣ)-ро ба шуҷоат мансуб донистааст, вале Мискавайҳ онро як қисми саховат меҳисобад, ки дар навбати худ, ба эътидол мансуб дониста шудааст [76, с.19-24]. Андешаҳои Ғазолӣ ҳамчунин ба андешаҳои Ибни Сино низ шабоҳати зиёд доранд. Ҳар ду мутафаккир бар он ақидаанд, ки ҳеҷ кадом фазилат ба мақулаи адолат мансуб намебошанд, вале бо шумора ва ҷойгиршавии фазилатҳои дигар раддабандии Ғазолӣ ва Ибни Сино аз ҳам фарқ мекунанд. Ибни Сино танҳо аз ду фазилати таҳти эътидол, аз ҷумла сахо ва ризо ном бурда, шумораи зиёди фазилатҳои дуюмдараҷаро ба ҳикмат мансуб медонад, дар ҳоле, ки Ғазолӣ тамоман акси онро анҷом додааст [71, с.152-154].

Баъзе шабоҳатҳои дигар дар байни фазилатҳое, ки Ғазолӣ дар рӯйхат овардааст ва фазилатҳое, ки Форобӣ ва Ибни Адӣ овардаанд, вуҷуд доранд, гарчанде ки онҳо барои Ғазолӣ, Ибни Сино ва Мискавайҳ умумӣ мебошанд, вале ваҳдати ин сохторро ошкор накардаанд.

Шабоҳати наздики таснифи ин фазилатҳо, ки Ғазолӣ ва файласуфони шарқӣ анҷом додаанд, нишон медиҳад, ки Ғазолӣ фазилатҳои фалсафиро (яъне аз ҷониби файласуфон муайяншударо) қабул кардааст. Агар мо шарҳи Ғазолиро бо шарҳи файласуфони юнонӣ, аз ҷумла Арасту муқоиса намоем, ин нуқтаи назари фалсафиро метавон пурратар дарк кард ва ин муқоиса нишон хоҳад дод, ки оё файласуфони шарқӣ дар шарҳҳои худ андешаҳои ғайришарқиро ворид намудаанд ё не. Арасту таснифоти фазилатҳои худро ба мисли Ғазолӣ шаклбандӣ накардааст. Сарфи назар аз ин, таснифоти фазилатҳои Ғазолӣ, ки чаҳор фазоили афлотуниро (ҳикмат - ба ҳакимон, адолат - ба ҳукмронон, ҷасорат - ба ҷанговарон ва эътидол - ба заминдорон

ва ҳунармандон хос аст) дар бар гирифтааст, дар рӯйхати фазилатҳое қарор додааст, ки онҳоро файласуфони шарқӣ низ пешниҳод намудаанд.

Дар «Этикаи Никомах» Арасту фазилатҳоро ба ахлоқӣ ва ақлӣ (интеллектуалӣ, зеҳнӣ) ҷудо кардааст. Фазилатҳои ахлоқӣ инҳоянд: ҷасорат, эътидол, саховатпешагӣ, бузургии нафс, ифтихор, сабукӣ, нармӣ, ҳалимӣ, ростӣ, зиракӣ, дӯстӣ ва адолат. Ҳалимӣ, хоксорӣ - фазилати дурӯғини ахлоқӣ мебошад [42].

Фазилатҳои ақлии (интеллектуалии) асосӣ инҳоянд - санъат, илм, ҳикмати назарӣ ва зеҳн, интеллект. Ба фазилатҳои интеллектуалии дуюмдараҷа ҷудати фикр, дарк ё фаҳмиши хуб ва муҳокима дохил мешаванд [42].

Дар баробари ин, фазилатҳои пешниҳоднамудаи файласуфони шарқиро дар партави фалсафаи анъанавии юнонӣ баррасӣ карда, дар таълимоти Ғазолӣ ва мутафаккирони дигар баъзе тағйирот ва иловаҳоро метавон мушоҳида кард, ки онҳо замоне пайдо шуданд, ки файласуфони шарқӣ саъй доштанд, ки фалсафаи ахлоқии юнониро бо принсипҳои асосии ислом мутобиқ гардонанд. Масалан, Мискавайҳ фазилати донишҳои диниро, аз ҷумла «ибодат» ва «вараъ» (худнигаҳдорӣ, парҳезгорӣ)-ро ворид намудааст [77, с.24]. Илова бар фазилатҳое, ки дорои маънои динӣ мебошанд, файласуфони шарқӣ фазилатҳоеро, мисли «хоксорӣ» дохил кардаанд, ки Арасту онро аз шумораи фазилатҳои комил наҳисобидааст [77, с. 20; 71, с. 153]. Чунин тағйирот, ки дар дигар зербобҳои диссертатсия боз ҳам муфассалтар баррасӣ хоҳанд шуд, барои фаҳмидани шарҳи фазилатҳо аз ҷониби Ғазолӣ муҳиманд, зеро то андозаи муайян онҳо ба шарофати фазилатҳои фалсафӣ имконпазир гардидаанд. Аз ҷониби дигар, Ғазолӣ фазилатҳоро дар шакли пурраи пешкашнамудаи файласуфони шарқӣ қабул надорад. Ӯ ба онҳо тағйироти шахсии худро ворид намудааст, то тавонад, ки ин фазилатҳоро ба назарияи ахлоқӣ дохил намояд. Тавзеҳоти Ғазолиро оид ба ҳар кадом ақсоми фазилатҳои муҳим муҳокима карда ва мулоҳизоти умумии худро баён намуда, кӯшиш мекунем, асоснок намоем, ки ин

табақабандӣ зимни баррасии фазилатҳои фалсафӣ сурат гирифтааст. Ҳоло моҳияти ҳар чаҳор фазилатҳои дар боло зикршударо муфассалтар таҳлил ва баррасӣ менамоем.

I. Ҳикмат ва шаклҳои он. Ғазолӣ, ба мисли Мискавайҳ, андешаҳои худро аз ҳикмат оғоз намудааст, дар ҳоле, ки Арасту на аз ҳикмат, балки аз шуҷоат оғоз намуда буд [57, с.84; 77, с. 19]. Дар «Мизону-л-амал» Ғазолӣ ҳикматро шарҳ дода навиштааст, ки «Мақсуди мо аз ҳикмат он аст, ки Худои таъоло онро дар ин гуфтор бузург донистааст: «касе, ки дорои ҳикмат аст, аз хайри бисёре бархӯрдор аст» (Қуръон, 2:269) ва паёмбар фармудааст: «Ал-ҳикмат золат ал-муъмин» (ҳикмат гумшуда ё мавриди ҷустуҷӯи муъмин аст, аз ин рӯ ҳикматро мансуб ба неруи ақлӣ аст - Ҳ.Н.). Дар он чи пештар омад донистӣ, ки нафсро ду неру аст: яке он ки рӯй ба фароз дорад ва ҳамон аст, ки нафс, ҳақоиқи улуми зарурӣ ва назариро ба тавассути он аз малои аъло (ҷаҳони барин - Ҳ.Н.) фаро мегирад ва инҳо улуми яқинии содиқ аз азал то абад аст ва бо ихтилофи давронҳо ва умматҳо тағйир ва табдил пайдо намекунад, монанди илм ба Худои таъоло ва сифоташ, фариштагонаш, китобҳояш ва фиристодагонаш ва анвои офаридаҳояш дар ҷаҳон. Балки аз ҷумлаи улуме аст, ки нафй ва исбот бар шайъи воҳид ва дар ҳоли воҳид, содиқ нест ва чунин аст улуми ҳақиқӣ ва ин улум ҳикмати ҳақиқӣ мебошанд. Неруи дигар он ки, рӯй ба фуруд дорад, яъне дар ҷиҳати ҷисм ва тадбир ва сиёсат он амал мекунад ва нафс ба тавассути он корҳои некро дармеёбад ва номаш ақли амалӣ аст. Инсон бо ақли амалӣ, қуввои нафс, аҳли балад ва аҳли манзили худро идора мекунад» [57, с.76]. Дар ин ҷо бояд таъкид намуд, ки ҳикмат дар таърихи фалсафаи асримиёнагии тоҷик асосан ҳамчу муродифи фалсафа ҳисоб мешуд, аммо баъзан онро аз рӯи маъно васеътар аз фалсафа донистаанд [252].

Дар «Меъёру-л-илм»-и Ғазолӣ ҳикмат фазилати нафси инсонӣ ҳисобида шудааст, зеро нафси инсонӣ дорои ду қувва - назарӣ ва амалӣ мебошад ва ду шакли ҳикмат, дақиқтараш ҳикмати назарӣ ва ҳикмати амалӣ вуҷуд дорад, ки ба ин ду қувва мутобиқат доранд [57, с.83-84]. Ҳикмати назарӣ ба соҳаи

маърифати (шинохти) Ҳақ, сифатҳо, малоикаҳо, паёмбарон ва ваҳйи илоҳӣ дахл доранд. Маҳз ҳамин дониш ҳикмати ҳақиқӣ мебошад, зеро ҳадафи хосаи ҳикмати назарӣ ин шинохти Ҳақ аст, на дониши оддӣ.

Дар «ал-Мақсад ал-ақсо» Ғазолӣ ҳикматро ҳамчун донишҳои одамони олитарин тавассути донишҳои беҳтарин муайян мекунад. Аммо илова мекунад, ки беҳтарин илм маърифати Ҳақ аст ва Ҳақ беҳтарин ва зеботарин мавҷуд мебошад. Ҳар касе, ки ҳама чизро шинохта Ҳақро намешиносад, сазовори он нест, ки ӯро ҳаким биномем, дар ҳоле, ки ҳар касе Ҳақро мешиносад, ҳаким аст, ҳатто агар дар илмҳои дигари улуми расмӣ ноқис бошад ҳам [31, с.97]. Маълум аст, ки ин андешаҳои Ғазолӣ аз таълимоти динӣ сарчашма мегиранд, на аз ҳикмату фалсафа.

Ҳамин тариқ, ба андешаи Ғазолӣ, ҳикмати асосӣ - шинохтани Ҳақ аст, аммо ин  фазилати олӣ намебошад. Дар тафовут аз Арасту, ки фазилати олиро ҳамчун шакли (формаи) илми комил меҳисобид, Ғазолӣ дар ин симмат ҳикматро меҳисобад, ки ба андешаи ӯ, дар ин ҷаҳон дониши комилтарин ба ҳисоб рафта, барои он муҳим аст, ки он ба сӯи муҳаббат ба Ҳақ мебарад. Муҳаббат ба Ҳақ аз маърифати оддии Ӯ болотар аст, ҳарчанд, ки он дар натиҷаи чунин дониш меояд [18, с.505-571]. Дар андеша дар бораи он ки муҳаббат ба Ҳақ, на шинохтани Ӯ олитарин фазилат мебошад, фаҳмиши ирфонии фазилат зуҳур мекунад. Баррасии ин масъала баҳодиҳии таъсири ирфонро ба ахлоқи Ғазолӣ тақозо мекунад, аз ин рӯ онро дар боби минбаъда баррасӣ мекунем.

Сарфи назар аз он ки ҳикмати назарӣ ҳикмати олӣ набошад ҳам, Барои Ғазолӣ он болотар аз ҳикмати ахлоқӣ (яъне амалӣ) мебошад. Ҳикмати ахлоқӣ (ҳикма хулуқия) фазилати  қисми амалии нафси инсонӣ буда, танҳо ба маънои маҷозӣ ҳикмат номида мешавад. Ғазолӣ инро дар «Меъёру-л-илм» ҳамчун ҳолат ва фазилати нафси оқила муайян кардааст, ки вазифаи он аз идора кардани қувваҳои ишқ ва барангезандаи он ва шинохтани рафтори саҳеҳ иборат мебошад.

Дар «Эҳёу улуми-д-дин»-и Ғазолӣ як фазилате вуҷуд дорад, ки он на

ҳамчун фазилати ахлоқӣ, балки ҳамчун «ҳолати нафс» муайян карда шудааст, ки тавассути он инсон саҳеҳро аз носаҳеҳ дар ҳама ҳолатҳои озод муайян мекунанд [17, с.131]. Ин фазилат дар он шакле, ки муайян шудааст, ба фазилати «ҳикмати амалӣ»-и Арасту, «ба сифати ақли ба ҳақиқат расанда, ки бо амали барои инсон хуб ва бад алоқаманд» [42, с.65], мувофиқат менамояд.

Мисли ҳикмати амалии Арасту, фазилати ҳикмати амалии Ғазолӣ низ аз ҳикмати назариявӣ вобаста намебошад, аммо дар он маъно ақлӣ мебошад, ки он фикр кардан, ба андеша рафтанро дар назар дорад. Аммо ин мувофиқат вақте аз байн меравад, ки Ғазолӣ ҳикмати ахлоқиро ҳамчун ҳадди миёна байни ду ҳадди ифротӣ муайян мекунад: пурӣ, ки фиреб буда ва нуқсон, ки аҳмақӣ аст. Ӯ аввалиро ҳамчун «ҳолате, ки инсон дар он маккор ва ҳиллагар буда, ба қаҳру ғазаб иҷоза медиҳад, ки ба объекти марғуб бо услубе ҳаракат кунад, ки аз он зарууртар ва афзунтар аст» [57, с.81]. Ӯ ҳамоқатро ҳамчун «ҳолати нафс, ки монеи қаҳру ғазаб мешавад», ҳамчун қобилияти ба даст овардани сатҳи лозимӣ маънидод мекунад: «Ин фазилатро ду разилат аст: яке макру фиреб, дигаре ҳамоқат ва балоҳат ва инҳо ҷанбаҳои ифрот ва тафрити ақли амалианд. Дар ин ҳолат инсон ҳиллагар мешавад аз тариқи итлоқ неруҳои ғазабӣ ва шаҳвонӣ, ки барои ба даст овардани матлуб, ҳаракати зоид аз воҷиб мекунанд. Аммо ҳамоқат ва балоҳат, ҷиҳати тафритии (ақли амалӣ - Ҳ.Н.) аст ва нуқсони эътидоли он аст ва ин ҳолате дар нафс аст, ки ду неруи ғазабӣ ва шаҳвониро камтар аз андоза воҷиб мегардонад. Маншаи он кундии фаҳм ва камии иҳота ба дурустии корҳост» [57, с.92].

Арасту таълимоти худро доир ба ҳадди миёна (васат) танҳо нисбати фазоили алоҳидаи ахлоқӣ истифода мебарад, на нисбат ба ҳикмати амалӣ. Ҳикмати амалӣ танҳо дар китоби VI, фасли V «Этикаи Никомах» пайдо мешавад, ки дар он нуқсони ҳадди ифротии норасоӣ ва ё зиёдатӣ (пурӣ), зикр нашудааст. Андешаҳои Арасту оид ба фазилатҳо моро бовар мекунонанд, ки фазилат ба он қисми нафс мансуб аст, ки андешаро ташаккул медиҳад. Ин, дар навбати худ, ба андеша дар бораи он меоварад, ки ҳикмати амалӣ он чизи миёнаест, ки дар байни ду чизи ифротӣ қарор дорад [42, с.176].

Мискавайҳ ва Ибни Сино ҳикмати амалиро ҳамчун ҳадди миёнае муайян кардаанд, ки дар байни ду ҳадди ифротӣ ҷойгир аст [77, с.26]. Охирӣ чунин тавзеҳ дода шудааст: зери мафҳуми ҳикмат ҳамчун фазилат (ал-ҳикма ал-фоилиййа), ки сеюмини он сегона мебошад ва дар худ ба ғайр аз эътидол, шуҷоатро низ дар бар мегирад, ҳикмати амалӣ фаҳмида намешавад, зеро дар охирӣ умуман ҳадди миёна тақозо намешавад, ғолибан ҳикмати амалӣ, ки ба амалҳои дунявӣ ва рафтор мансуб аст, фаҳмида мешавад, зеро он фиреб аст - мутаваҷҷеҳ шудан ба шинохти ин ҳикмат, ки тавассути онҳо метавон ба даст овард ва он дур шудан аз ҳама гуна манфиат ва хисорат (зарар) мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки Ғазолӣ танҳо таърифи ин фазилатро аз ҷониби Ибни Сино ва Мискавайҳ бозтакрор кардааст. Зеро дар тафовут аз дигар фазилатҳои фалсафӣ, ҳикмати амалӣ инкишофи минбаъдаи худро дар системаи ахлоқии Ғазолӣ пайдо намекунад ва зерфаслҳои ҳикмати амалӣ ба таври сатҳӣ баррасӣ шудаанд. Ғазолӣ онҳоро ҳамчун панҷ фазоил ном мебарад: «ҳусн ат-тадбир» (некӯ тааммул кардан), «ҷудат аз-зеҳн» (қудрат бар ҳукми дуруст), «гузиниши роъй» (андеша оид ба сабабҳои асосӣ), «савоб ал-занн» (пиндошти дуруст) ва «ат-тафаттун ли дақоиқ ал-амал ва хафояат ан-нуфус» (дарки амалҳои нозук ва шарри пӯшидаи нафс). Охирӣ танҳо дар «Эҳёу улуми-д-дин» оварда шудааст [17, с.120]. Дар ин асар номҳои фазилатҳои мазкур ва нуқсонҳои муқобили онҳо оварда мешаванд, аммо шарҳи чор фазилати аввалин ва нуқсонҳои муқобили онҳоро метавон дар «Меъёру-л-илм» низ пайдо кард.

Мавқеи Ғазолӣ вобастагии комили ӯро аз андешаҳои Мискавайҳ ва Абуалӣ ибни Сино нишон медиҳад [77, с.19], ки ҷузъан фазилатҳои дуюмдараҷаи ақлиро бозтакрор кардаанд ва Арасту онҳоро ба ҳикмати амалӣ мансуб медонист [42, с.184]. Андешаҳои Ғазолӣ оид ба ақсоми ҳикмати амалӣ нишон медиҳад, ки ӯ онҳоро аз андешаҳои марказии ахлоқ намеҳисобид. Ғазолӣ фазилатҳоро танҳо ёдовар шуда, мушаххасу дақиқ накардааст. Таърифи ин фазилатҳоро метавон ба таври хеле оддӣ дар таълимоти файласуфони шарқӣ ва то андозае дар осори Арасту баррасӣ

намуд. Ҳамин тариқ, Ғазолӣ фазилатҳои фалсафиро дар ҳамон шакле, ки вуҷуд доранд, бидуни тағйироти зиёд қабул мекунад ва дар айни замон ӯ чунин андеша дорад, ки назарияи ахлоқии ӯ ба ҷуз дониши сатҳӣ ягон чизи иловагии дигарро талаб намекунад.

II. Шуҷоат ва шаклҳои он. Аз нигоҳи Ғазолӣ, вақте ки қувваи амалии нафси инсонӣ ҳикмати амалиро касб намуда, қаҳру ғазабро тобеъи худ мекунад, ба фазилати шуҷоат мерасад: шуҷоат фазилате аз неруҳои хашм аст (қиввои ғазабӣ), ки омехта бо неруи ҳаммият (ё ирода) тобеъи ақли мутааддаб ба шаръ дар иқдом ва худдорӣ мебошад. Шуҷоат ҳолати мутавасити миёни ду разилат ва пайваста бо он аст, ки яке таҳаввур (ҷониби афзун бар эътидол аст ва ин ҳолате аст, ки инсон тавассути он ба корҳои манъшудае, ки ақл аз он рӯй мегардонад, иқдом мекунад) ва дигаре тарс ном ном дорад [54, с.76]. Ғазолӣ онро ба монанди ҳолати муътадили қаҳру ғазаб муайян мекунад, ки дар миёни тарс (ҷубн) ва шуҷоати аз ҳад зиёд, ҷасорати бефикру мулоҳиза (таҳаввур) ҷойгир аст. Охирӣ, ки ҳадди ифротитарин мебошад, ҳолатест, ки инсон дар он ба кори хавфноке ҷасорат пайдо мекунад, ки ақл аз он дур шуданро тақозо мекунад. Бояд тазаккур дод, ки шуҷоат дар фалсафаи арастуӣ, инчунин бо интихоби бошуурона рабт дода шудааст, зеро чунин интихобро маҳз инсони бошуҷоат карда метавонад [85, с.65-77].

Тарс сатҳи канорӣ мебошад, яъне ҷониби нуқсони шуҷоат аст ва ҳолате аст, ки дар он, ҳаракати ғазабӣ, яъне хашм, аз андозаи лозим ва воҷиб коста мегардад ва аз иқдом дар он ҷое, ки бояд амале анҷом дода шавад, худдорӣ мекунанд. Вақте ки ахлоқ ҳосил шуд, ин корҳо низ аз он содир мешаванд, яъне аз хулқи шуҷоат, ирода ва иқдом ба кор, дар он ҷо ки бояд амале анҷом шавад ва он гуна ки бояд анҷом гирад, содир мегардад ва ин хӯи накӯи писандида аст. Нуқс - камбудӣ, деффект бошад, ин ҳолатест, ки қувваи барангезандаи он наметавонад ба таври кофӣ ҳаракат намояд ва дар натиҷа инсон дар вақти зарурӣ амал намекунад [57, с.85; 17, с.123; 77, с. 16-27].

Шуҷоат танҳо дар ҳолате фазилат аст, ки он дар ҳолатҳои саҳеҳ ва ба шакли саҳеҳ зоҳир гардад ва Ғазолӣ боз ба сӯи теология майл карда, намунаи

онро дар ояти Қуръон мебинад: «Муҳаммад - пайғамбари Худо ва онон, ки ҳамроҳи ӯянд, бар кофирон сахтдиланд ва дар миёни худ меҳрубонанд» (Қуръон: 48:29) . Ҳамин тариқ, на қувва ва на меҳрубонӣ худ ба худ писандида нестанд. Шароит муайян мекунад, ки ақл кай ҳал мекунад, ки чи чизе ҷо дорад: қувва (шидда) ё меҳрубонӣ (раҳма) [57, с.85-86]. Вақте ки Ғазолӣ маънои тарсро дар назди Ҳақ ифода карданӣ бошад, муҳим будани шароитро нишон дода, дар бораи тарс ҳамчун хосияти маҳмуда (сутуда) ва беҳтарини хулқ сухан мегӯяд [18, с.243].

Ҳарчанд ки андешаҳои Ғазолӣ аксар ба ахлоқи ирфонӣ мансуб буда, дар боби ояндаи диссертатсия ба таври муфассал баррасӣ хоҳанд шуд, зикр мекунем, ки ин далел, ки ӯ ҳадди ифротии нуқсонро барои фазилат шудан қобил меҳисобад, маънои дур шудан аз таълимоти Арасту дар бораи шуҷоат (ҷасорат)-ро дорад. Ба андешаи Арасту, шуҷоат робита ба ашёест, ки эътимод ё тарсро талқин менамоянд. «Инсоне, ки дар тарс аз ҳад зиёд саъй мекунад, тарсончак аст, зеро ӯ аз он чизе, ки бояд бошад ва он чизе, ки бояд набошад ҳам метарсад» [42, с.36]. Аммо тарс аз чӣ? Арасту баъзе чизҳоеро зикр мекунад, ки мудҳиш ҳисобида мешаванд, зимнан марг «чизи аз ҳама мудҳиштарини тамоми ашё мебошад, зеро ин анҷому ниҳоят аст ва баъди он барои мурдаҳо на хуб ва на бад ҳисобида намешавад» [42, с.36-38]. Аз ин рӯ Арасту мегӯяд: «Одилона, шуҷоъ (ҷасур) касеро мегӯянд, ки дар назди марги шарафмандона нотарс бошад» [42, с.63].

Ба ибораи дигар, танҳо он касе, ки маргро дар майдони ҷанг пешвоз мегирад, шуҷоъ (ҷасур) аст ва мардонагӣ ин шарафест, ки дар ҷанг ба даст омадааст. Барои Ғазолӣ объекти асосии тарс Ҳақ ва уқубати Ӯ, ки дар охират мебошад, яъне тарс дар назди чизест, ки аз баъди марг меояд. Аз ин рӯ, Ғазолӣ шакли мафҳуми фалсафии шуҷоат (ҷасорат)-ро тағйир дода, онро ба ақидаи мо, ҳамчун илоҳиётшинос, на муаллими ахлоқ аз назари лиқо (вохӯри)-и инсон бо Ҳақ дар охират шарҳ медиҳад, на дар майдони ҷанг.

Дар «Китобул-арбаъин фи усули-д-дин» Ғазолӣ чунин таърифи шуҷоат (ҷасурӣ)-ро такрор мекунад, ки дар «Эҳёу улуми-д-дин» омадааст, танҳо

ҳаминро илова кардааст, ки «Худо ҷасоратро дӯст медорад» [67, с.167]. Сарфи назар аз ин, ҷасорат аз сифатҳои илоҳӣ низ намебошад. Сифати аз ҳама қарибтарини он сифати ал-Қаҳҳор (1. ҳокими мутлақ; 2. Ғолиб; 3. киноя аз Ҳақ;) мебошад. Муродифи қаҳҳор инсонест, ки душманонашро мағлуб мегардонад. Аз сабаби он ки душмани ҳақиқии инсон шавқу рағбати ӯ мебошад, ҳар касе онро тобеъ кардан тавонад, ӯ душманонашро ҳам тобеъ кардан метавонад. Ҳар касе хоҳишҳои худро дар ҳаёт тобеъ кардан тавонад, ғами марги ҷисмонии худро таҳаммул кардан метавонад [31, с.48].

Идеяи шуҷоат дар анъанаи исломӣ ҳамчун муборизаи ботинӣ вуҷуд дошта, Ғазолӣ онро аз ҳисоби шуҷоат дар майдони ҷанг низ қайд мекунад, ки анъанаи исломӣ онро ҳам ситоиш кардааст. Қуръон ба мусулмонон тавсия медиҳад, ки дар мубориза бо «нафси худ» ва дар майдони ҷанг низ шуҷоъ (ҷасур) бошанд, аммо Ғазолӣ истилоҳи «ҷиҳод»-ро ҳамчун мубориза бо ҳавоҳои нафс ва саъю талош дар роҳи покӣ шарҳу баён намудааст. Ӯ чун паёмбар ҷиҳод дар ҷангро ҷиҳоди сағир (ал-ҷиҳод ал-асғар) ва ҷиҳод бо нафсро ҷиҳоди акбар (ал-ҷиҳод ал-акбар) ҳисобидааст [17, с.138-139]. Маҳз дар мувофиқа бо ин дидгоҳ оид ба ҷиҳод Ғазолӣ ояти болоии Қуръонро дар нисбати онҳое истифода бурдааст, ки дар ҷиҳод бар нафси хеш ғолиб омадаанд ва айнан дар нисбати шуҳадо низ чунин рафтор кардааст. Ғазолӣ ҳатто тасдиқ мекунад, ки шуҳадо хоҳиш доштанд, ки аз гуруҳи «уламо», яъне, донишмандон бошанд [18, с.786].

Дар самти таҳзиби атфол Ғазолӣ тарбияи ҷанговарон ва сарбозонро ҳазф карда, фасли кӯтоҳе дар бораи нақши варзиш дар ташаккул додани ҷисми солим бе зикри шуҷоат овардааст. Мардонагӣ (шуҷоат) танҳо дар робита бо мавқеи шогирде, ки устод ӯро зарб медиҳад, зикр шудааст. Ӯ бояд, - қайд кардааст Ғазолӣ, - аз ҳеҷ касе ёрӣ наталабида, сабур бошад, набояд бигӯяд, ки ин муносибати мардони шуҷоъ мебошад [17, с.147].

Ғазолӣ дар бораи сифатҳои беҳтарини хулқи паёмбар сухан гуфта, фасли кӯтоҳеро ба тавсифи шуҷоати ӯ дар майдони ҷанг бахшидааст. Ӯ мегӯяд: «Муҳаммад яке аз мардони шуҷоътарин ва ҷасуртарин аст» [16, с.767-795] ва

кӯтоҳсуханӣ дар шарҳи шуҷоати ҷисмонӣ низ нишонаи қатъӣ будани ҷанбаи ҷангии ин фазилат мебошад.

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ ҳам фаҳмиши фалсафӣ ва ҳам анъанавии фазилати шуҷоатро дар партави назарияи ахлоқии худ тағйир додааст. Ӯ шуҷоатро аз назари таҳлили равонии ғазаб ва сифатҳои ба он алоқаманд баррасӣ намудааст. Вуҷуд надоштани таваҷҷуҳ ба шуҷоат дар майдони ҷанг нишондиҳандаи он аст, ки Ғазолӣ оид ба мавзуъҳои  сиёсӣ зарурати сухан гуфтанро инкор мекунад. Айнан ҳамин тавр, вақте ки Мискавайҳ ба он исрор меварзад, ки фазилатро метавон танҳо тавассути муоширaт бо дигарон ба даст овард, зеро «ҳар касе бо одамон муошират накунад, бо онҳо дар шаҳрҳо зиндагӣ кардан натавониста, имкон надорад, ки сифатҳои худдорӣ, шуҷоат, саховат ё адолатро зоҳир намояд» [77, с.29].

Ғазолӣ инчунин собит менамояд, ки роҳи ягонаи ба даст овардани фазилатҳои олӣ ва наҷоти ҳақиқӣ барои нафс - қатъ намудани робита бо ин олам, худро аз дигарон дар узлат гирифтан ва дар танҳоӣ зиндагӣ кардан аст [16, с.143-221]. Ин тасаввуроти инфиродӣ дар бораи тарбияи хулқ ҳатман ба он оварда мерасонад, ки шуҷоат ҳамчун мубориза бо нафси ҳайвонии худ фаҳмида шавад. Албатта, чунин даъвати Ғазолӣ ба зуҳду зоҳидии зоҳирӣ, на ботинӣ, ягон аҳаммияти амалие надорад.

Ғазолӣ инчунин андешаҳоро оид ба шуҷоат замоне васеътар мекунад, ки онро дар тобеият ба фазилатҳо шарҳ медиҳад. Рӯйхати фазилатҳо, ки ӯ тартиб додааст, нишон медиҳад, ки нисбат ба ҳикмат шумораи зиёдтари фазилатҳо тобеи шуҷоат мебошанд, аз ин рӯ мутафаккир бо баъзеи ин фазилатҳо ҳамчунон ки бо ақсоми ҳикмат муносибат мекард, муносибат менамояд. Ба шуҷоат чунин фазилатҳо тобеъ мебошанд: «нажда»- нотарсӣ, «сабт»- устуворӣ, «мавадда»- дӯстӣ, «нубл» - бузургворӣ ва «шаҳомат» - мардонагӣ. Ғазолӣ ин фазилатҳоро асосан бо бозтакрори тавсифи фалсафии онҳо, махсусан файласуфони шарқӣ, шарҳу тавзеҳ додааст. Мулоҳизоти мухтасар ва бепарвоёнаи ӯ аз ҳамон муносибате маншаъ мегиранд, ки дар асоси муносибати равонии тавсифи шуҷоат болотар сухан гуфтем.

Аз сабаби он, ки Ғазолӣ таҳқиқи фазилатҳои дуюмдараҷаро танҳо тасдиқ карда, чизеро ба андешаҳояш роҷеъ ба шуҷоат илова намекунад, зарурати минбаъдаи таҳқиқ намудани он вуҷуд надорад. Аммо баҳсу мунозираҳои Ғазолӣ доир ба дигар ақсоми шуҷоат ва махсусан азамати нафс, ҳалимӣ (нест кардани ғазаб аз муҳокимаҳои сифати ҳалимӣ, хоксорӣ маҳсуб аст) ва баҳодиҳии дурусти худ, шояд маълумоти бештаре дар бораи шуҷоат медиҳанд. Мутафаккир андешаҳояшро роҷеъ ба шуҷоат тавсеъа бахшида, идеяеро дар бораи он, ки ба инсон дар «ҷиҳоди акбар» бо саъйҳои пасти нафсонӣ мусоидат мекунад, балки барояш тобеъият аз тавозуъ (фурутанӣ, хоксорӣ, шикастани нафсӣ, ҳалимӣ) ва ҳатто фаноро таъмин мекунад, таълим медиҳад. Бо ин сабаб, фазилати тобеъ шудан ба шуҷоатро таҳқиқ кардан муҳимтар аст.

Карам (бахшиш, саховат, ҳиммат, кушодадастӣ, ҷавонмардӣ) аз ҷониби Ғазолӣ ҳамчун аввалин фазилате тасниф мешавад, ки тобеи шуҷоат мебошад. Ғазолӣ, зоҳиран, ба Ибни Сино пайравӣ карда, карамро ба шуҷоат мансуб медонад [57, с.94; 17, с.128], ҳарчанд ки сабаби ба ин кор даст заданашро ошкоро шарҳ надодааст. Шояд яке аз сабабҳояш ин бошад, ки унсури шаҳомат, ки бо ҳашамат (далерӣ) ва нубл (бузургворӣ, шодии нафс дар корҳои бузург) алоқаманд мебошад, зимни додани маблағи зиёд барои корҳои бузург «шуҷоат»-ро мадди назар дорад [77, с.22].

Ғазолӣ карамро ҳамчун сарфи марғуб барои хариди ашёи арзишманд ва ниҳоят муфид шарҳ додааст. Ӯ дар ин мавзуъ менависад: «... хушнафсӣ аст дар анфоқ барои умури ҷалилу-л-қадр ва азиму-л-нафъ (он чи судаш шомили ҳоли ҳамагон мешавад) ва чӣ басо ки ҳуррият (озодӣ - Ҳ.Н.) ном гирад» [57, с.82]. Ин ҳадди миёна байни велхарҷӣ (сарфи зиёди беҳуда) ва баззолӣ (шахсе, дар бахшиш, сахо ва ато кардан ҷавонмардӣ нишон медиҳад, бисёр инъомкунанда) будан аст, ҳадди ифротии зиёдатӣ мебошад ва надхала (ночизӣ, оҷизӣ, ҳақирӣ) ҳадди канории нуқсон аст [57, с.94]. ва истилоҳи арабии «карам» дар ин ҷо барои ифода кардани шаҳомат истифода мешавад.

Ба ғайр аз ин, Ғазолӣ барои баён намудани сифати Ҳақ низ, аз худи

ҳамон истилоҳи арабии Карим (саховатманд, сахӣ, босаховат, ҷавонмард) истифода мебарад, ки бартарияти шахси каримро ифода менамояд. Ӯ тасдиқ мекунад, ки ин истилоҳро метавон бо баъзе маҳдудиятҳо дар нисбати одамон низ истифода кард [31, с.75].

Боиси тазаккур аст, ки чӣ дар Арасту ва чӣ дар Ғазолӣ шаҳомат ва нубл раванди масрафоти бодабдаба, аз ҳад зиёдро тавсиф менамоянд. Зоҳиран карам дар инсон тақозо мешавад, ки амалҳо ва натиҷаҳои чунин рафтор мебошанд. Арасту гуфтааст: «Карам сифати масорифест, ки мо онҳоро ифтихорӣ меномем; масалан, онҳое, ки бо Худо алоқаманд ҳастанд - зиёфатҳои меҳмонӣ, биноҳо ва қурбониҳо, инчунин ҳама чизи дилхоҳе, ки шакли ибодати диниро доранд ва ҳама онҳое, ки объектҳои ҷамъиятианд, иззати нафс (такаббур, ғурур) мебошанд» [42, с. 62].

Ғазолӣ бо афзалиятҳои овардаи сарватмандӣ розӣ шуда, мегӯяд, ки пулро барои хайри ҷамъиятӣ сарф кардан хубтар аст, масалан, барои сохтмони масҷидҳо, купрукҳо, беморхонаҳо ва ғайра [17, с.135]. Ақидаи ӯ аз Арасту тафовут дорад, аз ин рӯ дар табақабандии фазилатҳо бо файласуфон низ дар масъалаи баҳодиҳии карам фарқ мекунад. Дар робита бо ин бояд қайд кард, ки дар осори Арасту фазилати карам махсусан ба дин мансуб аст ва инро дар назар дорад, ки танҳо инсони ниҳоят сарватманд ва тавоно метавонад қурбонӣ намояд. Ҳеҷ як камбизоат ва ягон одами номашҳур имкони онро надорад, ки аз камбағалӣ ва бешуҳратӣ худоёнро ба таври лозима эҳтиром гузорад. «Пас, камбизоат наметавонад карим бошад, зеро ӯ чунин воситаҳо надорад, ки маблағҳои зиёдро ба дараҷаи даркорӣ сарф намояд» [42, с.64].

Ҳамин тариқ, барои Арасту фазилати ахлоқӣ дар нисбати худоён карам мебошад, [42] зеро ӯ аз фазилати хосса, ки парҳезкорӣ (порсоӣ, тақводорӣ, худотарсӣ) номида мешавад, ёдовар намешавад ва масъалаи иззату икроми (эҳтиром) ботиниро дар намозҳо ҳеҷ гоҳ набардоштааст. Рафтори Ғазолӣ тамоман амали акси он аст. Ӯ ҳеҷ гоҳ нагуфтааст, ки инсоне, ки метавонад масҷид бисозад, дар назари Ҳақ аз инсони оддӣ, ки тамоман камбағал аст,

нисбатан болотар аст. Баръакс, Ғазолӣ, аз дидгоҳи мо, аз воқеияти ҳаётӣ дур гардида, чунин меҳисобад, ки факр олитарин ва беҳтарин фазилатҳо буда, аз сарват доштану сарф кардани он ба корҳои хайр беҳтар мебошад. Ӯ Абдурраҳмон ибни Авф - яке аз саҳобаҳои Муҳаммадро ҳамчун намунаи инсони карим шумурда, аз ҳадисҳо иқтибос меоварад, ки дар он гуфта шудааст, ки рӯзи қиёмат мусулмони камбағал ба биҳишт «давон», вале Абдурраҳмон хазида - «хазон» ворид мешавад [17, с. 556]. Ба андешаи Ғазолӣ, эҳтимоли ниҳоят каме вуҷуд дорад, ки инсони бофазилат дорои чунин сарвате бошад, ки онро бепарво тақсим намояд, зеро ӯ танҳо маблағеро ҷамъ оварда метавонад, ки талаботи эҳтиёҷоти рӯзмарраи худро қонеъ гардонад. Аммо Ғазолӣ ҳадафи ниҳоиро бо наҷоти шахсӣ айният медиҳад, яъне ин бояд аз фазилат дида, ки бо корҳои ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад, болотар баҳодиҳӣ шавад.

Дар ҳақиқат ҳам, Ғазолӣ мефаҳмад, ки карам метавонад барои ҷомеа ҳамчун ҳадафи бузург хизмат намояд, аммо исбот менамояд, ки он барои инсоне, ки мехоҳад ба камолоти инфиродии ахлоқӣ бирасад, муҳим нест ва ҳатто метавонад, ки ба камолоти маънавии ӯ монеъ шавад. Аз ин рӯ, карамро ба сифати фазилати фалсафӣ қабул карда ва нисбат ба файласуфон ба он баҳои камтар дода, онро тобеи фазилатҳое менамояд, ки бояд онҳоро ҳамчун зидмаъноии он баррасӣ намоянд.

Фазилати дигари ниҳоят муҳиме, ки тобеи шуҷоат мебошад, «кибр ан-нафс» - бузургдилӣ мебошад, ин ҳолате миёни такаббур ва сиғари нафс - худро кӯчак гирифтан аст. Ин фазилате аст, ки тавассути он инсон метавонад худро барои анҷоми корҳои муҳим бо вуҷуди ҳақир шумурдани онҳо ва беэътиноӣ ба онҳо, шоиста созад ва хушнудиаш аз ҷалолати кор бошад, на аз такрими бузургу уламо ё икроми бесару поён ва на аз умури ҳақир ва на аз хушбахтиҳое, ки бахт ва тасодуф ба бор меоваранд [57, с.84]. Ғазолӣ «кибр ан-нафс»-ро ҳамчун фазилате муайян мекунад, ки ба инсон имкон медиҳад, ки худро барои корҳои бузург омода намояд; инсон ба ин корҳо машғул гашта ва ба натиҷа расида, ба онҳо эътибор намедиҳад, зеро ӯ дар иззату шараф ва

карами нафси хеш шодмониро пайдо мекунад.

Кибру-н-нафс - дар байни «таваҷҷуҳ» - шуҳратпарастӣ (ғурур, ҳавобаландӣ, такаббур, бисёр шод шудан; лоф задан) ва «сиғар ан-нафс» - худро кӯчак шумурдан қарор дорад. Маънои аввалӣ омода кардани нафс ба корҳои бузург аст, гарчанде ба онҳо сазовор ҳам набошад, дар ҳоле, ки дуюмӣ - омода сохтани нафс ба корҳои ҳақир ва паст мебошад [17, с.793].

Дар тафоввут аз Мискавайҳ, Ғазолӣ аз тасдиқи бузургии нафс дуртар меравад, то эълон намояд, ки инсони ба он расида, аз иззату шарафе, ки одамони донишманд нишон медиҳанд, қаноатманд аст, аммо аз иззати беобуранг (бетароват) ва ё анвои саодат, ки тасодуфӣ ва аз омади кор ба вуҷуд омадаанд, комилан норозӣ мебошад [57, с.94; 77, с.21]. Дар ин муносибат Ғазолӣ ба Арасту, ки ба бузургии карами нафс таваҷҷуҳи бештар медиҳад, наздиктар аст. Аммо Арасту зоҳиран, ба «ҳадяҳои тақдир» аҳамияти зиёд дода, тасдиқ мекард, ки онҳо «одамонро бештар каримтар менамоянд, зеро одамон ба баъзеи онҳо эҳтиром қоил мешаванд» [42, с. 64].

Ҳарчанд Ғазолӣ эътироф мекунад, ки хайроти зоҳирӣ барои ба даст овардани фазилатҳо мусоидат менамоянд, ӯ назари Арастуро комилан қабул надорад. Ба андешаи Арасту, инсонро дар ҳоле метавон карим ҳисобид, ки ӯ зиёдтар талаб мекунад ва сазовортар аст, зеро одамони карим пеш аз ҳама даъвои иззат мекунанд ва бештар ғами иззатро мехӯранд. Ҳарчанд Ғазолӣ таҳлили фалсафии каромати нафсро қабул дорад, ин андешаи ӯ маҳдуд аст, зеро иззат барои мутафаккир он аст, ки аз ҳисоби манфиат дар ҳаёти оянда ба даст меояд. Талаб кардани иззат ин маънои даст кашидан аз олами воқеии имрӯзаро дорад.

Ғазолӣ китоби ҳаштуми рубъи саввуми «Эҳёу улуми-д-дин»-ро ба «Накӯҳиши ҷоҳ ва риё» бахшидааст [17, с.268-325] . Ба қавли ӯ, ки дар ин асар омадааст, талаб кардан ё ба даст овардани шараф сазовори рад кардан аст, дар ҳоле, ки ба даст овардани иззату шараф бидуни саъйю талош барояш эътирозро ба вуҷуд намеоварад. Паёмбарон, халифаҳо ва донишмандони бузург дорои иззату обрӯй буда, тавони онро доранд, ки худро аз амалҳои

баде нигоҳ доранд, ки онро метавонад муҳаббат ба иззату шараф ба вуҷуд оварда бошад. Аммо Ғазолӣ ба мардум маслиҳат медиҳад, ки барои худро аз чунин шар дур гирифтан, бояд ҷӯёи «хумул» - гумномӣ (номашҳурӣ, зиллат, пастӣ ва ноайёнӣ) шуда, худро аз «ҷоҳ» дур бигиранд [17, с.578]. Ин кори мушкил аст ва саъю талошҳои зиёдро тақозо мекунад, зеро одамон аз рӯи табиати худ мехоҳанд, ки барояшон эҳтиром гузошта, онҳоро мадҳу ситоиш кунанд. Зери мафҳуми иззат эътироф кардани камолотеро, ба мисли илму дониш, асли баромад, идоракунӣ ва амсоли онро дар инсони иззатманд дар назар доранд. Барои Ғазолӣ, тамоми камолоте, ки одамон онҳоро арҷгузорӣ мекунанд, дар воқеъ ба онҳо мансуб нестанд, зеро танҳо Ҳақ дорои камоли ҳақиқӣ мебошад. Дарк кардани ин ба инсон ёрӣ мерасонад, ки аз даъвоҳои шаъну шараф барои камолот худдорӣ намояд, ки «дар ҳақиқат» ҳам ба ӯ мансуб нестанд, ҳарчанд ки Ғазолӣ эътироф менамояд, ки ҳадди ақалли шараф вуҷуд дорад, ки шоистаи рад набуда, барои ҳаёти рӯзмарра бо дигарон зарур мебошад, ӯро ғамхории ҳамафарогир барои қонеъ гардонидани дигарон натиҷаи ҷустуҷӯи иззат хоҳад шуд ва ҳамин тариқ, инсонро аз роҳи тақарруб ёфтан ба Ҳақ дур мегардонад [17, с.606-608]. Аз сабаби он ки «тақарруб ба Ҳақ» ҳадафи ниҳонии тарбияи хулқ мебошад [57, с.76], Ғазолӣ роҳи муолиҷаи муҳаббат ба иззату ҷоҳро пешниҳод мекунад, то ки нафсҳои инсонӣ аз алоқамандиашон ба хайроти фонӣ ва даргузар, ки барои наҷоти онҳо монеъ мешаванд, орӣ шаванд. Яке аз ин роҳҳо ин бо коре машғул шудан аст, ки инсони комил дар он сазовори иззат намешавад ва ҳатто метавонад, ки гирифтори туҳмат ва шармандагӣ шавад. Аммо даъвои беҳтарин аз саъю талош барои иззат - ҳиҷрат кардан ба дигар шаҳрҳоест, ки он ҷо касе ӯро намешиносад [42]. Ҳарчанд ки Арасту бо Ғазолӣ бо он розӣ аст, ки ду ҳадди ифротии ин фазилат дар ҳақиқат ҳам ноқис ба ҳисоб намераванд, зеро онҳо зараровар нестанд. Ғазолӣ дар ин мавзуъ мегӯяд, ки кӯтоҳии нафс ба бузургманишии нафс нисбатан муқобилтар аст, нисбат ба «шуҳратпарастӣ», зеро инсони самимӣ худро нокомил ҳисобида, метавонад имкониятҳои худро амалӣ насозад.

Дар ҳоле, ки инсони мутакаббир [17, с.591], вақте талош мекунад, ки бо такаббур рафтор кунад, ҳарчанд ки наметавонад мавриди мазоҳ қарор гирад, вале агар шароит барояш имкони анҷом додани онро диҳад, ҳадди ақал намегузорад, ки аз он истифода набарад ё кароматти худро пасттар кунад. Вокуниши Ғазолӣ ба ин даъвои Арасту осон аст: таваҷҷуҳи ӯро дар навбати аввал амалҳое ҷалб кардаанд, ки дар охират манфиати бештар меоваранд ва ин корҳо шояд, вақте хубтар анҷом мегиранд, одамон ба коре машғул мешаванд, ки бузургии нафсро ба маърази тамошо нагузоранд. Ба андешаи Арасту, бузургии нафс тамоми фазилатҳои дигарро дар худ ҷамъ меоварад ва онҳоро зебо мегардонад. «Бузургии нафс барои ҳамин ҳамчун афзори зебоии фазоил ба назар мерасад; вай бузургии онҳоро боз ҳам баланд мебардорад ва бе онҳо вуҷуд доштан наметавонад» [42, с.63]. Ҳамин тариқ, бузургии нафс ва адолат ҳамчун ду қуллаи ахлоқи Арасту ба назар мерасанд, зимнан дар ин ҷо адолат бо фазилатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд буда, бузургии нафс камолоти шахсиятро таъкид менамояд.

Аз сабаби он ки Ғазолӣ дар бораи наҷоти инфиродӣ фикр мекунад, ӯ низ бояд ба бузургии нафс такя намояд, аммо ин хел нест, зеро Арасту танҳо бо шарафи заминӣ сарукор дошта, дар бораи шарафи баъди ҷовидонӣ ё хайроти бузурги баъди марг чизе намегӯяд. Тамоми фазилатҳои ахлоқии Арасту ба олами фонӣ равона гардидаанд, зеро танҳо фазилати ақлӣ (интеллектуалӣ) бо абадият ва фано сарукор дорад. Аз ҷониби дигар, барои Ғазолӣ фазилатҳои ахлоқӣ бо мақсади аз назари мо хаёлӣ, яъне воқеияти илоҳӣ дар ҳаёти ухравӣ анҷом дода мешаванд. Аз ин сабаб фурӯтанӣ (шикастанафсӣ, хоксорӣ, ҳалимӣ) ва хуммул (номаълумӣ, номашҳурӣ) ба мақсадҳои тарбиявии Ғазолӣ аз бузургии нафс хубтар хизмат мерасонанд ва аз ин рӯ, барои маросими никоҳ, тоҷгузорӣ фазилатҳои ахлоқӣ беҳтар мебошанд. Маҳз дар ҳамин зерматн мо метавонем ба таснифоти Ғазолӣ оид ба кибри нафс ҳамчун яке аз фазилатҳои шуҷоат ва муҳокимаҳои ӯ дар бораи он, ки ҳадди ифротии нуқси инсон фазилатест, ки аз он болотар аст, сарфаҳм равем.

Тибқи андешаи Ғазолӣ, яке аз муҳимтарин фазилатҳое, ки тобеи шуҷоат

аст «ҳилм» (шикебоӣ, хоксорӣ, ҳалимӣ, нармӣ, мулоимӣ) мебошад, зеро он мустақиман бо ғазаб алоқаманд буда, яке аз сифатҳои асосии равонии тезхашмӣ мебошад. Ҳилм, ба қавли Ғазолӣ, ҳадди васат миёни бетобӣ ва беҳолӣ аст ва ҳолате аст, ки нафсро виқор мебахшад [57, с.84]. Илова бар он, «ҳалимӣ» (фурӯтанӣ, ҳалимӣ, нармдилӣ) ин яке аз он фазилатҳои нодирест, ки дар нисбати Ҳақ ҳам истифода мешавад ва бо ҳамин сабаб ӯ дар бораи сифати илоҳии Ҳалим сухан мегӯяд [31, с.65]. Ғазолӣ «ҳалимӣ»-ро ҳамчун боздошти нафс аз қаҳру ғазаб, муайян мекунад. Ин ҳадди миёна байни ғазаби аз ҳад зиёд ё тезхашмӣ ва бемаънавиётӣ мебошад [57, с.94-95; 17, с. 363]. Ҳилм, ки бо чунин роҳ муайян карда мешавад, аз он чизе ки Ғазолӣ онро таҳаллум - «зоҳир кардани ҳалимӣ» меномад, фарқ мекунад. Ин сифат ҳамчунин дар «Эҳёу улуми-д-дин» ҳамчун «пахш кардани ғазаб» (казм ал-ғайз) низ пайдо мешавад, яъне дар маънои худдорӣ кардан аз ғазаби алаккай барангехта. Ғазолӣ ин сифатро ҳамчун фазилат тасниф карда бошад ҳам, аммо онро аз ҳалимӣ пасттар медонад [57, с.131; 17, с. 603] .

Ғазолӣ ҳалимиро шарҳ дода, ғазабро ҳамчун тамоюли табиӣ тавсиф менамояд. Ӯ ғазабро ба гармо шабоҳат дода, онро ҳамчун ҷӯшидани хун дар қалб тавсиф кардааст. Ин майли табиӣ инсонро аз ашёе ҳифз мекунад, ки метавонанд ӯро ба ҳалокат расонанд. Аммо барои манфиатовар будани ин майли табиӣ инсон бояд муътадил бошад [17, с.160-195]. Аз сабаби он, ки ин тамоюли табиӣ аст, Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки то вақте ки инсон зинда аст, онро наметавонад комилан решакан намояд ва ҳамин тавр, тарбияи хулқ на барои маҳв кардани он, балки назорат кардан ва ба камол расонидан хулқ равона шудааст. Аз ҳама беҳтар он аст, ки ғазабро пок бояд карда, робитаи онро бо хоҳишҳои инсонӣ ва ашёи муайян фаҳмида гирем. Агар объектҳои матлуб барои инсон зарур бошанд, масалан, агар ба ғизо ва манзил таҳдид кунанд, он гоҳ ғазаби инсон табиӣ ҷой дорад ва онро бояд танҳо ба эътидол овард, то ки он ба оқибатҳои бад оварда нарасонад. Вале агар ашёи марғуб ба инсон ба мисли иззату сарват даркор набошанд, он гоҳ ғазаб аз ҳисоби одати бад ва ҷаҳолат пайдо мешавад ва чунин навъи ғазабро решакан кардан

даркор аст, зеро он табиӣ нест. Имкони сеюм боқӣ мемонад: агар ашёи марғуб барои баъзе одамон даркор буда, барои дигарон даркор набошанд, пас он касе, ки ин ашё барояш лозиманд, вақте онҳоро аз даст медиҳад, дар ғазаб хоҳад шуд. Сарфи назар аз ин, инсон бояд ҳангоми ғазаб эътидолро риоя намояд, чунки ин ашё на ҳамеша марғубу лозимӣ мебошанд [17, с.336].

Дар атрофи ғазаб баҳс карда, Ғазолӣ масъалаи ҳадди миёна - ду ҳадди ифротиро хотиррасон менамояд.  Ӯ ба ҳадди ифротии аз ҳад зиёд таваҷҷуҳи бештар медиҳад, зеро онро нисбатан ноқистар меҳисобад. Дар ин самт мутафаккир дар ҳақиқат на танҳо аз фазилатҳои фалсафӣ истифода мебарад, балки онҳоро нозукбинона таҳлил мекунад.

Истилоҳи «ғазаб» бидуни ҳеҷ муайянкунӣ одатан ғазаби аз ҳад зиёдро ифода мекунад, яъне он тундмизоҷӣ, тундхӯӣ, тезхашмӣ, тундхулқӣ  мебошад. [17, с.337]. Ин таъкид хатарҳои тундхулқиро дар назар дорад, ки Ғазолӣ ҳалимиро аз фазилатҳое медонад, ки ба сӯи бепарвоӣ майл доранд. Ба андешаи ӯ, инсон дорои хислати ҳалимӣ мебошад, аммо ин «ҷентлмен»-и полиси арастуӣ нест, балки ғолибан инсонест, ки на танҳо касонеро, ки ӯро ранҷонидаанд, мебахшад, балки бо онҳо муомилаи хуб ҳам мекунад [17, с.338-340]. Барои ба фазилати фурӯтанӣ (нармдилӣ) расидан, инсон бояд аз ашёе дур шавад, ки одатан ғазаби аз ҳад зиёдро ба вуҷуд меоваранд, аз қабили такаббур, муҳаббат ба молу сарват ва иззат, ба қавли дигар, инҳо сифатҳое ҳастанд, ки бо муошират бо дигарон алоқаманданд. Ҳатто агар аз ин ашё дурӣ намуда, эҳтиёт бошӣ, ҳанӯз ҳам бояд пайваста аз ғазаби аз ҳад зиёд ва дар бораи мавқеи худ ҳамчун махлуқ дар нисбати Ҳақ ба андеша равӣ. Инсон бояд аз ҷазою уқубатҳои Ҳақ андеша кунад [17, с.341-345].  Ҳамин тариқ, фурӯтаниро (ҳалимӣ, ҳилм, нармдилӣ) ҳамчун фазилати фалсафӣ қабул карда, Ғазолӣ онро тағйир медиҳад, то ки онро бо тарбияи хулқи инсоне мувофиқ намояд, ки ҷӯёи роҳи наҷоти фардӣ аст.

Дар «Китоб ал-арбаъин фи усули-д-дин» Ғазолӣ ду вазифа - шикастан ва фурӯ нишонидани ғазабро бо воситаи риёзат ва маҳор (маҷбуран тобеъ) кардани онро тавассути илм ва амал пешниҳод мекунад, зеро решаи ғазаб аз

байн намеравад ва аслан нобуд карданаш амали хубе нест.

Охирин қисми шуҷоат низ нишон медиҳад, ки Ғазолӣ чӣ гуна фазилатҳои фалсафиро тағйир дода, ислоҳ мекунад. Ин фазилати «виқор» (ҳадди васати миёни кибр ва тавозуъ аст ва ин дар мавзеи истеҳқоқ қарор додани нафс бо шинохти қадри он аст) ин «баҳодиҳии саҳеҳи худ» буда, барои инсон дуруст баҳо додан ва муносибати мутаносиб ба иззати нафси худ мебошад. Ғазолӣ дар «Меъёрҳо» баҳодиҳии дурустро ҳамчун ҳадди миёна дар миёни «кибр» - такаббур ва «таводдеъ» [57, с.95] - тоқат кардан овардааст, дар ҳоле, ки дар «Эҳёу улуми-д-дин» ӯ ҳадди канории ин фазилатро ҳамчун такаббур ва пастӣ (хасисӣ) донистааст [17, с.711]. Аммо ҳадди канории онро дар «Меъёру-л-илм» муайян карда, Ғазолӣ танҳо аз такаббур ва ҳақирӣ (пастӣ) ёдовар шудааст. Ӯ аввалиро болотар бурдан аз чизе, ки сазовори он аст ва дуюмиро ҳамчун паст фаровардани нафс аз он ки сазовору шоиста аст, шарҳ медиҳад, ки агар ин паст задан «дар роҳи рост бошад, пас онро бояд итоат карда, маҳмуд номид» [62, с.55].

«Меъёру-л-илм» барои таҳлили муфассали фазилати тавозуъ (фурӯтанӣ, шикастанафсӣ, хоксорӣ, ҳалимӣ) дар бедоршавӣ (яқза - бедорӣ, ҳушёрӣ) муҳим мебошад. Илова ба муайянкунии кӯтоҳи фазилати баҳодиҳии саҳеҳи худ, Ғазолӣ ҳамчунон ки ба назар мерасад, дар бораи он фақат ҷузъиёти ночизе гуфтан метавонад. Файласуфоне, аз қабили Форобӣ ва Ибни Сино бошад, ҳатто онро ҳамчун фазилат ёдовар нашудаанд, ба ҷои ин онҳо тавозуъ (фурутанӣ)-ро ҳамчун яке аз фазилатҳо тасниф кардаанд. Ҳарчанд, ки Мискавайҳ ва Ибн Адӣ баҳодиҳии саҳеҳро ба худ фазилат мехонанд, таърифашон ҷиҳатҳоеро дар бар мегирад, ки аз тавсифоти Ғазолӣ фарқ доранд [77, с.21].

Арасту бошад, ин фазилатро зикр накарда бошад ҳам, назари Ғазолиро ба он метавон аз рӯи нуқтаи назари «ҷентелмени» арастуӣ фаҳмид, [42] аммо вақте кӯшиш менамоянд, ки фурӯтаниро низ ба ахлоқи Арасту ворид намоянд, мушкилӣ пайдо мешавад, зеро ин сифат тамоман бо тасаввуроти Арасту дар бораи «ҷентелмен», ки бояд инсони карим (саховатпеша) бошад,

дар ҳоле, ки фурӯтанӣ нуқсон аст ва он ҳамчун нуқсони бузургии нафс баромад мекунад. Вақте ки Ғазолӣ фурӯтаниро ба системаи ахлоқӣ ворид менамояд, ӯ ба андешаи аксари файласуфони шарқӣ розӣ мешавад. Масалан, Форобӣ тавозуъ - фурӯтаниро аз фазилатҳое меҳисобад, ки дар миёни такаббур ва ҳақирӣ қарор дорад, аммо Ибни Сино бошад, онро аз ақсоми ҳикмат медонад, ки нафсро аз такаббур нигоҳ медорад [10, с.153]. Ҳамин тариқ, файласуфони нисбатан мутақаддамтар аллакай аз мавқеи Арасту дуртар рафтаанд ва тавозуъ - фурӯтаниро фазилат хондаанд. Ин на танҳо ба таъсири тарафайни ислом ва масеҳият, балки бо руҳи афкори эллинӣ, махсусан равоқиён алоқаманд мебошад. Муносибати Ғазолӣ ба тавозуъ - фурӯтанӣ дар муқоиса бо файласуфони дигари шарқӣ нисбатан мусбаттар мебошад, зеро вақте ки баъзеи ин файласуфон танҳо ба таври хеле кӯтоҳ дар бораи ин фазилат маълумот дода бошанд, баъзеи дигар, масалан, Мискавайҳ комилан онро инкор мекунад, вале Ғазолӣ онро муфассалан баррасӣ карда, онро «фазилати асосии одамони шариф» ҳисобидааст [17, с.711]. Ҳамин тариқ, назари ӯ оид ба тавозуъ-фурӯтанӣ намунаи арзишманди қабули фазилатҳои фалсафӣ мебошад.

Рӯйхати фазилатҳои Ғазолӣ тавозуъ - фурӯтаниро дар бар нагирифтааст, аммо дар баъзе ҳолатҳо онро ҳамчун нуқсон шарҳ додааст. Ӯ дар «Меъёру-л-илм» дар баҳодиҳии худ онро ҳамчун нуқсон пешниҳод намуда, баъдан онро ҳамчун зиёдаравӣ дар баҳодиҳии саҳеҳ меҳисобад. Аммо минбаъд Ғазолӣ баҳодиҳии худро иваз намуда, аввал ҳамчун ҳадди миёна дар миёни такаббур ва ҳақирӣ, тавозуъ-фурӯтанӣ ҳамчун байни ин ду ҳадди ифротӣ меҳисобад [17, с.715]. Ҳарчанд Ғазолӣ собит менамояд, ки фурӯтанӣ ин муносибати паст, сифлӣ аст ва одами донишманд набояд мавқеашро бо мӯзадӯз иваз намояд, баъзе мисолҳои аз одамони фурӯтан овардаи ӯ нишон медиҳанд, ки одами фурӯтан агар миёни онҳо бошад, ӯро наметавон аз ғуломон фарқ кард [17, с.716-719]. Дар ҳақиқат, Ғазолӣ инсони фурӯтанро ҳамчун шахсе муайян мекунад, ки дидаву дониста аз иззате, ки сазовори он аст, рӯй мегардонад [17, с.712] ва ҳамин тариқ, фурӯтанӣ фано, яъне худинкоркунӣ ва фонӣ шуданро

дар назар дорад. Ин маъно дар решаи феъле ниҳон аст, ки ин истилоҳ аз он баромада, ин фазилатро ифода мекунад. Аммо фурӯтанӣ, барои Ғазолӣ фазилатест, ки илму дониши инсонро дар бораи ӯ ва Холиқи худ инъикос менамояд. Инсон ҳолати воқеии худро дар олам дарк карда, метавонад танҳо фурӯтан бошад, дигар ҳаргиз наметавонад мутакаббир бошад. Маҳз барои ба даст овардани фурӯтанӣ, мегӯяд Ғазолӣ, намози исломӣ саҷдаро дар бар мегирад [17, с.715] .

Зоҳиран Ғазолӣ фурӯтаниро вақте, ки онро ҳамчун сифати муҳими таълимгирандагон номбар мекунад, аз дигар фазилатҳо болотар мегузорад. Табиист, ки Ғазолӣ ба фурӯтанӣ барои он таваҷҷуҳи хосса дорад, ки мехоҳад тамоми фазилатҳоро ба воситаи наҷоти инфиродии инсон табдил диҳад. Аз ин рӯ, ӯ шакли консепсияи фалсафии ин фазилатро бо сабаби теологӣ тағйир медиҳад, зеро ҳадаф аз таҳзиби хулқро иштибоҳ меҳисобад. Ин ҳадаф бояд ба назар бигирад, ки баъди ин олам, олами дигаре низ вуҷуд дорад, ки агар худро барояш пешакӣ омода созад, инсон ба саодати олӣ расидан метавонад. Ин ҳадаф аз он чизе, ки одамони шарифи ҷамоаи динӣ онро биҳишт номидаанд, болотар аст. Тавсифи ин гуна саодат як силсила саволҳоеро пеш меорад, ки то ҳанӯз дар бораи онҳо сухан нарафтааст. Дар ин таҳқиқ он дар қисмати охири диссертатсия баррасӣ шудааст, аммо ин ҷо як чизро метавон равшан кард, ки тибқи таълимоти ахлоқии Ғазолӣ танҳо аз «роҳи муҷоҳада - мубориза» бо шавқу рағбатҳои худ инсони латиф метавонад ба саодати ниҳоӣ бирасад, ки аз назари мо, ин аз тобеъ сохтани ахлоқ ба дин мебошад, ки ягон аҳаммияти воқеие надорад.

III. Эътидол ва шаклҳои он. Фазилати сеюми асосӣ эътидол мебошад, ки он аз фазилатҳои шаҳвоният мебошад. Ғазолӣ дар «Мизону-л-амал» таъкид кардааст, ки «меъёри эътидол ақл ва шаръ мебошад, ба ин маънӣ, ки ҳадаф аз халқи шаҳват ва ғазаб дониста шавад. Масалан, бидонем ки шаҳвати таъом барои он падид омада, ки инсонро ба хӯрдани ғизо барангезад. Ғизое, ки бо ҳарорати ғаризӣ пешгирии халалдор шудани аҷзои баданро мегирад, то аз як ҷониб, бадан зинда монда, ҳавоси панҷгона саломат бошанд ва аз ҷониби

дигар, бадан битавонад дар роҳи найл ба улум ва дарки ҳақоиқи умур пӯё шавад ва ба мақомоти баланд, ки мартабаи фариштагон аст, бирасад ва ин камол ва вусъати он аст. Касе, ки инро донист, манзураш аз таъом ба даст овардани неру барои ибодат хоҳад буд ва дар пайи талаззуз (лаззат бурдан) аз таъом нахоҳад рафт ва дар он ҳирс нахоҳад зад (ҳарис набошад) ва ҳадди эътидол нигаҳ хоҳад дошт» [57, с.78]. Сазовор ба таъкид аст, ки эътидол ва унсурҳои онро бо сабаби алоқамандӣ доштан бо таҳаммулпазирӣ аз арзишҳои умумиинсонӣ донистаанд [244], агарчӣ Ғазолӣ онро, ба андешаи мо, пурра характери теологӣ додааст

Вақте ки амали ин қувва - эътидол зери назорат қарор дорад, яъне вақте ки он бо омодагӣ ба ҳидояти ақл пайравӣ мекунад ва чизи дигареро новобаста аз хоҳишҳои худ думболагирӣ намекунад, фазилати худнигаҳдорӣ ба даст меояд [17, с.165-218]. Ба сифати ҳадди миёна дар нисбати хоҳиш ва иштиҳо (аппетит) он аз консепсияи худнигаҳдории арастуӣ фарқе надорад, зеро ҳарчанд, ки Арасту эътидолро дар нисбати ризоияти ҳиссӣ истифода мебарад, ӯ қаноатмандиҳои тамоми аъзоҳои ҳиссро мадди назар надошта, танҳо қаноатмандии лаззат ва чашоишро ба назар мегирад [42].

Ба андешаи Ғазолӣ, ҳаловат бурдан аз объект лаззат мебошад ва ин кор танҳо аз тариқи лаззат бурдан аз объект ба даст меояд ва ин кор аз роҳи ламс кардан низ пайдо мешавад. Он дар хӯрок хӯрдан, об нӯшидан якхел мебошад, ки қаноатмандии шаҳвонӣ номида мешавад [42]. Ҳарчанд, ки Ғазолӣ дар бораи умуман лаззат бурдан низ сухан гуфтааст, ӯ ҳамчунин қабл аз ҳама дар бораи худнигаҳдорӣ дар масъалаи шаҳвоният ва ҳарис будан дар хӯрдани таъом баҳс кардааст. Дар «Мизону-л-амал» Ғазолӣ қиссаеро дар бораи ҷамоате нақл кардааст, ки мегуфтанд: агар итфои (хомӯш кардани) ин шаҳавот мазмум ва ҳалокатбор аст, барои чӣ халқ шудааст? «Намедонистанд, ки ин ду шаҳвати фарҷ ва батнро ҳикмати бузурге ҳаст. Яке ибқои (бақои - Ҳ.Н.) шахс бо ғизо ва бақои навъ бо иҷмоъ, ки ҳар ду заруратҳои вуҷуданд ба ҳукми иҷрои суннати Худои таъоло...» [57, с.79].

Тибқи андешаи Ғазолӣ, худнигаҳдорӣ ҳадди миёнаи ду гуноҳ (1) шараҳ -

ҳарисӣ, ҳирсу оз, тамаъ, майлу ҳаваси бисёр нисбат ба чизе, эҳтирос, рағбат ва (2) тағофул - чашмпӯшӣ, ба кори бад роҳ додан, иғмоз кардан, хоҳишҳои худ (шараъ), инчунин «хумуд аш-шаҳва» - беҳиссӣ қарор дорад. Аввалӣ ҳадди ифротии аз ҳад гузаштан мебошад, ифроткорӣ (ифрот - аз ҳадгузарӣ), яъне қобилияти шаҳват аз доираи саҳеҳе, ки ақл муқаррар кардааст, берун мебарояд. Охирӣ ҳадди ифротии нуқсон мебошад, вақте ки шаҳват хоҳиши қабул кардани он чиро, ки ақл пешниҳод мекунад, надорад. Ғазолӣ мегӯяд, ки аксарияти одамон ба ифротгароӣ майл доранд, махсусан дар ҳорисона таъом хӯрдан ва шаҳватронӣ, ки ин нуқтаи назарро Арасту низ қабул дорад [57, с.88; 17, с. 144].

Эътидол ҳам дар таълимоти Ғазолӣ ва ҳам дар таълимоти файласуфони шарқӣ бо хоҳишҳои сифлӣ марбут буда, аз ҳама возеҳтар аст, аз ин рӯ, фазилати аз ҳама асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолате, ки файласуфон дар мавзуи хоҳиши ғизо ва шаҳватронӣ дар робита бо худнигаҳдорӣ мунокиша кардаанд, Ғазолӣ онҳоро муфассал баррасӣ намуда, таъкид доштааст, ки хоҳиши ғизо ва шаҳватронӣ нуқтаи аввалияи ҳар як характер мебошад [77, с.90]. Ӯ ҳар ду хоҳишро мавзуи баҳси китоби сеюми рубъи сеюми «Эҳёу улуми-д-дин» қарор додааст, ки унвони он «Каср аш-Шаҳватайн» (вайрон кардани ду шаҳват) мебошад. Ин матн баъди китоби «Риёзати нафс» омадааст, ки дар он тавсифҳои фазилатҳо дода шудаанд [17, с.77]. Худи ҳамин дар китобҳои аввал ва дуюми рубъи дуюми «Эҳёу улуми-д-дин» ва дар «Меъёру-л-улум» низ омадааст [16, с.1-23]. Барои фаҳмидани нуқтаи назари Ғазолӣ дар бораи худнигаҳдорӣ бояд андешаҳои ӯ оид ба ин ду хоҳиш муфассалтар мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Оид ба таъом сухан ронда, дар қисми сеюми «Китобу-л-арбаъин фи усули-д-дин» ки «Дар тазкияи қалб аз ахлоқи бад» ном дорад, Ғазолӣ «тазкия»-ро дар маънои пок кардан шарҳ дода, қавли паёмбарро зикр кардааст, ки «Покизагӣ қисмате аз имон аст». Ӯ ҳамчунин таъкид намудааст, ки то қалби инсон аз он чи назди Худо бад ва нописандида аст, пок нашавад ва ба он чӣ Худо дӯст дорад, ороста нагардад, имон ба ҳадди камол

намерасад. Аз ин рӯ, зарур донистааст, ки ахлоқ ва авсофи нописандидаро, ки қалби инсонро олуда мекунанд, баён созад. Ӯ таъкид менамояд, ки шумораи онҳо зиёд аст, вале шуъбаҳои онҳоро дар даҳ асл ба таври мухтасар ба тарзи зерин овардааст: 1. Ҳарис будан дар хӯрдани таъом. 2. Ҳирс ба гуфтор (ғайбат, ҷадал кардан, шӯхӣ ва мазоҳ, маддоҳӣ). 3. Ғазаб. 5. Ҳасад. 6. Бухл. 7. Ҷоҳталабӣ. 8. Муҳаббати дунё. 9. Кибр. 10. Уҷб ва риё [67, с.119-179]. Ғазолӣ дар охири қисмати сеюм «Дар тазкияи қалб аз ахлоқи бад» навиштааст: «Ночор лозим аст ахлоқ ва авсофи нописандидаро, ки қалби инсонро олуда мекунанд, баён кунам ва ҳарчанд ки шумораи онҳо зиёд аст, вале шуъбаҳои онро дар даҳ асл ба таври ихтисор шарҳ диҳам» [19, с.119].

Барои Ғазолӣ хоҳиши ғизо (шаҳвати батн - хоҳишҳои шикам) агар назорат нашавад, он хоҳиши харобкортарини инсон мешавад: «Шикампарастӣ яке аз усул ва решаҳои ахлоқи бад аст, зеро меъда сарчашмаи тамоми шаҳватҳост ва шаҳвати ҷимоъ, шуъбае аз он ба ҳисоб меояд. Вақте, ки шаҳвати хӯрдан ва муроқибат ғалаба кунад, ҳирс бар ҷамъи молу сарват низ зиёд мешавад, зеро баровардани тақозоҳои ду шаҳвати мазкур бе вуҷуди молу сарват муяссар намегардад» [67, с.120]. Ин сарманшаъи ҳама хоҳишҳост, ки инсонро ба сӯи амалҳои ношоям, шоёни мазаммат, лоиқи сарзаниш ва рафторҳои қабеҳ мебарад [16, с.5-34]. Аммо назорат кардани хоҳиши ғизохӯрӣ (ҳарис будан дар хӯрдани таъом) ҳаргиз маънои бас кардани истеъмоли хӯрок - худнигаҳдориро надорад. Инсон хоҳиши ғизо дорад, то ҷисми хешро нигоҳ дорад ва амалҳои муҳимеро аз қабили касби илму дониш ва анҷом додани амалҳои хайрро идома диҳад, аммо агар ғизо барояш манфиатовар бошад, он бояд муътадил бошад. Инсон бояд чунон ғизо хӯрад, ки аз азоби гуруснагӣ раҳоӣ ёфта, худро гирифтори азобҳои пурхӯрӣ накунад. Ӯ бояд дар вазъияте бошад, ки ба қавли Ғазолӣ, «шиками хешро фаромӯш кунад» (янса батнаҳ) ва маънояш ин аст, ки ӯ на гирифтори ранҷу аламҳои гуруснагӣ бошад ва на аламҳои пурхӯрӣ, худнигоҳдорӣ қатъиян ҳаловатҳои ҷисмонӣ, физикиро истисно мекунад, инсон бо риоя кардани ҳадди миёнаи онҳо, манфиати бисёр мебинад. Аз ин

рӯ, Ғазолӣ таълимотро оид ба ҳадди миёна, яъне муқаррар намудани эътидолро нисбати истеъмоли ғизо пешниҳод мекунад: «Агар сарват ва мақом дар вуҷуди касе ҷамъ шаванд, соири офатҳо ва ахлоқи зиштро, монанди такаббур ва риё, ҳасад ва кина, душманӣ ва ғайра тавлид мекунанд ва бо каме диққат пай мебарем, ки реша ва сарчашмаи тамоми ин мафосид шикампарастӣ будааст» [19, с.120-125]. Аммо Ғазолӣ ҳушдор медиҳад, ки ин ҳолат ба он шахсе дахл надорад, ки ҳар амалро нисбати тамоми сифатҳои хулқ ба ҳадди миёна расонидааст. Қабл аз он ки ба ин зина бирасад, инсон бояд худро ба норасоӣ (камӣ) одат кунонад, то дар қонеъ гардонидани хоҳиши худ дар ғизо ба ҳадди ифрот наафтад [17, с.165-219].

Ҳамин тариқ, дидгоҳи Ғазолӣ дар масъалаи қаноату худдорӣ дар нисбати хоҳишҳо аз назари риояи ҳадди миёнаи байни чашм пӯшидан ба анҷом додани кори бад, роҳ надодан ба хоҳишҳои худ ва беҳиссӣ ба таълимоти фалсафии эътидол асос ёфтааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки таълимоти фалсафии эътидол ҳадди ифротии аз ҳад зиёдро низ баррасӣ мекунад, аммо барои Ғазолӣ ин нокифоя аст. Амалияи сабр кардан бар гуруснагиро ӯ кори хуб меҳисобад, зеро чунин муносибат бо он вобаста буд, ки ӯ онро «қатъ намудани робитаҳо бо ин олам» медонист. Аммо анъанаи исломӣ он чизеро, ки Ғазолӣ сатҳи олии қаноат меҳисобад, ҷонибдорӣ намекунад. Манбаъи чунин сатҳҳои олиро, зоҳиран, метавон дар амалияи ками одамон (яъне суфиён) пайдо кард, ки ҳаёти худро комилан сарфи камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ менамоянд.

Қисми сеюми «Китоб-ал-арбаъин фи усули-д-дин», асли панҷуми он - «Дар тазкияи қалб ва ахлоқи бад» ба бухл бахшида шуда, он «аз мусибатҳо ва муҳлакоти бузургу хатарнок» шинохта шуда, оятҳои ба бухл бахшида (Ҳашр, 9; Оли Имрон, 18, Нисо, 37) ва ҳадисҳои паёмбар («Аз бухл бипарҳез, зеро касонеро, ки қабл аз шумо буданд, нобуд кардааст», «Саховат дарахте аст, ки дар биҳишт мерӯяд, пас вориди биҳишт намешавад ба ҷуз марди сахӣ. Бухл дарахте аст, ки дар дӯзах мерӯяд, пас фақат бахил дохили дӯзах мешавад») оварда шудаанд. Бухлро Ғазолӣ дар маънои нигоҳдории мол ва худдорӣ аз

харҷ кардани бамавқеи он донista аст, ки решааш молдустӣ буда, он сифати бисёр мазмум мебошад [19, с.144-152].

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ саховатро ҳамчун фазилат қабул карда, онро барои ҳама ва махсусан, барои он «аксарият»-е, ки дар бораи сарват ба андеша мераванд, хайр меҳисобад. Аммо барои «ақалият»-е, ки аз роҳи таҳзиби нафс гузаштаанд, саховат дар нисбати сарват фазилати олӣ ба ҳисоб намеравад. Ғазолӣ ба он ҳиҷобҳое ишора мекунад, ки дар миёни мубтадеъ ба таҳзиби маънавӣ оғоз кардааст ва Ҳақ ҳиҷоби аввали ин сарват аст, ки «мубтадеъ (навкор, шогирд - А.А.) бояд аз тамоми сарват, ба истиснои он чизе, ки барои эҳтиёҷоташ зарур аст, рӯй гардонад» [17, с.496]. Сабаби кам будани ин талабот, маънои онро дорад, ки мубтадеъ нисбат ба сарват бо роҳи рост рафта, ахиран барои саховат соҳиби шароит хоҳад шуд ва илова бар ин, аз ӯ ҳеҷ гуна манфиате намебинад.

Дар тафоввут аз сахо «қаноат» ин фазилатест, ки қабл аз ҳама бо пайдо кардан ва соҳиби молу сарвату боигарӣ шудан сару кор дорад, ё ҳамчунон ки Ғазолӣ мегӯяд, ин фазилати инсон аст ҳангоми нокифоя будани сарват [17, с.500]. Ӯ инро дар «Меъёру-л-илм» ҳамчун идоракунии саҳеҳи воситаҳои зиндагӣ муайян кардааст [57, с.98-99]. Ин таъриф ба консепсияи қаноати Мискавайҳ ва Ибни Сино мувофиқат мекунад, ҳарчанд ки ҳар дуи онҳо эътидолро таъкид карда бошанд ҳам, Ғазолӣ роҳи саҳеҳи онро бидуни ҳал боқӣ мегузорад. Аз ин рӯ, метавон андешаҳои ӯро аз китоби «Эҳёу улуми-д-дин» ҳамроҳ кард, ки он ҷо ӯ қаноатро бо факр баробар мекунад. Инсони қаноатманд бо он маблағе қонеъ мешавад, ки ҳадди ақал, минимуми эҳтиёҷоти асосии ӯро дар давоми рӯз ва аз ҳад зиёдаш дар муддати як моҳ қонеъ гардонад. Чунин инсон чизеро мебахшад, ки ба он эҳтиёҷ надорад ва ҳеҷ гоҳ молро барои оянда захира намекунад, зеро ӯ пурра ба Ҳақ ҳамчун манбаъи ризқ эътимод дорад. Дар ин ҷо бояд таъкид намуд, ки дар таълимоти Ғазолӣ ва аксарияти мутафаккирони дигари асримиёнагӣ қаноат, аз як ҷониб, ҷанбаи умумиахлоқӣ дорад, ки мусбат аст ва аз дигар тараф, маънои зоҳидонаро гирифтааст, ки аз нигоҳи воқеият қобили қабул нест.

Аз сатҳи зарурат зиёд боло рафтани мол ба нуқси «ҳирс» ва «тамаъ», ки ҳудудҳои ифротии ин фазилат мебошанд, оварда мерасонад. Ғазолӣ дар бораи ҳадди ифротии нуқсон сухан намегӯяд, аммо Ибни Сино қаноатро ҳамчун ҳадди миёна байни бахилӣ ва исрофкорӣ дар гирифтани маводи аввалияи эҳтиёҷот муайян кардааст. Хомӯшии Ғазолӣ оид ба нуқси қаноат воридсозии факр ва зуҳдро ба сифати сифатҳои муҳими наҷот пешгирӣ мекунад.

Таҳлили ин чор фазилат, ки ба эътидол мансубанд, нишон медиҳад, ки Ғазолӣ консепсияи фалсафиро оид ба ин фазилати асосӣ шаклан тағйир додааст. Ин андешаеро собит менамояд, ки ӯ шакли тавозуъ - худдориро бо нуқсонҳои ифротӣ рабт дода, дар рафти баррасии он бо ахлоқи дурӯғин иваз менамояд.

Фазилатҳо дар анъанаи фалсафӣ ба маънои комили ин мафҳум шарҳ дода шуда, ҳатто фазилатҳои олие, ба мисли хоксорӣ зикр гардидаанд. Аммо маънои худдорӣ кардан, ба андешаи Ғазолӣ, тасфияи нафс (покии нафс) тавассути худдорӣ кардан аз ҳама чизе, ки ҳатман бояд бо расидан бо саодати олӣ алоқаманд бошад, боқӣ мемонад. Аз сабаби он ки саодати олӣ дар охират қарор дорад, маънои эътидол иштироки ҳадди ақал, минималӣ дар корҳои дунявиро дорад. Ҳамин тариқ, эътидол инсонро барои охират омода намекунад, ӯ ғолибан дар маънои таҳтуллафзиаш худмаҳдудгардонӣ мебошад. Ҳама ин тағйироте, ки мо зимни муҳокимаҳои Ғазолӣ мулоҳиза намудем, зоҳиран, ба тасаввури ҳамафарогири ӯ оид ба худдорӣ нигаронида шудаанд.

IV. Адолат. Адолат, аз нигоҳи Ғазолӣ, ин ҳолатест, ки шаҳват ва тундмизоҷӣ (зудранҷӣ, тезӣ, тундӣ, оташиншавӣ) дар тобеияти қувваи ақл мебошанд. Ғазолӣ адолатро бо тартиб ва ҳамоҳангии он бо се фазилати болозикр баробар карда, онро на танҳо «фазилат», балки ҷамъи «тамоми фазоил» меномад. Адолат камолоти тамоми дигар фазилатҳо мебошад, зеро он танҳо вақте ба даст меояд, ки ҳар кадоми қувваҳои дигар дар фазилатҳои мувофиқ амалӣ шуда бошанд [57, с.90-91; 17, с.579]. Ғазолӣ собит менамояд,

ки адолат дар ин маъно ба мисли дигар фазилатҳо ҳадди миёна надорад. Ғолибан, нуқси ягонае, ки дар муқобили он қарор дорад, ин «ҷавр» - ноадолатӣ мебошад, зеро бетартибӣ дар муқобили тартиб қарор дорад. Чунин навъи адолатро Ғазолӣ, адолати хосиятҳои ахлоқии нафс меномад (ал-адл фи ахлоқ ан-нафс) [41]. Ба ғайр аз ин, ду шакли дигари адолат - адолат дар сиёсат ва адолат дар муомилот вуҷуд доранд [57, с.90-92]. Адолати сиёсӣ чунин ба тартиб даровардани қисмҳои шаҳр, полис аст, ки ба тартиби қувваҳои нафс мувофиқат намояд [57, с.91]. Аз сабаби он ки адолати сиёсӣ дар ин маъно бо тартибот як дониста мешавад, он низ дорои тартиби муайян мебошад. Ин навъи адолатро Арасту инчунин ба шаклҳои тақсимкунанда ва баробаркунанда тасниф намудааст [215, с.89-117].

Дар китоби «Мақсади ақсо» (Мақсадҳои олӣ) Ғазолӣ ба адолати сиёсӣ мафҳуми адолати тақсимшавандаро илова намуда, қайд мекунад, ки тақсимоти хайр дар шаҳр вақте ноодилона мешавад, ки ҳокими он вазифа ё функсияҳои тамоми синфҳои мухталифи шаҳр ва тартиби табииро ба эътибор нагирад [57, с.91; 41]. Танҳо адолат дар муомилаҳо ба сифати ҳадди миёна дар байни ду нуқсон - анҷом додани ноадолатӣ (ғубн) ва азоби кашидан аз беадолатӣ (тағобун) қарор дорад [57, с. 91; 42]. Дар «Эҳёу улуми-д-дин» Ғазолӣ аз мол ҳамчун воситаи барқарор кардани адолат дар муомилаҳо сухан мегӯяд [17, с.770; 42].

Қобили мулоҳиза аст, ки Ғазолӣ ба яке аз он се шакли адолат, яъне адолат дар хосиятҳои хӯй (характер) таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ҳақиқат он аст, ки Ғазолӣ дар ин мавзуъ бо дарназардошти шариат ва зарурати риоя кардани он сухан мегӯяд [17, с.144], аммо адолат барои ӯ ҳамчун фазилати ахлоқӣ аз он сабаб муҳим аст, ки маҳз фазилати нафс нишонаи камолоти инфиродӣ мебошад, аммо на барои он ки он дорои вазифаи ҷамъиятӣ мебошад. Адолат ба ҳамоҳангии байни қобилиятҳои нафс расонида, инсонро барои фазилатҳои олӣ омода месозад. Аз сабаби чунин ақида доштани Ғазолӣ дар бораи адолат, ӯ фазилатҳои номаълумро, дар тафовут аз дигар файлсасуфон мисли Мискавайҳ, ба адолат мансуб

намедонад [77, с.23-24]. Ғазолӣ ба дигар фазилатҳо таваҷҷуҳи бештар намуда, бо ин роҳ норозӣ будани худро аз анъанаи фалсафӣ нишон медиҳад, ки дар он адолат, махсусан дар контексти иҷтимоии он, дорои мақоми хоса мебошад.

Ҳамин тариқ, шарҳи фазилатҳо аз ҷониби Ғазолӣ, пеш аз ҳама, шинос будани ӯро бо ахлоқи фалсафӣ нишон медиҳад. Тавзеҳоти ӯ дар бораи фазилатҳо ба тавзеҳоти файласуфони шарқӣ, аз қабили Ибни Сино, Мискавайҳ ва Форобӣ мустақиман ва ба таври ғайримустақим бо анъанаи фалсафаи юнонӣ дар мисоли Афлотун ва Арасту мувофиқат менамоянд. Аз мунозираҳои Ғазолӣ бармеояд, ки ӯ фазилатҳои фалсафиро куллан қабул дорад: мутафаккир асоси равонии фазилатҳо, таснифоти онҳоро ба чаҳор фазилати асосӣ, таърифҳои баъзеи онҳо ва қисмҳои зиёди онҳоро қабул дорад ва фазилатҳоро бо одатҳои хуб баробар намуда, инро бо ҳадди миёнаи байни ду нуқсон айният медиҳад. Ғазолӣ бо дарназардошти манфиати ин фазилатҳо ба саодат расиданро умуман дар асоси эътиқодоти динӣ, ҳақ мебароварад. Масалан, ӯ нишон медиҳад, ки ислом барои таҳзиби нафс бо одатҳои хуб даъват намуда, одамонро таълим медиҳад, ки ҳадди миёнаро дар амалҳои худ риоя намоянд. Ҳолатҳое, ки Ғазолӣ далели боэътимоди диниро нисбати баъзе тавсифҳои фазилатҳо пайдо кардан наметавонад, бо нишон додани он қаноатманд мешавад, ки дар муқобили онҳо «далели исломӣ» вуҷуд надорад, масалан, ҳангоми таҳлили нафс ба қисмҳои муайяни он.

Ҳадафи кӯшишҳои Ғазолӣ ҷиҳати ҳақ баровардани фазилатҳои фалсафӣ ва муносибати хуб ба онҳо он аст, ки онҳоро аз ибтидо қобили қабул бидонем. Ин муносибат аз муносибати анъанавии исломӣ фарқ мекунад, зеро дар он базе чунин фазилатҳо инкор карда мешаванд. Аммо дар маҷмуъ, аз ҷониби Ғазолӣ қабул шудани фазилатҳои ахлоқӣ низ ӯро дар қатори файласуфон ҷой намедиҳад. Дар таълимоти Ғазолӣ барои қабул кардани ин фазилатҳо, ворид намудани тағйиротҳои муайян дар баъзеи онҳо ва дохил кардани дигар унсурҳо, ки онҳоро тағйир медиҳанд, шартҳои худро дорад. Масалан, зарурати одатро барои қабули фазилатҳо эътироф намуда, Ғазолӣ

тасдиқ мекунад, ки шояд инсон аз рӯи фитрати модарзодӣ, имконияте, ки файласуфон онро инкор мекарданд, дорои фазилатҳо бошад. Ба ғайр аз ин, Ғазолӣ таълимотро дар бораи ҳадди миёна қабул намуда ва онро ҳақ баровbooарда, баъдан ба он исрор мекунад, ки ҳеҷ як инсон наметавонад ҳадди ҳақиқии миёнаро пайдо намуда, онро бидуни муроҷиат ба ёрии Ҳақ риоя намояд. Аммо беҳтарин усули таълим гирифтан донистани чаҳор фазилати асосӣ ва қисмҳои онҳо мебошад.

Каме болотар нишон дода шуд, ки дар нисбати баъзе фазилатҳо, масалан, қисмҳои ҳикмат ва аксари қисмҳои шуҷоат ва худдорӣ, Ғазолӣ аз доираи бозтакрори оддии муҳокимаҳои файласуфон берун набаромадааст. Ин усул, метод андешаи ӯро дар бораи он нишон медиҳад, ки ҳарчанд ки ин фазилатҳо ҳамчунон ки ҳастанд, қабул шудаанд, вале онҳо дар назарияи ахлоқии ӯ нақши муҳиме намебозанд. Баръакс, мунозираҳои Ғазолӣ дар бораи ҳикмат (дар маънои назариявии он) нишон медиҳанд, ки барои ӯ фазилати олӣ шакли асили донишҳо нест, ҳамчунон ки барои Арасту буданд, балки эҳсосот, эмотсияҳое буданд, ки чунин донишҳо онҳоро тавлид намуданд, махсусан «муҳаббат ба Ҳақ». Аз ҷониби дигар, дар мунозираҳои Ғазолӣ дар бораи шуҷоат он бо мубориза инсон барои шавқу рағбатҳои сифлӣ як дониста мешавад, на дар мубориза дар майдонҳои ҷанг (ба мисли Арасту). Аммо муҳимтар он аст, ки дар бораи шуҷоат ва баъзе навъҳои он, масалан, дар бораи бузургӣ ва ҳашамати нафс сухан гуфта, Ғазолӣ фазилатро бо нуқси ифротӣ як медонад, вале дар ин ҷо ҳам аз андешаҳои қабулшудаи файласуфон дар бораи фазилатҳо дур шуда, тамоман бо роҳи дигар меравад. Методи муносибат ба яке аз ҳудудҳои ифротӣ дар самти ба дастовардани фазилатҳо дар шакли беҳтарин дар тавзеҳоти Ғазолӣ оид ба эътидол ва баъзе навъҳои он, ба мисли саховат ва қаноат зоҳир мегардад.

Ғазолӣ ҳамчунин шарҳи фазилатҳои фалсафиро тағйир дода, аз ҳисоби як фазилат ба фазилати дигар таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Масалан, ӯ дар бораи худдорӣ муфассал сухан гуфтааст, аммо фазилати адолатро танҳо дар шакли умумӣ шарҳ додааст. Ба ғайр аз ин, Ғазолӣ баъзе фазилатҳои дурӯғини

фалсафиро аз қабили хоксорӣ, на танҳо камарзиш, балки аз фазилатҳои муҳимтарин меҳисобад. Ҳарчанд ки файласуфони мусулмон ба номгӯи фазоили Арасту фазилатҳоеро, аз қабили худнигаҳдорӣ - «вараъ» ва «ибодат» - «ал-ибодат»-ро ворид намудаанд, вале Ғазолӣ дар контексти шарҳу баёни фазилатҳои фалсафии худ ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир накардааст.

Дар ин росто зарур аст, ки чунин саволро ба миён гузорем: мақсади Ғазолӣ аз ҳама ин тағийрот ва модификатсияҳо дар фаҳмиши фазилатҳо чист? Барои он ки имкони посух гуфтан ба ин саволро дошта бошем, сараввал бояд эътироф кунем, ки сарфи назар аз тағйиротҳо ва модификатсияҳо фазилатҳои фалсафӣ дар маҷмуъ аз ҷониби мутафаккир қабул шудаанд. Тағйироти Ғазолӣ бояд ин фазилатҳоро барои он нақше омода созанд, ки онҳо дар назарияи фалсафии ахлоқӣ иҷро мекунанд, то аз онҳо фарқ дошта бошанд ва нақши навро бояд дар системаи васеътари ахлоқӣ бар дӯши худ бигиранд, ки дигар унсурҳои ғайрифалсафиро низ шомил бошанд.

Ғазолӣ дар фазилатҳои фалсафӣ «нуқтаи табиии» ибтидоиро мебинад (табиӣ дар маъное, ки инсон бидуни кӯмаки ақл ба он омада расидааст), ки метавонад барои ташаккулёбии минбаъдаи фазилатҳо хизмат намояд. Барои асоснок кардани ин нуктаи умумӣ зарур аст, ки ба тавсифи чаҳор фазилати асосии Ғазолӣ ҳамчун «усул ад-дин» - «принсипҳои ҳақиқии дин» муроҷиат намоем [57, с.109]. Муроҷиат ба таълимоти динӣ барои мутобиқ намудани ахлоқи динӣ ва фалсафӣ амалияе буд, ки дар таълимоти баъзе файласуфон маълум будааст. [77, с.35-170.] Ибни Сино, масалан, қиссаи худро дар бораи фазилатҳои фалсафӣ бо даъвате анҷом додааст, ки тавсифи ҳар яке аз ин фазилатҳо масъулияти «арбоб ал-милал» - «устодони дин», [10, с.144] мебошад. Аммо Ғазолӣ тасдиқ менамояд, ки ҳама ин фазилатҳо аз ҷониби донишмандони динӣ баррасӣ шудаанд ва метавон онҳоро дар рафтор ва тарзи зиндагии паёмбар, яъне суннат ҷустуҷӯ кард. [57, с.81,102] Пас, ба андешаи Ғазолӣ, омӯзиши фазилатҳои фалсафӣ бояд доимо мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқ қарор дошта бошад.

Дар таълимоти ахлоқии исломӣ, ба андешаи Ғазолӣ, паёмбар Муҳаммад

- инсони ягонаест, ки дар роҳи камолот ҳама чаҳор фазилатҳои асосиро ба даст овардааст. Муваффақияти ҳар як инсон низ дар расидан ба саодати олӣ аз он вобаста аст, ки ӯ то кадом андоза ба сатҳи ахлоқии паёмбар мерасад.

Хулоса, табақабандии фазилатҳо дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ нишон медиҳад, ки ӯ чаҳор фазилати асосиро ҷудо намудааст - ҳикмат, шуҷоат ва иффат (эътидол), ки ба қувваҳои зеҳнӣ (ақлӣ), ғазабӣ ва шаҳвоният мутаносибанд ва вазифаи фазилати асосии чаҳорум, яъне адолат дуруст ҷойгир кунонидани қувваҳои болозикр дар муносибат ба якдигар мебошад. Тамоми фазилатҳое боқимондае, ки Ғазолӣ аз онҳо сухан мегӯяд, ба адолат тобеъ мебошанд. Аз ҷониби дигар, ақидаҳои ӯ дар бораи фазилатҳо ҳам аҳаммияти умумиахлоқӣ ва амалӣ доранд ва ҳам дур гаштан аз воқеият ба сабаби такя ба теология дар таълимоти ӯ ба мушоҳида мерасад. Дар умум, мутафаккир маҳз моҳияти фазилатҳои номбаршудаи асосӣ ва дуюмдараҷаро дар марҳалаи дуюми фаъолияти худ аз нигоҳи тасаввуф дигаргун сохтааст. Аз ин рӯ, масъалаи фазилати инсон бо як қатор ҷанбаҳояш дар таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Муҳаммад Ғазолӣ мавзуи таҳқиқи мо дар бобиояндаи диссертатсия қарор гирифтааст.

# БОБИ II. ФАЗИЛАТИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚӢ-ИРФОНИИ МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ

## 2.1 Фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон

Таълимоти ахлоқии Ғазолӣ дар ин таҳқиқот ба ду қисм тақсим шудааст, яъне таълимоти умумиахлоқӣ, ки ба калом ва дин (теология) такя мекунад ва таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ, ки аз синтези дин, фалсафа ва хусусан, тасаввуф иборат аст. Аз ин рӯ зарурати он вуҷуд дорад, ки ҳангоми баррасии фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ, қабл аз ҳама, муносибати мутафаккир бо тасаввуф муайян карда шавад. Дар ин самт ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки ин масъала мавриди баҳси муҳаққиқон қарор дошта, онҳо паҳлӯҳои гуногуни фалсафӣ-суфиёнаи онро ҷиддан арзёбӣ намудаанд, аммо вазифаи мо дар ин рисола тавсифи фазилатҳои суфиёна аз ҷониби ин мутафаккир аст, ки боз баъзе ҷанбаҳои дигари муносибати Ғазолиро бо тасаввуф равшан месозад.

Фазилатҳо ё фазоил, аз нигоҳи Ғазолӣ, ба он қисми ақаллияти одамон мансубанд, ки саодати ниҳоӣ, яъне дидани Ҳақро дар охират (ҳаёти баъдина) ҷустуҷӯ доранд, ки онро ин мутафаккир баъди шарҳу баёни амиқи маънои пӯшидаи аҳкоми илоҳӣ муайян кардааст. Ин шарҳу баёнро танҳо донишмандони ҳақиқӣ (уламо) метавонанд дарк кунанд. Онҳо на фақеҳон, илоҳиётшиносон ва ё файласуфон, балки суфиён мебошанд, ки Ғазолӣ худро аз зумраи онҳо меҳисобид: «Ман яқинан донистам, ки маҳз суфиён бо роҳи ҳақ равонанд, ҳаёти онҳо ҳаёти беҳтарин, усули онҳо усули саҳеҳтарин ва ахлоқи онҳо поктарин ахлоқ мебошад (ва ахлоқуҳум азка ал-ахлоқ - Ҳ.Н.)» [61, с.81].

Ғазолӣ дар бораи сабаби қабул кардани тасаввуф аз ҷониби ӯ ҳикоя карда, таъкид намудааст, ки ӯ кашф кардааст, ки ин фан ҳам назария ва ҳам амалияро дар бар гирифта, барояш аз худ кардани донишҳои суфиён бисёр осон будааст. Оид ба манбаъҳои тасаввуф Ғазолӣ таъкид кардааст, ки

омӯзиши тасаввуфро аз китоби «Қуту-л-қулуб»-и ал-Маккӣ («Ғизои қалбҳо») оғоз кардааст ва чунин ба назар мерасад, ки он китоби дарсии ӯ оид ба омузиши тасаввуф мебошад. Баъдан Ғазолӣ аз «осори Муҳосибӣ» ёдовар шуда, аз баъди он «андешаҳои гуногун» - «мутафариқот»-и Ҷунайд, Шиблӣ, Бистомӣ ва ахиран, аз «муҳокимаҳои» суфиёни беном дунболи ҳам ҳикояҳо оварда аст: Ман «бо дини онҳо тавассути мутолиаи китобҳое мисли «Қут ал-қулуб» (Ғизо барои дилҳо - Ҳ.Н.) Абутолиби ал-Маккӣ (Худо раҳматаш кунад), асарҳои ал-Ҳорис ал-Муҳосибӣ, мутафарриқот (суханҳои гуногуни парешон Ҳ.Н.)-и Ал-Ҷунайд, Аш-Шиблӣ ва Абуязиди Бистомӣ (Худо руҳашонро мунаввар гардонад) ва дигар суханҳои пешвоёни онҳо» [61, с.95-96] шинос шудам. Ғазолӣ аз Маккӣ ва Муҳосибӣ - ду суфие суханро оғоз мекунад, ки бо саъю талошҳои худ барои созиш додани тасаввуф бо аркони исломӣ машҳур гаштаанд. Аз Бистомӣ, ки бо бидъатҳои худ, яъне шатҳиёти худ машҳур буд, дар охир ёдовар шудааст. Ишора ба «мусоҳибаҳо»-и суфиёни бе ном метавонад ба дигар суфиёне дахл дошта бошад, ки аз Бистомӣ пайравӣ мекарданд ё бо шуҳрат ва нуфузи Бистомӣ марбут буданд.

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ худро мансуби анъанаи тасаввуф дониста, барои омезиш додан, синтези тасаввуф ва ғояҳои исломӣ баромад мекард. Ин ба сабаби он буд, ки худи тасаввуф синтези ҷаҳонбиниҳои гуногун буда, на танҳо ба ақл, балки ба роҳҳои дигари маърифат низ такя мекард: «шакли ирратсионалӣ, ирфонии маърифати олам дар тасаввуф ифода ёфтааст. Тасаввуф дар кори азхудкунии арзишҳои тамаддунҳои тоисломӣ саҳм гузоштааст, ки аксарияти онҳо дар ислом қабул шудаанд. Масъалаҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ, ки мутафаккирони мусулмон аз фарҳанги атиқа иқтибос кардаанд, аз нигоҳи ҷустуҷӯҳои ирфонӣ коркард шудаанд, ки ба ташаккули фарҳанги умуми исломии зеҳнӣ оварданд» [228, с.4].

Барои пайвастани Ғазолӣ ба тасаввуф асари ал-Маккӣ «Қуту-л-қулуб» мусоидат намуда, он барои мутафаккир дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошад, зеро кӯшиши аввалин ва бомувафақияти бунёд намудани фикри умумии тасаввуфи ортодоксалӣ мебошад. Ғазолӣ дар «Эҳёу улуми-д-дин»,

махсусан, дар рубъи чаҳоруми он, ки ба фазилатҳои суфиёна бахшида шудааст, ниҳоят зиёд аз «Қуту-л-қулуб» [97, с.66] иқтибос овардааст. Фаслҳои комили ин китоби Маккӣ танҳо бозтакрор шудаанд ва ҳатто суханҳои суфиёни пешина ва намояндагони тасаввуф, ҳадисҳои паёмбар ва ривоятҳои саҳобаҳои ӯ ҳамон тавре шарҳ дода шудаанд, ки Маккӣ онҳоро дар асараш овардааст [97, с.68]. Ҳамин тариқ, ин асар, зоҳиран, яке аз манбаъҳоест, ки тавассути он Ғазолӣ бо андешаҳои гуногуни суфиёни давраи аввал шинос шудааст.

Махсус будани таҳқиқоти Ғазолиро метавон дар интихоб, рангу бор ва синтези маводе, ки аз Маккӣ иқтибос овардааст, возеҳу равшан мушоҳида кард. Ӯ то ба дарки дараҷаи муайяни возеҳияти нишонаҳои асосии тасаввуф расида, асоси ратсионалию назариявиро барои шарҳи паҳлӯҳои тафсирнашавандаи тасаввуф ворид намудааст. Ғазолӣ забони файласуфон ва илоҳиётшиносонро зимни андӯхтани таҷрибаи шахсӣ омӯхта, омода буд, ки он чизеро Маккӣ ва амсоли ӯ оғоз намуда буданд, инкишоф диҳад. Ба қавли Ғазолӣ, сухани суфиён нишон медиҳад, ки онҳо нуқсондор ва баъзан зарраровар мебошанд, зеро ҳар кадоме аз онҳо метавонад танҳо дар борам ҳолати нафсонии худ ҳисобот дода, ба ҳолатҳои дигарон эътибор надиҳад. Аз ин рӯ, тасдиқоти ошкорои онҳо аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ доранд. Дар ин ҷо, ба ақидаи мо, ҳақ ба ҷониби Ғазолист, зеро амалияи тасаввуфӣ ин тамрини фардӣ, индивидуалӣ аст, на умумӣ, барои ҳама. Дар ин бора суханони муҳаққиқи россиягӣ И.Р. Насыров, ки дар таҳқиқоти худ «Амалияи маънавӣ дар ирфони исломӣ (тасаввуф): алтернатива ё имитатсияи кашф» овардааст, ҷолиб мебошанд: «Ин раванд ё худ Роҳ ба сӯи Ҳақ тавассути мақомот ё манозил, ки бо тартиби муайян ҷойгир кунонида шудаанд, суфиро ба ғарқшавӣ дар асрор (сирҳо) ва ё ҳақиқати воқеияти болоиҳиссӣ ё Ҳақ меоранд. Мақсади ниҳоӣ, тибқи ақидаҳои мавҷуда (ва на танҳо дар адабиёту таҳқиқот), ин таъмини руъяти камолоти Ҳақиқат аз ҳисоби нестсозии «Ман»-и фардӣ аст, яъне ин бадастории эҳсоси ирфонии ҳулули комил ё иттиҳод бо Ӯ ба маънии руҳонӣ бо кӯмаки маҷмуи тамринҳо ва воситаҳои психологӣ-

техникӣ мебошад, ки онҳоро суфиён коркард намудаанд» [162]. Бо ҳамин сабаб Ғазолӣ эҳсос мекунад, ки донишҳои ақлӣ (ратсионалӣ) имкон доранд, ки тавсифи беҳтарин ва хеле воқеъбинонаи таҷрибаи динӣ ва амалияи ирфонии суфиёни гузаштаро таъмин намоянд.

Ғазолӣ усулҳои суфиёна ва ақлонии ба даст овардани саодатро бо ҳам муқоиса намуда, қайд мекунад, ки асоснок будани роҳи тасаввуф боиси шакку шубҳа шуда наметавонад: «Оқибат фаҳмидам, ки агар ҳаққе ва ҳақиқате ҳаст дар тасаввуф асту бас. Чароғи тасаввуф аз мишкоти нубувват нур мегирад ва равшании дилҳо ҷуз аз ин мумкин нест. Ҳақоиқе бар ман кашф шуд, ки ҷуз ба завқ ва ҳол натавон ёфт. Роҳеро паймудам, ки оғозаш таҳорати қалб ва анҷомаш фанно фи-л-лоҳ аст» [195, с.399-402]. Дар ҳамин ҷо низ таъкид бар он кардааст: «Солик чун аз мақом ва манзили нахустин гузар кард ва тайи мақомот намуд, кам-кам ба ҷое мерасад, ки пиндори ҳулул ва иттиҳод мекунад, аммо ин пиндор хатои маҳз аст» [195, с.387]. Тасаввуф, аз нигоҳи Ғазолӣ, онҳоеро, ки онро дар амал татбиқ менамоянд ба ҳадафҳояшон мерасонад, ки дар ҳолати баланде қарор доранд, ки паёмбарон ва авлиё аз он ҳаловат бурдаанд. Аммо чунин навъи фаъолият аз хатарҳои ҷиддӣ низ эмин буда наметавонад. Ақл ва солимиро вайрон мекунад, ки метавонад сабаби бемориҳои руҳӣ гардад.

Ҳамзамон, аз дидгоҳи Ғазолӣ, агар нафс дар илмҳо риёзат (обутоб) наёфта бошад, ки онҳо бо далелу бурҳон сарукор мегиранд, он тахайюлот, фантазияҳои менталӣ, зеҳниро ба даст оварда, тахмин мекунад, ки барояш ҳақоиқе нозил шуда истодаанд. Суфиёни зиёде қабл аз он ки аз чунин вазъ хориҷ шаванд, дар тули даҳсолаҳо дар худи ҳамон як ҳолат қарор доштаанд, дар ҳоле, ки агар онҳо дорои таҳсили илмии ҷиддӣ мебуданд, зуд аз он раҳоӣ меёфтанд. Дар ин суханони Ғазолӣ, аз як тараф, нуқсонҳои суфиёни қаблӣ ва аз дигар тараф, тулонӣ будани роҳи пешгирифтаи суфиён дар маърифати Ҳақиқат мушоҳида мегардад. Дар ҳақиқат ҳам, чилланишинӣ ва дигар шаклҳои зуҳд, иҷрои шартҳои шариат, тариқат ва дар ниҳояти кор, расидан ба Ҳақиқат муҳлати хеле тулониро тавассути тамринҳои гуногун тақозо

мекунанд: «Бо мақсади омода кардани шуури фард барои дарки воқеияти болоиҳиссӣ, ӯ бояд марҳалаи тулонии омодашавиро гузарад. Дар раванди амалияи ирфонӣ суфӣ воситаҳои махсуси психологӣ-техникиро барои воридсозии бошууронаи худ ба ҳолати тағйирёфтаи шуур аз худ мекунад, ки барои бедорсозии хиради ҳадсӣ хизмат намуда, дар ниҳояти кор ба ишроқ меоранд» [222, с.158] .

Ҳамин тариқ, Ғазолӣ тасаввуфро ҳамчун роҳи олӣ ва ягонаи расидан ба саодати ҳақиқӣ қабул мекунад, аммо инсон бояд дар ин роҳи душвор ҳамеша равон бошад ва таҳти таъсири ақли тамриншуда қарор гирад. Аз ин рӯ, ин мутафаккир тасаввуфро барои шарҳ додан ва тағйир додани роҳҳои фалсафӣ ва динӣ-ҳуқуқӣ ба сӯи саодат истифода бурда, айни замон мавқеи суфиёнро тавассути таълимоти исломӣ ва анъанаи фалсафӣ ошкор мекунад. Ӯ пайваста ишора мекунад, ки суфӣ бояд ҳамеша шариат ва амалияро риоя кунад ва ин амалро аввалин манзиле меҳисобад, ки дар роҳи сайр ба сӯи Ҳақ онро суфӣ интихоб кардааст (аломат ал-манзил ал-аввал мин манозил ас-соирин) [57, с.46].

Ба андешаи Ғазолӣ, агар суфиёни давраи аввал - Маккӣ, Сарроҷ ва Қушайрӣ [57, с.204], дар созиш додани ислом ва тасаввуф корро ба охир мерасониданд, айни замон тасаввур ва таассуроти маънавии суфиёна равшантар мебуд. Онҳо бояд шарҳҳои хусусии ратсионалӣ, назариявӣ ва илова бар он шарҳ додани таассуроти худ аз инро ба анҷом мерасониданд. Дар баробари ин, онҳо бояд таълимоти ҳам мусулмонӣ ва ҳам фалсафиро дар як кулли яктаркиба, ки ҳадафи ягона дорад, омезиш дода, ба ҳам мутобиқ мегардониданд. Муносибати ақлонии Ғазолӣ ба ирфон дар маҷмуъ қабул шуда, мутафаккирони мутааххири исломӣ ва аз ҷумла ҳамасрони ӯ, онро шарҳ додаанд.

Тавре, ки маълум аст, тасаввуф бо ахлоқ робитаи ногусустанӣ дорад ва ҳатто асоси онро ташкил медиҳад: «Бунёди этикаи тасаввуф тарзи зоҳидонаи ҳаёти суфӣ мебошад. Рад кардани ҳаёти заминӣ барои маърифати Ҳақ ин постулати асосии суфии мусулмон аст. Новобаста аз ин, расидан ба ҳолати

пурраи зуҳд на танҳо бо рад кардани неъматҳои инҷаҳонӣ дар ҳадди аксар, балки тавассути иҷрои мунтазами амалияи динӣ муяссар мегардад, ки миёни онҳо паҳншудатарин зикрҳои ҷаҳрӣ (баланд) ва хиффӣ (махфиёна) мебошанд (яъне, зикри Ҳақ)» [225, с.124-129]. Ҷавҳари таълимоти ирфонии Ғазолиро низ, чунонки борҳо қайд намудем, ба мисли тасаввуф ахлоқ ташкил дода, онро на танҳо назарияи ахлоқӣ, балки консепсияи фазилати инсон, ё назарияи фазоил низ метавон ҳисоб намуд. Ғазолӣ «шинохти ваҳй» ва «шинохти амалияи динӣ»-ро аз якдигар фарқ мекунонад. Аввалиро, ба андешаи ӯ, на таҳлил кардан метавон ва на онро дар шакли баёни шифоҳӣ ва ё навишта ба қайд гирифт. Зеро охириро танҳо дар шакли шифоҳӣ баён кардан метавон ва аз сабаби он ки Ғазолӣ онро умуман бо ахлоқ ва ба хусус бо фазилат як чиз медонад, омӯзиши тасаввуфро низ ӯ моҳиятан омӯзиши фазилатҳои суфиёна меҳисобад. Он нафаронеро, ки Ғазолӣ дар шакли олии таҳзиби ахлоқӣ бо онҳо муносибат мекунад, метавон суфиёне номид, ки мақсади онҳо на илм, на биҳишт, балки қурби Ҳақ мебошад. Аз ин рӯ, «сифатҳои» хосае, ки ақаллияти суфиён метавонанд тавассути онҳо шакли махсуси саодати ниҳоиро ба даст оваранд, берун аз доираи фазилатҳои фалсафӣ ва динӣ-ҳуқуқӣ қарор доранд. Ин сифатҳои одамони камшуморро «фазоили суфиёна» меноманд, ки дар навбати аввал ба беҳбудии инсон дар робитаи махсуси худ бо Ҳақ дахл доранд ва фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон низ аз ҷумлаи онҳоянд.

Ғазолӣ ин фазилатҳои суфиёнаро дар рубъи чаҳоруми «Эҳёу улуми-д-дин» ва ҳамчунин дар шакли хеле кӯтоҳ дар қисми чаҳоруми китоби «Китоб ул-арбаин ва усул-ад-дин» мавриди таҳлил қарор додааст, ки он шакли мухтасари китоби «Эҳёу улуми-д-дин» мебошад. Шарҳу тафсири муфассалтари он бо забони форсӣ, бо номи «Кимиёи саодат» мебошад, ки ба худи ҳамон фазилатҳои суфиёна бахшида шудааст. Аммо шумора ва тартиби ин фазилатҳои суфиёна дар ҳар ду китоб аз ҳам фарқ мекунанд [19].

Дар мавзуи фазилатҳои суфиёна таҳқиқи навафлотунӣ ва равоқии асли фалсафӣ, инчунин тасаввуфии Ғазолӣ метавонад барои омӯзиши баъзе

масъалаҳо муфид ва дорои аҳамият бошад, вале дар баъзе масъалаҳои дигар, мутафаккир, ба андешаи мо, консепсияи ахлоқии худро оид ба фазилати инчон комилан теологӣ гардонидааст. Аввалин суоле, ки муҳаққиқи Ғазолӣ бояд ба он рӯ ба рӯ ояд, на он аст, ки оё ин ва ё он идеяи мушаххасро ӯ қабул кардааст ё не, балки он аст, ки ӯ чӣ гуна ин ҷаҳонбинии суфиёнаро дарк карда, аз он чӣ хулоса мебароварад. Барои ҷавоб гуфтан ба ин масъала ба даст овардани тасаввуроти ҳаматарафа дар бораи афкори Ғазолӣ мебошад, то муайян карда шавад, ки ӯ чӣ гуна анъанаҳои гуногунро, ки манбаъҳои онҳо алаккай дар осори файласуфон, илоҳиётшиносон ва суфиён вуҷуд доранд, бо ҳам синтез мекунад.

Тартиби гуногуни фазилатҳои суфиёнаро дар осори Ғазолӣ метавон бо фазилатҳои дигар, ки мутафаккирони пешгузаштагони суфимашраб ас-Сарроҷ, ал-Маккӣ, Калободӣ, Қушайрӣ ва Ансорӣ ал-Ҳиравӣ муайян сохтаанд, муқоиса кард [54, с.507; 102, с. 176].

Тавре, ки болотар ишора карда шуд, Ғазолӣ ибораҳои «хулқ ҳасан» ва «хулқ маҳмуд»-ро барои ифода намудани худи ҳамон ашёе истифода мебарад, ки фазилатҳоро низ истифода бурдаанд. Аммо дар бораи фазилатҳои динӣ-ҳуқуқӣ сухан гуфта, мутафаккир аз ибораи сеюм дида, бештар ду ибораи болоиро («хулқ ҳасан» ва «хулқ маҳмуд») истифода мебарад. Инро бо далеле метавон шарҳ дод, ки барои муаллимони ахлоқи анъанавии исломӣ фазилат бештар ҳамчун «хулқи мамдуҳ», «хулқ ҳасан» ва «хулқ карим» муайян мешавад, аммо «фазилат» бошад, истилоҳест, ки файласуфони мусулмон одатан барои ифода намудани «накӯкорӣ» истифода бурдаанд [15, с.24]. Мушаххасан дар бораи фазилатҳои суфиёна сухан гуфта, Ғазолӣ онҳоро «ахлоқи маҳмуда» (сифатҳои беҳтарини ахлоқӣ) меномад. Дар муқаддимаи «Эҳёу улуми-д-дин» Ғазолӣ гуфтааст: аммо он чӣ ба рубъи ал-мунҷиёт (рубъи ашёе, ки ба сӯи наҷот мебаранд) ман таъкид кардаам, ки «хулқи мамдуҳ»-ро аллакай тавсиф намудаам. Дар «Китобу-л- арбаъин фи усули д-дин» ӯ ҳамон ибораҳоеро истифода кардааст, ки дар рубъи чаҳорум, ки ба фазилатҳои суфиёна бахшида шудаанд, омадаанд. Ғазолӣ ҳамчунин ин фазилатҳои

суфиёнаро «сифоти наҷотбахш ё наҷотдиҳанда» - «ас-сифот ал-мунҷиёт» низ номидааст.

Илова бар ин, Ғазолӣ фазилатҳои суфиёнаи мазкурро фазоили «манозил» (истгоҳҳо) ва ё «мақомот»- тавба, сабр, шукр, хавф, раҷоъ, факр, зуҳд, таваккул ва муҳаббат номгузорӣ кардааст, яъне онҳоро бо истилоҳҳое, ки дар анъанаи ирфонӣ ҷои бештар доранд, ифода намудааст. Аммо теъдоди мақомот дар тасаввуф мавриди баҳс қарор дошта, аксарият шумораи онҳоро ҳафт (тавба, вараъ, зуҳд, факр, сабр, таваккул, ризо) медонанд. Дар асоси чунин унсурҳои таълимоти Ғазолӣ академик Диноршоев М. дар бораи тасаввуфи ӯ ба чунин натиҷа расидааст: «Ҳамин тавр, тамоми таълимоти тасаввуфии Ғазолӣ мухри мақсади асосии ҷаҳонбинии ӯро, яъне ба ҳар васила таҳким бахшидани мавқеи исломро дорад» [18, с.120].

Чунонки борҳо таъкид гардид, фазилат асоси таълимоти ирфонӣ-ахлоқии Ғазолиро ташкил медиҳад ва мутафаккир дар ин самт асосан такя ба фаҳмиши арастуии он мекунад: «Асари Арасту «Этикаи Никомах» таҳлили муфассали накӯкориҳои инсонро фаро мегирад, ки фазилатро ташкил медиҳанд. Ба ақидаи файласуф, фазилати шахсият, қабл аз ҳама, ба тарбияи хуби ахлоқӣ такя карда, бо категорияи ифтихор робита дорад. Азбаски Арасту накӯкориро ҳамчун ченак, «васати тиллоӣ» байни ду нафси аз ҳад гузашта меҳисобад, эҳсоси фазилати худӣ ва худбаҳогузорӣ ба худ ҳамчун рефлексия дар ҳолати интихоби ахлоқӣ байни баландгирии худ (ғурур) ва паст шинохтани худ баромад мекунад» [219, с.84].

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани моҳияти фазилатҳо Ғазолӣ аз мафҳуми фазилат, ки аксаран файласуфон онро истифода бурдаанд, ба истифодаи мафҳумҳои «хулқи ҳасан» ва «хулқи маҳмуд» мегузарад, зеро муаллимони анъанавии ахлоқ ба сифот ва мақом афзалият медиҳанд, ки чунин мавқеъ ба тасаввуф наздиктар аст. Аммо истилоҳи «хулқи ҳасан» дар таълимоти Ғазолӣ, зоҳиран, ифодаи марказӣ мебошад, ки тамоми истилоҳҳоти дигарро бо ҳам иртибот медиҳад, зеро он дар тули тамоми тавзеҳоти Ғазолӣ оид ба фазилатҳои фалсафӣ, динӣ-ҳуқуқӣ ва суфиёна

мавриди истифода қарор дорад.

Таърифи Ғазолӣ аз фазоил, яъне фазилатҳо, сифатҳои ахлоқ ва сифати наҷот аз истифодаи истилоҳоти оддӣ болотар аст. Сифоти суфиёна, ба мисли фазоили суфиёна, воситае барои ба даст овардани саодат мебошанд. Файласуфон шавқу рағбатро ҳамчун маводи фазоил мефаҳмиданд. Сарфи назар аз ин, дар асоси аксарияти сифатҳои суфиёна (аз ҷумла, тарс, умед ва ишқ) [18, с.505] шавқу рағбат қарор доранд. Муҳаббат охирини онҳо ва фазилати олитарини ирфонӣ мебошад, ки инсон метавонад онро дар тули зиндагии худ ба даст оварад.

Вобаста ба ин таъкид бояд кард, ки ба андешаи Арасту, шавқу рағбат инҳоянд: «хоҳиш, ғазаб, тарс, яқин, вобастагӣ, шодӣ, дӯстӣ, бадбинӣ, иштиёқ, ҳасад, дилсӯзӣ ва умуман ҳама он ҳолатҳои шуур, ки онҳоро лаззатҳо ва дарду алам ҳамроҳӣ мекунанд» [42, с.2.5.1.]. Арасту таъкид мекунад, ки онҳо на фазилатҳоянд, на нуқсон ва на шавқу рағбат, зеро мо онҳоро на дар асоси шавқу рағбатҳо - хайр ва шар чунин меномем, балки дар заминаи фазилатҳо ва разилатҳоямон (нуқсонҳоямон) ба онҳо ном мегузорем. Дар чунин ҳолат моро на ситоиш мекунанд ва на барои шавқу рағбатҳоямон инкор мекунанд, масалан касеро, ки тарсуӣ ва ғазабнокӣ аст ва ё касеро на барои он инкор мекунанд, ки ӯ ғазабро ҳис мекунад, аммо касе онро дар шакли муайяне аз сар мегузаронад, ситоиш намекунанд, аммо моро барои фазилатҳо (фазоил) ва нуқсонҳоямон (разоиламон) ё ситоиш, ё ки инкор мекунанд [42, с.2.5.].

Танҳо замоне, ки шавқу рағбатҳо ба таври муайян эҳсос мешаванд, онҳо, ба ақидаи Ғазолӣ, метавонанд ба фазилат табдил шавад. Фазилат - ҳолати хулқ мебошад. Он бо шавқу рағбат ва амалҳое алоқаманд мебошад, ки дар онҳо зиёдаравиҳо ва нуқсонҳо инкор мешаванд, аммо ҳадди миёнаи онҳо ситоиш мешаванд, ки ин яке аз шаклҳои муваффақият мебошад. Ҳам қабули ситоиш, ҳам ситоишҳои ба даст омада ва ҳам муваффақият барои фазилатҳо хос мебошанд, ки бо интихоби он, чи дар миён дар нисбати мо қарор дорад, рабт доранд [42, с.2.5.].

Вақте сухан дар бораи фазилатҳои фалсафӣ меравад, Ғазолӣ аз мавқеи

арастуӣ пайравӣ мекунад ва ин дар боби аввали диссертатсия низ зикр шуда буд. Аммо зимни мурочиат ба фазилатҳои суфиёна мутафаккир роҳи худро тамоман дигар кардааст. Ӯ ба таври муфассалтар ва дақиқтар ба баррасии шавқу рағбатҳо пардохта, худи ҳамон шавқу рағбатҳоеро фаро мегирад, ки дар асоси онҳо фазилатҳои фалсафӣ чой дошта, дар китоби «Риторика»-и Арасту омадаанд ва ин навъи фазилатҳоро дар партави андешаҳои худ оид ба қаробат бо Ҳақ баррасӣ менамояд. Чунин аст тавлиди фазилатҳои «нав»-и Ғазолӣ, ки мо онҳоро фазоили суфиёна ё фазилатҳои ирфонӣ, ки ба камолоти маънавии инсон мебаранд, ҳисоб мекунем. Масалан, аз он ки файласуфон маргро ҳамчун объекти бузургтарини тарс баррасӣ менамоянд, онҳо ба хулосае меоянд, ки марг нуқсон, разолат мебошад, ки ба фазилати шучоат мувофиқат менамояд. Аз дигар чониб, Ғазолӣ худи ҳамон шавқро дар партави муносибати инсон ба Ҳақ баррасӣ менамояд, ки аз он бояд ҳам дар ин чаҳон ва ҳам дар он чаҳон тарсид ва хулоса баровард, ки ҳолати саҳеҳи ахлоқ, ҳолати «тарс аз Ҳақ» мебошад. Ҳамин тариқ, шавқу рағбатҳо аз сатҳи оддитар ба сатҳи олитар боло бардошта мешаванд, ки зимни шарҳи «фазоили фалсафӣ» ба онҳо мансуб дониста мешуд. Айнан ҳамин тавр, Ғазолӣ «таарруз»-ро интихоб мекунад, ки одатан ҳамчун истилоҳ ба маънои робитаи инсон ба наздикон фаҳмида мешавад ва онро аз зерматн, контексти сиёсӣ тачрид, абстрактсия намуда, дар истилоҳоти консепсияи худ шаклашро ба истилоҳи қурби Ҳақ тағйир медиҳад. Масалан, Ғазолӣ «эътимод»-ро ҳамчун зуҳурот ба наздикони худ гирифта, онро шаклан дар нисбати робитаи махсуси инсон ба Ҳақ тағйир медиҳад ва бо ҳамин тарз фазилати суфиёнаро ҳамчун «эътимод ба Ҳақ» муқаррар менамояд.

Илова бар ин, Ғазолӣ ин фазилатҳоро низ тибқи методҳои мушобеҳе, ки фазилатҳои фалсафӣ муайян карда шудаанд, бо ҳамон тарз муқаррар месозад. Тағйироти ягонае, ки ӯ ворид менамояд, ба объект ва ҳадафи фазилатҳо дахл дорад. Ҳадафи ниҳоӣ, ба андешаи Ғазолӣ, ин аст, ки то ҳадде имкон ҳаст, комилан худро ба шавқу рағбати олӣ, аз чумла, ишқи Ҳақ бахшида тавонад ва тақозои тасфияи нафс ва озод кардани онро аз чисм

кунад. Аз он ки ин шавқу рағбат хусусӣ мебошанд, ҳадафи фазилатҳои суфиёна аз доираи фаъолияти инсонӣ берун мебароянд: онҳо инсонро на танҳо аз ҷисм, балки аз шаҳрнишинӣ (тавассути инзивоҷуӣ, гӯшанишинӣ, зовиянишинӣ) низ озод менамоянд. Ин нишон медиҳад, ки «фаъолияти амалӣ-маънавии суфиёни мутақаддам, ки ба барканорӣ аз дунёи моддӣ (зуҳд) равона шуда буд, қадами нахустин дар анъанаи тасаввуфӣ барои ҳалли масъалаи маърифати Худои транстсендентӣ буд. Ҳамчун заминаи зарурӣ барои ин ҳадсҳои қуръонии хислати онтологӣ ва гносеологи дошта хизмат карданд» [235, с.7] .

Сифатҳои суфиёнаро ҳамчун фазилатҳо муайян карда, Ғазолӣ таъкид мекунад, ки ӯ онҳоро характеристикаи асосӣ меҳисобад. Ба андешаи Ғазолӣ, ҳар яке аз ин фазилатҳо се унсури пай дар пай паси ҳам меомадаро шомил аст. Якум, илме, ки пайдо мекунад, дуюм ҳолати равонии махсусе, ки дар навбати худ амали сеюм - дар амал татбиқ карданро тақозо мекунад [42] ва онҳоро аз ҳам фарқ мекунонад. Куллан эҳтимоли он вуҷуд дорад, ки бо чунин фаҳмиш Ғазолӣ бо осори Ибни Сино оид ба шавқу рағбатҳо шиносоӣ доштааст. Ғазолӣ ин нишонаҳои умумиро дар чандин ҷойи рубъи чаҳоруми «Эҳёу улуми-д-дин» ёдовар шуда, [18, с.12] аз шарҳи «ҳол» - «ҳолат» оғоз мекунад, ки зери он ҳолати шахсиро дар назар дорад.

Новобастагии Ғазолӣ аз тавсифи ирфонии ин фазилатҳои суфиёна нисбатан муқаддамтар аст, зеро ӯ таълимоти ғайриирфониро барои шарҳи мафҳумҳои суфиёна истифода бурдааст. Чунин таҳлили унсурҳои фазилатҳои суфиёна, табиист, ки ба анъанаи тасаввуфӣ, ирфонӣ мансуб аст. Аммо, вақте ки ӯ чор унсури асосиро дар робита бо фазилатҳои фалсафӣ, аз ҷумла, қобилият, илм ва амалро номбар карда, категорияи қувваро (ки файласуфон аз он истифода мебурданд - Ҳ.Н.) аз фазилатҳои суфиёна дур мекунад, вале сабабҳои чунин рафтори худро зикр накардааст. Танҳо метавон тахмин кард, ки ҳарчанд ки қобилияти равонӣ барои системае муҳим мебошад, ки қабл аз ҳама, аз ақл вобаста мебошад, нисбат ба ин амал дорои маънои дуюмдараҷа буда, ба мусоидати Ҳақ такя мекунад. Илова бар ин, дар рафти муҳокимаи

фазилатҳои фалсафӣ Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки фазилат танҳо ба ҳол аз чор унсури дар боло зикршуда мансуб буда, сетои онҳоро мутафаккир ҳамчун омилҳои зарурии фазилатҳои суфиёна баррасӣ менамояд. Ба назар мерасад, ки таъкиде, ки Ғазолӣ ин ҷо дар се унсури асосӣ мекунад, самтгирии (ориентатсияи) назариявӣ мебошад, ки онро ӯ ба муҳокимаҳои худ ворид кардааст, то ки фазилатҳои суфиёнаро равшан кунад ва ҳамаи ин, одатан, дар ҳидоятҳои суфиёна дар шакли пароканда вуҷуд доранд. Сарфи назар аз ин, дар рафти шарҳи муфассали худ баъзе фазилатҳоро худи Ғазолӣ ҳамчун чизе ҷудо мекунад, ки аз ҳама дурусттараш онҳоро метавон фазоил, фазилатҳо номид ва илм он аст, ки ба сӯи онҳо мебарад, аммо амал маҳсулу натиҷаи фазилатҳо мебошад.

Новобастагии Ғазолӣ аз қиссаҳои суфиёни қадимтар ҳамчунин дар андешаҳои ӯ дар бораи истилоҳоти суфиёна зоҳир мегардад. Ҳарчанд мутафаккир истилоҳоти муайяни техникиро, ки дар адабиёти суфиёна зиёд интишор ёфтаанд, интихоб мекунад, ӯ майл дорад, ки онҳоро ба таври худ шарҳ диҳад, зеро андешаҳои суфиёни аввал оид ба манозил (истгоҳ, мақом) одатан аз ҳолат (ҳол, аҳвол) фарқ мекарданд. Манзил, дар умум, ҷамъи арабии он манозил буда, метавон онро истгоҳ, фурудгоҳ, ҷойгоҳ тарҷума кард, вале дар тасаввуф онро сайру сулук ва ҳафт мақоми расидан ба висоли Ҳақ мегӯянд. Мақом, ҷамъаш мақомот буда, бар хилофи аҳвол тавассути риёзату муҷоҳада ба даст оварда мешавад, аммо аҳвол воридоти ғайбӣ, ҳадяи илоҳист, ки бе ихтиёр ва ногаҳонӣ вориди қалби солик шуда, зуд аз байн меравад.

Тибқи андешаи Қушайрӣ, маънои мақом марҳалаи маънавии мубтадеъ дар роҳ ба сӯи Ҳақ мебошад, ки натиҷаи саъю талошҳои шахсии суфӣ аст, дар сурате, ки ҳол ин кайфиати маънавиест, ки на аз суфӣ, балки аз Ҳақ вобаста аст: «Ҳол» - ин ҳадя мебошад, аммо «манозил» - ин музди кор аст» [75, с.55]. Дар маҷмуъ, аҳли тасаввуф ба саъю талоши нафс тавассути расидан ба манозил исрор варзида, ҳамчунон роҳи ба даст овардани «ҳол»-ро таъкид кардаанд. Ба ғайр аз ин, манозил нишонаи хоси нафс мебошад, на «ҳоли

гузаранда». Ҳол дар ин ҷо ба истилоҳи ҳаё монанд аст, ки Ғазолӣ онро зимни баррасии фазилатҳои фалсафӣ, истифода намудааст. Ҳаё ҳамчунин мавқегирии мусбат мебошад, ки дар натиҷаи илм пайдо шуда, дар навбати худ амал ва фаъолиятро тавлид менамояд [18, с.104], он доимӣ набуда, балки ҳолати гузаранда мебошад.

Ас-Сарроҷ, муаллифи машҳури ҳидояти мутақаддами тасаввуф «манозил»-ро ҳамчун одатҳои ахлоқӣ ва «ҳол»-ро ҳамчун ҳолати равонии ақл баррасӣ менамояд [48, с.180-181]. Ба андешаи Ғазолӣ, баръакс, фарқи байни мақомот ва ҳол на аз характер, балки аз дараҷа вобаста аст. Вақте, ки хосияти характер доимӣ шуда маҳфуз монад, аз як ҷониб, ин манзил ва аз ҷониби дигар, ин ҳолат аст. [18, с.107] Ин таъриф дар «Ал-Имло», асаре, ки Ғазолӣ барои ҳимоя ва шарҳи истилоҳоти «Эҳёу улуми-д-дин» навиштааст, такрор шудааст. Чунин ақида дар бораи ҳол ва вазъ нишон медиҳад, ки танҳо ҳолатҳо (аҳвол) метавонанд ҳамчун фазилат баррасӣ шаванд, зеро устуворӣ маҳз характеристикаи муҳими фазилат мебошад. Аз ин рӯ, Ғазолӣ фазилатҳои суфиёнаро манозил меномад. Масалан, ӯ онҳоро «манозили онҳое, ки дар роҳи Худо мераванд» ва «манозил ад-дин» номида, зимни шарҳи мафҳуми дин, Ғазолӣ мегӯяд, ки ҳама мақомоти дин ҷуз ба се кор интизом напазирад: маориф, аҳвол ва аъмол» [18, с.107].

Аз сабаби он ки манзилҳо ва ҳолҳои гуногун бо якдигар марбут мебошанд ва ҳар як суфӣ дорои таълимоти хусусии худ доир ба таҳзиби нафс мебошад, аҳли тасаввуф дар таъриф додани манозил ва ҳол аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҷойгиркунонии хусусӣ ин мақомот аст, аммо Ғазолӣ шумораи мушаххаси онҳоро зикр накардааст, ҳамон тавре, ки ин корро баъзе суфиёни то замони ӯ анҷом додаанд (масалан, Ал-Маккӣ тасдиқ мекунад, ки шумораи онҳо нӯҳ адад мебошад) [40, с.364]. Сарфи назар аз ин, тасаввурот дар бораи тартиб ва ё табақабандии фазилатҳои суфиёнаро Ғазолӣ ҳифз мекунад, яъне дар бораи он ки кадоме аз ин фазилатҳо бояд аввалин шуда ба даст оварда шавад, аз кадомаш бояд пайравӣ бикунад ва ахиран, кадоме аз онҳо фазилати олӣ мебошад, ки онро бояд ба даст овард мутафаккир бисёр сухан мекунад. Ӯ

бо андешаи бисёре аз суфиёни сатҳи аввал дар бораи он ки «тавба» аввалин мақоми мубтадеъ (навкор) аст, розӣ мебошад. Дар қутби дигар, Ғазолӣ аз дунболи ал-Маккӣ муҳаббатро ҳамчун ҳоли имкондори инсон дар ин ҳаёт медонад. Ба андешаи Ғазолӣ, тавба, сабр, шукр, раҷо, тарс, фақр, зуҳд, тавҳиди илоҳӣ ва итминон дар ин тартиб ба сӯи муҳаббат мебаранд, дар ҳоле, ки шавқ, қурб ва қаноатмандӣ «самар» ё «ҳосил»-и муҳаббат мебошанд [18].

Фазилатҳое, ки ба сифати мақомот машҳуранд, фазоили асосии суфиёна мебошанд, зеро онҳо ба сифати мавқеи асосӣ хизмат мекунад ва суфӣ маҳз онҳоро бояд дар роҳи саодати олӣ ба даст оварад. Дар ин масъала Ғазолӣ бо Маккӣ мувофиқ аст.

Илова бар фазилатҳои суфиёнаи зикршуда Ғазолӣ боз шаш сифати нафсро ном мебарад, ки дидаву дониста онҳоро дар зумраи мақомот ном набурдааст. Онҳоро Маккӣ номбар накардааст, гарчанде баъзеи онҳоро ҳамчун сифатҳои алоҳида ва мустақили суфиёна баррасӣ мекунад [40, с.311]. Сарфи назар аз ин, онҳо ба он маъно фазоили суфиёна мебошанд, ки сифатҳои наҷот доранд, ки суфӣ бояд онро ба даст оварад. Ба андешаи Ғазолӣ, ин шаш фазоили суфиёнаро метавон ба се гурӯҳ тақсим кард ва дар чунин шакл ҷойгир намуд: ният, ихлос, сидқ, муроқиба, муҳосиба (худтаҳлилкунӣ) ва тафаккур.

Ғазолӣ ин шаш фазилатро дар охири «Эҳёу улуми-д-дин», баъди анҷом додани муҳокимаи худ дар бораи муҳаббат ва натиҷаҳои дуюмдараҷаи он овардааст. Дар шарҳи ӯ, гузариш байни муҳаббат ва ният, ки яке аз аввалин фазилатҳо мебошад, вуҷуд надорад. Дар ҳақиқат, вақте ки Ғазолӣ тартиби ин фазилатҳоро, ки ба суи муҳаббати Ҳақ мебаранд, медиҳад, ҳеҷ кадоме аз ин шаш фазилати суфиёнаро зикр намекунад [18, с.629-766]. Аммо дар «Кимиёи саодат» Ғазолӣ (ин шаш фазилатро ҳамчунон ки дар Эҳёу улуми-д-дин» ба тартиб даровардааст) ҳамаи онҳоро баъди «зуҳд» ва қабл аз «тавҳиди илоҳӣ» ҷойгир кардааст [102, с.176] , вале дар китоби «Китобу-л-арбаъин фи усули-д-дин» ӯ се фазилати аввалиро дар байни шукр ва ихлосу сидқ ҷойгир карда, се фазилати дигарро умуман ном набурдааст [70, с.206-217]. Оне, ки Ғазолӣ ин

шаш фазилатро пешу қафо ҷойгир мекунад ва ҳар дафъа ӯ онҳоро ҳамчун гурӯҳ бо худи ҳамон тартиб пешниҳод мекунад, тахмин меравад, ки онҳо бо кадом як тарзе як гурӯҳи бо ҳам муттаҳидро хориҷ аз фазилатҳои асосии суфиёна ташкил медиҳанд. Ғазолӣ фазилатҳои суфиёнаи тавсифшавандаро ҳамчун воситаи ба вуҷуд овардани дастгирӣ ва ба камолрасонии инсон тавассути фазилатҳои асосии суфиёна баррасӣ менамояд. Дар ин муносибат онҳо ба ҳама фазилатҳои суфиёна баробар тааллуқ доранд. Аз сабаби он, ки инсон метавонад дар тавбаи худ содиқ бошад, вақте ӯ муҳаббатро ба даст меорад, метавонад дар муҳаббати худ низ содиқ бимонад. Ахиран, ҳарчанд ки Ғазолӣ ин гурӯҳи фазилатҳоро аз фазилатҳои асосии суфиёна ҷудо мекунад, чунин ба назар мерасад, ки онҳо қабл аз ҳама, ба муносибатҳои ботинии қувваҳо дар ботини нафс дахл доранд. Пас, хислати асосии ин шаш фазилати суфиёна аз омода кардани роҳ ва таъмин гардонидани асоси равонӣ барои фазилатҳои асосии суфиёна мебошад.

Хулоса, Ғазолӣ тасаввуфро ҳамчун ҷараёне, ки ҳам назария ва ҳам амалияро дар бар гирифтааст, қабул карда, барои омезиш додан, синтези он бо ғояҳои исломӣ кӯшиш кардааст. Ӯ тасаввуфро ҳамчун роҳи олӣ ва ягонаи расидан ба саодати ҳақиқӣ шинохта, бо истифода аз усулҳои таҳқиқи навафлотунӣ ва равоқии фалсафӣ фазилатҳои суфиёнаро ҳамчун «ахлоқи маҳмуда» тавсиф мекунад, ки аз фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ мебошанд. Ин фазилатҳо фазоили «манозил» ва ё «мақомот» (тавба, сабр, шукр, хавф, раҷоъ, факр, зуҳд, таваккул ва муҳаббат) буда, ҳамчун «сифоти наҷотбахш» ва фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон нақши муҳимро иҷро мекунанд. Онҳо фазилатҳои асосии суфиёна ба шумор рафта, дар қатори фазилатҳои кӯмаккунанда ё ёрирасон дар омода кардани нафс барои расидан ба камолот хизмат мекунанд. Муҳиммияти ягонагии фазилатҳои асосии суфиёна ва кӯмаккунандаро ба эътибор гирифта, таҳқиқи масъаларо дар мисоли фазилатҳои ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидаткунанда дар фасли оянда идома медиҳем.

## 2.2 Фазилатҳои ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидаткунанда

Ғазолӣ, чунонки дар фасли гузашта ёдовар шудем, фазилатҳои суфиёнаро бо робитаҳои ботинии қувваҳои нафс алоқаманд меҳисобад. Ин фазилатҳо нафсро ба иродаи Ҳақ тобеъ гардонида, ба суфӣ имкон медиҳанд, ки то замони ба даст овардани тасфияи нафс бо хоҳишҳои нафс мубориза барад, то тавонад, ки тавассути «мақомот» сифатҳои ирфонии ахлоқро қабул ва уруҷ кунад, боло равад. Дар ин роҳ ба суфӣ шаш фазилати суфиёнаи ёрирасон ё ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ нигаронидашуда кӯмак мекунанд, ки онҳоро метавон ба се гурӯҳ, мувофиқи тақсимоти Ғазолӣ дар «Эҳёу улуми-д-дин», ҷудо намуд. Гурӯҳи аввал - «ният», «ихлос» ва «сидқ»-ро дар бар мегирад, ки ҳамаи онҳо дар китоби 7, рубъи IV «Эҳёу улуми-д-дин» тафсир ёфтаанд [18, с.629-677]. Гурӯҳи дуюм аз муроқаба - амалҳои худро зери назорат қарор додан ва муҳосаба (рафтори худро мавриди таҳлил қарор додан) иборат аст, ки дар китоби ҳаштуми рубъи чаҳоруми «Эҳёу улуми-д-дин» аз онҳо сухан рафтааст. Гурӯҳи сеюм «Тафаккур» [18, с.745-766] аст, ки мавзуи ягонаи китоби 9, рубъи IV ҳамон асар қарор гирифтааст.

Ин амалро пеш гирифтани Ғазолӣ дар фаҳмиши фазилатҳои суфиёнаи ёрирасон ё ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ нигаронидашуда гувоҳӣ аз он медиҳад, ки на танҳо дар таҷдиди дин, балки дар таҷдиди фаҳмиши моҳияти мафҳумҳои ирфонӣ низ мақсади ягонаи ин мутафаккир омезиш додани тасаввуф бо ислом, созгор сохтани он ба ин дин аст. Ҳадаф аз ислоҳоти динӣ ё эҳёи динии ӯ низ, ки дар асараш «Эҳёу улуми-д-дин» инъикос ёфтааст, маҳз ҳамин буд. Муҳаққиқи россиягӣ Д.В. Муҳиддинов муфассалан ин «инқилоби» Ғазолиро чунин тафсир намудааст: «Ба ҳамин тариқ, дар фаҳмиши Ғазолӣ таҷдиди дин иборат аз маърифати ҳақиқатҳои он дар ҳамон сатҳе мебошад, ки онҳо дар назди ягон навъи шубҳаи интиқодӣ осебпазир набошанд, дар он сатҳе мебошад, ки онҳо ба мо ҳамчун нури илоҳӣ зуҳур мекунанд. Маърифати ин ҳақиқатҳо истифодаи воситаҳои мухталиферо, ки дар «хазинаи» улуми мавҷудаи динӣ ва дигар фанҳои илмӣ (ки дар ниҳояти

кор ба маҷмуи маърифати динии олам дохил мешаванд) ҳастанд, истисно намекунад. Аммо ин олатҳо бо ҳақиқати Мукошифа айният надоранд ва бояд, ки тибқи мақсади ниҳоияшон онҳо бозбинӣ карда шаванд, то ки таваккул кардан ба муқарраroти инсонӣ решакан карда шавад. Ин гуна муқарраroти инсонӣ танҳо ба сатҳи «оммавии» дин лоиқанд, онҳо фазилатҳои худро доранд, аммо тавоноии онҳо маҳдуд буда, ҳатто ҳамчун восита зарароваранд, зеро ба як қатор нуқсонҳо мебаранд, ки инсонро аз роҳ мезананд. Тафтиши шартӣ ва асосноки қоидаҳои таъвил ва амалан истифодабарии мафҳумҳои улуми динӣ аз рӯи моҳияти худ ин навоварӣ нест, вале таҷдиди онҳо мебошад. Таҷдид ҳадаф дорад, ки ин мафҳумҳо ва худи улумро дар хизмат ба он ҳадафе қарор диҳад, ки онҳо дар ибтидо барои он муайян гардида буданд - мурочиати ҳамаҷониба ба ҳақиқати барои инсон кушода дар он миқёсе, ки ба ӯ дастрас мебошад: тавассути ашёи олами халқшуда. Аз ин рӯ, муносибати парҳезгорона ба ашё ва умури ин олам низ роҳбариро аз тарафи ақл ва анъана дар назар дорад, ки тавассути воқеияти имрӯза ғанӣ мегарданд. Маҳз ба ҳамин хотир этикаи рафтор бо фазилатҳояш дар асари муҳимтарини Ғазолӣ мақоми баланд дорад» [253, с.1387].

Чунонки таъкид гардид, ният (майл, азму ирода, оҳанг, мақсад) яке аз аввалин фазилатҳои гурӯҳи аввал аст, он аз дуи дигар ҷудонашаванда мебошад, зеро ба андешаи Ғазолӣ, ният бидуни ихлос бефоида ва беҳуда аст, аммо агар ният инчунин бо ихлос марбут набуда, сидкро ба камол нарасонад, умуман арзише надорад. Барои ӯ, ният асоси амалу фаъолият буда, нияти махсусро тақозо мекунад, то ки хуб шавад, аммо ният худ ба худ хуб аст, ҳарчанд ки ба ягон рафтору фаъолият оварда намерасонад. Ғазолӣ мегӯяд, ки ният, ирода ва қасд ё мақсад ҳама мафҳумҳое мебошанд, ки барои ифода кардани худи ҳамон як маъно истифода мешаванд. Мутафаккир ҳамчунин тасдиқ мекунад, ки ният хоҳ бо фаъолият ва хоҳ бе фаъолият бошад, хуб аст, зеро таҳти мафҳуми ният ҳама касон танҳо «ниятҳои хайр»-ро мадди назар доранд. Аз ин рӯ, Ғазолӣ низ ниятро ба маънии «нияти хайр» тафсир мекунад, ҳамчунон ки он дар ҳуқуқи исломӣ, махсусан дар робита бо иҷрои

масъулиятҳои динӣ фаҳмида мешавад [18, с.633].  Масалан, масъулияти аввалини намозхонӣ ин ният дар маънои нияти ақлӣ (дар ақл, бошуурона) аст, ки ин чӣ намозе ҳаст ва ин намоз барои Ҳақ аст. Ғазолӣ маҳз дар самти истифодабарии мафҳуми ният ба ҳамин маънӣ мегӯяд, ки ният фазилате аст, ки дар Қуръон ва суннат тасдиқ мегардад [18, с.637].  Зиёда аз ин, дар адабиёти тасаввуфӣ маънои «ният»-ро одатан дар асоси таълимоти ахлоқии Ғазолӣ тавсиф медиҳанд, зеро он ҳамчун мақсад ва асос барои амалҳои суфиён танҳо анҷом додани корҳои некро дар назар дорад ва танҳо қалби инсон барандаи ният буда, ба қавли ин мутафаккир, Ҳақ низ ба одамон тавассути ниятҳои дар қалбҳои онҳо ҷойдошта назар мекунад [245].

Ният ҳамчун фазилати суфиёна аз се унсур иборат аст, ки барои фазилатҳои суфиёна ва махсусан, илм, ният ва амал хос мебошанд, аммо Ғазолӣ дар ин ҷо истилоҳотро каме тағйир медиҳад, то ки шабоҳати онҳоро бо ҳолатҳои нафс таъкид намояд. Ҳамин тариқ, ирода метавонад ният, қувва ва амалро иваз кунад, илм низ ҳамин тавоноиро дорад. Вақте ки инсон яқинан медонад, ки амал арзишманд аст ва онро бояд анҷом дод, пас барои он ирода пайдо мешавад, ки дар навбати худ қувваҳоеро бедор мекунад, ки аъзоҳои ҷисмро барои анҷом додани ин амал, ки онро ният кардааст, водор мекунанд. Аз сабаби он ки Ғазолӣ «ният»-ро бо «ирода» як чиз медонад, аз ин рӯ ӯ «ният»-ро ҳамчун фазилати суфиёна меҳисобад, ки ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидат мекунад [18, с.637].

Ба робита байни майли мусбат ва амал, ки аз он бармеояд, Ғазолӣ таваҷҷуҳи хосса дорад. Ба андешаи ӯ, амали ихтиёриро метавон аз рӯи як ё ду ангеза анҷом дод. Ҳангоми вуҷуд доштани ду ангеза амали дуюм метавонад иштирокчӣ ё кӯмакрасон бошад. Муносибатҳои имкондошта байни «ният» ва «амал»-ро аз назари ангезаҳои амал тавсиф намуда, Ғазолӣ анъанаи набавии «нияти банда аз амали ӯ беҳтар аст»-ро ҳамчун андешаи тасдиқкунанда меҳисобад, ки ният бидуни амал беҳтар аз амалест, ки бениият бошад. [18, с.632]  Ӯ бо чунин роҳ ният дорад, ки андешаеро муқаррар намояд, ки фаъолияти нафс ё қалб (аъмол ал-қалб) нисбат ба амали аъзоҳои ҷисм

муҳимтар мебошад. Ба ғайр аз ин, дар миёни ҳолатҳои нафс ният аз ҳама беҳтарин ҳисобида мешавад, зеро маънои он майл доштани нафс ба корҳои хайр мебошад. Ба андешаи Ғазолӣ, ният инчунин дар амалҳои гуногун нақшҳои мухталифро иҷро мекунад. Агар сухан дар бораи итоат накардан ва бадӣ равад, ният онро хайр намегардонад. Аммо дар корҳои итоат ният кардан зарурӣ мебошад ва бидуни он ин амали хайр будан наметавонад. Ахиран, ният амалҳои иҷозатдодашударо ба сатҳи онҳое, ки инсонро ба Ҳақ наздик мекунад, болотар мебардорад [18, с.662].

Барои он ки ният фазилати суфиёна бошад, суфӣ бояд донишҳои заруриеро соҳиб гардад, ки ба сӯи он мебаранд. Ниятро танҳо ба забон овардани калимоте медонанд, ки мақсади шахсро барои анҷом додани амали хайр мефаҳмонанд. Ғазолӣ ба он исрор мекунад, ки инсон бояд ба ҳама амалҳое таваҷҷуҳи беандоза диҳад, ки анҷом додани онро ният кардааст ва танҳо баъди он амал кунад, ки дар ҳақиқат ҳам чизеро, ки ният кардааст, мушахассан тасаввур карда тавонад. Баъзе одамон барои анҷом додани корҳои хайр аз тарс ният мекунанд, дигарон бошанд бо умед. Аммо ҳамин, ки касе ба таҳзиби нафс мерасад, аз назари теологияи Ғазолӣ, ӯ баҳри он кӯшиш хоҳад кард, ки тамоми амалҳои худро барои пайдо кардани ризоияти Худои ягона равона кунад [18, с.657].

Вақте ки амал бо як ният анҷом меёбад, ин ҳолати нафс, яъне мақсаднокӣ дар самти ба мақсад расидан ихлос номида мешавад, ҳарчанд ки ё нек бошад ё бад. Аммо дар истилоҳоти динии исломӣ калимаи «ихлос» танҳо замоне истифода мешавад, ки ният барои расидан ба ҳолати қурби Ҳақ бошад ва бо ҳеҷ як кори дигари дунявӣ ва ангезаҳои худхоҳӣ, эгоистӣ омехта нашуда бошад (қурб - наздикӣ, қарибӣ, ҳамнишинӣ буда, дар истилоҳи суфиён ба маънои вусул ба ҳарими матлуби ҳақиқӣ ба тариқи бақоро мегӯянд). Ғазолӣ ба он ҳам ишора мекунад, ки афзалияти ин амал дар Қуръон ва суннат ҳам таъкид шудааст. Ба андешаи мутафаккир, муҳимтарин оятҳо ҳамонҳое мебошанд, ки дар онҳо роҷеъ ба қувваи шайтон барои аз роҳ манъ кардани одамон сухан рафтааст, зеро тибқи Қуръон тамоми одамон қурбонии

билқувваи васвасаҳои шайтон мебошанд, танҳо бо истисноии онҳое, ки дорои ихлос мебошанд (дар Қуръон омадааст, ки «Шайтон гуфт: Қасам ба иззати Ту, ки албатта, ҳамаи онҳоро якҷо гумроҳ мекунам. Магар аз онҳо - бандагони холиси ту») [18, с.670].

Маънои ихлос ҳамчун фазилати суфиёна ва омили ташаккули ахлоқи ирфонӣ ин аст, ки амалҳои инсон танҳо бо нияти қариб шудан ба Ҳақ барангехта шудаанд. Бо қавли дигар, ихлос тақозо мекунад, ки дар амалҳои инсон як нияти асосӣ вуҷуд дошта бошад. Вақте онҳо бо дигар ниятҳо омезиш меёбанд, масалан, вақте инсон барои солимӣ ва иззату икром рӯза мегирад, вазъият дигаргун мегардад. Ба даст овардани ихлос маънои аз доираи лаззату ҳаловатҳои ин дунё баромадан ва ҳаёти худро ба охират бахшиданро дорад. Вақте амалҳо на танҳо барои Ҳақ, балки бо хоҳишҳои дунявӣ низ омехта бошанд, онро наметавон ихлос номид [18, с.673]. Пас, дар ҳоле, ки тавба нияти хайрро ифода менамояд, маънои ихлос нияти ба даст овардани қурби Ҳақ ҳамчун ҳадафи асосӣ ва мақсади ягонаест, ки аз пушти ҳама амалҳои инсон қарор дорад. Оид ба ин мавзуъ, аз назари мо, Ғазолӣ аз воқеият берун рафта, он ҳадафҳои рамзию маънавиеро, ки суфиён дар назар доштанд, комилан ба ҳадафҳои динӣ-теологӣ табдил додааст.

Бояд тазаккур дод, ки ин ақидаҳои ирфонии Ғазолиро дар бораи ихлос минбаъд суфиёни муосир ривоҷ дода, ба даврони мо мутобиқ гардонидаанд. Аз ҷумла, Ҷавод Нурбахш чунин таъкид мекунад, ки тавасссути ихлос инсон, аз нигоҳи Ғазолӣ, ба кӯшишҳои нафси худ нигоҳ накарда, ҳама андеша, амалу рафтори худро содиқона (бо такя ба сидқ) ба Ҳақ мебахшад, зеро ихлос замина ва принсип буда, сидқ шоха ё натиҷаи он мебошад. Сидқ, дар навбати худ, зидди нифоқ (дурӯягӣ) буда, мунофиқ худро зоҳиран ба дигарон нишон медиҳад, суфии содиқ бошад, ботинан ба сӯи Ҳақ меравад. Ҳамзамон, ба андешаи Ҷ. Нурбахш ихлос барои Ғазолӣ фазилатест, ки мавҷудияти онро дар қалби суфӣ танҳо бо амалҳои зоҳирии ӯ собит кардан мумкин аст [246].

Сидқ аз охирин фазилатҳои гурӯҳи сеюм мебошад, ки ба андешаи Ғазолӣ, ба ташакули фазилатҳои суфиёна ахлоқи ирфонӣ мусоидат мекунад.

Ғазолӣ умуман шаш самти сидқро номбар кардааст ва маҳз сидқро дар сухан, дар ният, иҷрои ният, дар амал ва анҷом додани ҳама «ҳолоти» маънавии «мақомот», сидқ дар иҷрои ҳамаи фазилатҳои асосии суфиёна муҳим шумурдааст. Таваҷҷуҳи бештарро қабл аз ҳама самти охирини сидқ - дар иҷрои ҳамаи фазилатҳои асосии суфиёна ба худ ҷалб мекунад, зеро он тасдиқи кӯтоҳи ҳар яке аз он панҷ ба ҳисоб меравад: инсоне, ки онро мешунавад, наметавонад онро дигар хел маънидод кунад ва ин шакли аввали сидқи комил дар сухан мебошад, аммо баъзе истисноҳое ҳаст, ки метавон ба онҳо дар ҳолатҳое иҷозат дод, ки агар ба сидқ зарар оваранд (Ғазолӣ чанд ҳодисаро ёдовар шудааст, ки метавон дар чунин ҳолатҳо бо дурӯғ будани онҳо созиш кард: тактикаи ҳарбии барқарор намудани муносибатҳои хуб байни гурӯҳҳои даргир, муносибатҳо байни ду одам ва ҳифзи муносибатҳои ҳасана байни шавҳар ва зан) [18, с.675].

Шакли дуюм талаб мекунад, ки инсон сидқро дар сухан, ҳангоми муноҷот бо Ҳақ истифода барад. Ӯ агар надонад, ки дар ҳақиқат ҳам ҳолати нафсии онро ифода мекунад, набояд дигар калимаҳоро истифода намояд. Ин сидқ, аввалан, вақте, ки инсон аз ҳама амалҳои дунявӣ озод гашта, куллан ба Ҳақ машғул мешавад, ба камол мерасад [18, с.677]. Сонияи, сидқ дар ният бо ихлос марбут аст, яъне вақте, ки инсон танҳо як мақсад дорад ва онро танҳо ба хотири қурби Ҳақ анҷом медиҳад. Сеюм, сидқе, ки бо «азм» марбут аст, маънояш нияти ба даст овардани мақсади олиест, ки он аз шароите вобаста аст, ки айни замон вуҷуд надоранд, масалан, агар инсон ният кард, ки «агар чунин ҳолат пайдо шавад, он гоҳ ман бо хушнудӣ ҷонамро ба ибодати Ҳақ қурбон мекунам», инсони дорои сидқ касест, ки тамоми ниятҳои хайраш ҳамеша бо тамоми неру ва бе ягон дудилагӣ ва шакку шубҳа анҷом мегиранд. Чорум, сидқ дар иҷрои ният талаб менамояд, ки вақте замони амал меояд, бояд инсон он чиро ният кардааст, ҳатман анҷом диҳад. Панҷум, амали содиқона - сидқ он аст, ки ҳолати ботинии инсон бо рафтори зоҳирии он бе ягон нишонаи мунофиқӣ комилан мувофиқат намояд [18, с.678]. Шашум, сидқи олитарин он аст, ки тамоми ҳолатҳои суфиёнаро аз қабили тарс, умед,

зуҳд, қаноатмандӣ, итминон ва муҳаббатро ҳамроҳӣ кунад, [18, с.679] зеро ҳар яки ин манозил дорои ҳудуди аввал ва олитарин мебошанд ва сидқ дар ҳар яки онҳо маънои расидан ба ҳудудҳои канорирo дорад. Ҳамин тариқ, вақте инсон дар тавба ба камол мерасад, ӯ дар тавбаи худ ба сидқ расидааст.

Ба маънои дигар як нафар метавонад дар бораи «тарси ҳақиқӣ», «умеди ҳақиқӣ» ва ғайра сухан гӯяд, аммо ниҳоят кам ашхосе ба назар мерасанд, ки дар нисбати ҳама фазилатҳои асосии суфиёна ба сатҳи сидқ расида бошанд. Аммо вақте чунин шахс пайдо шавад, ӯ «сиддиқ», яъне шахсест, ки ба сатҳи олии ҳолати фазилатие расидааст, ки дар рӯи замин вуҷуд дорад [18, с.687].

Дар ин ҷо таъкиди махсус зарур аст, ки андешаҳои Ғазолиро дар бораи ихлос ва сидқ суфиёни минбаъда дар амал ба кор бурдаанд. Аз ҷумла, дар бораи маломатиёни Маккаву Бағдод, Ироқу Сурия, Осиёи Марказӣ ва ғайра сухан гуфта, муҳаққиқи россиягӣ Р.Р. Шангараев таъкид мекунад, ки намояндагони ин тариқат риёкориро зидди ихлосу сидқ ҳисобидаанд: «Ба парҳезгории зоҳирӣ  маломатия самимият (ихлос) ва росткорӣ (сидқ)-ро муқобил гузошт. Тибқи таълимоти онҳо, парҳезгорӣ ва зоҳидӣ набояд, ки ба як навъ ихтисосе табдил ёбанд, ки ба ягон гурӯҳи хурди одамон хос аст, баръакс, бояд, ки тамоми ҳастии ҷамъиятиро фаро гирад.  Маҳз бо ҳамин сабаб пайравони ин ҳаракат кӯшиш мекарданд, ки ҳолати ботинии маънавии худро ошкор насозанд ва то арақи ҷабин меҳнат мекарданд, то барои худ ва аъзои оилаашон қути лоямуте музд гиранд.  Ҳамзамон бо ин онҳо ба гадоӣ муносибати пурнафрат доштанд, ки дар амалияи каромотиҳо, инчунин дигар гурӯҳҳои зоҳидон, аз ҷумла суфиён фаъолона истифода мешуд. Тақводории ошкоро ва зоҳидии аз ҳад зиёд аз ҷониби онҳо ҳамчун дурӯягӣ (риёкорӣ) ва бисёрхудоӣ (ширк) арзёбӣ мешуд» [225, с.38-39].

Муроқиба ва муҳосиба аз фазоили чаҳорум ва панҷуми кӯмаккунанда буда, гуруҳи дуюмро ташкил медиҳанд ва бо якдигар марбутанд, зеро ҳар дуяшон дар муборизаи ботинӣ бо ҳолати нафс ва қувваҳои тағйирнаёбандаи паст, сифлӣ қарор доранд. Ба даст овардани муроқиба (ҳушёрӣ) ва муҳосиба (худтаҳлилкунӣ) ҳамчун фазилатҳои суфиёна шинохти Ҳақ ва рӯзи қиёматро

талаб мекунанд. Вақте инсон медонад, ки барои ҳамаи корҳое, ки ӯ дар ин олам анҷом медиҳад, ҳисобот медиҳад, ӯ аз болои хоҳишҳо ва иҷрои намозҳои худ назорат хоҳад бурд, то аз ҳама он аъмоле, ки метавонанд сабаби ғазаби Ҳақ дар он дунё гарданд, дур шавад [18, с.691].

Барои фаҳмидани андешаи Ғазолӣ аз ин ду фазилати суфиёна, бояд донист, ки ӯ чиро дар ин матн зери мафҳуми «ман» (нафс) дар назар дорад. Дар муҳокимаҳои худ оид ба нафс дар китоби 1, рубъи сеюми «Эҳёу улуми-д-дин», ки муқаддимаи нимаи дуюми ҳамаи китоб ба ҳисоб меравад, Ғазолӣ қайд кардааст, ки «нафс» ду маъно дорад. Яке аз маъноҳои вобастагӣ аз қувваҳои ғазаб ва тамоюлот мебошад. Ин, ба қавли мутафаккир, дар миёни суфиён интишор ёфтааст, ки зери мафҳуми нафс манбаи сифатҳои сифлии инсонро дар назар доранд. Аз ин рӯ, инсон бояд бо он мубориза барад. Маънои дуюми он муродифи мафҳуми «нафс» дар фаҳмиши фалсафӣ мебошад [18, с.699]. Тибқи андешаи Ғазолӣ, фазилатҳои муроқаба ва муҳосаба (худтаҳлилкунӣ) ду қадам аз шаш қадаме мебошанд, ки инсон дар муборизаи худ барои тобеи худ намудани «ман»-и худӣ дар маънои суфиёнаи он бояд гузарад:

Қадами аввал, ки бо номи шарти омодабоши муштарак машҳур аст, дар болои худ гузоштани масъулиятҳои махсус бо мақсади тасфияи қалби худ мебошад. Ин қадам имкон медиҳад, ки инсон он чиро дониста гирад, ки чӣ чизеро ӯ аз худаш интизор аст.

Муроқаба (ҳушёрӣ) ин қадами дуюм аст, ки инсон иҷрои он чизеро, ки дар назди худаш гузоштааст, назорат, мушоҳида, муроқаба мекунад. Бояд таъкид дошт, ки муроқаба дар маънои ҳарфиаш маънои назорат кардани дигаронро дорад, аммо ин ҷо итминонро аз болои он мефаҳмонад, ки Ҳақ инсонро мебинад, ҳарчанд, ки инсон Ӯро намебинад. Донистани он ки Ҳақ ҳама он чиро, ки дар дили инсон нуҳуфта аст, медонад, инсонро ба фаҳмиши он меорад, ки ҳама чизеро, ки ӯ анҷом медиҳад, ҳушёрии мусбатро ба вуҷуд меоварад, ки дар навбати худ боиси пайдоиши муроқибаи зинда аз болои худ мегардад.

Бояд таъкид намуд, ки аз нигоҳи муҳаққиқони муосир дар амалияи ирфонии суфиён ё медитатсия, тамринҳои ирфонии онҳо баъд аз зикр ва самоъ, мурoқиба яке аз шаклҳои паҳншудатарини амалҳо дар тасаввуф ба ҳисоб меравад: «Яке аз усулҳои амалияи суфиён дар тамрини руҳонӣ ин мурoқиба аст. Мурoқиба ин ғарқшавии амиқ ҳангоми мушоҳида аст. Тамринкунанда ҳама зуҳуроти руҳи худро мурoқиба карда, дар ҳадди аксар ҳамчун мушоҳидакунандаи беғараз худро ба канора мегирад, худро ҷалб насохта, бетафовут ба образҳо, фикрҳо ва эҳсосоти бархеста муносибат мекунад. Лаҳзае фаро мерасад, ки шуури ориф тоза, равшан, беғубор мешавад. Дар раванди тамрин ҳама фикрҳо гум мешаванд, таваҷҷуҳ бошад, ба нафаскашӣ тамаркуз мекунад. Муваффақият дар амалияи тамринӣ ба дараҷаи баланде аз тарзи нафаскашӣ вобаста аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки тарзи нафаскашӣ ба ҳолати руҳӣ таъсир мерасонад: нафаскашии оромона ба кас оромӣ мебахшад ва ё баръакс амал мекунад. Одатан, дар тамринҳои психологии ирфонӣ нафаскашии манзуму камсуръат истифода мешавад, ки ин ба кас таъсири гипнотикӣ мерасонад. Дар амалияи тасаввуфӣ мурoқиба танҳо аз зикру самоъ камтар шуҳрат дорад. Ба ин нигоҳ накарда, мурoқиба ба унсури таркибии амалияи маънавӣ-динии шумораи зиёди тариқатҳо ва ҷамоатҳои суфиён табдил ёфт» [222, с.128].

Аз назари Ғазолӣ бошад, ин амалияи ирфонӣ, яъне мурoқаба (ҳушёрӣ) ду дараҷа дорад. Сатҳи олитаринаш он аст, ки инсон куллан танҳо машғули мушоҳидаи бузургии Ҳақ бошад. Ин сатҳи мурoқаба бо амалҳои нафс маҳдуд мешавад ва ба андешаи Ғазолӣ, ин дараҷаи он касонест, ки ба Ҳақ наздик (муқораб) мебошанд ва ҳеҷ чизи дигарро ба ғайр аз Ӯ намебинанд. Онҳо ҳатто ҳаракатҳои ҷисмонии иҷозатшударо низ анҷом намедиҳанд, пас онҳо набояд ин гуна корҳоро мурoқибат намоянд. Сатҳи пасттарини мурoқаба ин сатҳи ҳушёрии одамони солеҳ аст, зеро онҳо комилан дарк кардаанд, ки Ҳақ ҳама чизро дар бораашон, чӣ дар бораи фаъолияти ботинӣ ва чӣ дар бораи фаъолияти зоҳириашон медонад, онҳо ба ҷуз он чӣ, ки дин ба онҳо иҷозат додааст, дигар амалҳоро анҷом намедиҳанд. Маҳз бо ҳамин сабаб одамони

солеҳ пайваста аз амалҳои зоҳирии худ муроқибат менамоянд. Ҳамин тариқ, талаботи асосие, ки барои ҳар ду дараҷаҳои муроқиба (ҳушёрӣ) пешниҳод мегардад он аст, ки дар он инсон мутмаин бошад, ки амалҳои ӯ хоҳ ботинӣ ва хоҳ зоҳирӣ бошанд ҳам, бояд барои Ҳақ бошанд ва бо ризоияти Ӯ мутобиқат дошта бошанд [18, с.709].

Қадами сеюме, ки инсон бояд дар муборизаи худ барои ба даст овардани «ман»-и худӣ бигузорад, ин назорати худ (худро муҳосаба кардан) мебошад (ба ин андешаҳои Ғазолӣ дар бораи муҳосиба ё худтаҳлилкунӣ таъсири Муҳосибӣ хеле бузург аст). Ҳамин тариқ, дуюмин аз сетои фазилатҳо, ки ин ҷо мустақиман мавриди баррасӣ қарор доранд, аз пайи аввалин меояд. Инсон амалашро анҷом дода, бояд онро муфассалан баррасӣ намояд, ки он то чӣ андоза бо риояи шартҳои қаблан гузоштташуда, аз ҷумла, то кадом андоза дар амалҳояш ба иштибоҳу хатокорӣ роҳ дода шудааст [18, с.712].

Дар доираи маҳдуд муҳосаба (ҳудтаҳлилкунӣ) аз доираи тавсифи муфассали тамоми самтҳои амалҳои анҷомшуда берун намебарояд, аммо дарк кардани нуқсонҳо ба таври автоматӣ се қадами охиринро ба миён меорад, ки барои тобеи худ намудан зарур мебошанд. Ҳамин тариқ, агар касе ошкор намояд, ки «ман»-и ӯ ба хато роҳ додааст, набояд дар ҷазо додани он муҳофизакор бошад, дар ҳолати акс бори дигар вайрон кардани қонун барояш осонтар мегардад.

Қадами чорум ҷазо додан  аст, ки бояд инсон ҳатман аз пайи дарк кардани он шавад, ки бо рафтори худ анҷом додааст. Ҷазо бояд ба рафтор мутобиқат намояд. Масалан, агар инсон ғизоеро истеъмол карда бошад, ки дар бораи манбаи он шубҳа вуҷуд дорад, ӯ бояд худро бо гуруснагӣ ҷазо диҳад.

Қадами панҷум ҳамчун муҷоҳада, яъне фазилати поксозӣ машҳур мебошад. Агар инсон эҳсос кунад, ки «ман»-и ӯ ҳеҷ гуноҳе содир накардааст, вале танҳо бо сабабе наметавонад, ки амалҳои фазилатиро тамоман иҷро кунад, он гоҳ бояд худро маҷбур созад, ки амалҳои душвортар ва ҷиддитари ба он монандро анҷом диҳад. Дар ҳоле, ки ба назараш расад, ки ин кор

барояш ниҳоят душвор аст, ӯ метавонад, ки заъфи худро бо ҳамроҳӣ кардани одамони солеҳ ва ё агар чунин одамонро пайдо карда натавонад, китобҳои онҳоро дар бораи таҷрибаашон мутолиа карда, бартараф созад (ин гувоҳӣ аз он аст, ки чаро Ғазолӣ ин қадар ҳикояҳои зиёдро дар бораи он ки паёмбарон ва орифон нафси хешро тазкия менамуданд, мисол меорад) [18, с.713].

Қадами шашум ва охирин дар роҳи тобеъ кардани қувваҳои сифлии нафс маломати (сарзаниши) пайваста - муотаба мебошад. Ба андешаи Ғазолӣ, «ман», яъне ғазаб ва шаҳват, душмани ҳасудтарине мебошанд, ки инсон бояд пайваста худро аз онҳо дур бигирад. Ҳамин тариқ, илова бар панҷ дараҷаи муроқибаи нафси хеш ва тафтиши фаъолияти «ман» инсон бояд худро таъна кунад, ки ӯ дар тобеияти қисми бешууронаи нафс қарор гирифтааст. Тарзи танбеҳ кардани худ (тавбат-ун-нафс ва муъотабошиҳи) ин ҷоҳилият ва камии худро таъкид кардан аст. Ғазолӣ дар ин бобат қиссаеро муфассалан дар бораи он иқтибос меоварад, ки донишмандони номаълуми қаблӣ (ал-қавм) худро мунтазам танбеҳ дода, сарзаниш мекарданд.

Қобили мулоҳиза аст, ки дар тавзеҳи Ғазолӣ аз муроқаба (ҳушёрӣ) ва муҳосиба (худтаҳлилкунӣ) пайравӣ аз таҳлили фалсафии нафс, аз ҷумла фарқ кунонидани қувваи ақлӣ, аз як ҷониб ва шаҳватпарастӣ ва хашмгинӣ (ғазаб омадан, хашмгин шудан, тундмизоҷӣ, тундӣ, тезӣ), аз ҷониби дигар, мушоҳида мегардад. Ӯ «ман»-ро бо ду қувваи сифлӣ як мекунад ва дар заминаи усули суфиёнаи тасфия нафсро таҳқиқ намуда, онро шарҳ медиҳад. Ин тарзи баррасӣ таълимоти суфиёнаро дар нисбати худтаҳлилкунӣ (муҳосиба) ва дигар таассуроти равонӣ, ки дар ҳолати бесомонӣ, думаъноӣ ва парокандагӣ ба назар мерасиданд, равшантар мегардонад.

Аз нигоҳи муҳаққиқони муосир, худтаҳлилкунӣ (муҳосиба)-е, ки Ғазолӣ дар бораи он сухан мегӯяд, аз пифагоризм ё мактаби фалсафии мутафаккири Юнони Қадим Пифагор реша мегирад. Намояндагони мактаби мазкур ҳанӯз дар он даврон таъкид мекарданд, ки инсон то амалҳои ба анҷом расонидаашро дар давоми рӯз ҷамъбаст накунад, яъне «худҳисоботдиҳии шабонгоҳӣ» нагузаронад, бояд хоб наравад. Ӯ бояд ба саволҳое чун «Ман чӣ

гуна рафтор кардам? Ман чӣ корҳое кардам? Кадом вазифаи худро иҷро накардам?» посух гуфта, баъдан истироҳат кунад. Ғазолӣ низ дар китоби худ «Кимиёи саодат» айнан чунин саволҳо ва посух гуфтан ба онҳоро шарти муҳосиба донистааст. Дар маҷмуъ, муҳосиба ин барқарор сохтани тавозун ва дақиқӣ дар ҳисобу китоби рафтори суфӣ аз ҷониби худ буда, андозаи саъю кӯшиши ӯро дар роҳи рафтан ба сӯи Ҳақ муайян мекунад. Аз ҷониби дигар, ин амал дарки он аст, ки Ҳақ низ дар навбати худ, рафтору афкори суфиро андоза мекунад [247].

Дар баробари муроқиба ва муҳосиба Ғазолӣ тафаккурро унсури асосии тамоми фазилатҳои суфиёна медонад, ки бо ҳолатҳои махсуси нафс алоқаманд аст. Тафаккур, ба андешаи Ғазолӣ, маншаи тавсифҳои ҳар се фазилатҳои суфиёна мебошад: он донишеро тавлид мекунад, ки дар навбати худ, ҳолати мусбати нафсро, ки сабаби фаъолият мешавад, тавлид менамояд (аз рӯи шакл ва услуб ва баъзан мазмун ин андешаҳои Ғазолӣ ба «Китоб муъомалот ан-нафс» наздиканд, ки ба адабиёти гермевтикӣ мансуб мебошанд. Мегӯянд, ки суфӣ Зуннун ал-Мисрӣ (ваф. 861) бо ҳикмати гермевтикӣ ошно буд. Агар ин тавр бошад, пас, Ғазолӣ метавонист ба навиштаҳои герменетикӣ тавассути ин ориф, ки дар баъзе ҷойҳои Эҳёу улуми-д-дин» ва дигар асарҳояш мушоҳида мешавад, шинос будааст) [18, с.717]. Ғазолӣ барои ифода намудани медитасия аз ду истилоҳ - тафаккур ва фикр истифода менамояд, аммо барои ҳифз намудани тафовути онҳо ҳамчун истилоҳот, метавон онҳоро ҳамчун «инъикос» (рефлексия) тарҷума кард. Ба андешаи Ғазолӣ, рефлексия аз муттаҳид гардонидани ду идея иборат аст, ки сеюмашро аз онҳо бояд берун оварем. Масалан, барои донистани он ки охират сазовори интихоб аст, бояд инҳоро донист:

(1) ашёи абадӣ объектҳои беҳтарини интихоб мебошанд;

(2) олами охират абадӣ аст [18, с.735-740].

Ин муҳокимаи силогистикӣ, ба андешаи Ғазолӣ, чӣ аз мавҷудияти баъзе маълумоти аввалияи инсон ва чӣ аз шиносои бо раванде вобаста аст, ки тавассути он хулоса бароварда мешавад. Вақте ки хулоса ба даст омада

бошад, дар навбати худ метавон онро бо дигар ҷумла пайваст кард, то ки боз як хулосаи дигар баровард. Ин раванди силогистикӣ то замоне идома хоҳад ёфт, ки бо марг интиҳо наёбад.

Ғазолӣ муҳим будани тафаккурро таъкид карда, аз суннати паёмбар иқтибос меоварад: «Як соати тафаккур, аз як соли ибодат беҳтар аст» [18, с.745]. Аз сабаби он ки ҳама чиз метавонад объекти тафаккур бошад, номбар кардани чунин объектҳо кори иҷронашаванда мебуд. Равиши ягонаи имкондор аз он иборат аст, ки барои ба таври умумӣ таҳқиқ намудани тарзҳои тафаккур танҳо ба он ашё, махсусан, ба онҳое, ки ба «манозил»-и суфиёна дахл доранд, таваҷҷуҳ равона намуд. Зимни амалияи маънавӣ, ки ба сӯи Ҳақ нигаронида шудааст, тафаккур дар бораи инсон, сифатҳои характери ӯ, ё дар бораи Ҳақ, сифатҳои Ӯ ва амалҳои Ӯ метавонад муҳим бошад [18, с.748].

Ба андешаи Ғазолӣ, шакли муҳими тафаккур, ки инсон бояд онро барои худ анҷом диҳад, тафаккур дар бораи сифатҳои характер ва рафтори худ мебошад, то ки тавассути ин тавонад хайрро аз шарр ҷудо кунад. Хайр ва шар, дар навбати худ, ба сифатҳои ботинӣ ва зоҳирӣ ҷудо шуда, бо воҷиботи ҳуқуқӣ-динӣ алоқаманд мебошанд. Бо ҳамин тарз аз ин қисматҳо чаҳор мавзуъ бармеояд: (1) итоат кардан, (2) итоат накардан, (3) сифатҳое, ки ба сӯи наҷот (4) сифатҳое, ки ба сӯи марг мебаранд. Дутои аввалин сифатҳое мебошанд, ки ба сӯи наҷот мебаранд, онҳо бояд амиқан баррасӣ шаванд, то ошкор шавад, ки чӣ чизе дар наздик шудани инсон бо Ҳақ муҳимтар мебошад, дар ҳоле, ки тафаккур дар бораи сифатҳое, ки ба марг меоваранд, ба инсон мусоидат менамояд, ки аз он чизе, ки ба наздик шудани инсон ба Ҳақ монеъ мешаванд, дур шавад. Ин нақши тафаккур дар бораи сифатҳои характер мавзуи умумии «Эҳёу улуми-д-дин»-ро инъикос менамояд ва худи Ғазолӣ ба ин асараш ишора мекунад, ки ин сифатҳоро дар кадом қимати он он метавон пайдо намуд [18, с.71-754]. Ҳама ақидаҳои Ғазолӣ дар ин мавзуъ нишон медиҳанд, ки асари «Эҳёу улуми-д-дин» чӣ гуна метавонад ба инсон кӯмак кунад, ки дар бораи худ самараноктар ба андеша равад. Аммо

мутафаккир тасдиқ менамояд, ки чунин тафаккур, сарфи назар аз он ки аз дигар амалҳои ибодат афзалият дорад, ҳадафи ҳақиқии он одамоне нестанд, ки танҳо ба ҷустуҷӯи Ҳақ машғул буда, нафси худро бо Ӯ то андозае машғул мегардонанд, ки дар натиҷаи он худ ва ҳолати суфиёнаи худро дарк намекунанд. Ин одамоне ҳастанд, ки танҳо дар бораи бузургии Ҳақ ба андеша мераванд.

Ҳамин тавр, тафаккур дар бораи бузургии Ҳақро аз ду роҳ метавон ба даст овард. Шакли олитарини он тафаккур дар бораи моҳияти Ҳақ, сифатҳои Ӯ ва маънои шарифи номҳои Ӯ мебошад. Аммо бо сабаби он, ки ақли инсонӣ то андозае маҳдуд аст ва бевосита воқеияти Ҳақро шинохта наметавонад, Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки барои одамон манъ шудааст, ки аз ин усули олӣ пайравӣ кунанд [18, с.753]. Ба ҷои ин ба онҳо маслиҳат дода шудааст, ки дар бораи асрор ва аҷоибии корҳои Ҳақ, ки дар махлуқонаш зоҳир мешаванд, ба андеша раванд, зеро ҳама онҳо иззат, бузургӣ, илм ва қувваи Ӯро нишон медиҳанд. Ғазолӣ дар ин самт ашёи махлукро ба ду навъ, мақула ҷудо мекунад. Ба якумаш он мақулаҳое дохил мешаванд, ки умуман донистани онҳо номумкин аст, пас, инсон наметавонад дар бораи онҳо ба андеша равад. Ба мақулаи дуюм ашёе дохил мешаванд, ки шинохтани онҳо имкон дорад. Аммо баъзеи онҳоро бо чашмони оддӣ наметавон дид, масалан, малоикаҳо, доҳиён ва шайтонро. Дигаронро аз қабили осмон, замин ва он чи дар байни онҳост, метавон бо чашми сар дид. Дар бораи ин корҳои илоҳӣ ба хотири шинохтани Ӯ тафаккур намуда, баъдан, аз диди Ғазолӣ, ба тафаккур дар бораи ҳастии худ ва оид ба эъҷозу аҷоибии олам бояд гузашт [18, с.754].

Тафаккур ҳамчун фазилати суфиёна воситаест, ки бо кӯмаки он нафс нақши «табиии» ба андеша рафтани худро дар бораи ҳақиқати олӣ иҷро мекунад. Аз ин сабаб чунин тафаккурро метавон танҳо аз нафс, ки ҳама қувваҳои сифлиро ба худ тобеъ намудааст, интизор шуд. Дар баробари ин, тафаккур фазилатест, ки аз муроқиба ва муҳосиба (ҳушёрӣ ва худтаҳлилкунӣ) болотар буда, дар ҳақиқат ҳам болотарин фазилати мусоидаткунандаи суфиёна мебошад.

Дар таҳқиқоти муосир дар бораи тафаккур, андешаронии суфиёна сухан гуфта, дар асоси таҳлили оятҳои қуръонӣ дар бораи он, ки Ҳақ водор месозад, ки инсон ба тафаккур машғул гардад, бо такя ба ҳадисҳои паёмбарӣ, ки афзалияти олим аз инсони муқаррарӣ дар тафаккури ӯст ва бо дарназардошти таълимоти Ғазолӣ дар ин самт як қатор андешаҳо оид ба ин масъала баён шудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи россиягӣ А. Исҳоқов этимология, пайдоиши истилоҳи тафаккурро ҳамчун амалияи ирфонӣ ва шартҳои иҷро кардани онҳоро баён намудааст, ки ба таълимоти Ғазолӣ дар умум мутобиқат доранд. Предмети тафаккур ҳам олами зоҳирӣ (офоқ) ва ҳам олами ботинӣ (анфус) буда метавонад. Дар ҳолати аввал тафаккур метавонад баъзе ҷузъиётро сарфи назар кунад, дар ҳолати дуюм бошад, яъне зимни тафаккур дар болаи олами ботинии худ, суфӣ бояд тамоми ҷузъиётро дарк намояд. Иттилое, ки зимни тафаккур барои суфӣ зарур аст, бояд аз се манбаъ бошад: Қуръон, ҳадисҳои паёмбарӣ ва аз омӯзиши табиат ё олам. Мақсад аз тафаккур бошад, ин шинохти худ ва тавассути ин шинохти бузуругии Ҳақ аст.

Дар баробари ин, тафаккури ирфонӣ, аз назари муҳаққиқи россиягӣ А. Исҳоқов, ки дар натиҷаи таҳлили таълимоти Ғазолӣ хулоса кардааст, бояд низом дошта бошад, яъне системанок бошад: «Ба ҳамин тариқ, системанокӣ, аз ҷумла, тақозо мекунад, ки мо предмети худро тавассути фаҳмиши муайян омӯзем ва маълумоти гирифтаи худро ба воситаи принсипи муайян коркард намоем. Барои намуна, мо олами беруниро дар асоси чунин принсип меомӯзем: олами берунӣ (ва ҳамаи мавҷудот дар умум) аз хулқи Ҳақ аст. Ё худ, агар ба ибораи дигар ифода кунем, олами ҳастӣ, тавре, ки Ибн Арабии машҳур гуфтааст, ин зуҳури бефосилаи сифоти Ҳақ аст. Яъне, ин оламро бо қонуну қонуниятҳои он омӯхта, мо як қатор тасаввуротро дар бораи сифоти Холиқи он пайдо мекунем: дар бораи тавоноӣ, ҳамадонӣ, хирадмандии Ӯ ва ғайра. Ба олами ботинии худ муроҷиат карда, мо боз ҳам дар бораи сифот ва зуҳуроти Ҳақ тасаввурот пайдо мекунем. Системанокӣ инчунин мавҷудияти соҳаҳоеро тақозо мекунад, ки тафаккур дар бораи онҳо манъ аст. Яке аз

чунин соҳаҳо, ки дар омади сухан, онҳо кам нестанд, ин моҳияти Ҳақ аст. Ба мо манъ шудааст, ки дар бораи он, ки Ҳақ моҳиятан чӣ гуна аст, фикр ронем. Сабаби манъ кардан хеле одӣ аст: ин соҳаи донишҳо ба мо дар ҳақиқат ҳам дастрас нест, пас машғул шудан ба он чизе, ки ягон дурнамо надорад, ягон маъно ҳам надорад. Илова бар ин, тафаккур дар ин мавзуъ инсонро фақат ба гумроҳӣ мебарад, ки боз як сабаби қатъии машғул нагаштан ба ин масъаларо нишон медиҳад» [248].

Хулоса, баррасии фазилатҳои суфиёна, ки дар боло сурат гирифт, нишон медиҳад, ки мо дар ин ҷо бо этикаи равонии навъи махсусе сару кор дорем, ки ҳадафи асосии он қаробат ба Ҳақ мебошад. Ғазолӣ ин фазилатҳоро, аз ҷумла, бо ҳолати нафс алоқаманд медонад, зеро ӯ кӯшиш мекунад, ки асоси равонии фазилатҳои суфиёнаро муайян намояд. Зимни он мутафаккир ошкоро ҷонибдори чунин таҳлили нафс мебошад, ки он дар анъанаи фалсафӣ ва аз ҷониби машшоиёни шарқӣ сурат гирифтааст. Таҳқиқи се фазилати аввали кӯмаккунанда, махсусан, ният, ихлос ва сидқ нишон медиҳад, ки дар ин раванд, қабл аз ҳама, амалӣ сохтани ният муҳим мебошад. Фазилатҳои чорум ва панҷум, яъне муроқиба (ҳушёрӣ) ва муҳосиба (худтаҳлилкунӣ) бошад, бо таҳлили шаҳват ва ғазаб ва бо усул ё методи тобеъ кунонидани онҳо ба қувваи фикркунӣ, тафаккур алоқаманд мебошанд. Фазилати шашум, тафаккур, бо қувваи ақлӣ алоқаманд буда, нақши ин қувваро дар мусоидат ба онҳое, ки Ҳақро, тавассути андеша кардан дар бораи офариниши Ӯ меҷӯянд, нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, натиҷаи фазилатҳои кӯмаккунандаи суфиёна ин овардан ба ҳолати комил ва интегратсияшудаи нафс дар ҳама қувватҳо аст. Чунин ҳолат метавонад асоси омодагӣ барои ба даст овардани фазилатҳои асосии суфиёна ва ахиран, ба даст овардани қурби Ҳақ бошад. Бо ин фазилатҳое, ки ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидат мекунанд ва бо фазилатҳое, ки ба камолоти инсонӣ мерасонанд, инчунин навъи дигари фазилатҳо алоқамандӣ доранд, ки Ғазолӣ онҳоро ба гурӯҳи фазилатҳои марказии суфиёна дохил намудааст. Аз ин рӯ, дар фасли оянда моҳияти онҳоро равшан месозем.

## 2.3. Фазилатҳои марказии ахлоқӣ-ирфонӣ дар консепсияи Муҳаммад Ғазолӣ

Фазилатҳои марказии ирфонӣ сифатҳои суфиёнае мебошанд, ки Ғазолӣ ба хотири нишон додани муҳимияти табақабандиашон онҳоро «манозил» номидааст. Ҳар яке аз ин фазилатҳо ҳамчун натиҷаи пешомада ва ҳамчун дараҷае, ки якеро ба дигараш мерасонад, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар табақабандии Ғазолӣ, чунонки болотар ҳам қайд гардид, аввалин фазилат «тавба» ва олитаринашон «муҳаббат» мебошад. Боқимонда фазилатҳои суфиёнаро ӯ дар миёни ин ду дар ҳамон шакле ҷойгир намудааст, ки суфӣ тавонад, ки дар ниҳояти кор ба манзили «муҳаббат» бирасад. Аксарияти суфиёни қаблӣ бо тартиби ҷойгирии онҳо, яъне «манозили суфиёна» таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, таъкид намудаанд, ки суфӣ то аз манзили пешин, ки дар таҳқиқоти муосир ҳамчун нуқтаи расидан, нақшаи шуур, дараҷаи шуур фаҳмида мешавад, нагузашта бошад, наметавонад ба манзили дигар (нав) бирасад. Аммо суфиёни пешин дар масъалаи тартиби ҷойгиркунии ин фазилатҳо ихтилофи назар доранд. Ғазолӣ дар шарҳи худ бо суфиёни пешин, аз ҷумла бо Маккӣ, на танҳо дар масъалаҳои тартиби манозил, балки дар бораи таъриф ва ҳақ баровардани тафсирҳои худ низ ба баҳс пардохтааст. Дар тафовут аз мутафаккирони болозикр, ки асосан аз доираи таассуроти хеш ва пешгузаштагони хеш берун набаромадаанд, Ғазолӣ унсурҳои асосии ҳар як манзилро шарҳ дода, нақши онро дар камолоти инсон таъкид кардааст. Ӯ он тавсифҳои хосаеро ба назар мегирад, ки аз ин роҳ асоси пайдарпайии онҳоро барои фазилатҳои суфиёна таъмин гардонида, табиати дақиқи онҳоро, ки дар аксар мавридҳо дар осори суфиёни пешин норавшан боқӣ мондаанд, ошкор намояд. Аҳамияти ин мулоҳизаҳои умумӣ замоне равшан хоҳад гашт, ки агар мо масъалаи чӣ гуна Ғазолӣ ҳар як фазилати асосиро таҳлил менамояд, баррасӣ кунем.

Тавба нуқтаи ибтидоии роҳи ҳар касе мебошад, ки ба ҷустуҷӯи Ҳақ баромада аст, яъне суфиён, ки барои онҳо ин фазилати аввалинест, ки на ҳар суфӣ метавонад, онро ба даст оварад. Худи Ғазолӣ шуҳрати бузурги фақеҳ ва

илоҳиётшиносро ба даст оварда ва аз таълимоти расмии динӣ даст кашида, худро аз зумраи чунин одамон, яъне суфӣ номидааст [61, с.98-102].

Тибқи таълимоти исломӣ, тавба аз мусулмонон рӯй гардонидан аз ҳар амалеро талаб менамояд, ки шариатро халалдор месозад ва нияти дигар анҷом надодани чунин амалҳо дар ҳаёти минбаъда мебошад. Ба ғайр аз ин фарди мусулмон аз гуноҳҳои худ бояд ба таври махсус, ки онҳоро анъанаи динӣ муқаррар кардааст, кафорат (бахшиш) талаб кунад. Аммо аҳамияти тавба ҳамчун фазилати суфиёна аз доираи он берун меравад. Ғазолӣ аз он амалҳое истифода мебарад, ки аз дигар вайронкуниҳои оддии шариати исломӣ фарқ мекунанд. Дар ин маънӣ, тавба рӯй гардонидан ё тарк намудани ҳама чизеро мафаҳмонад, ки дар миёни инсон ва ҳадафи ниҳоии ӯ - қурби Ҳақ қарор дорад. Суфӣ бояд тавба кунад, ки амалеро анҷом додааст ва ё дар бораи чизи дигаре ба андеша рафтааст, ки ӯро аз ҳадафи асосии худ дур мекунад.

Ба ҷои он ки мисли пешгузаштагони суфии худ ба суфии машҳуре барои таъриф додани тавба мурочиат намояд, Ғазолӣ таърифи шахсии худро аз ин фазилат, яъне тавба дода, онро ба се қисм тақсим намудааст, ки онҳоро барои ҳама фазилатҳо хос медонад: илм, ҳолат ва амал. Масалан, дар «Китобу-л-арбаъин фи усули-д-дин» навиштааст: ҳақиқати тавба ин аст, ки инсон аз роҳи дур шудан аз Ҳақ баргардад ва ба роҳи наздик шудан ба Ӯ бароянд. Тавба дорои рукн, оғоз ва камол аст [67, с.204]. Тавба барои тамоми афрод воҷиб аст ва далелаш ин аст, ки дар инсон чор гуна сифат вуҷуд дорад: сифати чаҳорпоён (шаҳватронӣ, шикампарастӣ ва корҳои зишт), сифати даррандагон (хашм, душманӣ, кинаҷӯӣ, рашк), сифати шайтонӣ (макру ҳиллагарӣ, найрангу фиребгарӣ) ва сифати худоӣ (бузургманишӣ, ҳубби ҷоҳ ва бартарӣ). Решаи ахлоқи ирфонӣ ҳамин чор навъи сифат аст ва онҳо дар сиришти инсон тавре ҷойгир шудаанд, ки халосӣ аз онҳо душвор аст ва фақат нури имон, ки аз ноҳияи ақл ва шаръ метобад, мумкин аст инсонро аз торикиҳои чунин ахлоқ хориҷ созад.

Дарк кардани зарари гуноҳҳо ва маъсиятҳо ва он чӣ дар миёни инсон ва

ҳама он чизе, ки инсон дӯст медорад, аз нигоҳи Ғазолӣ, илм мебошад. Агар илми суфӣ дар ин бора ҳақ ва устувор бошад ва қалби ӯ мутмаин бошад, он гоҳ аз илми ӯ дарду аламе барои дӯстдоштаҳои аз даст рафтааш бармеояд ва ин дарду аламро, ки сабаби гум кардани чизи дӯстдошта гаштааст, пушаймонӣ (надам) меноманд. Агар ин алам дилро дар ғуломӣ нигоҳ дорад, он гоҳ нияти амал карданро тавлид менамояд.

Илм, тавба ва ният се унсури алоҳида мебошанд, ки қисми таркибии мафҳуми ягонаи мураккабро ташкил медиҳанд. Дуруст аст, ки истилоҳи «пушаймонӣ» ба тамоми мафҳумҳо мансуб аст, ҳарчанд, ки дар аксари мавридҳо танҳо барои ифода кардани пушаймонӣ ҳамчун маънии мусбат истифода мешавад. Тавба ҳамчун дур шудан аз гуноҳ дар гузашта ва ҳамчун товон додан дар ҳозираву оянда мебошад.

Ғазолӣ тасдиқ менамояд, ки ҳама одамон бояд фазилати тавбаро дар маънои васеаш дарк намоянд, зеро ҳам ақл ва ҳам таълимоти динӣ ин масъулиятро тасдиқ мекунанд. Анъана бояд ба онҳое сарварӣ кунад, ки қобилиятҳои ақлии онҳо ҳанӯз куллан кушода нашудааст, аммо одамони соҳибақл худашон хоҳанд дид, ки саодати ҳақиқӣ дар қаробат бо Ҳақ будан аст ва барои ба даст овардани ин қаробат тавба кардан зарур аст. Ғазолӣ инчунин тасдиқ мекунад, ки [18, с.12] тавба кардан масъулияти инсон ҳамчун инсон мебошад, зеро моҳияти нафси инсон аз қувваҳои олӣ ва паст, сифлӣ иборат аст. Камоли нафс замоне амалӣ мегардад, ки қувваи ақлӣ на танҳо қувваҳои шаҳвонӣ ва барангезонандаро маҳв кунад, балки тобеи худ гардонад. Тавба масъулияти абадии инсон мебошад, зеро асоси абадӣ будани он зиддияти ҷовидона байни хайр ва шар мебошад (яъне бар нафс ғолиб омадани қувваҳои олӣ ва сифлӣ), ки ҳолати инсонро тавсиф менамояд. Дар ин ҷо Ғазолӣ аз доираи таълимоти исломӣ берун мебарояд, зеро ӯ тавбаро баъди анҷом додани ҳар як маъсияти муайян талаб менамояд. Дар тафовут аз масеҳият, ки бар гуноҳи нахустин асос ёфта, аз Одам ба мерос омадааст, Ғазолӣ таълимоти худро бо истилоҳоти таҳлили равонии табиати инсонӣ, ки бар анъанаи фалсафӣ рафта мерасанд, шарҳ додааст [18, с.21].

Аз сабаби он ки тавба асосан маънои худдорӣ аз анҷом додани маъсият (гуноҳ)-ро мефаҳмонад, Ғазолӣ чунин меҳисобад, ки донистани он, ки маъсият чист, барои анҷом додани фазилат аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар умум, маъсият ҳама он чизеро дар бар мегирад, ки робитаҳои байни инсон ва Ҳақро таҳриф менамоянд. Шаклҳои гуногуни гуноҳ ва роҳҳои аз онҳо дур шудан ва кафорати (пӯшидани) онҳо вуҷуд дорад. Гуногунии гуноҳҳо баҳсу мунозираҳои машҳурро байни илоҳиётшиносон дар бораи гуноҳҳои кабира ва сағира (ал-кабира ва ас-сағира) ба вуҷуд овардаааст, ки дар байни мактабҳои исломӣ (калом) ба авҷи худ расидаанд. Ғазолӣ бо андешаҳои гузаштагон қаноатманд нашуда, тасдиқ менамояд, ки аз сабаби он ки ҳадафи ниҳонии қонуни динӣ ба назди Ҳақ овардани одамон буда, танҳо дар ҳолати шинохти Ӯ ин имконпазир мегардад ва аз сабаби он ки чунин илмро танҳо дар ҳаёти ин дунё ба даст овардан мумкин аст, аз ин рӯ барои ҳифз намудан ва шинохтани Ҳақ низ илм барои ба даст овардани қаробат бо Ҳақ зарур мебошад. Ҳама он чизе, ки барои шинохти Ҳақ монеъ мешавад, куфр буда, бояд гуноҳи кабира ҳисобида шавад, ки ҳаёти одамро кӯтоҳ мекунад ва ё инсонро аз чизе маҳрум мекунад, ки барои ҳифз намудани ҳаёти худ ба он эҳтиёҷ дорад, масалан, дуздӣ ва ғайра [18, с.27,29].

Инсон замоне, ки чи будани гуноҳро мефаҳмад, бояд ҳарчи зудтар тавба карда, тамоми гуноҳҳои анҷомдодаи худро дар гузашта ба хотир оварад ва сари онҳо ба андеша рафта, бо тадриҷ ҳама амалҳои гуноҳ бударо тарк намояд. Масалан, агар кадом як фарзи динии хешро риоя накарда бошад, пас онро анҷом диҳад. Барои гуноҳҳо дар назди Ҳақ бояд таассуф хӯрда, аз Ӯ талаби мағфират (истиғфор, бахшиш) намояд. Агар гуноҳе дар назди наздикон дошта бошад, бояд ҳамаи онҳоро харида бигирад. Масалан, агар касеро ранҷонида бошад, ӯро бояд таскин диҳад, ором намояд ва ғаму дарди ӯро ҷуброн кунад. Агар амволи касеро гирифта бошад, пас бояд онҳоро баргардонида, аз ӯ узр пурсад.

Ба андешаи Ғазолӣ, кафорати гуноҳро метавон бо қалб, сухан ва ё ҷисм анҷом дод. Кафорати қалбӣ ҷавҳари тавбаро ташкил мекунад. Ин амал

тавассути ҷустуҷӯи бахшиш аз Ҳақ сурат мегирад. Ин амал бо сухан эътироф кардани гуноҳ ва мурочиат намудан, бахшиш пурсидан ва узрхоҳӣ кардан мебошад. Барои ин на танҳо руҳ, балки ҷисм низ бо анҷом додани амалҳои хайр ва шаклҳои муайяни хизмати содиқона бахшида мешавад [18, с.37].

Ғазолӣ амалияи динии тавба кардан ва роҳҳои анҷом додани онро муфассал шарҳ дода, ишора кардааст, ки тавба барои содир кардани гуноҳ ва риоя накардани амалияи динӣ нисбат ба тавба кардани суфӣ аз андешаҳои роҳгумзадагӣ ва ҳаяҷонҳои қалбӣ душвортар аст. Дар ин маъно тавба дар тули тамоми раванди бозгашт аз хоҳишҳои дунявӣ ба олами дигар ҳузур дорад, аз ин рӯ тавба низ бояд дар тули умр суфиро ҳамсафар бошад, зеро ӯ бе анҷом додани ин амал ба ҳадафи ниҳоии худ расидан наметавонад.

Ин таълимоти Ғазолӣ бо натиҷаҳои худ барои тарзи зиндагии одамони аз ҷиҳати шумора кам муяссар аст. Агар одам ҳатто аз гуноҳи бо ҷисм анҷомдода озод бошад ҳам, ӯ хоҳ-нохоҳ дар бораи гуноҳҳои худ дар изтироб аст ва ҳатто агар аз ин изтиробҳо орӣ шавад ҳам, ӯ хоҳ-нохоҳ гирифтори нуқсонҳо ва дар хотир ҳифз карда навонистани Ҳақ мебошад; ҳатто агар ӯ аз ин нуқсонҳо озод бошад ҳам, дар илму донишҳои ӯ оид ба Ҳақиқат сифатҳо ва амалҳои ӯ нуқсонҳое вуҷуд хоҳанд дошт [18, с.51]. Ҳамин тариқ, тавба ҳамчун фазилати суфиёна он аст, ки суфӣ бе он наметавонад роҳи худро ба сӯи қаробат ёфтан бо Ҳақ оғоз намояд, аммо барои ба даст овардани тавбаи беҳтарин ба суфӣ ҳам илм даркор ҳасту ҳам сабр. Илова бар он, ки дар таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ ба зарурати тавба ишора шудааст, илм низ воситаи беҳтарини ҳимоя аз саркашӣ, якравӣ дар кори ба таъхир гузоштани тавба ҳисобида мешавад.

Сабр, тибқи таълимоти Ғазолӣ ба суфӣ мусоидат менамояд, ки бо хоҳишҳои ҷисмонӣ ва дунявӣ, ки пайваста барои тамоми кӯшишҳои тавба кардан халал мерасонанд, муқовимат намояд ва аз сабаби он ки сабру тамкин муқадиммаи шакли олии тавба мебошанд, Ғазолӣ онҳоро дуюмин фазилати суфиёна ҳисобидааст [18, с.56-71] .

Сабр дар зиёда аз ҳафтод сураи қуръонӣ (Бақара, 153, 157; Намл, 96;

Саҷда, 24; Зумар, 10 ва ғ.) омада, паёмбар низ дар бораи он зиёд сухан гуфтааст (масалан, сабр ниме аз имон аст, имон сабр аст ва ғ.). Сабр ҳарчанд ки ба мисли дигар фазилатҳои сӯфиёна аз се унсур иборат аст, яъне илм, ҳол ва амал, Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки ибораи «сабр» нисбати ҳол ба таври хосса истифода мешавад: илм дар ин ҳолат воситаи воридсозӣ ба ҳол, аммо амал - маҳсул ва натиҷаи он аст. Барои таъриф додани сабр Ғазолӣ бори дигар таҳлили нафсро, ки аз анъанаи фалсафӣ реша гирифтаааст, пешкаш карда, истилоҳоти фалсафиро бо дигар истилоҳоте иваз мекунад, ки дар олами ислом интишор ёфтаанд. Инсон дорои ду қувва мебошад: яке, ангезаи динӣ, ки ақл аст ва дуюм, ангезаи ғайриақлӣ (ирратсионалӣ), ки бо номи «шавқ» машҳур буда, ҳам шаҳвоният ва ҳам ғазабро дар бар мегирад [18, с.72]. Сабр ин исрори ақл дар саъю талош барои нест кардани шавқ мебошад. Вақте ки тамоми шавқҳо ба инсон тобеъ буда, ақл бар ӯ ҳукмрон бошад, инсон ба сатҳи болотарини сабр мерасад. Дар чунин фаҳмиши сабр ин маҳз одати инсонӣ мебошад, зеро он дар миёни фариштаҳо ва малоикаҳо интишор наёфтааст [18, с.81].

Шаклҳои гуногуни сабр вуҷуд доранд ва онҳоро дар асоси объектҳое, ки бо онҳо дар таълимоти Ғазолӣ сари кор гирифта шудааст, метавон тасниф кард. Сабр кардан дар вазниниҳои ҷисмонӣ ва дарду аламҳо дараҷаи сифлии (поёнии) сабр мебошад. Шакли комилтарин ва маҳмуди сабр муқовимат кардан бо талаботи шавқ аст. Ҳамин тариқ, сабрро метавон дар якҷоягӣ бо дигар фазилатҳо пайдо кард, пас, вобаста аз вазъияте, ки дар онҳо зоҳир мешавад, ба он метавон номҳои гуногун дод. Ғазолӣ инчунин тасдиқ мекунад, ки барои инсон сабр дар ҳар лаҳзаи зиндагӣ зарур аст, зеро зиндагӣ одамонро танҳо дар ду навъи мавқеъ қарор медиҳад: хоҳишҳое, ки ба тамоюлоти табиии инсон мувофиқат мекунанд ва хоҳишҳое, ки ба ин тамоюлот мувофиқат намекунанд. Мисолҳо барои хоҳишҳое, ки ба тамоюлоти табиии инсон мувофиқат мекунанд ин солимӣ, амният, сарват ва шараф буда, инсон ба сабр эҳтиёҷ дорад, то ки комилан ба онҳо дода нашавад (яъне аз ҳад нагузарад). Вазъиятҳое, ки ба майлу хоҳишҳои инсон

муқовимат мекунанд, ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) вазъияте, ки дар онҳо инсон бояд дар байни итоат кардан ва итоат накардан интихоб намояд. Барои анҷом додани аввал ва худдорӣ кардан аз дуюмӣ, инсон бояд сабри зиёд дошта бошад; 2) онҳое, ки пайдошавиашон аз иродаи инсон вобаста набуда, нисбати онҳо метавон мавқеи саҳеҳро ихтиёр кард. Масалан, муқовимат кардан ба хоҳиши қасд гирифтан аз оне, ки ба инсон ё бо сухан ё ҷисман зарар расонида шудааст, сабрро талаб мекунад (қисми чоруми сабр бар чизе, ки инсон на дар оғоз ва на дар поёнаш ҳеҷ ихтиёре надорад, монанди мусибатҳое, ки бар асари марги азизон ё аз байн рафтани молу сарват, ё гирифтори беморӣ шудан, ё аз даст додани баъзе аз аъзои бадан ё соири балоҳое, ки барои инсон рӯй медиҳанд [67, с.232]); 3) ҳодисае, ки дар ягон сурат аз инсон вобаста намебошад, масалан, марги одами дӯстдошта ва ё аз даст додани молу сарват ва ё саломатӣ, сабре, ки дар ин вазъиятҳо зоҳир мегардад, Ғазолӣ онро болотарин мақомоти сабр номидааст. Дар чунин ҳолатҳо одами босабр (собир) ба таркиши шавқу ҳавасҳо роҳ намедиҳад, ӯ, ғолибан, қаноатмандии худро аз амри илоҳӣ ифода мекунад [18, с.104] .

Сабр ҳамчун фазилати суфиёна махсусан барои суфӣ муҳим мебошад, зеро ӯ бояд саъй кунад, ки тамоми шавқу ҳавасҳои худро комилан тобеъ намуда, худро аз ҳаёти ҷамъиятӣ ҷудо гардонад. Дар узлати худ низ суфӣ ба сабр эҳтиёҷ дорад, то ки тамоми вазнинии танҳоиро таҳаммул кунад ва дар иҷрои амалияе, ки ӯро ба Ҳақ наздик мегардонад, тамрин намояд. Ҳатто агар суфӣ аз тамоми амалияи маънавӣ гузашта бошад ҳам, хоҳ-нохоҳ барояш сабр зарур аст, то ки худро аз шавқу рағбатҳои худ дур созад, зеро то даме ки нафси ӯ танҳо бо Ҳақ машғул нашавад, онҳоро наметавон комилан зери назорат қарор дод.

Сабр ва шукр аз зумраи фазилатҳои суфиёнае маҳсубанд, ки сифатҳои Ҳақ мебошанд. Сабр инчунин, ягона фазилатест, ки Ғазолӣ онро таҳти таъсири моҳияти фазилатҳои фалсафӣ ва суфиёна шарҳу тавзеҳ додааст, аммо тавзеҳоти ӯ ҳамчун фазилатҳои фалсафӣ кӯтоҳ буда, дар ин амал ӯ ба файласуфони шарқӣ, аз қабили Ибни Сино ва Мискавайҳ пайравӣ мекунад,

зеро Арасту сабрро ҳатто аз зумраи фазилатҳои дурӯғин низ наҳисобидааст. Мубоҳисаи тулонии Ғазолӣ дар бораи сабр ҳамчун фазилати асосии суфиёна тавоҷҷуҳи ӯро ба таҳлили суфиёнаи ин фазилат, махсусан дар он шакле, ки онро ал-Маккӣ пешниҳод кардааст, инъикос намудааст [40, с.396-413].

Ғазолӣ сабрро дар китоби «Эҳёу улуми-д-дин» дар алоқамандӣ бо шукр баррасӣ намуда, онро ҳамчун ду вокуниши инсонӣ ба он чизе, ки бо ӯ рух додааст, тафсир кардааст. Дар бадбахтӣ инсон бояд сабур (сабркунанда) ва дар ривоҷу равнақ ӯ бояд шокир (шукркунанда) бошад. Аз ин рӯ, дар таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ аз дунболи сабр ҳамчун фазилати суфиёна мантиқан шукр меояд [40, с.411-413].

Шукр ҳамчун фазилат вокуниши беҳтарини инсонро ба ҳодисаҳои созгору мусоид тавсиф менамояд. Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки баҳсҳои қаблӣ дар бораи шукр дар таълимоти мутафаккирони гузашта ба муваффақият нарасидаанд. Ӯ барои комилан муайян ва беҳтар кардани кор дар ин самт аз се унсуре ҷӯё мешавад, ки хоси фазилатҳои суфиёна мебошанд. Шукр, ба андешаи мутафаккир, (1) шинохти ҳадя, (2) ҳолати мусбати шодмонӣ аст, ки онро ҳадя ба вуҷуд овардааст ва (3) амалҳое мебошад, ки ба каси писандомада, онҳоро мебахшад [18, с.115]. Илм (а) худи ҳадя аст, (б) инсонест, ки онро қабул мекунад ва он фоидаест, ки ӯ мебинад ва (в) он накӯкорӣ, соҳибэҳсониест, ки таҳти нияти нек ҳадядода сурат гирифтааст. Аммо оне, ки ба ҳадяҳои илоҳӣ дахл дорад, илмест, ки Ҳақ ягона Накӯкор мебошад, фаҳмиши ягонагии Ӯро ин комил мекунад, зеро танҳо пас аз ин инсон метавонад дарк намояд, ки тамоми мавҷудот вуҷуди худро аз Ӯ мегиранд, ҳама чиз ҳадяи Ӯ аст, пас, шукр, қабл аз ҳама, барои Ӯ сазовор аст. Ин илм кифоя аст, то ки сифати мусбати шодмониро дар нисбати накӯкор ба вуҷуд оварад. Ин шодмониро танҳо дар ҳолате метавон шукри ҳақиқӣ ҳисобид, ки агар он на ба ҳадя ва на ба ҳадякунӣ, танҳо ба накӯкор дахл надошта бошад: 1) шодӣ нисбат ба ҳадя дар худ ҳеҷ гуна шукрро дар бар намегирад, зеро он бо ҳеҷ гуна накӯкорӣ алоқаманд нест; 2) шодӣ нисбат ба ҳадякунӣ як навъи шукргузорӣ мебошад, зеро ҳадякунӣ мафҳуми накӯкорро

таҷассум мекунад, аммо накӯкор дар ҳолати беҳтаринаш тахайюли барои чунин шодӣ дуюмдараҷа мебошад. Ба ин навъи одамон нафароне дохил мешаванд, ки ба Ҳақ барои ҳадяҳо сипосгузор мебошанд; 3) танҳо дар ҳолати сеюм инсон ба саодати ҳақиқӣ ноил мешаванд ва аз Ҳақ шодмонӣ ҳамчун накӯкори ягона (Мунъим) мекунад. Амалҳое, ки аз сифати мусбати шодмонӣ бармеоянд, тавассути қалб, забон ва аъзоҳои ҷисм ифода мегарданд: тавассути қалб дар ҷустуҷӯи хайр, тавассути забон дар ҳамду санои Ҳақ ва тавассути аъзоҳои бадан дар истифодаи саховати илоҳӣ барои хайр, дар мувофиқа бо иродаи Ӯ. [18, с.118]

Таърифи шукрро умуман ва махсусан, шукр ба Ҳақро дода, Ғазолӣ бо мушкилие рӯ ба рӯ меояд, чӣ гуна инсони махлуқ метавонад шукргузори Ҳақ бошад, агар ҳама чиз, аз ҷумла шукри офарида шуданро низ Ӯ ба вуҷуд меоварад. Ҳақ офаридгори ҳама чиз аст, инсон бошад, восита ва маҳалли амали Ӯ, пас амали инсон тавассути «касб кардан»-и ин чизҳои офаридашуда сурат мегирад, ки маънояш ин аст, ки онҳоро Ҳақ офаридааст, вале инсон барои касби ин чизҳо масъулият дорад. Ҳамин тариқ, агар инсон шукргузор бошад, ӯ худ маҳаллу ҷойи шукр мебошад, на офаридгори ӯ.

Тибқи фаҳмиши оддӣ ҳадякунанда чизеро дар ивази он интизор аст, аммо ин дар нисбати Ҳақ бо ду сабаб номумкин аст. Аввалан ин ки, Ӯ ниҳоят баланд аст, ки ба ситоишу хизматгузории инсонӣ эҳтиёҷ дошта бошад. Дуюм, шукронае, ки инсон мекунад, худ ба худ махлуқ ва ҳадяи илоҳӣ мебошад. Ғазолӣ эътироф дорад, ки шукр барои хайр, ки аз бахшанда ба дигарон доданро талаб менамояд, дорои мушкилот буда, яке аз муаммоҳои норавшантарини донишҳои суфиёна мебошад. Ӯ тахмин менамояд, ки илми ҳақиқии шукр танҳо барои касе дастрас аст, ки воқеияти нодири Ҳақро донистааст ва медонад, ки ҳамаи ин ба Ӯ, ба касе, ки ин шукрро кардааст ва ба он касе, ки шукргузорӣ барояш дахл дорад, интишор мешавад. Фаҳмидани ин, мегӯяд Ғазолӣ, маънои зоҳир гардонидани шукргузории олӣ ба Ҳақ мебошад [18, с.173].

Шукри ҳақиқӣ аз инсон донистани ин мақсад аст, ки ҳама ҳадяҳое, ки ба

ӯ дода мешаванд, истифодаи саҳеҳи онҳоро дар роҳи расидан ба накӯкорӣ тақозо менамоянд ва он неъматро афзун мекунад [252]. Пас, барои он ки дар ҳақиқат ҳам инсон миннатдор бошад, ӯ бояд бидонад, ки Ҳақ кадом чизҳоро меписандад ва кадом чизҳоро намеписандад. Ғазолӣ ду тарзи асосии донистани инро ёдовар мешавад. Яке аз роҳи таълимоти динӣ, ки дар Қуръон ва суннати паёмбар баён гардидааст. Дуюм, тавассути ақл, ки дар тамоми офаридаҳо вуҷуд дорад. Аммо ин баъзан пӯшида ва баъзан ошкоро фаҳмида мешавад. Дар умум бошад, чунин назари эсхатологӣ (охиратшиносӣ)-и Ғазолӣ ба ҳама ашёи дунявӣ ошкоро ба хотири нишон додани миннатдорӣ аз Ҳақ аст, ки инсон бояд ҳама чизро дар мувофиқат бо ҳадафи табиии худ истифода намояд, то ӯро ба сӯи Ҳақ мутаваҷҷеҳ гардонанд.

Барои равшан гардонидани табиати шукр Ғазолӣ ба таҳлили «ниъам» - неъматҳо мурочиат менамояд, ки сабабҳои бевоситаи шукр мебошанд. Ӯ тасдиқ менамояд, ки неъмати асосӣ, яъне қаноатмандӣ ё саодатро бояд бо саодати ухравӣ як донист; дар ҳоли акс, ин суханҳо ё дар шакли ғалат истифода мешаванд ва ё маҷозӣ. Аммо онҳоро метавон дар маънои нисбатан ҷиддитар нисбат ба ҳама истифода кард, ки каму беш бевосита барои расидан ба саодати мутлақ мусоидат мекунанд.

Дар асоси фаҳмиши болозикр, Ғазолӣ таснифоти мураккаби ҳадяҳои ин оламро пешниҳод кардааст. Ин таснифот тамоми фазилатҳо, неъматҳои ҳам моддӣ ва ҳам маънавиро дар бар гирифтааст, то ки ба ин восита тамоми саховатҳои илоҳиро нишон диҳад ва зикр кунад, ки онҳо то андозае беҳудудаанд, ки ба ҳамаи онҳо наметавон баҳо дод [18, с.187].

Аз сабаби он ки шукр маънои посухи инсонро нисбат ба тамоми афъоли Ҳақ дорад, Ғазолӣ саволи онро мегузорад, ки чӣ гуна бояд дар ҳолати ғаму андуҳ шукргузор бояд буд. Ба андешаи ӯ, бадбахтӣ ё мутлақ мешавад, ё ки нисбӣ. Бадбахтиҳои мутлақ, аз қабили маҳрум шудан аз қурби Ҳақ дар ҳаёти минбаъда ва гунаҳгор ва ё золим будан дар ин олам мебошанд. Ба дигар бадбахтиҳо ҳама факру бемориҳо дохил мешаванд. Шукр аз неъматҳо вобаста буда, шукргузорӣ барои ғаму андуҳи мутлақ наметавонад вуҷуд

дошта бошад. Аммо инсон бояд барои ғаму андуҳи нисбӣ миннатдор бошад. Неъматҳои дунявӣ барои худ ва дигарон танҳо ба хотири он хубанд, ки онҳо тобеи ҳадафе мебошанд, ки Ҳақ дар ҳама махлуқони офаридааш, муайян кардааст. Ҳамин тариқ, фазилати суфиёнаи шукр танҳо ба Ҳақ равона мебошад. Шукри суфӣ барои ҳама он чизест, ки аз Ӯ бармеоянд ва суфӣ каломи худро ҳамчунон истифода менамояд, ки барои расидан ба қурби Ӯ зарур мебошад.

Баъди шукр Ғазолӣ умед ва тарсро ҳамчун ду фазилати суфиёна мавриди муҳокима қарор додааст. Ӯ ин мафҳумҳоро ба мисли сабр ва шукр бо якдигар нисбат медиҳад, ки мавзуи китоби 3, рубъи IV «Эҳёу улуми-д-дин» мебошанд. Чунин ҷойгиршавии умед ва тарс (раҷоъ ва тарс) дар китоби «Кимиёи саодат» низ омадааст, ки он бо тартиби ҷойгиршавии «манозили» суфиёнаи Маккӣ низ мутобиқат менамояд [40, с.432]. Аммо дар «Китобу-л-арбаъин фи усули-д-дин» Ғазолӣ раҷоъро дар доираи мулоҳизаҳои худ оид ба «тарс», ки онро баъди «тавба» ҳамчун фазилати асосии дуюмин овардааст, баррасӣ намудааст [67, с.182]. Илова бар ин, ӯ дар ин китоб бевосита ёдовар шудааст, ки баъди «тавба» бояд «тарс» биояд, дар ҳоле, ки дар «Эҳёу улуми-д-дин» ва «Кимиёи саодат» мустақиман даъво надорад, ки баъд аз «шукр» бояд ҳатман «умед ва тарс» биоянд. Ҳамчунин, мутафаккир зикр накардааст, ки кадоме аз фазилатҳо баъди он бояд биояд [67, с.182-183]. Дар муқаддимаи муҳокимаҳои худ оид ба ин ду фазилат Ғазолӣ навиштааст: Умед ва тарс - ин ду боле мебошанд, ки тавассути онҳо «ал-муқаррабун» - наздикшудагон ба мақоми маҳмуд парвоз мекунанд [18, с.250]. Ин чунин маъно дорад, ки илова бар он ки онҳо манозил мебошанд, умед ва тарс ба қисми ками мардум ёрӣ мерасонанд, ки ба дигар манозил бирасанд. Дар маҷмуъ, дар бораи муносибати байни ин ду фазилат, ки чӣ чизе пеш аз онҳо меояд ва кадоме аз фазилатҳо баъдан бояд биояд, Ғазолӣ чизе нагуфтааст.

Илова бар он, умед ва тарс ҳамчун фазилатҳои суфиёна бо он фарқ доранд, ки аз рӯи тавсифҳои асосии худ «шавқу рағбат» мебошанд. Ин шавқу рағбатҳо дар анъанаи фалсафӣ хеле хуб машҳуранд ва таърифҳои умумии

Ғазолӣ аз ҳар ду фазилат, ҳамчунон ки хоҳем дид, таъсири ин анъанаи фалсафиро инъикос менамоянд [43, с.24]. Аз ин рӯ, умед ва тарсро ҳамчунон ки Ғазолӣ онҳоро дар «Эҳёу улуми-д-дин» тавзеҳ додааст, таҳлил намуда, бояд муносибати хосаи онҳо нисбат ба дигар фазилатҳои суфиёна дар умум ва он фазилатҳое, ки дар асоси онҳо шавқу рағбат қарор доранд, ба назар гирифта шаванд.

Умед (раҷоъ)-ро Ғазолӣ ҳамчун ҳиссиёти қалбӣ, яъне вақте ки қалб ба ягон чиз рағбат пайдо мекунад, муайян намудааст [18, с.250]. Вақте ки ҳис дар натиҷаи баҳодиҳии оқилонаи эҳтимолияти ба даст даровардани ин чиз пайдо мешавад, онро умед (ё умедворӣ) номидан саҳеҳ аст. Аммо интизорие, ки ба сӯи ҳодисаи камтар эҳтимолдошта равона мегардад, онро худфиребдиҳӣ ё аҳмақӣ номидан зурур аст. Агар ба даст овардани чизи матлубу марғуб худ ба худ ғайриимкон буда, роҳи ба даст овардани онро муайян кардан номумкин бошад, он гоҳ қаблан фаҳмидани ин қабул кардани хоҳиш ба ҷои воқеият номида мешавад, зеро истилоҳи «раҷоъ» нисбати он чизе ки муайян аст, истифода намешавад. Ҳамин тариқ, дуруст аст, ки маънои умед интизори чизи марғуб буданро мефаҳмонад, аммо воситаҳои ба даст овардани он хориҷ аз назорати инсон қарор дошта, гуногунанд ва аз доираи амалҳои инсонӣ берун буда, танҳо ба Ҳақ вогузор гардидаанд.

Ин маънои умумии умедро нисбат ба ҳоли мушаххаси суфие, ки роҳҳои қаробат бо Ҳақро ҷустуҷӯ дорад, истифода намуда, Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки ҳар касе, ки ба Ҳақ итоат карда, амалҳои диниро метавонад ба таври лозимӣ анҷом диҳад, бояд интизор шавад, ки Ҳақ саъю талошҳои ӯро зоеъ намегардонад ва барояш аз саховати хеш ҳадяҳо хоҳад дод. Маҳз ба ҳамин маъно Ғазолӣ умедро аз фазилатҳои суфиёна ҳисобида, онро ҳамчун қисми таркибии се унсур, ки барои ҳамаи фазилатҳо хос мебошанд, аз ҷумла илм, ҳолат ва амал, баррасӣ намудааст. Ба сифати мусбат умед аз он илме бармеояд, ки роҳҳои қурбро бо Ҳақ ҷустуҷӯ дошта, дар навбати худ иштироки суфиро дар амалияи хизмати ихлосмандона оварда мерасонад [18, с.252].

Ҳамин тариқ, умед барои Ғазолӣ эҳсоси писандида аст, зеро он одамонро ба амал кардан водор месозад ва аз ҷониби дигар, умед ғайримарғуб аст, зеро одамонро беқувват мекунад. Дар ин маъно дар муқобили умед на тарс (хавф), балки пушаймонӣ қарор дорад, зеро тарс низ одамонро ба мисли умед барои амал кардан водор месозад. Ба қавли Ғазолӣ, ду навъи одамон ба умед эҳтиёҷ доранд: аввалан, онҳое, ки аз раҳмати Ҳақ ноумед гашта, аз ибодати Ӯ рӯй гардонидаанд ва сониян, онҳое, ки зери таъсири тарси (хавфи) аз ҳад зиёд аз Ҳақ тамоми вақти худро дар ибодат мегузаронанд ва бо ин амал қарзи худро дар нисбати некӯаҳволии шахсии худ ва аҳли хонадон иҷро намекунанд. Ин ду навъи одамон аз ҳадди эътидол берун мераванд, аз ин рӯ ба умед эҳтиёҷ доранд, то эътидолро барқарор намоянд [18, с.243-244]. Тавре мебинем, дар чунин фаҳмиш Ғазолӣ каме ҳам бошад, аз заминаи теологии таълимоти ахлоқии худ - дар ҳама кор танҳо ба Ҳақ такя кардан, дур рафта, ба воқеияти ҳаётӣ - иҷрои вазифаҳои худ дар назди оила, наздик шудааст.

Умед ва тарс (хавф) ду фазилате мебошанд, ки Ғазолӣ дар нисбати онҳо назарияи ҳадди миёнаро истифода бурдааст. Аз ҷумла, дар нисбати умед ӯ одамонро огоҳ менамояд, ки «дар тамоми сифатҳои характер ҳадди миёнаро биҷӯянд» [18, с.253-256]. Сабаби ин зоҳиран дар он аст, ки умед ва тарс (хавф) моҳиятан шавқу рағбат мебошанд. Аз сабаби он, ки дар ин ҳолат Ғазолӣ аз шавқу рағбатҳо оғоз карда, онҳоро аз назари робитаи инсон бо Ҳақ таҳлил мекунад, ӯ маҷбур мешавад, ки ҳадди миёнаи онҳоро таъкид намояд, то ки худро аз мушкилоте, ки бо зиёдаравиҳои аз ҳад зиёди ифротӣ алоқаманданд, муҳофиза намояд. Одами аз ҳад зиёд умедворшуда метавонад ба амалияи маънавӣ, ки барои таҳзиби суфиёна зарур аст, беэътиноӣ нишон диҳад, пас, дар расидан ба мақсади худ ӯ зарар мебинад. Агар ҳадди канории нуқсон афзалият дошта бошад, Ғазолӣ ду усулеро ёдовар мешавад, ки онҳо метавонанд бо муваффақият ба ҳадди миёна оварда расонанд. Яке аз онҳо ин тиловати оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои пайёмбар мебошад, ки раҳмат ва пешгӯиҳои Ҳақро васф мекунанд. Усули дигар ин инъикос ё рефлексия мебошад. Инсон дар бораи саховати илоҳӣ ва ғамхориҳои Ӯ дар ҳаққи

одамон ба андеша рафта, мефаҳмад, ки чунин холиқи тавоно нисбати бандагони худ дар рӯзи қиёмат боз ҳам сахитар хоҳад шуд [18, с.255] .

Ғазолӣ умедро ҳамчун фазилати суфиёна медонад, ки ба инсон кӯмак мекунад, то аз самими қалб ба ибодат машғул шавад. Ба таҳқиқи тарс (хавф) ҳамчун фазилат гузашта, мутафаккир онро доимо баъди умед меорад. Аммо ӯ инро шарҳ надодааст, ки чаро бояд тарс (хавф) ҳамчун фазилат ҳатман аз баъди умед бошад. Шояд Ғазолӣ зоҳиран, он ҳар дуро ду сифате меҳисобад, ки бо якдигар сахт марбутанд, пас, онҳо бояд якҷоя баррасӣ шаванд. Сарфи назар аз он далел, ки Ғазолӣ китоби 3, рубъи чаҳоруми «Эҳёу улуми-д-дин»-ро ба умед ва тарс бахшида, дар он ин ду фазилати сӯфиёнаро тавзеҳ додааст, аммо «Китобу-л-арбаъин фи усули-д-дин» нишон медиҳад, ки ӯ ба хавф таваҷҷуҳи хосса равона кардааст [18, с.269-271].

Хавф, ба монанди умед, бо номаълумиҳо дар оянда марбут буда, ба нафс таъсиргузор мебошад. Аммо тарс аз умед бо он фарқ мекунад, ки чизи интизорӣ зараровар ва воҳиманок аст. Донистани он ки ин ҳолат бо сари касе омадан метавонад, ки кайфияти (ҳолати) муаяйни мусбатро ба вуҷуд меовард ва ин ҳолат тарс (хавф) номида мешавад. Ҳамин тариқ, вақте ки хавф ягон чизи воҳиманокро пешгӯӣ мекунад, ин дарду алами нафсро ифода менамояд.

Дар умум, таърифи умумии хавф аз ҷониби Ғазолӣ ба таърифи фалсафӣ мувофиқат менамояд. Ин «шавқи хавф» [71, с.26] мебошад ва барои муқаррар намудани хавф ҳамчун фазилати суфиёна, Ғазолӣ чунин нуктаро зикр мекунад. Ӯ мегӯяд, ки мехоҳад шарҳ диҳад, ки хавф дар шароити муайян маҳмуд мебошад, аммо фарз кардан нодуруст аст, ки ҳар як навъи хавф маҳмуду писандида мебошад ва ё он ҳар қадар, ки зӯртару бештар бошад, ҳамон қадар писандидатар аст. Танҳо агар хавф ба сифати ҳадди миёна дар байни ду ҳадди ифротӣ фаҳмида шавад, пас хавфро метавон сифати хуби ахлоқӣ донист. Инсони нотарс ба заъфи занона мутамоил мебошад. Ҳар дафъа, ки чизи воҳиманокеро бинад, ӯ метарсад, аммо вақте ки чунин чизро намебинад, нафси ӯ ба сангдилӣ, бераҳмӣ мегузарад. Инсони дорои хавфи аз ҳад зиёд ба сӯи навмедӣ ва ноилоҷӣ майл дорад. Хавфи аз ҳад зиёд тамоми

амалҳоро бекор карда, ҳатто метавонад ба бемориӣ, руҳафтодагӣ ва карахт шудан, беҳис шудан, аз кор баровардани ягон узви бадан, барҳам хӯрдани ягон хислат ва қобилияти ақлӣ ва ҳатто марг оварда расонад. Хавф дар ҳолати миёнаи худ воситаест, ки бо ёрии он одамон барои якравӣ дар амалу дониш бедор мешаванд ва бо ҳамин тарз бо мусоидати ин ва ё он омил одамон метавонанд ба ҳадафи ниҳонии худ бирасанд [18, с.276].

Хавф ҳамчун фазилати суфиёна робитаи байни инсон ва Ҳақро низ мефаҳмонад. Барои Ғазолӣ хавф дар ин ҳолат аз рӯи моҳияташ «хавф аз Худо» мебошад, на як хавфи оддӣ. Ӯ дар бораи андешаҳои инсон оид ба Ҳақ баҳс карда, оид ба шавқи инсон алоҳида сухан мегӯяд, на дар бораи ҷомеа ва ё ягон чизи дигар. Барои фаҳмидани он ки хавф ҳамчун фазилати суфиёна чи чизест, Ғазолӣ чун ҳарвақта се унсурро, ки тамоми фазоили суфиёнаро тавсиф менамоянд, яъне илм, ҳол ва амалро дар робита бо Ҳақ мавриди баҳс қарор медиҳад. Дар асоси оне, ки ба илм дахл дорад, баъзан хавф дар назди Ҳақ метавонад дар натиҷаи донистани он ба вуҷуд ояд, ки Ҳақ ҳамчун соҳиби ҳама чиз метавонад тасмим бигирад, ки оламро барои бетафовутӣ вайрон созад ва ҳеҷ чиз ба ин амали Ӯ мудохила кардан наметавонад. Баъзан хавф метавонад дар натиҷаи дарки амали инсонии итоат накардан ба вуҷуд ояд, ки ҳатман азобу уқубати илоҳӣ чунин одамонро дунболагирӣ мекунад. Илм инчунин метавонад комбинатсияи ҳар ду навъи хавфи болозикрро дар бар гирад. Қувваи хавфи инсон дар назди Ҳақ бо шинохтани гуноҳҳои хеш ва бузургии Ҳақ мутаносиб мебошад. Сифати мусбати хавф, ки аз ин илм бармеояд, дар навбати худ, амалҳои муайянро тавлид менамояд. Нишонаҳои хавф дар ҷисм - сафедшавии ранги рӯй, беҳуш шудан, гиря, доду фарёд буда, он ҳатто метавонад ба марг оварда расонад. Хавф узвҳои ҷисмро аз итоат накардан нигоҳ дошта, онҳоро ба итоат медарорад ва инсонро ба ислоҳи нуқсонҳо водор месозад. Аммо он чӣ ба характер дахл дорад, дар ин ҳолат хавф шавқу рағбатҳоро нафасгир карда, қаноатмандиро заиф мегардонад, то ки итоат накардан барояш нафратовар шавад. Шиддати ин хавф ба характер ворид шуда, ба қавли Ғазолӣ, ба сатҳҳои гуногуни таҳзиби суфиёна ҷавоб

мегӯяд. Аввалан, хавф метавонад инсонро маҷбур созад, ки ба таъсири хоҳишҳои пасти худ муқовимат намояд, ин худдорӣ дар сатҳи сифлӣ, поёнӣ мебошад. Сониян, хавф метавонад инсонро аз он чизе, ки шариати динӣ манъ гардонидааст (наҳй кардааст), нигоҳ дорад. Сеюм, он чӣ, ки метавонад шавқу рағбати амал карданро маҳв намояд, ин тақводорӣ (парҳезгорӣ, худотарсӣ) мебошад. Чорум, хавф дар қувваи ҳудудии худ метавонад дар инсон фикрро оид ба Ҳақ дар ҳама амалҳои ӯ ба вуҷуд оварад, ки ин сидқ буда, дараҷаи болотарин ба ҳисоб меравад. Ҳама ин маҳсули нисбатан маҳмуд ё сутудашудаи хавф мебошад, ба шарте, ки он ба бемории ҷисм ва ё карахтшавии (атрофияи) ақл наоварад [18, с.308].

Объектҳое, ки бояд аз онҳо хавф бурд (тарсид), ду намуд мешаванд - онҳое, ки худ ба худ метарсонанд (масалан, оташи дӯзах) ва онҳое, ки барои он хавф мебаранд, ки онҳо даҳшатро ба вуҷуд меоваранд (масалан, гуноҳҳо). Дар асоси ин, аз нигоҳи Ғазолӣ, ҳадди ақал ду навъи одамон вуҷуд доранд, ки ба манзили хавф расидаанд:

1) одамоне ҳастанд, ки дар қалбҳояшон он афзалият дорад, ки аз рӯи моҳияташон даҳшат набуда, аз рӯи натиҷаҳояшон даҳшатнок мебошанд. Ғазолӣ як чанд мисолҳо оварда, ду адади онҳоро муфассалан муҳокима мекунад. Яке аз онҳо хавфи он аст, ки номи одам метавонад баъди марг ҳамчун одами бадқаҳр боқӣ монад, ӯ инро хотимаи бадқаҳрона меномад. Дар дигар ҳолат ҳамчун инсони бадқаҳр одам табиатан ба вуҷуд омадааст. Инро Ғазолӣ «бидояти бадқаҳрона» номидааст [18, с.310].

2) навъи дуюм, одамонеро дар бар мегирад, ки аз ашёи даҳшатнок метарсанд, ба мисли хавфи рӯзи қиёмат, оташи дӯзах ва ё аз Ҳақ пинҳон будан (ал-ҳиҷоб) ва охирӣ ҳамчун хавфи олитарин барои суфиён хос аст, дар ҳоле ки он ду аввалӣ ба одамони солеҳ хос мебошанд.

Аз ин ду навъи хавф, ба андешаи Ғазолӣ, ду сатҳи хавф аз Ҳақ бармеояд: аввалан, ин хавфи омма дар назди уқубати илоҳӣ дар охират аст, зеро он натиҷаи беэҳтиётӣ ва заъфи имон аст; дуюм, хавфи пӯшида будан аз Ҳақ ва маҳрум мондан аз қурби илоҳӣ. Дар воқеъ ҳам, он касе ба авҷи қуллаи илму

дониши худ Ҳақро мешиносад, ки аз рӯи зарурат аз Ӯ метарсад ва чунин инсон ба муҳите, ки хавфро ба вуҷуд оварад, эҳтиёҷе надорад. Ғолибан инсон аз зарурате метарсад, ки оё ӯ инро мехоҳад ё не? Ҳамин тариқ, ҳар касе Ҳақро мешиносад, медонад, ки Ӯ он кореро анҷом медиҳад, ки мехоҳад мутобиқи он аз Ӯ хавф баранд [18, с.313-320].

Ҳамчун дар нисбати дигар фазилатҳои суфиёна, Ғазолӣ саъй кардааст нишон диҳад, ки хавф дар асоси таълимоти исломӣ дар назди Ҳақ сазовори ситоиш аст, аз ин рӯ, ӯ аз оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар, пешгузаштагон ва донишмандони пешин оид ба ин мавзуъ иқтибос меоварад. Аммо баррасӣ аз нигоҳи ақлонӣ дар ин самт, ба ақидаи Ғазолӣ, усули муҳимтарин мебошад, зеро бо чунин баррасӣ нишон дода мешавад, ки хавф хуб аст ва он барои чӣ хуб аст. Баррасии ақлонӣ нишон медиҳад, ки афзалияти чизе ба қувваи дар оянда ба қурби Ҳақ оваранда бояд мутаносиб бошад. Ин ҳадафи ниҳоӣ метавонад танҳо замоне амалӣ шавад, ки муҳаббату иштиёқи амалҳои дунявӣ тамоман аз дил решакан шуда бошанд. Ин корро замоне метавон анҷом дод, ки инсон тамоми шавқу рағбатҳои пасту сифлиашро зери назорат қарор дода бошад. Дар ин ҳолат тобеъ намудани шавқу хоҳишҳо тавассути хавф беҳтар ба даст меояд [18, с.321].

Болотар ёдовар шудем, ки Ғазолӣ хавфро аз рӯи мартаба баъди умед медонад. Аммо, бояд иқрор шуд, ки барои ӯ хавф аз умед дида муҳимтар аст, ҳамчунон ки нон аз хамр беҳтар аст, яъне барои он ки итоат накардан ва худфиребӣ сифатҳои нисбатан ҳукмронтари инсоният мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар баррасиҳои худ дар бораи хавф ҳамчун фазилати суфиёна Ғазолӣ нишон медиҳад, ки он бо умед алоқаманд мебошад ва ҳар дуи онҳоро ӯ на танҳо ҳамчун фазилати суфиёна, балки воситае медонад, ки ба суфӣ дар расидан ба дигар фазилатҳои асосӣ мусоидат мекунанд. Аз дигар тараф, Ғазолӣ ҳеҷ кадоме аз умеду тарсро бо дигар фазилатҳо алоқаманд накардааст ва нишон надодааст, ки кадоме аз фазилатҳо бояд баъд аз онҳо биоянд. Ба ҷои ин, Ғазолӣ ба баррасии «фақр» ба сифати фазилати шашуми асосии суфиёна, оғоз намудааст.

Агар Маккӣ «зуҳд»-ро манзили шашум меҳисобад, ки аз баъди «хавф» (тарс) меояд ва «фақр»-ро ҳамчун як қисми он баррасӣ менамояд, пас Ғазолӣ «фақр» ва «зуҳд»-ро ҳамчун фазилатҳои алоҳидаи суфиёна, ки паси ҳам меоянд, баррасӣ намудааст [18, с.223-224]. Аз ин рӯ, Ғазолӣ «фақр»-ро баъди «хавф» ва қабл аз «зуҳд» тасниф кардааст. Аммо мутафаккир онро дар китоби 4, рубъи IV якҷоя бо «зуҳд» баррасӣ карда, робитаи зичи байни онҳоро нишон медиҳад: ҳар дуи онҳо бо худи ҳамон як предмет, яъне вуҷуд надоштани моликияти дунявӣ сарукор доранд [18, с.327]. Барои фарқ кунонидан байни фақр ва зуҳд, Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки суфии ҳақиқӣ бояд аз ашёи дунявӣ руй гардонида, робитаҳои худро куллан бо самтҳои ҳаётӣ қатъ гардонад. Ин кор аз ду роҳ сурат мегирад: ё ки неъматҳои моддӣ умуман вуҷуд надоранд, ки ин фақр аст, ё ки инсон дидаву дониста аз онҳо рӯй мегардонад, ки ин зуҳд мебошад. Дар ин маънӣ фақр ҳамчун «вуҷуд надоштани ашёи зарурӣ» баррасӣ мешавад. Агар ашёи зарурӣ вуҷуд дошта бошанд ва ё онҳоро инсон метавонад ба даст оварад, он гоҳ чунин инсонро наметавон фақир ҳисобид.

Ба андешаи Ғазолӣ, ба истиснои Ҳақ ҳама фақиранд. Ақаллияти мардумон (яъне суфиён), аз ҷумла, бояд дарк намоянд, ки ҳама барои вуҷуд доштан ва ҳифзи худ эҳтиёҷ ба Ҳақ доранд, танҳо Ӯ ғанӣ аст ва Ғазолӣ ин ҳолатро «фақри мутлақ» меномад. Сарфи назар аз ин, ӯ тасдиқ менамояд, ки нияти ӯ на муҳокимаи фақри мутлақ, балки баррасии як навъи маҳдуди фақр ва маҳз вуҷуд надоштани «моли зарурӣ» мебошад. Инсон замоне фақир аст, ки имкони гирифтани молеро надорад, ки барои ғизо хӯрдан зарур мебошад. Аммо фақр ба мисли фазилат танҳо маънои мол надоштанро ифода намекунад ва фақир аз чунин вазъи худ метавонад қаноатманд ё ноқаноатманд бошад. Муносибати олӣ ва нисбатан маҳмуд нисбат ба фақр - он чизест, ки Ғазолӣ онро ҳолати бепарвоӣ ба молу сарват медонад. Инсон барои доштани мол бепарво ё фақир бошад, на қаноатманд мешавад ва на таассуф мехӯрад, зеро сарфи назар аз он ки ӯ соҳибмол аст ва ё не, ӯ аз ғами ҷамъ кардани сарват озод аст.

Аз дидгоҳи Ғазолӣ ғанӣ ба он маъност, ки дар воқеъ танҳо Ҳақ Ғанӣ будан метавонад. Ҳолати бепарвоӣ тавсифи инсонест, ки дар ҷустуҷӯи Ҳақ ва қаробат бо Ӯ бошад, зеро ӯ ба ғайр аз Ҳақ чизи дигаре надошта, ба ғайри Ӯ бо ҳеҷ чизе машғул нест. Бад дидани неъматҳои дунявӣ ва ҷустуҷӯ кардани онҳо маънои бо чизе ғайри Ҳақ машғул шуданро дорад. Аммо бадбинии молу сарват метавонад бо бепарвоӣ ва баъдан бо қурби Ҳақ иваз шавад, дар ҳоле, ки ҷустуҷӯи молу сарват инсонро аз Ҳақ дур месозад.

Фақрро, ки аз нигоҳи муҳаққиқони муосир «эҳтиёҷ ба зарурӣ»-ро мефаҳмонад, Ғазолӣ бо ғановат муқоиса карда, онро сатҳи балантарини фазилат меҳисобад. Ҳатто агар одами сарватманд саховатманд буда, аз молу амволаш ба фақирон тақсим намояд ҳам, ӯ аз фақир поинтар аст, зеро доштани молу сарват одамро бо корҳои заминӣ саргардон сохта, ӯро аз корҳои нисбатан шарифтар дур мегардонад. Дар воқеъ, молу сарват муҳаббатро ба ин дунё афзун мегардонад, аммо фақр инсонро водор мекунад, ки аз дунё дур гардад ва онро зиндоне ҳисобад, ки бояд ҳар чи зудтар аз он раҳо шавад [18, с.341-343].

Ҳарчанд Ғазолӣ таъкид мекунад, ки тамоми фазилатҳои суфиёна аз се унсур - аз илм, ҳол ва амал иборатанд, ӯ робитаи инҳоро бо фақр зикр намекунад ва ин фазилатро «ҳол» наменомад. Аммо ин маънои онро надорад, ки фақр фазилати суфиёна набошад, зеро мутафаккир мавҷудияти се унсуреро дар назар дорад, ки шарти фақрро ташкил медиҳанд. Фазилати фақр донистани онро тақозо мекунад, ки Ҳақ сарманшаи тамоми ашё ва ба онҳо таъсиргузор мебошад, аз ин рӯ, инсон набояд фақрро бад бинад. Ин талаби ҳадди ақал, минималии дилхоҳ шахсест, ки ба сӯи фақр саъй мекунад. Болотар аз ин қаноатмандӣ бо фақр мебошад ва инсони сатҳи боло саъй мекунад, ки фақир бошад ва бо фақри хеш қаноатманд бошад, зеро ӯ хавфу хатари сарватмандиро дарк мекунад. Аммо он чӣ ба амал дахл дорад, ҳеҷ гоҳ набояд аз фақри худ шиква кард, балки онро бояд пинҳон намуд. Ҳар он касе, ки фақрро меҷӯяд, набояд дар андешаи зиёдтар ё камтар кардани молу сарват бошад, ӯ бояд он чизеро бидиҳад, ки аз доираи талаботи бевоситаи якрӯзаи ӯ

зиёд аст, онро бояд ба одамони эҳтиёҷманд тақсим карда, саъй кунад, ки амволаш аз эҳтиёҷоти якрӯза зиёд набошанд. Дар баъзе ҳолатҳо чунин шахс метавонад барои чиҳил рӯз ва ё аз ҳама бештар барои як сол мол ҷамъоварӣ кунад [18, с.344-350].

Тарзи оддии фақр ин қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ, меҳнат кардан аст. Аз сабаби он ки суфиён дорои масъулияти болотару муҳимтаранд, Ғазолӣ ба онҳо иҷозат медиҳад, ки меҳнат накарда, эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонанд. Инро бо яке аз ду роҳ метавон анҷом дод: 1. Суфиён метавонанд ҳадяҳоро қабул намуда, дар бораашон савол надиҳанд. Ҳадяҳоро қабул намуда, суфӣ бояд мутмаин бошад, ки ӯ барои қабули онҳо дар сатҳи лозима омода буда, дар ивази он ҳеҷ гуна масъулиятро бар дӯш намегирад. Аммо он чи муҳимтар мебошад, суфӣ бояд ки ин ҳадяро ҳамчун ҳадяи Ҳақ баррасӣ намояд, на аз шахси атокунанда, ки танҳо воситаест дар саховати илоҳӣ. 2. Суфиён метавонанд эҳтиёҷоти худро ба мисли гадоён бо гадоӣ кардан қонеъ гардонанд. Ғазолӣ таъкид мекунад, ки дар ҳолатҳои сахт эҳтиёҷ доштан иҷозат дода мешавад, ки талаботи худро аз роҳи гадоӣ қонеъ гардонанд, зеро ин маънои қонеъ набудан аз амри илоҳӣ ва паст омадани инсонро дар назди ғайри Ҳақ дорад. Аммо суфии фақир вақти гуруснагӣ метавонад ғизо ва дар вақти беморӣ дору гадоӣ кунад, аммо ӯ ҳақ надорад, ки чизҳои номуҳим ва дуюмдараҷаро гадоӣ кунад. Чунонки маълум мегардад, Ғазолӣ бо даъватҳои худ ба гадоӣ кардан, таълимоти суфиёнро, ки аз назари маънавиёт хеле баланд аст, каме бо ахлоқи номатлуб олуда месозад, зеро ба ақидаи мо, аксарияти суфиён гадоии маънавӣ - талаб кардан аз Ҳақро тарғиб мекунанд, на талаб аз одамонро.

Ҳамин тариқ, фақр, аз нигоҳи Ғазолӣ, ҳамчун фазилати суфиёна маънои онро надорад, ки инсони фақир метавонад аз аҳли фазилат бошад. Ғолибан, ин талаб мекунад, ки инсон муносибати дуруст карданро бо корҳои дунявӣ бояд бидонад ва шартҳои дар боло зикршударо иҷро намояд. Ғазолӣ барои таъкид намудани муҳиммияти фазилати фақр дар бораи сифоти фақри донишмандон ба таври муфассал маълумот додааст. Сарфи назар аз ин, ба

андешаи ӯ, факр танҳо барои касе метавонад фазилат бошад, ки ҳамеша ба мол эҳтиёҷ дорад. Ин гуна шахс пасттар аз инсони комил аст, ки дорои мол буда, аз он руй гардонидааст. Ин зуҳд аст, ки минбаъд Ғазолӣ ба таҳқиқи он машғул мешавад.

Зуҳдро Ғазолӣ яке аз фазилатҳои шарифи суфиёна номида, онро манзиле меҳисобад, ки онро низ тибқи се қисматҳои таркибии фазоили суфиёна, яъне илм, ҳол ва амал таҳлил намудан зарур аст. Зуҳд барои ин мутафаккир он қадар муҳим аст, ки дар китоби «Мунқиз мин аз-зилол» ба он таваҷҷуҳи хосса дода, нишон додааст, ки фазилатҳои суфиёна чӣ гуна бояд аз худ карда шаванд [12, с.97].

Зуҳд, аз нуқтаи назари Ғазолӣ, донишро нисбати камоли ашё тақозо мекунад, то ки тамоюли нисбиро аз ашёи пасту сифлӣ ба сӯи олӣ тавлид намояд. Аммо ин дониши умумӣ мебошад, ки зуҳди умумиро ба вуҷуд меоварад, ки барои бисёр чизҳо як хел истифода мешавад. Барои амалӣ кардани зуҳд ҳамчун фазилати суфиёна бояд донист, ки ҳаловати қурби Ҳақ ва олами охират бешумор, собит ва воқеъӣ аст, аммо ҳаловати ин дунё танҳо гузаро ва ваҳм мебошад [18, с.370].

Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки истилоҳи зуҳд махсусан дар нисбати ҳол истифодашаванда мебошад, ҳарчанд ки дар нисбати илм низ зарурӣ мебошад. Ӯ сатҳҳои гуногуни зуҳдро дар асоси сифатҳои мусбат фарқ мекунад. Даст кашидан аз ҳамаи онҳо, ба истиснои қурби Ҳақ, зуҳди мутлақ мебошад. Поинтар аз он тарк кардани неъматҳои дунё ба хотири охират мебошад. Тарки дунё кардан ва хоҳиши дигар чизҳо кардан ин зуҳд нест, ҳарчанд, ки ҳамчун роҳи тарбия дорои баъзе фазилатҳо мебошад. Тарк кардани наҳй (инкор) ва ҳамоқат (аблаҳӣ) зуҳд нест, зеро фазилати суфиёнаи зуҳд танҳо ба тарк кардани наҳй дахл дорад. Илова бар ин, наҳй бояд дар ҳудуди дастрасии солик бошад, дар ҳолати акс ҳолати ноқобилии ӯ барои ба даст овардани ашёи муайян сурат мегирад, вале он бо зуҳд алоқаманд намегардад. Амалҳое, ки аз сифати мусбати зуҳд бармеоянд, худдорӣ аз лаззати ашё, тарк кардани онҳо ва машғул шудан бо корҳои муносибтар

мебошад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи Ғазолӣ, дар тафовут аз фақр, ба сатҳи зуҳд танҳо ҳамон касе расида метавонад, ки соҳиби неъматҳои дунявӣ бошад. Илова бар ин ки Ғазолӣ зуҳдро аз фақр фарқ мекунад, ӯ тафовутҳои онро аз дигар фазилатҳое низ, ки метавонанд ба таври хато ба фақр мансуб дониста шаванд, нишон медиҳад. Барои мутафаккир зуҳд танҳо тарк кардани молу сарват ва тақсим кардани он ба хотири саховатмандӣ мебошад. Ғолибан, он тарки дунё кардан ба хотири арзиш надоштани он ва ба мақсади ба охират таваҷҷуҳ доштан мебошад. Молу сарват додан ба хотири саховатмандӣ, масалан, метавонад ҳам аз ҷониби онҳое бошад, ки танҳо бо ин дунё машғулӣ доранд ва ҳам аз онҳое, ки саодатро дар охират меҷӯянд, аммо зуҳдро метавонанад танҳо онҳое ба даст оваранд, ки таваҷҷуҳашонро ба саодат дар он дунё равона карда бошанд [18, с.384].

Барои тақвият додани моҳияти зуҳд дар фаҳмиши ахлоқӣ-ирфонӣ, Ғазолӣ ба суханҳои Абусулаймон ад-Доронӣ рӯ овардааст: «Мо дар бораи зуҳд бисёр шунидаем. Ба андешаи мо, зуҳд рӯ гардонидан аз ҳама чиз ғайри Худо аст» [18, с.384]. Ҳамин тариқ, маънои ба хотири Ҳақ тарки дунё кардан ин бо қалби саршор аз хотираҳо ва андешаҳо ба сӯи Ҳақ гузаштан мебошад. Аммо хотираҳо дар бораи Ҳақ ва андешаҳо дар бораи бузургии Ӯ то замоне имкон дорад, ки инсон зинда аст, ҳаётро низ метавон то замоне ҳифз кард, ки инсон дорои воситаҳои ҳадди ақал (минималӣ) барои зиндагӣ бошад. Аз ин рӯ, инсон худро бо он ашёи дунявие маҳдуд менамояд, ки ҳаёти ӯро ҳифз мекунанд ва ният дорад, ки ҳаёти худро барои амалияи динӣ истифода намояд, пас чунин инсон дар ҳақиқат ҳам зоҳиде мебошад, ки куллан бо Ҳақ машғул аст.

Ғазолӣ номгӯи ғизоҳо, сарулибос ва хонаҳоро меоварад, ки барои тарзи ҳаёти зоҳидона зарурӣ мебошанд ва дар бораи он, ки шумораи минималии ҳар кадоми он, ки дар замони кутоҳтарин ба даст оварда шуда, бо зуҳди ҳақиқӣ мувофиқат менамоянд, маълумот додааст. Зоҳиди ҳақиқӣ, ба андешаи Ғазолӣ, ҳатто як қисми ғизоро барои шом боқӣ намегузорад [18, с.410]. Маҳз

барои ҳамин, ӯ сатҳи олии мансаби соликро таъкид карда, тавассути таваккул ба Ҳақ ба камол мерасад. Ғазолӣ бевосита даъво мекунад, ки имон ба Ҳақ ҳамчун фазилати суфиёна ҳатман баъди зуҳд ба даст меояд [18, с.412].

Тавҳид ва таваккул низ, тибқи консепсияи Ғазолӣ, аз фазилатҳои суфиёна мебошанд. Мо ин ду мафҳумро дар робита бо ҳам таҳқиқ хоҳем кард, зеро Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки аввалӣ асоси дуюмӣ мебошад, яъне тавҳиди илоҳӣ илмест, ки таваккулро тавлид намуда, ба ҳол мувофиқат менамояд. Тавҳид он аст, ки на танҳо мафҳуми таҷридии тавҳиди илоҳӣ, балки ҳолати дарки тавҳиди илоҳиро низ мефаҳмонад. Ҳамин тариқ, тавҳидро ҳамчун сифати алоҳидаи тавҳиди илоҳӣ тасниф намуда, Ғазолӣ онро ҳамчун як қисмати фазилати суфиёна баррасӣ менамояд. Ин бо мавқеи ӯ дар «Китоби арбаъин фи усули-д-дин» ва ақидаҳои суфии писандидаи ӯ Ал-Маккӣ мувофиқат менамояд, аммо бо он далелҳое, ки мутафаккир дар китобаш овардааст, мавқеи Ғазолӣ бо дигар муаллифони суфимашраб низ, мисли Қушайрӣ ва Ҳиравӣ мувофиқат менамояд, танҳо бо ин тафовут, ки онҳо тавҳидро ҳамчун манзили мустақил ҷудо кардаанд [67, с.218].

Ғазолӣ тавҳидро ҳамчун илми тавлидкунандаи таваккул баррасӣ карда, тасдиқ менамояд, ки одамон ба чаҳор гурӯҳ тақсим мешаванд: 1. Онҳое, ки тавҳидро бар забон оварда, дар қалбашон имон надоранд. 2. Онҳое, ки дар заминаи нуфуз ва анъана имон овардаанд, яъне онҳое, ки лафзи «ло илоҳа илло-л-лоҳ»-ро ба мисли аксарияти мусулмонҳо бо иззати икром бо забон такрор мекунанд. 3. Онҳое, ки тавассути тафаккури дискурсивӣ ва тавассути имон тасдиқ кардаанд, ки Ҳақ сабаби аввалини тамоми махлуқот, нури ҳадс, интуитсия мебошад. 4. Ахиран, онҳое, ки то дарки он расидаанд, ки чизе ба ҷуз Ҳақ вуҷуд надорад. Қалби онҳо саршори муҳаббати Ҳақ буда, ҳатто худро дарк намекунанд. Ин ҳолати онҳоест, ки содиқ буда, ба марҳалаи фано (ҷаннат фи ат-тавҳид) расидаанд, зеро онҳо танҳо Ҳақро мебинанд ва ба ҳеҷ чизе ғайри Ҳақ, ҳатто ба худашон таваҷҷуҳ намекунанд.

Аз чор сатҳи имондории зикршуда оид ба тавҳид, аз назари Ғазолӣ, охиринаш сатҳи олитарин мебошад, аммо аз сабаби он ки охирӣ ба шинохти

ваҳӣ дахл дорад ва бо сабаби он ки имон ҳамчун фазилати суфиёна ба тавҳид танҳо бо ин сатҳи дониш асос наёфтааст, Ғазолӣ дар атрофи он бо чунин сифат баҳс намекунад. Дар сатҳи мансаби якум ва сифлӣ бошад, танҳо мунофиқӣ вуҷуд дорад, дар сатҳи дуюм шахси муъмин дорои ҳамон мақом аст, ки аксари муъминон онро доранд. Ҳарчанд ки сатҳи дуюми имон аз ҷониби илоҳиётшиносон мавриди баҳс қарор дорад, Ғазолӣ тасдиқ менамояд, ки он ҳеҷ гоҳ наметавонад фазилати суфиёнаи имонро тавлид намояд. Маҳз сатҳи сеюм ҳоли мусбати имонро ба вуҷуд оварда, дар он Ҳақ ягона фоил мебошад ва инсон дар амалҳои худ ягона роҳест, ки тавассути он ба сӯи Ҳақ амал мекунад. Ҳамин тариқ, фазилати суфиёнаи таваккул, дар таълимоти Ғазолӣ, ҳамчун таваккул ба Ҳақ фаҳмида мешавад [18, с.422]. Аз сабаби он, ки ин илм танҳо ба сӯи тобеияти содалавҳона ишора мекунад, тавҳид бояд имонро ба он таъкид кунад, ки Ҳақ холиқи тамоми мавҷудот мебошад ва тамоми олам арсаи беҳтарини имкон аст ва ҳеҷ чизеро ба он барои комилтар шудан наметавон илова ё кам кард [18, с.425].

Донистани илми тавҳид, ки бо Ҳақ ва бо имон дар бораи комил будани олами мавҷуда муттаҳид гаштааст, аз нигоҳи Ғазолӣ, ҳоли таваккул ба Ҳақ ва ё таваккули қалб ба Ҳақро тавлид мекунад. Ҳамин ки инсон яқин донист, ки Ҳақ ягона қозӣ мебошад ва Ӯ ҳуқуқи салтанат ва ҷаҳондорӣ дар болои инсонро дорад ва раҳмат дорад, он гоҳ қалби инсон куллан ба Ҳақ таваккул мекунад.

Барои шарҳ додани амале, ки дар натиҷаи он ҳолати мусбат пайдо мешавад, Ғазолӣ се сатҳи таваккулро тавсиф намуда, аз ҳаёти рӯзмарра мисолҳо меоварад: 1. Таваккул ба Ҳақ метавонад робитаи байни одам бо фақеҳро ба хотир оварад, ки баҳси онҳоро тасаввур менамояд. Ин сатҳи заифтарини таваккул аст, зеро инсон ҳамеша як қисми кори муҳомӣ, ҳимояшавандаро тафтиш ва омода месозад. 2. Чунин шакли таваккул ба Ҳақ робитаи кӯдакро бо модараш ба хотир меоварад, зеро кӯдак танҳо модарашро медонад ва танҳо ӯро барои кӯмак мехонад. Инсоне, ки ба Ҳақ чунин итминон мекунад, ӯ танҳо комилан ба Ҳақ бовар мекунад. 3. Сатҳи

олитарини таваккул ба Ҳақ инсонеро тавсиф мекунад, ки яқинан раҳмати илоҳиро эътироф мекунад, ки боиси ҳеҷ шакку шубҳа набуда, худро мурдае меҳисобад, ки бе иродаи Ҳақ ҳатто ҷунбидан ҳам наметавонад. Ин инсон бо сабаби имони худ барои ҳеҷ чизе ба Ҳақ муроҷиат намекунад, дар ҳоле, ки инсони сатҳи дуюм метавонад ба Ӯ муроҷиат карда, хоҳиши худро танҳо аз Ҳақ талаб намояд [18, с.445]. Дар ин ҷо Ғазолӣ, аз диди мо, таваккулро ба як шакли оддию кӯр-кӯрона такя кардан ба Ҳақ табдил додааст, ки дар назди аксарияти аҳли тасаввуф қобили қабул нест.

Дар ин самт Ғазолӣ инчунин масъалаи онро ба миён мегузорад, ки то кадом андоза афкори шахсии инсон дар бораи имон ба Ҳақ ва тавҳид бо ҳам мувофиқат менамоянд, зеро сатҳҳои гуногуни имон ба Ҳақ, ки дар боло зикр шуданд, бояд дар амалҳои муайян ифода ёбанд. Ин масъала дар сатҳи пасту сифлӣ пайдо намешавад, зеро инсон дар ин сатҳ худро гӯшту устухони дасти Ҳақ меҳисобад. Фикри шахсӣ метавонад ба сатҳи дуюм ворид шавад, аммо амали ягонае, ки инсон дар намоз аз Ҳақ анҷом додан метавонад, иборат аз муроҷиат кардан ба Ӯ ҷиҳати кӯмак мебошад. Саъю талошҳои шахсӣ дар сатҳи сифлии таваккул доманаи васеъ доранд, чунонки инсон барои ҳамкории мизоҷ бо ҳимоятгар, адвокати худ мекунад. Чунин фаъолият ба боварии ӯ бо адвокат мухолифат надорад, зеро бовар надоштан ба ӯ сабаби ҷустуҷӯ кардани мусоидат ба каси дигар мегардид ва Ғазолӣ таъкид мекунад, ки боварии инсон тарк кардани ҳама амалҳоро талаб намекунад. Дар айни замон он амалҳое, ки аз эҳсоси ҳокимият ва ё назорат бар ҳодисаҳо бармеоянд, бо имон ба Ҳақ мувофиқат наменамоянд. Ғолибан инсон бояд ҳама корҳоеро анҷом диҳад, ки аз уҳдаашон мебарояд, аммо натиҷаи он ҳамеша аз иродаи илоҳӣ вобаста мебошад [18, с.447].

Мувозинати байни амалҳои инсонӣ ва имон ба Ҳақро, ба андешаи Ғазолӣ, метавон вобаста аз ҳадафҳое дақиқ кард, ки инсон ба сӯи онҳо саъй дорад. Ин (1) ҳимояи он чизест, ки барои мавҷудият фоида дорад, (2) ҳифз намудани он чизе аст, ки алаккай онро инсон дорад, (3) ҳимоя аз бадиест, ки ба вуқуъ омадани он дар оянда имкон дорад ва (4) муқовимат кардан бо бадӣ

дар ҳоли ҳозир мебошад [18, с.447]. Муҳокимаҳои муфассали ин навъи амалҳо нишон медиҳад, ки баъзан имон ба Ҳақро Ғазолӣ танҳо аз донистани он иборат медонад, ки ашё аз Ӯ бармеоянд, дар ҳоле ки эътимод ҳол ва амалро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, ҳамчун фазилати суфиёна боварӣ ба Ҳақ тамоми амалҳоро бидуни тафтиш инкор намекунад, ғолибан, танҳо онҳоеро инкор мекунад, ки инсон бо онҳо ҷиддан мухолиф буда, дар чунин амалҳои худ ба Ҳақ таваккул кардааст. Аммо, ба қавли Ғазолӣ, имони бузурги инсон метавонад ба ӯ зарар низ расонад [18, с.455].

Бо сабабҳои болозикр, як қатор амалҳои ҷиддии инсонро бо имон ба Ҳақ ҳамчун фазилати камтарини одамон қабул карда, Ғазолӣ тахмин мекунад, ки суфие, ки ба сатҳи олии ин фазилат расидааст, ҳамеша худро ҳамчун ашёи нодаркор дар дастони Ҳақ тасаввур мекунад. Дар ин маънӣ имон ба Ҳақ фазилати муҳимтарини суфиёна буда, усулеро ба вуҷуд меоварад, ки бисёриҳо аз он барои расидан ба фазилатҳои суфиёна ва барои мутобиқат бо фазилатҳои илоҳиётӣ ниҳоят муҳим медонанд ва ба онҳо дар фаслҳои ибтидоии диссертатсия ишора карда шуд.

Ҳамин тариқ, таваккул ба Ҳақ , ки яке аз принсипҳои асосии тасаввуф, ки ҳанӯз дар асри IX дар таълимоти Шақиқӣ Балхӣ низ вуҷуд дошт, [220, с.95] суфиро таълим медиҳад, ки тамоми фаъолияти худро ба ризогии Ӯ ва худро комилан ба пешгӯиҳои Ӯ равона созад. Ғазолӣ имон ба Ҳақро ҳамчун охирин фазилат қабл аз муҳаббат баррасӣ намудааст. Ҳарчанд ки ӯ расман даъво намекунад, ки баъди ин фазилат ҳатман бояд муҳаббат биояд, вале ӯ дар ҳар се асарҳои суфиёнааш муҳаббатро маҳз баъд аз имон гузоштааст [18, с.505].

Ғазолӣ муҳаббатро баъд аз таваккул гузошта, аз усули ал-Маккӣ, ки рифаҳ дар он баъд аз таваккул омада ва баъд аз он муҳаббат омадааст, дур мешавад. Барои Ғазолӣ қаноат, шавқ ва қурб натиҷаи муҳаббат, яъне маҳсули он мебошанд: «Бидон ки уммат иҷтимоъ кардаанд, ки дӯстии Худо ва пайғомбари Ӯ фарз аст. Ва чизе, ки вуҷуд надорад чӣ гуна фарз бошад ва дӯстӣ чӣ гуна бо тоат тафсир карда шавад? Ва тоат табъ ва самараи дӯстӣ аст. Пас чорае нест аз он ки дӯстӣ мутақаддам бошад, он гоҳ пас аз он дӯстро тоат

дорад» [18, с.508].

Дар воқеъ, Ғазолӣ китоби шашум, рубъи чаҳоруми «Эҳёу улуми-д-дин»-ро «Китоби муҳаббат, саъй, қурб ва қаноат» номида ва аз ин роҳ тартиби нисбии онҳоро ба ин фазилатҳои суфиёна мансуб дониста, мафҳуми муҳаббатро баррасӣ менамояд. Аммо сарфи назар аз ин, ӯ бо ал-Маккӣ розӣ мешавад, ки «Муҳаббат ба Худо ҳадафи ниҳоӣ ва ҳолати олӣ мебошад» [18, с.508] ва таъкид менамояд, ки ҳама чизи берун аз доираи муҳаббати Ҳақ буда, ба монанди ғаму андуҳ, қурб ва ё қаноат, чизи дигаре ба ҷуз маҳсули он нест, аммо ҳолатҳои қаблии он, аз қабили тавба, сабр, зуҳд ва ғайра, ки болотар зикр кардем, танҳо ба сӯи Ҳақ меоваранд ва инсонро ба ин омода месозанд.

Бо сабабҳои болозикр, муҳаббат, ки баъзе муҳаққиқони муосир онро ҳамчун муҳаббат ба ҳама навъҳои зебоӣ дар тасаввуф шарҳ додаанд, ба ҳайси фазилати суфиёна ҳамчун муҳаббат ба Ҳақ фаҳмида мешавад. Ба андешаи Ғазолӣ, ин муҳимтарин ва зиддиятноктарин фазилати суфиёна мебошад. Баъзе мутафаккирони мусулмон имкони мавҷудияти муҳаббатро дар нисбати Ҳақ мавриди шубҳа қарор дода, оид ба номумкин будани созиши чунин ақидаҳо бо таълимоти исломӣ сухан гуфтаанд. Аз ин рӯ, қабл аз он, ки ба таҳлили чунин фазилати муҳим гузарад, Ғазолӣ зарур дониста аст, ки мувофиқати онро бо ислом муайян намояд. Агарчи Арасту тасдиқ мекунад, ки дар байни инсон ва Ҳақ муҳаббат вуҷуд дошта наметавонад, зеро масофаи байни онҳо ниҳоят бузург аст, далели Ғазолӣ дар муқобили онҳое, ки муҳаббат ба Ҳақро инкор менамоянд, қабл аз ҳама, ба муқобили мусулмонони анъанавӣ ва баъзе илоҳиётшиносон равона гардидааст [42, с.8.7.]. Ин мутафаккирон оятҳои қуръонӣ - «Ӯ онҳоро дӯст медорад ва онҳо низ Ӯро дӯст медоранд» ва «Онҳое, ки имон овардаанд, муҳаббати бештаре ба Худо доранд»-ро тафсир карда, ҳамаи инро на ифодакунандаи муҳаббат, балки ба ҳайси ягон қарзи дигар, ба мисли итоат кардан (гӯш додан) маънидод кардаанд [18, с.508]. Чунин мутафаккирон тасдиқ мекунанд, ки муҳаббат ба Ҳақ вуҷуд дошта наметавонад, зеро муҳаббат танҳо дар байни одамон вуҷуд дорад. Ҳақ бошад, аз ҳамаи онҳо ниҳоят баланд аст, то ки

чунин эҳсосоти одамонро ба вуҷуд оварда тавонад. Ба андешаи Ғазолӣ, чунин тафсири муҳаббат аз назари итоат ба роҳгумӣ оварда мерасонад, зеро итоат маҳсул ва натиҷаи муҳаббат мебошад ва муҳаббат қабл аз он аст. Ӯ дар ин самт ба оятҳои зикршуда, ҳадисҳои зиёди дигар ва ба андешае такя мекунад, муҳаббат ба Ҳақ мувофиқати иҷмоъ дар ислом буда, аз фароизи динӣ мебошад. Ғазолӣ бовар мекунонад, ки муҳаббат ба Ҳақ на танҳо бо таълимоти динӣ зид нест, балки тақозои он мебошад.

Барои таърифи комил додан ба муҳаббат бояд донист, ки чунин муҳаббат умуман чӣ маъно дорад, шартҳои он чӣ гунаанд ва ахиран, истифодаи он нисбат ба Ҳақ чӣ тавр бояд сурат гирад. Он чизеро, ки инсон дар олам дарк мекунад, Ғазолӣ ба се қисм тақсим кардаст: 1) он чизе, ки бо табиати инсон мувофиқат буда, мушоҳидаи он қаноатмандӣ ва баъдан муҳаббатро ба вуҷуд меоварад; 2) он чизе, ки ба ҳолати табиии инсон мухолифат мекунад ва барояш дарду алам меоварад, аз ин рӯ, нодиданӣ аст; 3) он чизе, ки миёна аст ва пас, онро на дӯст медорӣ, на ӯро бад мебинӣ. Инсони дорои ахлоқи солим ҳар чизи лаззатбахшро дӯст хоҳад дошт ва дар ҷустуҷӯи он хоҳад буд ва ҳар чиро, ки бад мебинад, аз он дур мешавад.

Бо сабабҳои мазкур «муҳаббат майли ат-табъ буда, ба сӯи чизе равона аст, ки лаззат мебахшад» [18, с.509]. Панҷ шакли объектҳои лаззатбахши муҳаббат вуҷуд доранд, яъне онҳое, ки панҷ навъи эҳсоси мо онҳоро маърифат мекунанд. Чунин ҳисро метавонанд ҳама ҳайвонот низ дошта бошанд. Агар чунин ҳиссиёт - муҳаббат вуҷуд намедошт, наметавонистем, ки Ҳақро дӯст дорем, зеро ҳисҳо наметавонанд Ӯро маърифат намоянд ё дар шакли сурат (образ) тасаввур кунанд. Аммо ҳисси шашум ҳам вуҷуд дорад, ки инсонро аз ҳайвон фарқ мекунонад. Инро метавон «ақл» ё «нур» ё ки «қалб» ва ё чизи дигар номид. Ин басирати ботинӣ мебошад ва зебоие, ки қабул мешавад аз онҳо болотар аст. Дарки ин восита қавитар ва зебоие, ки он идрок мекунад, бештар аст. Шодии дил аз мушоҳидаи объектҳои олии илоҳӣ мебошад, аз ин рӯ, онҳо болотар аз онанд, ки тавассути панҷ ҳис идрок мешаванд [18, с.513]. Ба ибораи дигар, муҳаббат ба Ҳақ тавассути қалб сурат

мегирад.

Ғазолӣ дар осори ахлоқии худ панҷ навъи муҳаббатро баррасӣ намудааст:

1. Ҳар як навъи ҳайвон пеш аз ҳама худро дӯст медорад. Худдӯстдорӣ чунин маъно дорад, ки аз рӯи табиати худ ҳар мавҷуде хоҳиши идома додани насли худ ва аз марг гурехтанро дорад. Аз сабаби он, ки он чи табиат дӯст медорад, барои дӯстдор дилписанд мебошад ва барои ҳар кас чизе писандтар аз худаш вуҷуд надорад, инсон худашро дӯст медорад ва аз марг на танҳо аз алам ва ё уқубати оянда метарсад, балки тарс аз он аст, ки марг ба мавҷудияти ӯ хотима мегузорад. Ин муҳаббат ба таври табиӣ дар камолоти мавҷудияти инфиродӣ ва ҳама чизи дигаре, ки барои ҳифз намудани ин камолот мусоидат мекунад, интишор меёбад. Ҳамин тариқ, аввалин муҳаббати ҳар як инсон ба худаш, баъдан ба солимии аъзоҳои баданаш, молу сарват, фарзандон, хешу табор ва дӯстонаш равона аст. Ин ҳама ба он маънӣ дӯст доштанӣ ҳастанд, ки мавҷудият ва камолоти инсон аз онҳо вобаста мебошад. Ғазолӣ ҳамчун мисол онро меоварад, ки муҳаббати инсон ба фарзандонаш тавассути муҳаббат ба худи худаш пайдо мешавад. Ӯ мегӯяд, ки инсон фарзандонашро барои он дӯст медорад, ки ӯ аз онҳо манфиате набинад ҳам, онҳо баъди ӯ мавҷудияташро идома медиҳанд. Канданашавандагии насл як навъи канданашавандагии мавҷудияти худ мебошад. Сарфи назар аз ин, агар инсон танҳо ҳамин майли табииро ба роҳбарӣ мегирифт, маҷбур буд, ки ҳолати байни марги худ ва марги фарзандашро ихтиёр намудан, ӯ мавҷудияти худро интихоб кунад, на мавҷудияти фарзанди худро, зеро ҳаёти фарзандаш танҳо ҳаёти худи ӯро ба хотир меоварад [18, с.518] .

2. Навъи дуюми муҳаббат ин манфиат (фоида) мебошад. Инсон онеро дӯст медорад, ки барояш манфиатбахш бошад, масалан, ӯ метавонад ношиносеро дӯст дорад, ки бо ӯ ягон навъи робитаи хунӣ надорад. Ин объекти дуюми муҳаббат танҳо ба воситаҳои мавҷудияти худаш дахл дорад. Муҳаббат ба ин воситаҳо чунин аст, ки баъди ба мақсадаш расидан, фоида дидан, воситаҳо маънояшонро, яъне арзиши худро гум мекунанд.

3. Инсон метавонад чизи дигареро, ба ғайри худ, барои худаш дӯст дорад, на барои ягон манфиати дигаре, ки метавонад аз он бигирад. Ин муҳаббат худ ба худ барояш саодат меоварад. Ин муҳаббати ҳақиқӣ ва комил мебошад, зеро объекти он берун аз мавҷудияти шахсии ӯ қарор дорад. Масалан, зебоӣ бо чунин роҳ дӯст дошта мешавад, зеро дарки зебоӣ лаззат мебошад, ки онро ба хотири худи он дӯст медоранд, на барои қонеъ гардонидани хоҳишҳои физикӣ. Сабза, оби равон ва зани зебо худ ба худ объекти дӯстдоштанӣ мебошанд, илова бар он ки барои зинда мондани худи инсон манфиатнок мебошанд [18, с.519].

4. Инсон умуман зебоиро дӯст медорад. Истилоҳи «зебоӣ»-ро метавон нисбати ашёе низ истифода кард, ки тавассути аъзоҳои ҳис, инчунин дар шаклҳои мавзун ва дилписанд дарк намешаванд. Маънои зебоии ягон чиз ин аст, ки дар он на чизе, балки камоле вуҷуд дорад. Масалан, вақте ки мо дар бораи хулқи хуби инсоне сухан мегӯем, мо сифатҳои хуби ӯро мадди назар дорем, ки онҳоро на тавассути ҳисҳо, балки тавассути басирати ботинӣ дарк менамоем. Ҳамин тариқ, ҳар касе, ки авлиё ё паёмбарро дӯст медорад, ӯро барои зебогии хулқаш дӯст медорад.

5. Навъи панҷуми муҳаббат - робитаи пинҳонӣ, махфие (ал-муносаба ал-хифиййа) мебошад, ки дар байни ду инсон, на барои зебоӣ ва ё афзалияти (ҷамоли) ягон касе, балки ба таври истисноӣ дар натиҷаи зебоӣ ва ё қаробати маънавии байни онҳо вуҷуд дорад [18, с.516].

Агар ягон инсон дорои ҳар яке аз панҷ сифат мебуд, ки муҳаббатро ба вуҷуд меоваранд, ӯ муҳаббати бештареро ба вуҷуд меоварад. Аммо ин панҷ сифат танҳо дар Ҳақ дар шакли комил ҷамъ омадаанд. Пас, дар маънои ниҳоӣ танҳо Ҳақ объекти муҳаббат шуда метавонад, зеро ҳарчанд одамони алоҳида метавонанд объекти муҳаббати яке аз панҷ навъи он бошанд ва он ки ҳар як инсон муҳаббатро бо панҷ тарз бедор карда метавонад, ваҳми маҳз мебошад [18, с.539].

Ғазолӣ панҷ навъи мазкури муҳаббатро нисбати Ҳақ истифода карда, ба чунин хулоса расидааст: аввалан, он ба муҳаббати инсон ба мавҷудияти

худаш дахл дорад, яъне он касе, ки худ ва Ҳақро мешиносад, мутлақан медонад, ки мавҷудияти ӯ, зинда мондан ва камолоти ӯ танҳо аз Ҳақ вобаста мебошанд. Ҳеҷ чизе худ ба худ вуҷуд доштан наметавонад. Агар инсон Ҳақро дӯст надорад, ин барои он аст, ки ӯ онро фаҳмида наметавонад, ки ӯ худашро дӯст медорад.

Сониян, инсон мефаҳмад, ки Ҳақ ҳадафи ниҳоии тамоми неъматҳо мебошад, аз ин рӯ, шавқи манфиат инсонро бояд ба муҳаббати Ҳақ оварда расонад. Дар чунин фаҳмиш инсон танҳо нисбати худаш меҳрубонӣ мекунад, на нисбати дигарон. Вақте ӯ ба дигарон медиҳад, ӯ барои подошу ҳадяҳо, масалан, барои ба биҳишт рафтан саъй мекунад. Пас, ҳеҷ як инсон ҳуқуқи онро надорад, ки барои амалҳои хайр ва дӯстдошта аз дигарон сипосгузор бошад, зеро маҳз Ҳақ барояш чунин имконро фароҳам меоварад, ки амал намояд ва аз сабаби он, ки ӯ амалҳои хайрро анҷом медиҳад, ӯ дар ҳақиқат ҳам саъй хоҳад кард, ки барои худ манфиате пайдо намояд.

Сеюм, муҳаббати ҳақиқӣ ба соҳиби хайр бидуни интизор шудани ҳадяи хайр аз тамоми офариниш ва махлуқон мебошад. Ғазолӣ якчанд мисолҳоро дар бораи иродаи хайри Ҳақ ҳамчун намуна оварда, мепурсад, ки чӣ гуна бахшандаи хайр ба ҷуз Ҳақ метавонад буд?

Чорум, он чӣ ба муҳаббат ба зебоӣ фақат ба хотири зебоӣ дахл дорад: ҳар касе, ки паёмбар ва авлиёро дӯст медорад, онҳоро на ба хотири зебоии зоҳирии онҳо, балки ба хотири зебоии ботиниашон дӯст медорад, ки аз рафтор ва хулқи ӯ бармеоянд. Аммо дар ҳақиқат ҳам сифатҳои зебо, ки чунин зебоии ботиниро ташкил медиҳанд, дар ҳолати нисбатан комили худ танҳо ба Ҳақ мансубанд. Махлуқ будан, худ маънояш нокомил будан аст, зеро тамоми камолҳо ба ҷуз Ҳақ нисбӣ мебошанд.

Панҷум, қаробати маънавӣ бар ягон чизи дидашаванда ва пинҳонӣ, мастур асос ёфтааст. Ғазолӣ мегӯяд, ки робитаи қаробат дар миёни инсону Ҳақ низ вуҷуд дорад, вале онро аз сабаби надоштани ваҳй наметавон шарҳу баён кард, танҳо инсон аст, ки метавонад ин ҳолати олии суфиёнаро аз сар гузаронад, танҳо ӯ метавонад «завқи» муҳаббатро ба Ҳақ дар асоси

қаробаташ бо Ӯ эҳсос намояд. Аммо Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки ин навъи муҳаббат дар анъанаи паёмбар маҷозӣ мебошад, зеро пайёмбар гуфтааст: «Бандаи ман бо амалҳои гуногун саъй мекунад, ки ба ман наздик шавад, то вақте ӯро дӯст бидорам, вақте ки ман ӯро дӯст доштам, ман он гӯше хоҳам шуд, ки бо он мешунавад, чашме хоҳам шуд, ки бо он мебинад, забоне хоҳам шуд, ки бо он сухан мегӯяд» [18, с.546].

Ин муҳокимаҳои Ғазолиро дар бораи объектҳои муҳаббат дар маҷмуъ чӣ гуна метавон нисбати муҳаббат ба Ҳақ истифода кард? Дар шакли муфассал гузаронидани муҳокимаҳо дар ин самт нишон медиҳад, ки чӣ гуна Ғазолӣ манбаъҳои ғайрисуфиёнаро барои баёни фазилатҳои суфиёна истифода мебарад. Равшан аст, ки ӯ онҳоро барои шарҳ додани муҳаббат низ истифода кардааст. Барои дидани чӣ гунагии систематизатсия ва шарҳи фазилатҳои суфиёна кифоя аст, ки тавсифи муҳаббатро дар таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Ғазолӣ бо тавсифи ал-Маккӣ муқоиса намоем [18, с.571]. Аммо файласуфон дар ин самт муҳаббатро на ҳамчун фазилат, балки ҳамчун шавқ баррасӣ менамоянд [43].

Дар бораи муҳаббат ба Ҳақ ҳамчун фазилати суфиёна ба андеша рафта, Ғазолӣ нишон медиҳад, ки маҳз ҳамин фазилат, на ягон фазилати дигар, чӣ гуна метавонад на фақат фазилати оддии суфиёна бошад, балки ба олитарин фазилати суфиёна табдил ёбад. Бо ин мақсад мутафаккир ин шавқи муҳаббатро ба Ҳақ тавассути шакли олии маърифат, яъне шинохти Ӯ мувофиқ мегардонад.

Дар мубоҳисаҳои худ оид ба муҳаббат ба Ҳақ Ғазолӣ ошкоро се унсури таркибии суфиёна - илм, ҳолат ва амалро зикр намекунад. Аммо андешаҳои ӯ оид ба робитаи зарурии байни илм ва муҳаббат ба Ҳақ, ки бо таърифи ӯ табиӣ ба назар мерасанд, майли мусбат мебошанд  ва қиссаҳои мутафаккир дар бораи рафтори онҳое, ки муҳаббатро аз сар гузаронидаанд, нишон медиҳанд, ки ин се унсур дар баррасии ин фазилати суфиёна низ дар назар гирифта шудаанд. Унсури илм шоёни таваҷҷуҳи хоса мебошад, зеро ҳарчанд ки илм, ба андешаи Ғазолӣ, унсури тамоми фазилатҳои суфиёна мебошад, ба

дарачаи эҳсосшаванда дар мубоҳисаҳои ӯ оид ба муҳаббат ба Ҳақ мушоҳида мешавад ва ҳатто андешаи ботинӣ будани илм талқин мешавад, ки онро дар китоб навиштан имконнопазир аст. Аз ҷониби дигар, Ғазолӣ бо фазилатҳои суфиёнаи мустақил сару кор надорад, ки онро «илм» номидан мумкин бошад, ҳамчунон ки ин амалро Қушайрӣ анҷом додааст [75, с.601-609].

Вақте ки Ғазолӣ дар бораи маърифати Ҳақ сухан мегӯяд, илми назариявии интиуитивиро дар назар дорад, ки шодиовар ва қаноаткунанда буда, бо марг интиҳо намеёбад [18, с.589]. Ӯ ду роҳро, ки ба ин илми олӣ оварда мерасонанд, аз ҳам фарқ мекунад: 1) роҳи онҳое, ки дар фаҳмиш ва ихлос қавитар буда, сараввал Ҳақро шинохта, баъдан тавассути Ӯ дигар ашёро мешиносанд; 2) роҳи заифон, ки сараввал умури Ҳақ ва тавассути онҳо ботадриҷ ба маърифати Холиқ боло мебароянд. Роҳи аввал, ба андешаи Ғазолӣ, илми ботинӣ мебошад, ки онро наметавон дар навишту китобат шарҳ дод. Ҳарчанд, ки ӯ роҳи дуюмро заиф ҳисобад ҳам, мегӯяд, ки дар ҳақиқат ҳам ин роҳ ниҳоят мушкил мебошад. Ин роҳро метавон тавассути тафаккур шинохт, ки раҳоиро аз хоҳишҳои заминӣ тақозо мекунад. Аз сабаби бениҳоят будани объектҳое, ки онҳоро бояд шинохт, ин раванд ҳеҷ гоҳ ба итмом намерасад, аммо он метавонад муҳаббат ба Ҳақро тавлид намояд.

Ғазолӣ инчунин таъкид мекунад, ки метавон ба муҳаббати Ҳақ танҳо дар ин дунё расид, ки он дар охират ба инсон саодати абадиро замонату кафолат медиҳад. Саодати олӣ марҳалаҳоеро ба вуҷуд меорад, ки ба неруи муҳаббати инсон ба Ҳақ мутаносиб мебошанд. Дидани Ҳақ (руъят Аллоҳ) ин саодати олитаринест, ки агар муҳаббати инсон ба Ҳақ ба авҷи олии худ бирасад, ин гуна инсон метавонад дар охират ба он бирасад.

Тасфияи қалб аз ашёи моддӣ, аз нигоҳи Ғазолӣ, тавассути омӯхтани амиқи ҳаёти суфиёна ба даст меояд. Вақте ин кор анҷом ёфт, маърифати ҳама он чизе, ки ба Ҳақ дахл дорад, воситаи таъмин намудан, ҳифз кардан ва тақвият бахшидани муҳаббат ба Ҳақ мегардад.

Аз ҷониби дигар, аз нуқтаи назари Ғазолӣ, аз сабаби он ки одамон бо саъю талош ба амалҳои дунявӣ ва қобилиятҳои худ дар соҳаи илм фарқ

мекунанд, табиист, ки онҳо дар муҳаббат бо Ҳақ низ аз ҳам фарқ доранд. Муҳаббат ба Ҳақ ва хоҳиши амалҳои дунявӣ одамро ба тарафҳои гуногун мекашанд, аз ин рӯ, муҳаббат ба Ҳақ вақте зиёда мешавад, ки хоҳиши ашёи дунявӣ ба ҳадди камтарин расонида шавад. Умуман, мутобиқати маълуме байни муҳаббати Ҳақ ва илм вуҷуд дорад: ҳар қадар, ки инсон Ӯро бештар мефаҳмад, ҳамон қадар муҳаббаташ зиёд мешавад [18, с.591]. Пас, яке аз сабабҳои муҳаббати нокомил ба Ҳақ заъфи донишҳои инсонӣ дар бораи Ӯ мебошад. Агар Ҳақ аз ҳама ашё табиитар бошад, он гоҳ илм дар бораи Ӯ бояд аз ҷиҳати замон аввалитар ва қабули он осонтар бошад. Алалхусус ки чунин ҳолат вуҷуд надорад. Сабаби ин, ба андешаи Ғазолӣ, он аст, ки маърифати Ҳақ дар инкишофи инсон дертар, пас аз он меояд, ки ӯ алаккай дорои одатҳои ахлоқӣ ва ақлӣ гардидааст. Илова бар ин, ақл ниҳоят оҷиз мебошад, то ки бузургӣ ва ҳашамати Ҳақро, ки ҳама чизро мунаввар мегардонад, دониста гирад. Ба назар аҷиб менамояд, ки далелҳои мавҷудияти Ҳақ сабаби махфӣ, пинҳонӣ будани Ӯ мебошанд. Аммо одатан ашё тавассути зидҳо дониста мешаванд. Агар баъзе ашё ба мавҷудияти Ҳақ далолат кунанд ва баъзеи дигар Ӯро инкор карда бошанд, барои мо дидани ин тафовутҳо осонтар мебуд. Агар офтоб ҳеҷ гоҳ намебаромад ва мо дар таҳти нурҳои абадӣ қарор медоштем, мо ҳаргиз наметавонистем дар бораи офтоб чизе бидонем, аммо мо дар бораи ин тавассути инкор кардани торикӣ маълумот мегирем [18, с.596]. Пас, суфие, ки нияти ҷустуҷӯи фазилати олитарини суфиёна, яъне муҳаббат ба Ҳақ кардааст, ба маърифати Ӯ баъди он мерасад, ки аллакай нафси худро аз муҳаббати ҳама чиз, ба ғайри Ҳақ пок гардонида бошад.

Барои фарқ кардани ишқи ҳақиқӣ аз муҳаббати мушоҳидашаванда Ғазолӣ шумораи зиёди нишонаҳоро меоварад. Масалан, инсоне, ки дар ҳақиқат ҳам Ҳақро дӯст дошта, хоҳиши дидани Ӯро дорад, пас, аз марг ҳам натарсида, Ӯро дӯст хоҳад дошт. Бадбинии марг нишонаи нокомил будани муҳаббат ба Ҳақ мебошад. Аммо ҳолати ягонае вуҷуд дорад, ки инсони Ҳақдӯст метавонад маргро дӯст надошта бошад, ин вақте аст, ки ӯ ҳанӯз

омодагӣ барои дидани маъшуқро надошта, мехоҳад, ки дар амалияи ирфонӣ хубтар омода шуда, баъдан бо Ӯ мулоқот намояд. Ҳар касе Ҳақро дӯст дорад, ӯ аз хоҳишҳои худаш дида, ба иродаи Ӯ афзалият медиҳад ва аз Ӯ итоат карданро ҳамчун ризоият қабул мекунад. Дар ҳақиқат ҳам, ҳар касе Ҳақро дӯст дошта бошад, ӯ узлату танҳоиро дӯст медорад, то ки дар чунин шароит дар бораи Ӯ ба андеша равад ва қаноатмандиро дар танҳоӣ ва ғаму андӯҳро дар муоширaт бо дигарон бинад. Чунин инсон одамонеро дӯст хоҳад дошт, ки ба Ҳақ итоат менамоянд ва ҳама мункирону душманони Ӯро бад мебинанд [18, с.597-601].

Нишонаҳои гуногуни муҳаббати ҳақиқӣ ба Ҳақ ва намунаву мисолҳое, ки Ғазолӣ дар бораи чӣ гуна муҳиббони Ӯ рафтор мекунанд, овардааст, нишон медиҳанд, ки дараҷаҳои гуногуни дӯстдории Ҳақ вуҷуд доранд. Аммо мутафаккир ба он нишонаҳои гуногуни муҳаббати ҳақиқӣ ба Ҳақ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки бар илми Ӯ асос ёфтаанд. Маҳз ҳамин муҳаббат ба Ҳақ аст, ки фазилати олитарини суфиёна мебошад. Вақте ки ин муҳаббат ба Ҳақ дастрас шуда бошад, он муҳиббро ба дидани Ҳақ дар охират мебарад, ки сатҳи баландтарини саодати мутлақ, болотар аз саодати биҳишт мебошад. Маҳз ҳамин робитаи ду сатҳи саодати мутлақ, аз саодати биҳиштӣ болотар аст ва маҳз дар бораи робитаи ин саодати мутлақ Ғазолӣ сухан мегӯяд, ки он ду шакл дорад: муҳаббат ба Ӯ танҳо барои бузургии Ӯ ва муҳаббат ба Ӯ барои он ки Ӯ накӯкори ҳақиқӣ мебошад [18, с.602].

Аммо нисбати масъалаи он ки оё Ҳақ бандаҳои хешро дӯст медорад, мавқеи Ғазолӣ тағйирёбанда аст. Ӯ эътироф мекунад, ки оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ вуҷуд доранд, ки дар онҳо дар бораи муҳаббати Ҳақ ба бандагонаш сухан меравад, ки каме болотар ҳам онҳоро зикр намудем: «Ӯ онҳоро дӯст медорад ва онҳо низ Ӯро дӯст медоранд». Ғазолӣ ба муқобили илоҳиётшиносон ва мутафаккирони анъанапарасте баромадааст, ки саъй кардаанд муҳаббат ба Ҳақро ҳамчун итоат ба Ӯ шарҳу тафсир намоянд. Ғазолӣ тасдиқ мекунад, ки оид ба масъалаи муҳаббати Ҳақ ба махлуқонаш - калимаи муҳаббат метавонад, ки дорои дигар маъно бошад. Ин чунин аст,

зеро ҳама алфозе, ки мо истифода мебарем, дорои маъноҳои гуногун дар нисбати Ҳақ мебошанд ва нисбат ба Ҳақ онҳоро танҳо ба маънои маҷозӣ метавон истифода кард. Муҳаббати инсон эҳтиёҷот ва нуқсонҳоро дар назар дорад, ки нисбат ба Ҳақ онҳоро наметавон истифода бурд, зеро Ӯ ба таври абадӣ ҳомили ҳама камолот, ҳама зебоиҳо ва ҳама бузургиҳо мебошад. Аз ин рӯ, Ҳақ танҳо Худро дӯст медорад. Он чизе дар нисбати муҳаббати Ҳақ бар бандагонаш гуфта шудааст, бояд дар маънои маҷозӣ ва истиорай (рамзӣ) фаҳмида шавад, яъне маънояш ин аст, ки Ҳақ ҳиҷобро аз дилҳо мебардорад, то онҳо тавонанд, ки Ӯро бишиносанд ва ба Ӯ наздик шаванд. Муҳаббати Ҳақ ба инсон маънояш ин аст, ки Ӯ инсонро ба худ наздик мегардонад, маъсиятҳояшро бо дуоҳои инсон бартараф карда ва нафси ӯро покиза намуда, ҳиҷобро мебардорад, то ин ки ӯ тавонад, ки бо басирати ботинӣ Ӯро мушоҳида кунад [18, с.605].

Ин муҳокимаҳо оид ба муҳаббати Ҳақ ба инсон равшан мегардонанд, ки маҳз муҳаббат ба Ӯ мавзуи олитарин дар консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Ғазолӣ мебошад, на муҳаббати Ҳақ ба инсон. Аз ин рӯ, Ғазолӣ танҳо фазилатҳои суфиёнаеро боқӣ мемонад, ки аз муҳаббати Ҳақ ба инсон бармеоянд. Аз фазилатҳои махсусе, ки аз муҳаббат ба Ҳақ маншаъ мегиранд, Ғазолӣ шавқ, қурб ва қаноатро ном бурда, онҳоро бо тартиби махсус баррасӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили фазилатҳои суфиёна нишон медиҳад, ки онҳо аз ҷониби Ғазолӣ бо истифода аз усули ақлонӣ-назариявӣ тавсифи сегонаи фазоил номида шудаанд. Мутафаккир ҳамчунин ба дигар таълимоти фалсафӣ, аз қабили тафовути байни қувваҳои равонии инсон, аз як ҷониб ва қаҳру ғазаб, аз ҷониби дигар, такя карда онҳоро асоси фазилатҳои суфиёна шумурдааст, махсусан онҳоеро, ки бо ҳолатҳои нафс марбутанд аз зумраи фазоили мусоидаткунандаи суфиёна ҳисоб мекунад. Возеҳ аст, ки мавқеи «назариявӣ»-и Ғазолӣ ба фазилатҳои суфиёна аз анъанаи фалсафӣ маншаъ мегирад. Аммо қисмати зиёди вижагиҳои муҳокимаҳои Ғазолӣ ва он, ки ин фазилатҳоро ба тартиб табақабандӣ намуда, онҳоро ҳамчун ҳолат ва ё

ҳолатҳои маънавӣ баррасӣ менамояд, ҳама ин ба анъанаи суфиён мансуб аст, ки Ғазолӣ худро аз зумраи онҳо меҳисобад.

Хулоса, таҳлили консепсияи Ғазолӣ оид ба фазилатҳои марказии ахлоқӣ-ирфонӣ ё фазоили суфиёна (тавба, сабр, шукр, умед, тарс, фақр, зуҳд, тавҳид, таваккул ва муҳаббат) нишон медиҳад, ки ӯ аз сифатҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ ва ё ахлоқӣ, таълимоти динӣ ва шавқу рағбатҳои инсонӣ истифода карда, ин фазилатҳоро аз муҳтавои аввалаи худ таҷрид (абстрасия) мекунад ва истилоҳоти суфиёнро дар роҳи ҷустуҷӯи қаробат ба Ҳақ тағйир медиҳад. Аз ҷумла, принсипи аввалини консептуалии ӯ дар ин самт, яъне тавба ин амалияи динии ниҳоят машҳури исломӣ мебошад, ки Ғазолӣ онро берун аз ҳудудҳои аввалияи динӣ инкишоф додааст, то ки онро ба фазилати суфиён табдил диҳад. Фазилати суфиёнаи олӣ бошад, барои Ғазолӣ муҳаббат ба Ҳақ мебошад, аммо аз ҷониби дигар, он шавқи инсонист, ки моҳияташро файласуфон мавриди муҳокима қарор додаанд, вале ҳаргиз онро ба дараҷаи фазилат набаровардаанд. Ғазолӣ дар маънои қабулшудаи фалсафӣ аз ин шавқ оғоз карда, онро ба сӯи объекти нав - Ҳақ равона мегардонад ва ҳамин тариқ онро то ба дараҷаи фазилати олитарин мерасонад, ки онро инсон метавонад дар ин ҳаёт ба даст оварда, дар роҳи қурб ба Ҳақ раҳсипор гардад. Дар ин роҳ муҳаббат ба Ҳақ барои Ғазолӣ на танҳо мафҳуми этикию эстетикист, балки воситаи ягонаи ҳадсию гносеологиест, ки барои маърифати Ҳақиқат хизмат мекунад.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳлилҳо дар диссертатсия нишон доданд, ки таълимоти умумиахлоқии Газолӣ дар осори гуногуни ӯ, махсусан дар «Эҳёу улуми-д-дин», «Меъёру-л-илм», «Мизону-л-амал» ё «Меъёру-л-амал», «Кимиёи саодат» ва ғайра инъикос ёфта, ҷавҳари онро консепсияи фазилати инсон ё андешаҳо дар бораи фазилатҳои ахлоқӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар таснифоти илмҳои ӯ ҷойгоҳи илми ахлоқ дар миёни илмҳои дигар баландтар дониста шудааст. Ғазолӣ таҳти таъсири Ибни Сино илми ахлоқро аз сиёсату-л-мудун мустақил дониста, худи ахлоқро чун амалҳое медонад, ки ба ҳадафҳои олии инсон алоқаманданд ва ҳам аз нафси писандида ва ҳам аз нафси нописандида бармеоянд, Хулқ хусусияти фитрӣ дошта бошад ҳам, нақши тарбия низ дар такомули инсон баланд мебошад. Дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ нақши фазилатҳо муҳим дониста шуда, ӯ чор фазилати асосиро ҷудо намудааст - ҳикмат, шуҷоат ва иффат (эътидол), ки ба қувваҳои зеҳнӣ (ақлӣ), ғазабӣ ва шаҳвоният мутаносибанд. Вазифаи фазилати чорум - адолат дуруст ҷойгир кунонидани қувваҳои болозикр дар муносибат ба якдигар буда, тамоми фазилатҳои боқимонда ба он тобеъ мебошанд.

Ғазолӣ тасаввуфро ҳамчун роҳи олӣ ва ягонаи расидан ба саодати ҳақиқӣ шинохта, бо истифода аз усулҳои таҳқиқи навафлотунӣ ва равоқии фалсафӣ фазилатҳои суфиёнаро ҳамчун фазоили «манозил» ва ё «мақомот» номидааст, ки ҳамчун «сифоти наҷотбахш» дар самти камолоти маънавии инсон нақши муҳимро иҷро мекунанд. Баррасии фазилатҳои суфиёна аз ҷониби ин мутафаккир инчунин собит месозад, ки дар ин ҷо бо этикаи равонии навъи махсусе сару кор дорем, ки ҳадафи асосии он қаробат ба Ҳақ мебошад. Ин қаробат ё наздикӣ тавассути фазилатҳои кӯмаккунанда - ният, ихлос, сидқ муроқиба (ҳушёрӣ), муҳосиба (худтаҳлилкунӣ) ва тафаккур ба даст меояд. Фазилатҳои марказии ахлоқӣ-ирфониро (тавба, сабр, шукр, умед, тарс, фақр, зуҳд, тавҳид, таваккул ва муҳаббат) Ғазолӣ аз муҳтавои аввалаи

онҳо таҷрид (абстрасия) мекунад ва истилоҳоти суфиёнро ба сӯи объекти нав - Ҳақ равона месозад, ки миёни онҳо муҳаббат ба Ҳақ фазилати олитарин мебошад.

Дар маҷмуъ, баррасии консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Ғазолӣ ба чунин хулосаҳо меоварад:

1. Ғазолӣ дар таълимоти ахлоқии худ, дар маҷмуъ ва дар консепсияи фазилати инсон, хусусан, фазилатҳоро бо истифода аз анъанаҳои фалсафӣ, динӣ ва ирфонӣ баррасӣ ва таҳлил мекунад. Ӯ дар доираи ҳар як анъана чӣ будани фазилатҳоро шарҳ дода, ҳар кадоми онҳоро аз ҷиҳати назариявӣ, аз назари таълимоти динӣ ва ирфонӣ дар чунин шакл асоснок менамояд, ки минбаъд тавонад онҳоро дар доираи таҷдиди консепсияи умумии фазилати инсон бо дигар фазилатҳое, ки аз анъанаҳои дигар гирифта шудаанд, синтез намояд. Тафсирҳои Ғазолӣ ба масъалаҳои муҳокимашуда нишон медиҳад, ки шарҳи васеъ ва муфассали се анъана дар фаҳмиши фазилатҳо (динӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ), ки дар ин диссертатсия муфассалан баррасӣ шуданд, барои фаҳмидани тавсифҳои асосии назария оид ба таркиби фазилатҳо хеле заруранд **[1-М]; [4-М]**.

2. Ғазолӣ дар умум фазилатҳои фалсафиро эътироф дошта, муфид будани онҳоро дар роҳи ба даст овардани саодат дар кул эътироф мекунад. Ин эътирофи ибтидоӣ мебошад, аммо баъдан мутафаккир самтҳои алоҳидаи ин фазилатҳоро тавассути даровардани тағйироти мушаххас ба баъзеи онҳо ва бо илова намудани баъзеи унсурҳо ба фазилатҳои дигар дигаргун месозад. Ҳадаф аз ин ҳама ворид кардани тағйирот он буд, ки Ғазолӣ мехост, то фазилатҳои фалсафиро барои иҷрои нақше омода созад, ки куллан аз вазифаҳои пештараи онҳо дар назарияи фалсафӣ-ахлоқӣ фарқ дорад. Фазилатҳои дар таълимоти Ғазолӣ қабулшуда ба системаи ахлоқии васеътаре ҳамроҳ карда шуданд, ки он ҳам унсурҳои фалсафӣ ва ҳам ғайрифалсафиро дар бар мегирад. Масалан, шуҷоат ҳамчун фазилати фалсафӣ аз маънои ҷасорат дар майдони ҷанг реша мегирад, вале Ғазолӣ ба он тамоми қувваҳои ҳайвонии инсонро тавассути қувваи ақлӣ - фазилате, ки бо таҳзиби нафси

инфиродӣ алоқаманд аст, тобеъ гардонидааст. Айнан ҳамин тавр, Ғазолӣ фазилати «саховат»-ро ҳам дар анъанаҳои фалсафӣ ва ҳам динӣ ба сатҳи пасттар мерасонад, то ки барои «фақр» ҳамчун фазилати олӣ дар анъанаи ирфонӣ ҷой холӣ намояд. Ин амал ба фаҳмиши ахлоқӣ, ки дар маҷмуъ аз илми сиёсат новобаста аст, ишора намуда, бо назарияи Ғазолӣ оид ба наҷоти инфиродӣ марбут аст **[2-М]**.

3. Саодат, аз нигоҳи Ғазолӣ, бояд на бо маънои таҳтуллафзӣ, балки бо маънои ботинӣ дақиқ карда шавад. Масалан, дар ин самт аз фазилати динӣ-ҳуқуқии «закот» ба фазилате, ки бо маънои ботинӣ «зуҳд» аст, метавон расид. Аз ин рӯ, барои Ғазолӣ саодати ҳақиқӣ «саодати ухравӣ» мебошад, вале баъзе неъматҳои дунявиро низ ӯ шаклҳои саодат номидааст, зеро онҳо барои саодати ухравӣ ҳамчун восита хизмат мекунанд. Дар ин росто, ҳама чизеро, ки ба инсон барои амалӣ гардонидани ҳадафи ниҳоӣ кӯмак мекунанд, ба маънои муайяне метавон саодат ҳисобид. Бо ҳамин сабаб, ҳар чор фазилати асосии фалсафиро метавон роҳҳои ба саодат расидан номид. Ғазолӣ таъкид мекунад, ки саодати ҳақиқӣ танҳо дар ҳаёти оянда дастрас аст ва ӯ дар ин маврид дар назар дорад, ки инсон бояд бимирад ва аз нав эҳё шавад, то ба ҳадафи ҳақиқии фазилатҳои худ бирасад **[4-М]**.

4. Аз диди Ғазолӣ фазилат (ё муқобили он - разилат) мавҷудияти инсонро бо марг қатъ мегардонад ва инсон дар натиҷаи ин вобаста ба он, ки дар вақти дар ҳаёт буданаш чӣ гуна фазилат ё разилатҳоро касб кардааст, ё ба саодати ухравӣ ё ба бадбахтии ухравӣ рӯ ба рӯ мешавад. Мутафаккир дар бораи саодати ухравӣ чунин ишора кардааст, ки ин мақсадест, ки инсон метавонад онро танҳо аз роҳи донишҳои солим ва амалҳои хайр ба даст оварад **[3-М]**.

5. Ғазолӣ қоил аст, ки ҳар касе, сарфи назар аз амалҳои пешинааш, метавонад ба саодат бирасад. Ӯ ишора мекунад, ки дар саодати ухравӣ табақабандие вуҷуд дорад, ки бо таҳзиби ахлоқии инсон мутобиқат менамояд. Саодати ухравиро метавон ба ду қисми бузург тақсим кард: сатҳи паст, сифлӣ ва нисбатан умумӣ, ки одатан онро биҳишт (ҷаннат) меноманд ва сатҳи олитарин ва нисбатан мушаххастари он - руъят, лиқо бо Ҳақ мебошад.

Ин ҳолатро Ғазолӣ ҳамчун лаззати олитарине тавсиф кардааст, ки инсонро маҷбур мекунад, ки дигар лаззатҳоро фаромӯш кунад. Ин сатҳи олитарини саховат буда, дар қиёс бо он дигар лаззатҳо чизе нестанд. Аз ҷониби дигар, саодатмандтарин инсон, аз диди мутафаккир, касест, ки дар ин дунё Ҳақро бештар дӯст дошта бошад **[1-М]**.

6. Саодати ухравӣ ҳадафест, ки фазилатҳо ба он равона шудаанд. Вобаста ба ин Ғазолӣ ҷои ҳар фазилатро дар консепсияи таҷдидкардаи худ муайян мекунад. Инро метавон дар тафовут гузоштан байни фазилатҳои аксарият ва ақаллият мушоҳида кард, ки фазилатҳоеро мефаҳмонанд, ки дар натиҷаи иҷрои таҳтуллафзии талабот пайдо мешаванд ва ё фазилатҳое, ки ба тавзеҳи ботинии аҳкоми мавҷуда мутобиқ мебошанд. Фазилатҳои аввалӣ аксариятро ба сӯи биҳишт, дуюмиҳоро барои ба даст овардани саодати олӣ - яъне, руъяти Ҳақ мерасонанд.

7. Дар консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Ғазолӣ фазилатҳо мутобиқи мувофиқаташон дар ҳосил намудани саодат ҷой карда шудаанд. Олитарини онҳо муҳаббат ба Ҳақ аст, ки инсонро ба сӯи саодати олӣ ва ё руъяти Ҳақ равона месозад. Аммо ин муҳаббат худ ба худ шакли дониш нест, ғолибан, ин мавқеъгирии мусбати шавқ ё натиҷаи шинохтани Ҳақ дар ин олам мебошад. Агар инсон хоҳиши дар оянда ба даст овардани саодати олиро дошта бошад, ба андешаи Ғазолӣ, ҳама донишҳо ва ҳама амалҳои ӯ бояд барои ба даст овардани фазилати муҳаббат ба Ҳақ равона карда шаванд. Аз ҷониби дигар, дар ин роҳ муҳаббат ба Ҳақ барои Ғазолӣ на танҳо мафҳуми этикию эстетикист, балки воситаи ягонаи ҳадсию гносеологиест, ки барои маърифати Ҳақиқат хизмат мекунад.

8. Консепсияи фазилати инсон дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ назарияи ниҳоят мураккаб буда, ба наҷоти инфиродӣ нигаронидашуда аст. Ин назария аз унсурҳои гуногун иборат буда, чунин фазилатҳоро дар бар мегирад: фазилатҳое, ки аз роҳи ақл касб шудаанд ва дар тобеияти он фазилатҳое қарор доранд, ки тавассути ваҳй маълуманд, ё худ, фазилатҳои зоҳирӣ тобеъи фазилатҳои ботинӣ буда, қисми зиёди онҳо ба ақаллияти мардум хос

мебошанд. Миёни онҳо фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ ё суфиёна вуҷуд доранд, ки ба онҳо инсон бо шарте расидан метавонад, ки фазилатҳои қаблиро низ ба даст оварда тавониста бошад. Дар умум, консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Ғазолӣ барои беҳбудии шахсият равона гардидааст. Он, қабл аз ҳама, ба наҷоти инфиродии инсон дар роҳи ба даст овардани саодати олӣ дар охират рабт дорад **[1-М]**; **[4-М]**.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар асоси таҳлил ва хулосаҳои баровардашуда оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зеринро метавон пешниҳод намуд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ба таври муфассал баррасӣ гардида, муайян карда шудааст, ки аксарияти фазилатҳои ахлоқие, ки ин мутафаккир муқаррар намуда ва шарҳу тавзеҳ додааст, аз рӯи ҳадаф динӣ ё ирфонӣ бошанд ҳам, аз рӯи моҳият хусусияти умумиахлоқӣ доранд. Аз ин рӯ, дар ҳалли масъалаҳои тарбияи насли наврас, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз мушкилоти ҷиддии замони муосир ба ҳисоб меравад, инчунин дар самти таҳким ва тақвияти ҳувияти миллӣ ва худшиносии ҷавонон, таблиғи арзишҳои ахлоқӣ-фалсафии ба фарҳанги миллӣ асосёфта онҳо метавонанд аз ҷониби муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, мақомоти дахлдори давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кул мавриди истифода қарор дода шаванд.

2. Таҳқиқи осори ахлоқии Муҳаммади Ғазолӣ нишон медиҳад, ки консепсияи фазилати инсон дар таълимоти ӯ бо истифода аз методу методологияи махсус, яъне омезиш додан ё синтез кардани фалсафа ва таълимоти ғайрифалсафӣ ташаккул ёфтааст. Дар ин самт низ каме дуршавиҳо дар таълимоти ин мутафаккир аз илмият ба назар мерасад, ки бо дарназардошти динию ирфонӣ будани низоми ахлоқии ӯ ва шароити асримиёнагии ҳаёти ӯ як амри табиӣ мебошад. Аммо дар таълимоти ахлоқии Ғазолӣ ҷанбаҳои зиёдеро низ пайдо кардан имкон дорад, ки бо истифода аз ҳамон методу методологияи болозикр ҳосил шуда, танҳо ба тарбияи ахлоқӣ дар

оила, ҷомеа ва наҷоти инфиродии инсон дар олами моддӣ тааллуқ доранд. Бо ин сабаб, тавсия мешавад, ки дар таҳқиқи минбаъдаи таълимоти ин мутафаккир аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла, бо истифода аз маводи диссертатсияи мазкур, танҳо ба ҳамон ҷанбаҳои он таваҷҷуҳ равона карда шавад, ки барои даврони муосир аҳаммияти назариявию амалӣ дошта бошанд.

3. Дар кори диссертатсионӣ мавод дар бораи марҳилаҳои гуногуни таърихии пайдоиш, таҳаввул ва рушди илми ахлоқ дар Юнони Қадим, Рими Қадим, Шарқи мусулмонӣ, инчунин ақидаҳо дар бораи моҳияти ахлоқ аз назари мактабҳои гуногуни фалсафӣ, аз қабили мактаби Афлотун, Пифагор, перипатетизми Арасту, навафлотуния, машшоияи шарқӣ, калом, тасаввуф ва ғайра баррасӣ шудааст. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки ин мавод на танҳо барои арзёбии нақш ва мақоми Ғазолӣ дар илми ахлоқ, балки маҷмуан дар таҳқиқи мероси ахлоқии ниёгон ва аз ҷиҳати амалӣ бошад, аз ҷониби масъулини тарбияи ахлоқӣ ва ниҳодҳои соҳаи маориф, ки фаъолияташон ҷиҳати боло бурдани тарбияи солими насли кишвар равона гардидааст, мавриди истифода қарор гиранд.

4. Таълимоти ахлоқии Ғазолӣ ва консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ бо таълимоти мутафаккирони зиёди тоҷик дар асрҳои миёна пайванди ногусастанӣ дорад, ки аз миёни онҳо Ибни Мискавейҳ ва Ибни Синоро махсусан таъкид кардан зарур аст. Таҳлили афкори онҳо нишон медиҳад, ки дар осори ҳар яке аз ин мутафаккирон ақидаҳои ахлоқӣ, қиссаҳо дар бораи рафтори ахлоқии шахсиятҳои барҷастаи он даврон хеле зиёд аст, ки метавонанд барои инсони муосир низ омӯзонанда бошанд. Аз ин рӯ, таҳияи як хрестоматия бо фарогирии ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла ҷанбаҳои мусбати таълимоти Ғазолӣ барои истифода дар раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот мувофиқи мақсад дониста мешавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо


1. Абу Хамид Мухаммад аль-Газали Ат-Туси, Возрождение религиозных наук. В десяти томах. Первая четвет «О видах поклонения». Том первый. Второе издание. Нурульиршад, Махачкала. 2011. -424 с.
2. Абу Ҳомид ал-Газолӣ. Бидоят ан-ниҳоя. - Бейрут, 1998. -176 с. (арабӣ).
3. Абу Ҳомид ал-Ғазолӣ. Мишкот ал-анвор фи тавҳид ал-ҷаббор. - Бейрут, 1994. - 104 с. (арабӣ).
4. Абу Ҳомид Муҳаммад ал-Газали ат-Туси. Наставление правителям и другие сочинения. Пер. с арабского. - М., 2004. - 302 с.
5. Абу Ҳомид Муҳаммад Ғазоли. Кимийа-е саодат. Т. 1-2. - Теҳрон, 1371х. (форсӣ).
6. Абу Ҳомид Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳатнома. - Теҳрон, 1326. (форсӣ).
7. Абу Али Ибн Сина. Избранное (в 2-х томах). Душанбе-Ашгабад. 2003 (перев. и комент. С. Сулаймони). 727с.
8. Абӯали ибни Сино, Осор. Ҷ. 2. Тарҷума аз арабӣ, таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти С. Сулаймонӣ, муҳаррири масъул Т. Мардонӣ, Душанбе, «Дониш», 2005.
9. Абуали Ибн Сино, Китобу-ш-шифо, ал-Қоҳира, 1969 м.
10. Абуали ибни Сино. Фи ал-аҳд (с.142-151) Фи илм ал-ахлоқ (с. 152-156)// Тисъа ар-расоил фи-л-ҳикмат ва табииёт, ал-Қоҳира, Амин Ҳиндия, 1326/1908.
11. Абуҳомид ал-Ғазоли. Таҳофут ал-фалосифа. - Қоҳира, 1972. - 371 с.
12. Абуҳомид ал-Ғазоли. ал-Мунқиз мин аз-зилол - Бейрут, 1993. - 48 с.
13. Абуҳомид Муҳаммад Ғазолӣ, Мизону-л-амал, таълиқа ва ҳошияи дуктур Алӣ ибни Мулҷам, Бейрут, Дору-л-мактабати-л-ҳилол, чопи аввал, 1995.
14. Абуҳомид Муҳаммад Ғазолӣ. Эҳёу улуми-д-дин, Рубъи ибодот (китоби аввал), тарҷумаи Муҳаййидуддини Муҳаммади Хоразмӣ ба кӯшиши Ҳусайн Хидевҷам. Пешгуфтор ва таҳияи кирилӣ аз А.Шамолов ва М.Ғиёсов, Душанбе, «ЭР-граф», 2008, -628 с.

15.Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ, Эҳёу улуми-д-дин, ҷ.1., Рубъи ибодот. Тарҷумаи Муайядуддин Хоразмӣ, ба кушиши Ҳусайн Хадивҷем, Теҳрон, 1375, чопи чаҳорум, - 765 с.
16.Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ, Эҳёу улуми-д-дин, ҷ.2., Рубъи одот. Тарҷумаи Муайядуддин Хоразмӣ, ба кушиши Ҳусайн Хадивҷем, Теҳрон, 1376, чопи чаҳорум, - 816 с.
17. Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ, Эҳёу улуми-д-дин, ҷ.3., Рубъи муҳликот. Тарҷумаи Муайядуддин Хоразмӣ, ба кушиши Ҳусайн Хадивҷем, Теҳрон, 1374, чопи саввум, - 886 с.
18. Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ, Эҳёу улуми-д-дин, ҷ.4., Рубъи ибодот. Тарҷумаи Муайядуддин Хоразмӣ, ба кушиши Ҳусайн Хадивҷем, Теҳрон, 1375, чопи чаҳорум, - 765 с.
19.Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ. Кимиёи саодат. ҷилди аввал -Душанбе: «Эр-граф», 2008. -670 саҳ. ва ҷилди дуввум -Душанбе: «Эр-граф», 2008. - 666 саҳ. таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Қудратбек Элчибеков.
20.Ал Газали Абу Хамид. Воскрешение наук и веры (Ихйа улум ад-дин). Избранные главы. Текст. /Пер. с араб. исслед. и коммент. В. В. Наумкина. -М.: Наука, 1980. -376 с.
21.Ал Газали Мухаммад. Избавляющий от заблуждения. Текст. / Пер с араб. А. Сагадаева // Григорян С.Н. из истории философии Средней Азии и Ирана VII- XII вв. - М.: Изд-во АН СССР, 1960. - С. 211- 266.
22.Ал Газали. Илм-и ладуни Текст. /Пер. А.А. Хисматуллина // Хисматуллин А.А. Суфизм. - СПб: ПБ, 1999. - С. 256- 266.
23.Ал-Газали Абу Хамид Мухаммад. Кимияи саодат («Эликсир счастья». - Часть 1: Унвани 1-4 Рукн. 1 Текст. /Пер. с перс. вступ.ст., коммент. и указ. А.А. Хисматуллина. СПб: Петербургское востоковедение, 2002. - (L11+332C).
24.Ал-Газали Абу Хамид. Воскрешение наук о вере. М.: Наука, 1980. -376 с.
25.Ал-Газали. Илм-и ладуни / Пер. А.А.Хисматулина // Хисматулин А.А. Суфизм. - СПб: ПВ, 1999 (русӣ).

26.Ал-Газали. Начало наставлений, на истинный путь. («Бидайат ал хидай-ат» Текст. / Пер. с араб. Шамиля ибн Омара. - Махачкала, 2000.
27.Ал-Газали. Начало наставления на истинный путь. («Бидайат ал-хидайат») Пер. с араб. Шамиля ибн Омара. - Махачкала, 2000. - 321с.
28.Ал-Ғазолӣ, Абу Ҳомид. Ал-мустасфа мин илм ал-усул. - Бейрут, 1322 г.х. - 330 с. (арабӣ).
29.Ал-Газали Абу Хомид. Тахофут-ал-фалосифа /Под ред. 3. Диноршоевой. - Душанбе, 2000. - 256 с.
30.Ал-Ғазолӣ Абу Ҳомид. Ал-Иқтисод фи-л-эътиқод. - Қоҳира, 1972.-67 с. ( арабӣ).
31.Ал-Ғазолӣ Абу Ҳомид. Мақосид ул-фалосифа. - Теҳрон, 1338.-253 с. (форсӣ).
32.Ал-Ғазолӣ Абу Ҳомид. Мишкоту-л-анвор. - Қоҳира, 1964. - 95 с. (арабӣ).
33.Ал-Ғазолӣ Абу Ҳомид. Насиҳату-л-мулук. - Теҳрон, 1351 х. -530 с. (форсӣ).
34.Аль-Газали Абу Хамид. »Весы деяний». М.: Ансар, 2004,
35.Аль-Газали Абу Хамид. »Наставление правителям» и другие сочинения. - М.: Ансар, 2005.
36.Аль-Газали Абу Хамид. Исследование сокровенных тайн сердца. - М.: Ансар, 2006.
37.Аль-Газали Мухаммад. Избавляющий от заблуждения / Пер.с араб. А.Сагадеева // Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв. - М.: Изд-во АН СССР, 1960. - С.211-266.
38.Абунаср ал-Фороби, Китоб ал-милла ва нуфс ухра, чопи Муҳсин Махди, Бейрут: Дор ал-Машриқ, 1968.
39.Ат-Табарӣ, Ҷомеъ ал-Баён ан Таъвил ал-Қуръон, чопи Маҳмуд Муҳаммад Шокир, Қоҳира: Дор ал-Маориф, б/с, VII, 384
40. Ал Маккӣ, Қут ал-қулуб, ал-Қоҳира, 1310 ҳ.
41. Афлотун. «Ҷумҳур». тарҷумаи Фуод Руҳонӣ, Теҳрон, 1380.

42.Аристотель, Никомахова этика// Аристотель, Сочинения в четырех томах, Т., 4, АН СССР, Институт философии, Изд. «Мысль», М., 1983, с.5.
43. Аристотель. Риторика 2. т. 13783-11. 1389а.
44.Ас-Субкӣ Т. Табақот аш-шофиия ал-кубра. Т. 4. - Қоҳира, 1324 ҳ.- 614 с. (арабӣ).
45. Ал-Асам А. Файласуф ал-Ғазали (ал-Ғазолӣ - файласуф). - Бейрут, 1981. -244 с.
46. Ал-Асам А. Хутут ал-фалсафа ал-исламиййа қабл-ал-Ғазалӣ (Ҷанбаҳои фалсафии замони Ғазолӣ) // Рисалат ал-ислам. - Бағдад, 1966, № 5-6; Бадавӣ А. Ал-Ғазалӣ ва масодируҳу ал-юнанийа (Ал-Ғазолӣ ва сарчашмаҳои юнонии таълимоти ӯ). - Бейрут, 1975. - 260 с.
47. Ал-Асам А. Муаллафат ал-Ғазалӣ (Осори мансуб ба Ғазолӣ). - ал-Кувейт, 1977. - 312 с.
48. ал-Хуҷвирӣ, Кашф ал-махҷуб, пер. Рейнольд А. Николсон М., тарҷумаи он ба забони русӣ Орлова А. «Раскрытие скрытого», М., «Единство» 2004, с.180-181.
49. Аҳмади Тарофӣ, Меъроҷу-с-саодат, 2/21, чопи Теҳрон, 1358. ҳ.қ.
50. Ғазолӣ Муҳаммад.Эҳё улум ад-дин. 15 ҷ. Қоҳира: Лаҷнат нашр ал-сақофа ал-исмия, 1356/ 1937-1357 / 1938 (арабӣ).
51. Ғаззолӣ М., Эҳёу улуми-д-дин, Теҳрон, 1375. Ҷ, 2.
52. Ғазолӣ Муҳаммад. ал-Рисола ал-Ладуния. //ал-Ҷавохир ал-Ғазолӣ. Қоҳира: Матбаат ас-Саада, 1934, (арабӣ).
53. Ғазолӣ Муҳаммад. Бавориқ ал-илм. - Теҳрон, 1327 ҳ. (форсӣ).
54. Ғазолӣ Муҳаммад. Кимиёи саодат. 2 ҷ. Нашри 2. Теҳрон: Китаб-фуруши ва чопханаи марказӣ, 1333/1954 (форсӣ).
55.Ғазолӣ Муҳаммад. Мақосид ал-фалосифа. Муҳаррир Сулаймон Дунё. Қоҳира: Дор ал-Маориф, 1961 (арабӣ).
56.Ғазолӣ Муҳаммад. Мизону-л-амал. Қоҳира: Матбаат Курдистан ал-Таймия, 1328/1910 (арабӣ).

57.Ғаззолӣ М., Мизону-л-амал (Тарозӯи кирдор), мусаҳҳеҳ дуктур Сулаймон Дунё, мутарҷим Алиакбар Касмоӣ, Суруш, Теҳрон, 1374. с. 76.
58.Ғазолӣ Муҳаммад. Эҳёу улуми-д-дин. - Қум, 1414 (форсӣ). -205 с.
59.Ғазолӣ Муҳаммад. Мишкот ал-анвор. Абу Ало Афифи. Қоҳира: ад-Дор ал-қавмия ли ат-тибаа ва ал-нашр, 1964 (арабӣ).
60.Ғазолӣ Муҳаммад. ал-Мунқиз мин аз-зилол. Ҷамила Салиба ва Комила Айяз. Табъи 5-е. Димишқ: Матбаат ал-ҷомиа ас-сурийя, 1956.
61. Ғаззолӣ М., Мунқиз мина-з-зилол, Ат-табъату-л-хомиса, 1380, с. с. 81, 101 с.124.
62.Ғазоли М. Меъёр ал-илм. Муҳаррир Сулаймон Дунё, Қоҳира, Дору-л-маориф, 1964.
63.Ғазолӣ Муҳаммад.Таҳофуту-л-фалосифа. Муҳаррир Морис Буижа, Бейрут, 1927 (арабӣ).
64.Ғаззолӣ М. Таҳофуту-л-фалосифа. Душанбе, Ирфон, 2000, 241 с.
65. Ғазолӣ Муҳаммад. Айюҳо ал-Валад. //ал-Ҷавоҳир ал-Ғазолӣ. Қоҳира: Матбаат ас-Саада, 1934.(арабӣ).
66. Ғазолӣ М. Китаб ал-арбаин. - Душанбе: «Пайванд», 2007. - 322 с.
67.Ғаззоли М., , Китобу-л-арбаин фи усул ал-Дин, Қоҳира: Мактабат ал-Ҷунди, 1963, с. 167.
68. Ғаззолӣ М., ал-Мақсад ал-Асмо Шарҳ асмоу-л-лоҳ ал-ҳусно (Қоҳира: Матбаат ал-Куллийат ал-Азхария), с. 77; Ғаззолӣ М., Мақосид ал-фалосифа, с. 97. с. 20.
69. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Фарор аз мадраса, дар бораи зиндагӣ ва андешаи Абуҳомиди Ғазолӣ, анҷумани осори миллӣ-Теҳрон 1353 ҳ.қ. (форсӣ).
70. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Китоб-ул-арбаъин, тарҷума аз арабӣ, Бурҳониддин Ҳамдӣ, ношир Ройзании фарҳангии Сафорати ҶИ Эрон дар Тоҷикистон, Душанбе, 2007, с.119-179.

71. Ибн Сино, Фи ал-аҳд ва Ахлоқ // Тисъа расоил фи ал-ҳикма ва ал-Таҳият. Қоҳира, 191с.
72. Ибн Рушд. Таҳофуту-т-таҳофут. Қоҳира,1964. - 338 с. (арабӣ)
73. Истахрӣ А. Усули тасаввуф. - Теҳрон, 1960. (форсӣ).
74. Коран. Пер. с араб, и комм. И. Ю. Крачковского. -М.: Наука, 1986.
75. Қушайри, ар-Рисолату ал-қушайрия, ал-Қоҳира, 1367, 780 с.
76. Мискавайҳ, Таҳзиб ал-Ахлоқ, чопи Константин К. Зурайк (Бейрут: Ҷомеат амрикият фи Бейрут, 1968), с. 27-28.
77. Мискавайҳ. Таҳзиб ал-ахлоқ ва татҳир ал-аъроқ. Тарҷума ба форсӣ ва тавзеҳ дуктур Алӣ Асғари Ҳалабӣ, интишороти Асотир,Теҳрон, 1381. - 325 с.
78. Тарҷумаи Эҳёу улуми-д-дин. мутарҷим Муҳаммад Хоразмӣ: ҷ. 1 -564 с; ҷ. 2 -581 с.; ҷ. 3 -634 с; ҷ. 4 - 827 с. Бе сол ва ҷои чоп. (форсӣ).
79. «Таҳзибу-л-ахлоқ»-и файласуф Яъқубӣ Яҳё ибн Ади ал-Мантиқӣ, муассисаи мутолаъот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, Теҳрон, 1371, ҳ.ш, мутарҷим Саид Муҳаммад Домодӣ.
80. Эҳёу улуми-д-дин ли имом Ал-Ғазоли, маа муқаддимати фи-т-тасаввуф ал-исломи ва диросат таҳлилия ли шахсият ал-Ғазоли ва фалсафатуҳу фи ал-Эҳё. Биқалам ал-дуктур Бадави Таббона, устоз ал-мусоид би куллияти Дору-л-улум, биҷомиати Ал-Қоҳира, фи арбаати муҷаладоти. Мактаба ва матбаъа «Карёта Футро» Самороғ, Ал-Қоҳира: ҷ.1. -410 с.; ҷ.2 -392 с.; ҷ.3. - 407 с.; ҷ. 4. - 537 с. (арабӣ).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

81. Аббуд А. Ал-фикр ал-тарбави инда-л-Ғазоли. Каир, 1982. -240 с.
82. Абдуламир Аъсам. Ал-файласуф ал-Ғазоли. Бейрут , 1981 м.
83. Абдулкарим ал-Усмон. Сирату ал-Ғазоли ва ақволу ал-мунаққиддин фиҳи, Димашқ, 1963 м.
84. Абдулкарим ал-Усмон, ал-Диросат ан-нафсия инда ал-муслимин, Қоҳира: Мактабат Ваҳба, 1963, с. 7.

85. Абӯнасри Форобӣ, «Иҳсо-ул-улум» дар таҳия, таъликот ва тавзеҳоти Самиев Б.Ҷ., матбааи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе, 2020, -64 с.
86. Аверинцев С.С. Добродетель// Большая российская энциклопедия, М., 2023, - 550 с.
87. Алӣ Акбари Бомдод, Илми ахлоқ, 249, Теҳрон ҳ.ш.
88. Алӣ Асғар Ҳалабӣ, Дебоча, Муҳаммад ал-Ғазолӣ, Таҳофут-л-фалосифа. Теҳрон, 1363.
89. Алӣ Асғар Ҳикмат, Мабонии ирфон ва аҳволи орифон, интишороти Асотир.
90. Алиев М.Т. Идеи воспитания в трудах Имама Мухаммада Газали, Душанбе. 2006.
91. Алириза Мирараб Рази. Сопоставительный анализ нравственных взглядов в педагогических произведениях Абу Хамида Газали и Насриддина Туси, Душанбе, 2014, -164 с.
92. Алымова Е.В. Тема мужества в этике Аристотеля // Verbum. - 2017. - №19. - С. 65 -77.
93. аль-Джанаби М.М. Теология и философия ал-Газали. М. Марджани, 2010. - 240 с.
94. Амин Х. Ал-Газали: факих, ва файласуф ва мутасаввуф. Багдад, 1963.
95. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ (Ахлоқ. Оила. Сиёсат.), Монография. Душанбе, «ЭР-граф», 2022. -368 с.
96. Андерхилл Э. Мистицизм. М., 2000. - 496 с.
97. Арберри А.Дж. Суфизм. Мистики ислама. М., 2002. - 272 с.
98. Афифӣ Ф. Асар ал-Ғазалӣ фи тавҷиҳ ал-ҳайат ал-ақлийа фи-л-ислам (Таъсири Ғазолӣ ба ҳаёти ақлонӣ дар олами ислом). - Димишқ, 1961. - 116 с.4
99. Ал-Ашари, Ислам энциклопедический словарь, М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991, -316 с., с.31-32.

100. ал-Макки «Қут ал-қулуб» (2 ч.; Қоҳира: Мустафа ал-Баби ал-Ҳалаби, 1961), I, 364., II, 1-164
101. Бадавӣ А., Ал-Ғазолӣ ва масодируҳо ал-юнония// Абуҳомид ал-Ғазолӣ фи-л-зикра ал-миавия ал-тасваҳ ли-милодиҳи, таҳрир Закки Начиб Маҳмуд, Қоҳира, ал-Маҷлис ал-Аъло ли-риоят ал-фунун ва-л-адаб ва-л-улуми иҷтимоия, 1961.
102. Бадави А. Муаллафоту-л-Ғаззоли, ал-Кувайт, 1977. 425 с.
103. Бадавӣ А., Давр ал-араб фи таквин ал-фикр ал-авруби, Бейрут, Дору-л-адаб, 1965 с.
104. Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ. Фирор аз мадраса, Теҳрон, 1377.
105. Беляев Е.А.Арабы, ислам и Арабский халифат в раннее средневековье. М., 1966. -342 с.
106. Беляев Е.А. Мусульманское сектантство (исторические очерки). М., 1957.
107. Бертельс Е.Э.Избранные труды. Т. 3. Суфизм и суфийская литература. М., 1965. - 523 с.
108. Бертельс Е.Э. Происхождение суфизма и зарождение суфийской литературы // Избранные труды. М., 1965. -523 с.
109. Богоудтдинов А.М. Избранные произведения. Душанбе, Дониш, 1980, - 418 с.
110. Вазиров 3. В. Очерки социальной философии калама и футуввата. - Душанбе: Дониш, 1991. -278 с.
111. Ваикани, М. К. Ғазолӣ дар ҷустуҷуй ҳақиқат. Теҳрон, 1382.
112. Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII—XII вв. / АН СССР. Ин-т философии. М.: АН СССР, 1960. -330 с.
113. Григорян С.Н., Из истории философии народов Ближнего и Среднего Востока. - М.: Изд-во АН СССР, 1960. - 130 с.
114. Григорян С.Н., Средневековая философия Средней Азии, Ирана и Арабского Востока. - М., 1965. - 507 с.

115. Григорян С.Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока / АН СССР Ин-т философии.М.: Наука, 1966. -352с.
116. Грюнебаум, Г. Э. фон. Классический ислам. Очерк истории (600—1258). Пер. с англ. И.М. Дижура. М.: «Наука», 1986. — 216 с.
117. Гусейнов А.А. Социальная природа нравственности. -М.: Изд-во МГУ, 1974. - 157 с.
118. Давлатов П.Н. Этические взгляды Мир Саида Али Хамадани, Душанбе, Дониш, 2019, -160 с.
119. Диноршоев М. (ҳаммуаллиф), Кулматов Н. Баҳси илоҳиётшинос бо файласуф // Осори Ибн Сино. Душанбе, 1980. - С.116 - 131.
120. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. Душанбе: Ирфон, 1988. - 224 с.
121. Диноршоева 3. Абу Хамид Газали и его отношение к философии Текст. -Душанбе, 2002. -159 с.
122. Диноршоева З.М. Абу Ҳомид Ғазолӣ ва «Таҳофут-ал-фалосифа»-и ӯ»// Муҳаммад Ғазолӣ. «Таҳофут ал-фалосифа», Д., 2000. -257 с.
123. Жмудь Л.Я. Две античных классификации наук // Scholae. Философское антиковедение и классическая традиция. - 2021. - Т. 15. - С. 265-288.
124. Зиёев И.Г. Философия религии Мухаммада Икбала. Душанбе, 2014, -304 с.
125. Зиёев И.Г., Проблема человека в философии Мухаммада Икбала, Душанбе, 1996., -98 с.
126. Зиёев, И.Г. Проблема человека в философии Мухаммеда Икбала. -Душанбе, 1998. - 115 с.
127. Зиёев Х.М. Суфийский орден мавлавия. Душанбе, 2007. - 276 с.
128. Зиёзода И.Ғ. Муҳаммад Иқбол: осор ва ҷаҳонбинӣ, Душанбе, 2015, -520 с.
129. Зиёзода И.Ғ. Тасаввуф (таърихи пайдоиш ва камолот), қисми 1.Душанбе, 2016, -457 с.

130. Зиёӣ Х.М. Мавлоно ва мавлавия. - Душанбе: Дониш, 2022. - 368 с. - С. 68-69

131. Ибрагим Т.К. Мусульманская философия: антология. - Казань: ДУМ, 2009. - 669 с.

132. Игнатенко А.А. В поисках счастья. М.: Мысль, 1989. - 253 с.

133. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX- XIV вв. Текст. /Составители С.Н. Григорян, А.В.Сагадаев. М.: Соц-эк. из., 1961. -632 с.

134. Қуръон, Зориёт, 51:21, Фатҳ 48:29

135. Касымджанов А.Х. Абу-Наср Фараби. М., Мысль, 1982 с.

136. Керимов Г.М. Ал-Газали и суфизм. Баку, 1969. - 109 с

137. Керимов Г.М., Шариат и его социальная сущность. - М., 1978. - 223

138. Керимов, Г.М. Шариат: Закон жизни мусульман. Ответы Шариата на проблемы современности. - СПб.: «Издательство «ДИЛЯ», 2009. - 512 с.

139. Кирабаев Н.С. Средневековая арабо-мусульманская философия. - Санкт-Петербург: Розамира, 2005. - 94 с.

140. Кирабаев Н.С., Социальная философия мусульманского Востока, - М., 1987. -173 с.

141. Кирабаев Н.С., Идея совершенства человека в этике ал-Газали // Философия зарубежного Востока о социальной сущности человека. М.: УДН, 1986. С. 88-98

142. Кирабаев Н.С., Онтологические и гносеологические основания мистицизма (генезис и эволюция). М., 2009. -552 с

143. Кныш А.Д. Мусульманский мистицизм. - М., 2004.

144. Кныш А.Д. Учение Ибна Араби в поздней мусульманской традиции. - М., 1989 с.

145. Корбен А. История исламской философии / Пер. с франц. А.А. Кузнецова. - М.: Прогресс-Традиция, 2010. - 360 с.

146. Курбонмамадов А. Эстетическая доктрина суфизма. - Душанбе, 1987. -108с.

147. Қодирӣ Х. Афкори сиёсии Ғазолӣ. Теҳрон, 1370 х. -221 с.

148. Логико-гносеологические идеи мыслителей Средней Азии. - Ташкент, 1981. - 200 с.

149. Луис Х. Сиёсат ва Ғазолӣ /Тарҷ. Маҳди Музаффари. -Теҳрон, 1353 х. -571 с.

150. Махмаджанова М. Т. Этические взгляды Джалолуддина Руми. -Душанбе: Деваштич, 2001. 165 с.

151. Махмаджонова М.Т. Философия Джалолуддина Руми. - Душанбе, - 2007. - 300 с.

152. Маҷид Фахрӣ, Сайри фалсафа дар ҷаҳон ислом, Теҳрон, 1372,

153. Муборак З. Ал-ахлоқ инд ал-Газоли. Қоҳира, 1971. - 337 с.

154. Музаффар М. Антропология (уч. пос.), Душанбе, 2008 -280 с.

155. Музаффар М. Антропологияи ориёӣ, Душанбе, 2006 -124 с.

156. Музаффари М. Системная антропология. Книга в трех частях. Часть 1. Текст М.Музаффар. Душанбе, 2021. -218 с.

157. Мутаххари М. Совершенный человек в исламе. СПб, 2008. - 207с.

158. Мухаммедходжаев А. Гносеология суфизма. Душанбе: Дониш, 1990. -116 с.

159. Назариев Р.З. Аллегорическая интерпретация философско-теологических проблем в исмаилизме. -Душанбе, 2008. -219 с.

160. Назариев Р.З. Социальная философия «Ихван ас-сафа» и Носири Хусрава (сравнительный анализ), Душанбе, 2011, -350 с.

161. Насыров И.Р. Основания исламского мистицизма (генезис и эволюция). -М., 2009. -552 с.

162. Насыров И.Р. К вопросу о критике философии Абу Хамидом ал-Газали, Жур. Вопросы философии, №8(3). 2009. -С. 60-77.

163. Наумкин В.В. Учение Ал-Газали и его социальная сущность. - М., 1972, -465 с.

164. Наумкин В.В. Ал-Газали и его социальная сущность, М., 1972.

165. Наумкин В.В., Абу Хамид ал-Газали, Воскрешение наук о вере (Ихйа улум ад-дин), Избранные главы. Перев. с арабского, исслед. и коммент. В. В. Наумкина, -М.: Наука, 1980. -376 с.

166. Ниёзӣ Ё. Б., Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, Монография. Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2022. -332 с.

167. Никольсон Р.А. Ирфони орифони мусалмон. Теҳрон, 382 х.

168. Никольсон Р.А. Тасаввуфи исломӣ. Техрон, 1358 х.- 254 с.

169. Олимов К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннахр дар асрҳои X-XII . Душанбе, Дониш, 2019. -332 с.

170. Олимов К. Хорасанский суфизм (Опыт историко-философского анализа). - Душанбе, 1993. - 285 с.

171. Павел Кровис, «Расоил фалсафия ли Абибакр Муҳаммад Закариё ар-Розӣ, афсет, Теҳрон, мактабаи ал-Муртазавия.

172. Рахимов М. Философия человека Абу Али ибн Сины (Авиценны). - Душанбе, 2005, -332 с.

173. Роузентал Ф. Торжество знания. - М.: Наука, 1978. - 372 с.

174. Сафо Забеуллоҳ, Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ, Теҳрон, 1331.

175. Салибӣ Ҷ. Фалсафат ал-Ғазалӣ: муқаддима китаб ал-Ғазалӣ «Ҷавоҳир-ул-Қуръон. - Бейрут, 1983. - 191 с.

176. Сибагатуллина А.Т. Тайны суфизма. - Казань, 1998.

177. Смирнов А.В. Великий шейх суфизма (опыт парадигмального анализа философии Ибн Араби). - М.: Вост. лит., 1993. - 326 с.

178. Степанянц М.Т. Исламский мистицизм. - М.: КАНОН, 2009.

179. Степанянц М.Т. Философские аспекты суфизма.М.,1987. -192 с.

180. Сулаймон Дуня, С. Ал-ҳақиқа фи назар ал-Ғазолӣ, Қоҳира, 1965.

181. Суфизм в Центральной Азии. - Спб., 2001. - 392 с.

182. Фахри Розӣ, Ҷомеъ ал-улум, Бомбей, с.201.

183. Фильштинский И.М. История арабов и халифата (750-1517 гг.). - М.: АСТ: Восток - Запад, 2008.

184. Фролова Е.А. Проблемы веры и знания в арабской философии. - М.: Наука, 1983. - 168 с.

185. Хазраткулов М. Философские взгляды Садриддина Ширази. Душанбе, 1985. - 144 с.

186. Хаттар М.Ю. Энциклопедия суфизма / Пер. с арабского. - М: Издательский дом «Ансар», 2005. - 480 с.

187. Хисматуллин А.А. Суфизм. СПб., издательский дом «Азбука-классика», «Петербургское востоковедение», 2008. -191 с.

188. Хисматулин А.А. Ал-Газали и его «Кимийа-йи са’адат // Аль-Газали Абу Хамид Мухаммад ат-Туси. Возрождение религиозных наук. 1-й том, 2-е издание. - Махачкала: Нуруль иршад, 2011. - 424 с. - С. 5-6.

189. Ходжаев Қ.Т. Педагогические взгляды мыслителей таджикского народа. -Душанбе, 2010. -298 с.

190. Ҳазраткулов М. Тасаввуф (Суфизм). Душанбе, 1988. - 128 с.

191. Ҳалабӣ, А.А. Шинохти ирфон ва орифони иронӣ. Теҳрон, 1352. -280 с.

192. Ҳино ал-Фахурӣ ва Халил Ал-Ҷор, Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом, нашри 5, Теҳрон, 1377.

193. Ҳумоӣ Ҷалол Ғазолинома. Теҳрон, 1342., - 592 с.

194. Ҳоҷӣ Халифа, Кашфу-з-зунун. 328с.

195. Ҷамолиддин Ҳумоӣ. Ғазолинома: шарҳи ҳол ва осор ва ақоид ва афкори адабӣ ва мазҳабӣ ва фалсафӣ ва ирфонӣ Имом Абуҳомид ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад Ғазолии Тусӣ ((мутавалид 450-мутавафо 505). Табъи дуввум бо таҷдиди назар ва изофот. 1383, с.240-269.

196. Ҷаноби М. Ал-Ғазолӣ: Ат-Та’аллуф ал-лахути-ал-фалсафи-ас-суфи. Бейрут, 1998

197. Шайх Саид. Мо баъду-т-табиъа Ғазолӣ. Теҳрон, 1365.

198. Шамолов А. Философско-теологические воззрения Газзали. Душанбе: Дониш, 2002. -362 с.

199. Шамолов А.А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насириддина Туси. - Душанбе, 1994. -180 с.

200. Шамолов А.А. Ҳуҷатулислом Ғазолӣ: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Душанбе, 1996. - 330 с.

201. Шамолов А.А. Философия теологии Мухаммада Газали. Душанбе, 2008. - 467 с.

202. Шамолов А. Муқаддимаи мураттиби чопи кириллии «Эҳёу улуми-д-дин»-и Муҳаммад Ғаззолӣ ва мақоми он дар таърихи фалсафаи тоҷик //Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин (рубъи ибодот 1(1). Душанбе «ЭР-граф». с. 47.

203. Шангараев Р.Р. История суфизма. Учебное пособие. - Казань: ИД «МеДДоК», 2020. - 244 с.

204. Шиммель, А. Мир исламского мистицизма. Перевод с английского Н.И. Пригариной и А.С. Раппопорт. - М.: Алетейя. Энигма. 1999. - 416 с.

205. Аш-Шорунӣ. Мувозана байна ара’ ал-имам ал-Ғазалӣ ва-л-қиддис Августин (Мувозинат байни ақоиди имом Ғазолӣ ва Августини муқаддас). - Димишқ , 1961. - 110 с.

### III. Мақолаҳо ва маърузаҳо

206. Ал-Джанаби М.М. Жизнь и творчество Аль-Газали: опыт философского осмысления. Часть 1. Аль-Газали в оценках современников и «газалиана» XIX—XX вв. // Пространство и время. - 2017. № 2,3,4 (28,29,30) - С. 192-207.

207. Васильцов К. С. Представление о душе в средневековой мусульманской религиозно-философской литературе // Вестник Санкт-Петербургского университета. 2008. - Сер. 6. Вып. 2С. - С. 150-158.

208. Васильцов К. С. Представление о душе в средневековой мусульманской религиозно-философской литературе // Вестник Санкт-Петербургского университета. 2008. - Сер. 6.Вып. 2С. - С. 150-158. - С. 150.

209. Гафуров Б.А. Отношение центральноазиатских мыслителей к классификации наук Аристотеля // Вестник науки и образования. - 2021. - № 10 (113). Часть 3. - С. 82-84.

210. Денисова Л.В. Систематика знания и модели классификации наук // Научный вестник Омской академии МВД России. - 2012. - № 1(44). - С. 60-64. - С. 61.

211. Диноршоев М. Проблема разума и веры в трудах Мухаммада ал-

Газали. Текст. //Изв. АН Республики Таджикистан. Серия: философия и правоведение. - 2001. - №-4. - С. 55 - 56.

212. Диноршоев М. Гносеология Газали и его мировоззренческая сущность // Изв. АН Тадж. ССР. Отд. общ. наук, 2001. - №4. С. 56-68

213. Игнатенко А.А. Аль-Газали Мухаммад. Избавляющий от заблуждения / Пер. с араб. А.Сагадеева // Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв. М.: Изд-во АН СССР, 1960. - С.211-266.

214. Игнатенко А.А. Познать непознаваемое (Аль Газали о рациональном познании транцендетного -ал-гайб)// Средневековая арабская философия. Проблемы и решения. - М.: издательская фирма «Восточная литература» РАН, 1998. -527 с. -(История восточной философии). с.175-210.

215. Кашников Б.Н. Концепция общей справедливости Аристотеля: опыт реконструкции // Этическая мысль. - 2001. - №2. - С. 89-117.

216. Кесседи Ф.Х. Этические сочинения Аристотеля// Аристотель, Сочинения в четырех томах, Т., 4, АН СССР, Институт философии, Изд. «Мысль», М., 1983, с.5-37.

217. Кирабаев Н.С. Идея совершенства человека в этике аль-Газали Текст. //Философия зарубежного Востока о социальной сущности человека. М.: УДН, 1986. - С. 88-98.

218. Кирабаев Н.С., Проблема свободы воли в учении аль-Газали Текст. //Человек, сознание, мировоззрение. М.: МГУ, 1979. - С.52-58.

219. Козлова И.В. Историко-философский анализ проблемы формирования человеческого достоинства // Философская мысль. - 2022. - № 2. - С. 83-90.

220. Лахути Л.Г. Шакик Балхи и учение о таваккул (уповании на бога): репрезентация в доктрине и житиях от ас-Сулами до ‘Аттара // Вестник РГГУ. Серия: Литературоведение. Языкознание. Культурология. - 2015. - №3.

221. Макарова Н.Г. Теоретические аспекты изучения характера личности с позиции отечественных психологов // Приоритетные научные направления: от теории к практике. - 2013. - № 6. - С. 50-58.

222. Муртузова З.М. Методы постижения истины в суфизме // Исторические,

философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. - Тамбов: Грамота, 2014. - № 1 (39): в 2-х ч. Ч. I.

223. Насыров И.Р. Духовная практика в исламском мистицизме (суфизме): альтернатива откровению или имитация // Философский журнал. - 2009. - С49-63. - №1(2).

224. Рахманкулов Д. Л., Кимсанова Ф. Б. О сочинениях Абу Али Ибн Сины // Башкирский химический журнал. - 2007. - Том 14. №2. - С.91-95.

225. Течиев И.И. Этические основы суфизма как аскетического течения в исламе // Ученые записки Крымского федерального университета имени В. И. Вернадского. Философия. Политология. Культурология. - 2016. - № 3. Том 2 (68). - С. 118-126.

226. Трафимчик Ж.И. Одаренность, талант, гениальность: введение в проблему // Проблемы здоровья и экологии. - 2014. - №2(40). - С. 140-145.

227. Шамолов А.А. Проблема души в философском учении Газали Текст. //Изв. АН Республики Таджикистан: Серия: философия и правоведение. - 2002. - №1-2. - С. 80-91.

### IV. Диссертатсия ва авторефератҳо

228. Акаев В.Х. Суфизм в контексте арабо-мусульманской культуры. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук. - Ростов-на-Дону, 2004. - 46 с.

229. аль-Джанаби М. Суфийский теолого-философский синтез ал-Газали. Автореф. дисс. докт. филос. наук — М.: МГУ. 1991/

230. Диноршоева З.М. Мухаммад ал-Газзали и его отношение к философии. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата философских наук. - 25 с. - Душанбе, 2000.

231. Гулов И. Ф. Проблемы знания и познания в философских и религиозных воззрениях ал-Газали. Автореф. дисс. на соиск. уч. степ. канд. философ.наук, Душанбе, 2020. -25 с

**232.** Керимов Г. М. оглы, Суфизм в ортодоксальном исламе и отношение к нему Аль-Газали: Автореф. дис. на соис. уч. степ. канд. ист. наук / АН СССР. Ин-т народов Азии. — Москва, 1964. — 20 с.

**233.** Кирабаев Н.С. Проблема человека в доктрине Аль-Газали: Автореф. дис. канд. М., 1979. -21с.

**234.** Керимов Г.М., Шариат и его социальная сущность: автореф. дис. на соис. уч. степ. д-ра ист. наук. - Москва, 1979. - 45 с.

235. Насыров И.Р. Онтологические и гносеологические основания исламского мистицизма (генезис и эволюция). Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук. - Москва, 2007. - 49 с.

**236.** Шамолов А.А. Филлософско-теологиические воззрения Газали Текст.: Автореф. дис. д-ра филос. наук Душанбе, 2003. - 46 с.

## V. Таҳқиқот бо забони англисӣ

237. Bello, I.A. The Medieval Islamic Controversy between Philosophy and Orthodoxy: Ijmāʻ and Ta'wīl in the conflict between al-Ghazālī and Ibn Rushd, Leiden: E. J. Brill, 1989.

238. Frank, R.M. Al-Ghazâlî and the Ashʻarite School, Durham, North Carolina, 1994.

239. Frank, R.M. Creation and the Cosmic system: al-Ghazālī and Avicenna, Heidelberg: Carl Winter, 1992.

## VI. Захираҳои электронӣ

240. Абуҳомид Ғазолӣ. Иҳё-ул-улум-уд-дин / Абуҳомид Ғ. www.Ad-mostafa.com (санаи муроҷиат: 21. 07. 2023).

241. Идрис Шах. Путь суфиев. //http://lib.ru/filosof/sufi/hidayat/sufii.txt (санаи муроҷиат: 21. 07.2023).

242. Исхаков А. О глубоком размышлении (Тафаккур) http://islamrb.ru/o-glubokom-razmyshlenii-tafakkur/ (санаи муроҷиат: 15.04.2023).

243. Керимов Г.М. Ислам и наука // file:///C: Users (санаи муроҷиат: 11.12.2023).
244. Краткий словарь суфийских терминов // https://hojja-nusreddin.livejournal.com/2422744.html?ysclid=m4p3l0cj6q69256805 (санаи муроҷиат: 15.02.2024)
245. Нурбахш Дж. Суфизм 4. Искренность // https://o-r-love.livejournal.com/40377.html?ysclid=m4p3wei1l7614517931 (санаи муроҷиат: 15.02.2024
246. Особенности этики в восточной культуре // https://vuzlit.com/283301/osobennosti_etiki_vostochnoy_kulture?ysclid=m4oxiqb3nu985984382#google_vignette (санаи муроҷиат: 15.02.2024).
247. Размышление и самоанализ как духовная практика // http://advaitaworld.com/blog/sufism/65188.html?ysclid=m4p5p4pdez67063720 (санаи муроҷиат: 17.03.2024).
248. Раҳмон Э. Суханронӣ оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модаГур дар таълиму тарбияи фарзанд» санаи 14 декабри соли 2012 // https://president.tj/event/speeches/1314 (санаи муроҷиат: 20.12.2024).
249. Степанянц, М.Т. Восточная философия [электронный ресурс] / М.Т. Степанянц. - М., 2001. - 511 с. - режим доступа:http://log-in.ru/books/vostochnaya-filosofiya-vvodnyiy-kurs-stepanyancs-m-t-filosofiya/ (санаи муроҷиат: 21.08. 2023).
250. Суфийская философия // https://muslim.jofo.me/1723412.html (санаи муроҷиат: 16.04.2022).
251. Фальсафа и хикма // https://studme.org/43467/filosofiya/falsafa_hikma?ysclid=m4oww8knyy343758939 (санаи муроҷиат: 15.12.2023).
252. Шукр (Благодарность) // https://azan.kz/durus/view/13-shukr-blagodarnost-3849 (санаи муроҷиат: 16.12.2023).

253. Мухетдинов Д.В. Особенности религиозного обновления в духовной биографии Абу-Хамида аль-Газали // https://www.minbar.su/jour/article/view/1387 (санаи муроҷиат: 15.12.2023).
254. https://cyberleninka.ru/article/n/o-delenii-filosofskih-distsiplin-i-edinstve-filosofskogo-znaniya-u-aristotelya (санаи муроҷиат: 27.02.2024)

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионнии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М]**. Насриддинов Ҳ.Н., Шарофат ва манзалати ақл аз нигоҳи Муҳаммад Ғазолӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №10. - Душанбе, 2020. - С. 296-210.

**[2-М]**. Насриддинов Ҳ.Н., Баъзе андешаҳои Муҳаммад Ғазолӣ оид ба тарбияи ахлоқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 1. - Душанбе, 2021.- С.96-102.

**[3-М]**. Насриддинов Ҳ.Н. Ҷойгоҳи илми ахлоқ дар таснифоти илмҳо (Классификатсияи илмҳо аз назари Ғазолӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. - Душанбе, 2024. - С. 132-139.

**[4-М]**. Насриддинов Ҳ.Н. Фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 7. - Душанбе, 2024. - С. 144-151.

**[5-М]**. Насриддинов Ҳ.Н. Мафҳуми шуури динӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ // Ахбори ИФСҲ АМИТ №2 (1). - Душанбе, 2024. - С. 155-161.

**[6-М]**. Насриддинов Ҳ. Н. Таснифоти илмҳо аз назари Муҳаммад Ғаззолӣ // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. - Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №4 (12). 2024. - С. 76-79.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот, ки дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои дигар чоп шудаанд

[7-М]. Насриддинов Ҳ.Н. Мафҳуми хулқи неку аз назари Муҳаммад Ғаззолӣ // Ҳафтаи илм. Барномаи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назарявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30- юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф солҳои 2020-2040». -Душанбе, 2024. Ҷилди II- С. 78-81.

[8-М]. Насриддинов Ҳ.Н. Чаҳор фазоили ахлоқӣ дар осори Муҳаммади Ғазолӣ // Маҷмуаи маводи конференсияҳои МДТ «Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит». - Душанбе. 2024, - С. 35-42.

[9-М] Насриддинов Ҳ.Н. Масълаи таҳаммулпазирӣ дар осори Муҳаммади Ғазолӣ // Маҷмуаи маводи конференсияҳои МДТ «Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит». - Душанбе, 2024. - С. 73-81.